ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 3 (55), 2024**
**июл – сентябр**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, аз 6 сентябри соли 2024 дар Комиссияи олии аттестатсионӣ азнавбақайдгирифта шуда, 28 майи соли 2024 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан включен в Реестр рецензируемых научных журналов (изданий) Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан на 31 мая 2018 года и перерегистрирован в Высшей аттестационной комиссии 6 сентября 2024 года. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан 28 мая 2024 года.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования.

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

* * *

The scientific and analytical journal "Legislation" of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan is included in the Register of peer-reviewed scientific journals (publications) of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan on May 31, 2018 and re-registered with the Higher Attestation Commission on September 6, 2024. Registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 28, 2024.

The journal is also included in the Analytical Database - Russian Science Citation Index.

The data, conclusions, opinions and interpretations presented in this publication are the position of the authors and cannot express the position of the Center.

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**CHIEF EDITOR**

**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**EDITORIAL TEAM**

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана (12.00.01)
doctor of law, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)

**Исмоилов Шавкат Маҳмудович,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.06)

**Ғаюрзода Шукурулло Караматулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.13)

**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.08)

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.03)

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.04)

**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor(12.00.01)

**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.07)

**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
candidate of legal sciences, associate professor
(deputy chief editor) (12.00.03)

**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
candidate of legal sciences (12.00.03)

**Маҳмудов Иззатулло Тешаевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.11)

**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.09)

**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.14)

**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.05)

**Саймухторов Алишер Абдухолиқович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.10)

**Табаров Неъмон Амонович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.15)

**МУҲАРРИР:** Искандаров С.

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
**EDITORIAL COUNCIL**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
Head of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences

**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
Assistant to the President of the Republic of Tajikistan for legal policy - plenipotentiary representative of the President of the Republic of Tajikistan in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, doctor of law, professor

**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
Prosecutor General of the Republic of Tajikistan

**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
Chairman of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan

**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Head of the Execution service under the Government of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Chairman of the Central commission for elections and referendums of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor


Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

The journal supports a diversity of points of view, which does not mean the consensus of the editorial board. The authors of published materials are responsible for the selection and accuracy of facts, quotes and data.

Manuscripts submitted for publication will not be reviewed and returned. When using materials from this publication, reference to the source is required.

## МУНДАРИҶА

### 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ

***Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Холиқов Н.А.*** Конститутсия ва аксиологияи ҳуқуқӣ: масоили татбиқи арзишҳои ҳуқуқӣ дар шароитҳои таърихӣ....................................................10-17
***Ҷумахони С.Л.*** Роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил.........................................................18-29
***Ҷамшедзода К.Ҷ.*** Техникаи қонунгузорӣ: мафҳум, хусусият ва унсурҳои таркибии он........30-37
***Шарифзода П.Р., Акрамзода Ш.М..*** Муносибатҳои умумӣ ба таърифи мафҳуми ҳуқуқи инсон..........................................................................................................................38-43
***Алиев Ф.Ш., Ҳакимов Ш.Ш.*** Нақши қонунгузорӣ дар рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ.......44-50
***Арабҷонов Ш.А.*** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ.............51-59

### 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)

***Ализода З.*** Конститутсия, волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ..............................................60-64
***Саидасанов Ю.*** Таҳлили назариявии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва инъикоси онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................65-71
***Сулаймонзода М.С.*** Мафҳум ва таснифи функсияҳои сардори давлат дар кишварҳои Осиёи марказӣ..........................................................................................................................72-77
***Исмоилова М.И.*** Ташкилотҳои террористии байналмилалӣ ва фаъолияти онҳо дар давлатҳои пасошуравӣ..........................................................................................................................78-84

### 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

***Сулаймонов Ф.С.*** Қонунгузории маданӣ ва иқтисоди рақамӣ (баррасии баъзе масъалаҳои эътирофи ҳуқуқҳои рақамӣ чун объекти ҳуқуқҳои маданӣ).....................................................85-91
***Қодирзода Т.Қ.*** Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи ашёӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон.............92-97
***Азизов Ф.Х.*** Интегратсияи консепсияи рушди устувор дар муҳити тиҷоратӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ..........................................................................................................................98-103

### 12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ

***Шеров Ш.З.*** Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории бонкии баъзе давлатҳои аъзои ИДМ.........................................................104-108

### 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

***Музафарзода М.Ш.*** Мафҳум ва хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ..........................................................................................................................109-114

### 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ

***Одиназода Ш.Х.*** Баъзе масъалаҳо доир ба хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон................................115-125
***Қодирзода М.А.*** Баъзе масъалаҳои назариявии нақши функсияи экологии давлат дар амалишавии ҳуқуқҳои экологии инсон.........................................................................126-134

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО

***Раҳмонзода М.Ҷ.*** Фарқияти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд....................135-145
***Шарифзода Ш.М.*** Манбаҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва сабабу омилҳои он...........146-152
***Абдуллаев Н.С.*** Баъзе масъалаҳои бандубасти маҷбур намудан ба ҳаракатҳои дорои хусусияти шахвонӣ....................153-160
***Абдусаломзода Ҷ.А***. Аломатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф....................161-167

## 12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Сафарзода А.И., Камолов Х.*** Муқаррароти умумӣ оид ба мафҳуми юрисдиксия..............168-175
***Хоҷаева Н.Б.*** Далел ҳамчун сарчашмаи асосии исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.........176-199

## 12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО

***Раҳмонзода Ш.К.*** Оид ба масъалаи имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии экологӣ дар қонунгузории миллии Тоҷикистон....................200-210

## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

**Аҳтамшозода С.А.** Нақши санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар инкишофи қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ....................211-218

## 12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ

***Раҳимов С.О.*** Механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон: таҳлили умуминазариявӣ...........219-225
***Аминов М.М.*** Омилҳои ҳуқуқии таъмини самаранокии идоракунӣ дар хизмати давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ....................226-230

## 12.00.15 – МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ; МУРОФИАИ ИҚТИСОДӢ

***Табаров Н.А***. Дар бораи баъзе масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ....................231-245

# СОДЕРЖАНИЕ

## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ

*Холиксода А.Г., Шосаидзода Ш.Ш., Холиков Н.А.* Конституция и правовая аксиология: проблемы реализация правовых ценностей в исторических условиях.....................................10-17
*Джумахони С.Л.* Способы и методы защиты права на жилище...............................................18-29
*Джамшедзода К.Дж.* Законодательная техника: понятие, особенности и ее составных элементов.....................................................................................................................................30-37
*Шарифзода П.Р., Акрамзода Ш.М.* Общие подходы к определению понятия права человека.....................................................................................................................................38-43
*Алиев Ф.Ш., Хакимов Ш.Ш.* Роль законодательства в развитии правовой культуры населения.....................................................................................................................................44-50
*Арабжонов Ш.А.* Конституция Республики Таджикистан и “Год правового просвещения”.........................................................................................................................51-59

## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)

*Ализода З.* Конституция, верховенство права и правовое просвещение.................................60-64
*Саидасанов Ю.* Теоретический анализ прав и свобод граждан и их отражение в конституции Республики Таджикистан..........................................................................................................65-71
*Сулаймонзода М.С.* Понятие и классификации функции главы государства в странах Центральной Азии……………………………………………………………………..........72-77
*Исмоилова М.И.* Международные террористические организаций и их деятельность в постсоветских государствах..........................................................................................................78-84

## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

*Сулаймонов Ф.С.* Гражданское законодательство и цифровая экономика (рассмотрения некоторых вопросов признания цифровых прав как объекта гражданских прав)...................85-91
*Кодирзода Т.К.* Понятие и сущность вещного права в соответствии с законодательством Таджикистана.............................................................................................................................92-97
*Азизов Ф.Х.* Интеграция концепции устойчивого развития в бизнес-среду: правовые аспекты.....................................................................................................................................98-103

## 12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО

*Шеров Ш.З.* Сравнительно-правовой анализ системы банковского законодательства Республики Таджикистан с банковским законодательством некоторых государств-членов СНГ.........................................................................................................................................104-108

## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ

*Музафарзода М.Ш.* Понятие и дифференциации особенности правоотношений социального партнерства.............................................................................................................................109-114

**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

***Одиназода Ш.Х.*** Некоторые вопросы о подсобных хозяйств воинских частей, подразделений силовых структур и правоохранительных органов Республики Таджикистан....................115-125
***Қодирзода М.А.*** Некоторые теоретические вопросы роли экологической функции государства в реализации экологические права человека...................................................................126-134

**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

***Рахмонзода М.Дж.*** Ограничение незаконной банковской деятельности от смежных составов преступлений........................................................................................................................135-145
***Шарифзода Ш.М.*** Источники коррупции, ее причины и факторы.....................................146-152
***Абдуллаев Н.С.*** Некоторые проблемы квалификации, понуждение к действиям сексуального характера..........................................................................................................................153-160
***Абдусаломзода Дж.А.*** Отягчающие признаки угон автомобиля или иных транспортных средств...........................................................................................................................161-167

**12.00.09 -УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Сафарзода А.И., Камолов Х.*** Общие положения о понятие юрисдикции............................168-175
***Ходжаева Н.Б.*** Доказательства как основной источник доказывание в уголовном процессе.........................................................................................................................176-199

**12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

***Рахмонзода Ш.К.*** К вопросу об имплементации норм международного экологического права в национальном законодательстве Таджикистана...................................................................200-210

**12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**

**Ахтамшозода С.А.** Роль международно-правовых актов в развитии законодательства оперативно-розыскной деятельности...........................................................................211-218

**12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Рахимов С.О.*** Судебные механизмы защиты прав человека: общенациональный анализ..........................................................................................................................219-225
***Аминов М.М***. Правовые факторы обеспечения эффективного управления в государственной службе и органах местной государственной власти.............................................................226-230

**12.00.15 – ГРАЖДАНСКИЙ ПРОЦЕСС; АРБИТРАЖНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Табаров Н.А.*** О некоторых вопросах гражданских процессуальных правоотношений.......231-245

## CONTENT

### 12.00.01 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE

***Kholiqzoda A.G., Shosaidzoda Sh.Sh., Kholiqov N.A.*** Constitution and legal axiology: problems of realization of legal values in historical conditions ..........................................................................10-17
***Jumakhoni S.L.*** Ways and methods of protecting the right to housing..........................................18-29
***Jamshedzoda K.J.*** Application of legal technique and its component elements in legislative activity: theoretical analysis ..........................................................................................................................30-37
***Sharifzoda P.R., Akramzoda Sh.M.*** General approaches to defining the concept of “human rights”........................................................................................................................................38-43
***Aliev F.Sh., Khakimov Sh.Sh.***The role of legislation in the development of the legal culture of the population.....................................................................................................................................44-50
***Arabjonov Sh.A.*** The constitution of the Republic Of Tajikistan and the “Year of legal education”....................................................................................................................................51-59

### 12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)

***Alizoda Z.*** Constitution, rule of law and legal education...............................................................60-64
***Saidasanov Y.*** Theoretical analyses of rights and freedoms of civilians and their reflection in constitution of Republic of Tajikistan.........................................................................................65-71
***Sulaimonzoda M.S.*** Concept and classification of the functions of the head of state in the countries of Central Asia……………………………………………………………………..........................72-77
***Ismoilova M.I.*** International terrorist organizations their activities in the post-soviet states...........78-84

### 12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***Sulaimonov F.S.*** Civil legislation and digital economy (some issues of the recognition the digital rights as an objects of the civil rights)...........................................................................................85-91
***Kodirzoda T.K.*** The concept and essence of property rights in accordance with the legislation of Tajikistan.....................................................................................................................................92-97
***Azizov F.Kh.*** Integration of the concept of sustainable development into the business environment: legal aspects...........................................................................................................................98-103

### 12.00.04 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW

***Sherov Sh.Z.*** Comparative legal analysis of the banking legislation system of the Republic of Tajikistan with the banking legislation of some CIS member states............................................104-108

### 12.00.05 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW

***Muzafarzoda M.Sh.*** Concept and differentiation features of legal relations of social partnership...........................................................................................................................109-114

### 12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW

***Odinazoda Sh.Kh.*** Some issues related to subsidiary farms of military units, security forces units and law enforcement agencies of the Republic of Tajikistan..............................................................115-125
***Qodirzoda M.A.*** Some theoretical issues of the role of the ecological function of the state in the realization of human environmental rights.....................................................................................126-134

**12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW**

***Rahmonzoda M.J.*** Restriction of illegal banking activities from related crimes..........................135-145
***Sharifzoda Sh.M***. Sources of corruption, its causes and factors...................................................146-152
***Abdullaev N.S.*** Some problems of qualification that drive to actions of a sexual character.........153-160
***Abdusalomzoda J.A.*** Aggravating signs of theft of a car or other vehicles.................................161-167

**12.00.09 - CRIMINAL PROCEDURE**

***Safarzoda A.I., Kamolov Kh.*** General provisions on the concept of jurisdiction.........................168-175
***Khojaeva N.B.*** Evidence as the main source of evidence in criminal proceedings.......................176-199

**12.00.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW**

***Rahmonzoda Sh.Q.*** On the issue of implementation of the norms of international environemental law in the national legislation of Tajikistan...........................................................................................200-210

**12.00.12 – CRIMINALISTICS; FORENSIC ACTIVITIES; OPERATIONAL SEARCH ACTIVITIES**

**Akhtamshozoda S.A.** The role of international legal acts in the development of legislation on operational investigative activities...........................................................................................211-218

**12.00.14 – ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCESS**

***Rahimov S.O.*** Judicial mechanisms for the protection of human rights: nationwide analysis...........................................................................................................................219-225
***Aminov M.M.*** Legal factors of ensuring efficient management in the public service and local public authorities.......................................................................................................................226-230

**12.00.15 – CIVIL PROCEDURE; ARBITRATION PROCESS**

***Tabarov N.A.*** About some issues of civil procedure relations....................................................231-245

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**
**12.00.01 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE**

**ТДУ: 347.5**



**Холиқзода Абдураҳим Ғафор,**
*профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail:* *halim2006@yandex.ru*
*Тел.: (+992) 93-802-05-68.*



**Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид,**
*сардори шуъбаи пажӯҳиши анъанаву маросим ва диншиносии муқоисавии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail:* *dahkat_1988@mail.ru*
*Тел.: (+992) 936-00-55-66.*



**Холиқов Нурмуҳаммад Абдураҳимович,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail:* *msu_4ever@inbox.ru*
*Тел.: (+992) 936-00-55-66.*

# КОНСТИТУТСИЯ ВА АКСИОЛОГИЯИ ҲУҚУҚӢ: МАСОИЛИ ТАТБИҚИ АРЗИШҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРОИТҲОИ ТАЪРИХӢ

***Калидвожаҳо:*** Конститутсия; табияти ҳуқуқӣ; арзишҳо; манфиатҳо; ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон; қонун; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; давлат; озодӣ; баробарӣ; низоми ҳуқуқӣ; принсипҳо.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур муаллифон бо дарназардошти ғоя ва дидгоҳҳои мухталифи ҳуқуқфаҳмӣ ва гуногунии дарки ҳуқуқ дар илми назарияи ҳуқуқ кӯшише намудаанд, ки табиати ҳуқуқии Конститутсия ва арзишҳои ҳуқуқии ин санади меъёриро нишон диҳанд. Бояд қайд кард, ки Конститутсия аз назари илми арзишшиносӣ – аксиология манбаи арзишҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодист. Дар Конститутсия беҳтарин ва гиромитарин арзишҳо, принсипҳо ва меъёрҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, ки барои рушди дуруст ва одилонаи инсон ва ҷомеа аҳамият доранд, тархрезӣ шудааст. Конститутсия ҳамчун манбаи арзишҳо қиммат ва эҳтиром дорад, вале бархурди арзишҳо дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ мушкилзо низ ҳастанд. Дар мақола меъёрҳои Конститутсия, ки шоҳроҳи ташаккули бунёди низоми ҳуқуқии давлатро таҳия месозад ва баъдан давлат фазои ҳуқуқии худро дар он шоҳроҳ бо принсипу муқаррароти муайянкардаи Конститутсия идома медиҳад, шарҳ дода шудааст.

Конститутсия аз назари илми арзишшиносӣ – аксиология манбаи арзишҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодист. Дар Конститутсия беҳтарин ва гиромитарин арзишҳо, принсипҳо ва меъёрҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, ки барои рушди дуруст ва одилонаи инсон ва ҷомеа аҳамият доранд, тарҳрезӣ шудааст. Конститутсия ҳамчун манбаи арзишҳо қиммат ва эҳтиром дорад, вале бархурди арзишҳо дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ мушкилзо низ ҳастанд. Мушкилӣ на дар вуҷуди арзишҳо, балки дар равиши эътибор ва эҳтироми онҳо ва татбиқи мақсадноки онҳо вобаста ба шароит ва замон, бартарӣ ва афзалияти дурусти ҷойгиркунии онҳо дар зиндагии инсонҳо вобаста ба ҳадафҳои умумимиллӣ аст.

Мушкилии Конститусия ҳамчун манбаи арзишҳо дар мувофиқату ҳамоҳангии онҳо дар замону макон вобаста ба манфиатҳои фардию иҷтимоӣ дар паҳнои манфиатҳои миллӣ ва давлатист. Дар ҷаҳони пешраванда, тағйирёбанда ва дигаргунпазир, ки ҳар лаҳза арзиш ва қимматҳои неъматҳои инсониро дар заминаи дастовардҳои ақли инсонӣ тағйир медиҳад, ҷустуҷӯи қиммат ва арзишҳои нав мутобиқ ба рамӯзи рушди манфиати миллӣ лозим меояд. Рукнҳои муҳимми ҳаёти инсонӣ, адл, инсоф, ҳақиқат, озодӣ, баробарӣ дар он шакле, ки мо тасаввур мекунем, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ дар тарозуи вақт, зери фишори манфиатҳо вазн дигаргун намуда, ғайриайнӣ ва субъективӣ будани худро собит менамоянд. Манфиат ҳамчун бузургтарин арзиш, ба бемории доимии адл ва иллати ҳастии ҳуқуқ табдил ёфта, кори худро новобаста аз хоҳиши мо дар маҷрои барои худ мувофиқ иҷро мекунад. Ба осиёби ин равиши табиӣ сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, маърифат ва вазъи номусоиди иқтисодии ҷомеа, дар гардишҳои буҳронҳои молиявии ҷомеаи сармоядорӣ об мерезад.

Донандагони нисбӣ диллетантҳо бовару донишҳои нисбии худро ба сони ҳақиқати бебаҳс зери туғёни худкомагии ақл ба осиёби мардуми камсавод тавассути сомонаҳои интернетӣ ворид месозанд. Хуб аст, ки ҷойи блогерҳои ғайриахлоқӣ ва мазҳақвиро блогерҳои китобхон кӯшиши иваз кардан доранд, вале то кадом сатҳ донишу малакаи ин блогерҳои нав аз кунгураи донишу боварҳои шахсиашон имкон медиҳад, халогии маърифатиро ҳамчун стандарти илмии саводнокии ҷамъиятӣ, бо ҷавобгӯӣ ба талаботи инсони нав дар сатҳи кишвар таъмин менамоянд. Ин саволи дигар аст. Албатта, худи зуҳури падидаи китобхонӣ нисбат ба ҳама навъҳои дигари фаъолияти болегерӣ, аз назари маънавӣ ба манфиати мафкураи миллист.

Умед дорем, ки барои бедории миллат китобхонони муосир мардуми интернетиро аз кӯчаҳои ҷудогона ва мақсадҳои куллии давлатдорӣ ва ватандорӣ раҳнамун месозад. Ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои фазои маънавӣ ва баҳои дурусти ҳодисоти таърихӣ ва иҷтимоӣ хамчун ченаки ахлоқӣ ва илмӣ хизмат мекунанд.

Антропологияи ҳуқуқ, аксиологияи ҳуқуқ ва фалсафаи ҳуқуқ, ки барои дарёфти ҳалли муаммоҳои ҳуқуқӣ ва дастрасӣ ба адл ва инсофи умум даъват шудаанд, имрӯз дар муқобили таҳоҷуми ғайриахлоқӣ, фишори аз ҳад зиёди андешаҳои бегонапарастӣ ва амалҳои ифротӣ ва донишҳои нисбии ба сони ҳақиқати бебаҳс вонамудшавандаи иҷтимоӣ бо дасти баста қарор доранд. Дар чунин гардишҳои маънавӣ ва печидагиҳои мафкуравӣ вазифаҳои функсионалии Конститутсия ҳамчун ганҷинаи арзишҳои ҳуқуқӣ ба маротиб мубрамтару аҳамиятноктар мегардад. Вале масофаи байни фаҳми меъёрҳои конститутсия ва андешаи гирифтори манфиатҳои ҷузъӣ шаҳрвандонро аз амалияи ҳуқуқии меъёрҳои конститутсия дур мондааст.

Чӣ бояд кард? Оё инсон қодир нест, ки ҳаёт ва зиндагии худро бо чунин меъёрҳое муназзам ва танзим намояд, ки меъёрҳои он воқеан инъикоси аслии талаботи рӯҳии зиндагии саодатманди ӯро таҷассум намояд, бо ҳаёти воқеии ҳуқуқӣ, ки дар саргаҳи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ пайдо шуда бо арзишҳои адл, инсоф, баробарӣ ва озодӣ ба созандагӣ даст мезанад, мутобиқ бошад? Дар ҳолате, ки чунин меъёрҳоро Коснтитутсияи халқӣ ҳамчун ганҷинаи хайри ҷамъият ва аксиологияи ҳуқуқӣ барои ӯ муқаррар кардааст.

Гузашта аз он, дар баъзе мавридҳо беҳтарин ва хирадмандтарин инсонҳо дар ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ барои ҳалли нозуктарин нуктаҳои ҳаёти сиёсӣ ва нигоҳдории адл ва инсоф ба амалкарде даст мезананд, ки он аз доираи талаботи расмии эътирофшуда, расман берун буда, ба арзишҳои боз ҳам қавитари адл, инсоф ва амнияти кишвар такя менамояд. Дар ин ҳолатҳо ҳам сиёсатмадор ва ҳам ҳуқуқшинос ба хубӣ дарк мекунанд, ки татбиқи меъёрҳои муқаррарнамудаю эътирофкардаи ҷомеа ва меъёри низом пешбинӣ карда, дар гардишҳо ва чолишҳои муайяни таърихӣ мутобиқат ба манфиатҳои доимо рушдкунандаи инсон ва миллат нестанд. Дар чунин ҳолатҳо бар дӯши Конститутсия масъулияти иловагӣ зам мегардад.

Чаро дар ин ҳолатҳо қонунияти маъмули ҳуқуқдони шинохтаи Рим – Ситсерон агар хоҳӣ озод бошӣ ғуломи қонун бош амал намекунад. Ногуфта намонад, ки Ситсерон низ як шахси воқеӣ ва фарзанди замони худ буд ва дар гирдоби сиёсати беадолатонаи римиҳо дар ҳадди муайян ғарқшуда буд. Мо демократияи Юнону Ҷумҳурии Римро ҳамчун низоми форматсияи ғуломдорӣ хуб медонем. Одамони ғулом ва гладиаторҳо дар кадом ҳолати беҳуқуқӣ буданд сарчашмаҳои таърихӣ гӯёи он аст. Онҳо чи гуна бо тобеи қонун буданашон озод буда метавонистанд, дар ҳолате, ки вазъи ғуломӣ ва беҳуқуқиро қонун ба онҳо муайян крада буд. Ин ҳикмати озода, ки агар хоҳӣ озод бошӣ ғуломи қонун бош, мансуби одамони озоди таҳти ҳимояи қонун қароргирифта буд. Ин тезиси ӯ, он замон як сутуни татбиқкунандаи низом ва то ҳадде ҳифзи талаботи ҳамон замон бо ченакҳои худаш низ буд, вале ба ҳукми таърих имрӯз шиори ҷомеаҳои демократӣ гардидааст. Ин низ муаммои ҳуқуқии тағйирёбии манфиатҳо ва мафҳумҳост. Зеро он замоне, ки ҷаноби Ситсерон озодиро дар сарҳади қонун медид, қонун ғуломкунии мардуми ғайриримиро амри воқеӣ ва адолатнок меҳисобид.

Умуман, тезиси агар хоҳӣ озод бошӣ ғуломи қонун бош, тобеи фаҳми принсипи волоияти қонун қарор мегирад. Ҳарчанд, ки фаҳми принсипи мазкур миёни ҳуқуқшиносон дар самти волоияти қонун ба даврони давлатҳои муосири ҳуқуқбунёд дакка мехӯрад, муҳаққиқони сиёсатшинос нисбат ба баромади ин принсип дидгоҳи ягона надоранд. Мисол, муҳаққиқи барҷастаи ғарбӣ Ф. Фукуяма андеша дорад, ки волоияти қонун, ки ҳамчун маҷмуи қоидаҳои барои иҷро ҳатмӣ фаҳмида мешавад, ҳатто барои акторҳои фаъоли ҷомеаҳои муайян, то ба мабонии динӣ рафта мерасад [2, с. 19].

Ф. Фукуяма бо саманди фикрии баландпарвози таҳлилиаш, ки даъвои фаҳми асрори зиёд аз равандҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ менамояд, бениҳоят васеъ ва рӯякӣ ба мақоми баланди брахманҳои ҳиндӣ, мазмуни волоияти сарчашмаҳои исломӣ ва таҷрибаи Аврупои Ғарбӣ, ки аз таҷрибаи Калисои католикии Рим гӯё мабдаъ гирифтааст [2, с. 19-20], хулосаи сарсарӣ карда, принсипи волоияти қонунро ба решаҳои динӣ мечаспонад.

Ба назари мо ин дидгоҳ саҳеҳ буда наметавонад. Зеро волоиятро берун аз дин дар дигар муносибатҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ низ пайдо кардан мумкин аст. Мисол, волоияти қарори падар дар оилаҳои падаршоҳии Рим, ё волоияти мақоми зан дар никоҳи подшоҳзани зардуштӣ ва ё дар матнҳои Ясои Чингизхон ва ғайра, вале ин ҳама ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки хулоса кунем, ки ин волоияте аст, ки баъдан ба қонун гузаштааст. Дигар ин ки то таъсири католитсизм ба ҳуқуқи Аврупои Ғарбӣ дар тамаддуни эллинӣ ҳам ҳикмати Ситсерон буду ҳам волоияти қонунҳои римӣ. Масъалаи тағйирнопазирии қонунҳои римию юнонӣ ва устувории онҳо худ гувоҳи волоияти қонун аст. Пас баромади принсипи волоияти қонунро ба арзишҳои эътиқодӣ васл кардани Ф. Фукуяма баҳснок аст.

Онҳое, ки дар мавриди волоияти қонун, дар банди қонун монда, ҳамчун ҳуқуқшиносони асил дар бандҳои он истодагарӣ мекунанд, донандагони розии ҳаёт ва мазмуншиносони ҳуқуқ онҳоро маззамат ба нуктагирӣ (букваед) менамоянд, ки шумо ҳақиқати кор ва оқибатҳои воқеии татбиқи қонунро дар ин ҳолатҳо дарк намекунед. Ба пасманзар ва пешманзари ҳуқуқ таваҷҷуҳ надоред. Ҳуқуқшиносоне, ки дар ҳаёт бо

татбиқи чунин меъёрҳо дар ҳолатҳои мушаххас даст мезананд ва виҷдони худро норохат ҳис мекунанд, қисмате дар ғуломи қонун будан ва қисмати дигар бо андешаи кур будани қонун (слепой закон) худро ором мекунанд. Кӣ ҳақ аст? Чаро дар амалияи ҳуқуқӣ чунин ҳолатҳо рӯх медиҳад?

Ба андешаи мо дар чунин ҳолатҳо номутобиқии рӯҳи қонунҳо бо рӯҳи зиндагии инсон, меъёрҳои навишта бо талаботу озу ниёзи мардум ошкор мегардад. Дар чунин ҳолатҳо сифати қонунэҷодкунӣ, ки ба сатҳи маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ва ҷомеа тобеъ аст, ҳамчун ҳисоби дар маҷмӯъ вуҷуддоштаи ҷамъи одамон баробари ҷамъият, чун ҳисоби формулаи математикӣ ба қонунияти ҳаётӣ мувофиқат намекунад ва ҷамъу тарҳи шаҳрвандон бо теъдоди рафторҳои ҳуқуқии ба созиши ҷамъият созгор мувофиқ нестанд. Нақш ва мақоми нафарони аз талаботи қонундуршуда зери фишори рафторҳои ғайриҳуқуқӣ барои шаҳрвандон ва ҷомеа намуна ва асаргузор мегардад. Нигилизми ҳуқуқӣ афзоиш ва қаҳрамонони манфӣ дучанд шуда, дар фазои иҷтимоӣ нақши гурӯҳҳои ҷинояткору коррупсионерҳо бештар мешавад. Ҳуқуқ ҳамчун математикаи озодӣ имконияти муаррифии имкони ҳуқуқи воқеии инсонро ба пуррагӣ дар даст надорад. Албатта, чунин ҳолатҳо дар ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ, ки халқ ва мардум дар кори эҷоди қонун даст дошта, ҳолатҳои муқаррарӣ ва ғайримуқаррарии равишҳои иҷтимоиро дар қолаби қонун ҷойгир кардааст, камтар дида мешавад. Вале бо вуҷуди он чунин вазъият дар таърихи қисмате аз давлатҳои ҷавони демократӣ дида мешавад.

Ҳанӯз дар замонаш озодихоҳи машҳури ҷаҳонӣ Джон Стюарт Мил гуфта буд: Дар асри мо, ки мардум аз боварӣ маҳрум шудаанду ба тарсӯии скептикӣ гирифтор шудаанд, онҳо ба ҳақиқат будани боварҳояшон не, балки эътимод бар он доранд, ки бидуни ин боварҳо онҳо зиндагӣ карда наметавонанд. Онҳо ғоя ва назарҳои худашонро аз танқид на барои он ҳимоя мекунанд, ки онҳо ҳақиқатанд, балки ба хотири муҳим будани онҳо барои ҷомеа ҳимояи онҳоро зарур мешуморанд. Ин арзишҳоро ба хотири оромии рӯҳ зарур шуморида, ҳимояи онҳоро аз ҷониби Ҳукумат ва давлат ҳамчун асоси давлатдорӣ ногузир медонанд [1, с. 288-392].

Тавре худи Ҷ.С. Мил таъкид менамояд, чунин навъи баҳсҳо атрофи арзишҳо дар нуктаи манфиатнокӣ сурат мегирад, на дар нуктаи ҳақиқат будани фикр. Ҳол он ки ҳақиқат будани ғоя – ин қисмати муҳимми манфиатнокии вай аст. Агар медонем, ки ин ғоя барои мо ногузир аст, пас муҳим нест, ки донем, ки вай ҳақиқат аст ва ё не. Танҳо беҳтарин инсонҳо дарк менамоянд, ки ғояи дурӯғ наметавонад манфиатнок бошад [1, с. 288-392].

Ҳалли чунин мушкилии интихоби нуктаи ниҳоии татбиқи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи романӣ-олмонӣ, ки такя ба қонунгузории давлатӣ мекунад, мушкилтар аст. Аммо дар низоми ҳуқуқии амрикоӣ ва англисӣ ва ҳатто мусулмонӣ бо усулҳои ақлӣ ҳалли онҳо ҷойизтар аст. Махсусан, дар низоми ҳуқуқии англисӣ татбиқи озоди равишҳои статутӣ ва мазмунии фаҳми ҳуқуқ бо усули маънидодкунии айнӣ ва маъноӣ барои судяҳо имкони фарохтари танзим намудани муносибатҳои нави ҷамъиятиро дар шароитҳои нави замону макон пайдо мекунанд. Зеро, нақши мустақилияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути ҳуқуқшиносон дар ин низомҳои ҳуқуқӣ мавҷуд буда, вобаста ба шароит татбиқи амсоли судӣ, иродаи судя ва ё иҷтиҳоди муҷтаҳид имкон медиҳад, ки ҳодиса боз ҳам мукаммалтар омӯхта шавад. Яъне, мо ба падидаи рушд ва диалектикаи тағйири ҷамъият вобаста ба талаботи замону макон думболи адлу инсоф ва манфиат қарор дорем.

Аммо дар ҳуқуқи романию олмонӣ дар баъзе холатҳои таъин ва табиқи ҷазо ва ё озод намудан аз ҷавобгарӣ чунин ҳолатҳои васеи интихоби амалкард пешбинӣ шудааст, аммо дар дигар ҳолатҳо ин масъала ба ҳадде маҳдуд шудааст. Пас кадом аст ин ҳолатҳо. Ин ҳолатҳое аст, ки қонун ҳамчун манбаи низом, дар баробари рушди талаботи иҷтимоъ ва тағйирпазирии арзишҳо адл ва амният ба воқеият на ҳамеша дуруст мувофиқат мекунанд. Ин ҳолатест, ки қонунгузор барои субъекти татбиқи ҳуқуқ, бинобар сабаби тағйирпазирии ҳолатҳо вариантҳои гуногун

пешниҳод мекунад, ба субъектҳои татбиқи ҳуқуқ имконияти фарох медиҳад ва ё ин масъулиятро маҳдуд дар дасти низоми конунгузор нигоҳ медорад. Дар таърихи ҳуқуқ мешавад ҳолатҳое, ки бинобар сабаби наёфтани қарори муносиб, қонунҳо ногузир чашмро пушиданашро авлотар аз амали худ меҳисобанд, зеро талаботи навпайдошуда ҳалли мувофиқи худро дар паҳнои меъёрҳо пайдо намекунад. Ин ҳолатест, ки шахси бохирад сухани бемавқееро, ки шахсе тасодуф ва ё ошкор гуфт, шуниду вале худро ношунида гирифт, чунки дар он маврид аз шуниданро дида ношунидан афзалтар буд. Мутаассифона, дар ҷомеаи зудтағйирёбанда ва зинда дар даврони буҳронии маънавӣ ва ё гузариш аз як низом ба низоми дигараш чунин ҳолатҳо эҳсос мегардад. Ин ҳолате аст, ки хирад ва рӯҳи одамӣ, инсонро дар муқобили воқеият бояд хирадмандона идора намояд. Оё қонун ва ҳуқуқ чунин рӯҳ ва хирадро дорад? Алабатта, агар қонун инъикоси хирад бошад, вай бояд паҳнои ҳалли ин қазияро ҳамон тавре, ки барои худ нигоҳ медорад барои падидаи таҷассумкунандаи худ низ бояд вогузор намояд. Ба андешаи мо қонуни зинда бояд ин сифатҳоро дошта бошад.

Яъне, сухан дар бораи рӯ ба рӯ шудани низоми ҳуқуқӣ бо падидае чун рушди ҷомеа ва мувофиқати қонунҳо дар даврони гузариш ба тағйирёбии босуръати он меравад. Дар чунин сурат масъалаи пурра намудани халогии қонунгузорӣ, ислоҳоти ҳуқуқ ва тағйирпазирии пайвастаи қонунҳо ва ё ҳуқуқи васеи маънидодкуниҳо ба мақомоти татбиқкунанда дода мешавад. Дар акси ин ҳама ҳолатҳо рӯ ба ҳақиқати чашмпӯшии хирадмандонаи қонунҳо меоем. Оё қонун низ дар чунин ҳолатҳо чашм пушида метавонад? Не мо чашми онро кушуда моҷароро боз ташаккул дода, аз як нохушии ночиз нохушии бузургро тавлид намуда, боз қонунро кӯр меҳисобем. Дар сурате, ки дар рӯ ба рӯи мо донандагони асрори қонунҳо, хеле моҳирона халлогии қонунро истифода бурда, зинда ва ҳаётӣ будани меъёрҳои онро иддае муназзам бамаврид ба ҳаракат даровардa дар муҳосираю холигии он қасрҳои моддӣ ва маънавӣ барои худ бунёд месозанд.

Дигарон, онҳое, ки гирифтори манфиати шахсианд, дидаю дониста дар ҳолатҳои қулай омадани гирифтани манфиат чашми қонунро пӯшида, татбиққунандагони онро мадҳуш намуда, дар зиндагӣ мақом ва манзалати худро боло мебаранд. Мо асирони қонун, ҷонибдорони татбиқи он мақсад ва ҳадафи онро дарк нанамуда, ӯро бо чашми кӯшода ба низоми харобкунанда табдил медиҳем. Мушкилӣ сари он аст, ки мо халогиҳои қонунро бо ченаки адлу инсоф ба манфиати инсон ҳамчун озодиҳои позитив истифода набурда, балки бо ғаразу манфиатҳои шахсӣ онҳоро пойгаҳи манфиати шахсӣ ва гурӯҳӣ истифода менамоем. Бехабар аз он, ки дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ, ки шояд ҳамагӣ 0,2% муносибатҳои иҷтимоӣ шомили он бошад, мо худро таҳти талаботи қонун вонамуд мекунем, вале дар дигар паҳнои муносибатҳо, ки аксари кулли муносибатҳои иҷтимоӣ маҳсуб мегарданд, мо аз сарҳади рӯҳи он қонунҳо ба маротиб дур ҳастем. Ин аст, ки фазои виртуалии интернетӣ моро берун аз назорати қонун чунин осон ба харобии маънавӣ мекашад. Халогиҳои қонун бошад моро хеле осон ба табиати худамон ошно месозад. Зеро принсипи озодии ҳар амале, ки бо қонун манъ нашудааст имконпазир аст, даричаро барои шахсони оқил, хирадманд, тарбиятдида ва таҳти назорати ақлу хираду дониш ва саводу ахлоқу бо таҳаммул боз мондааст, на барои шахсони дур аз ин неъматҳои моддӣ ва маънавӣ. Аз ин кунгура сатҳи муносибати инсони муосир ба фазои берун аз қонун дар рӯҳияи талаботи қонунхо ислоҳталаб аст. Зеро муносибати мо нисбат ба қонунҳои хирадмандонаи мо дуруст ва одилона сурат намегиранд. Чунки натиҷа ва ҳадафҳо ба ҳам мувофиқ нашуда истодаанд.

Қонуне, ки барои амният ва тартибот татбиқи адл ва инсоф эҷод шудааст, бо маҳбаскунии ҷинояткори аз беэҳтиётӣ гирифтори мусибатшуда гардида ба рафтори шахси муайян аз назари манфиатҳои умум баҳо мегузорад. Чаро? Чунки аз тарси он ки хотираи ақли инсонӣ тамоюл ба содиршавии кирдори дигар аз чунин бепарвоӣ ва хунукназарӣ накунад. Албатта ӯ имкон дорад даъво кунад, ки агар ман озод ҳастам пас

ҳолати муносибати худро бо дигарон бояд худ муайян намоям. Вале мо боз ӯро ба тобеият ба манфиати дигарону умум кашида, ҳушдор менамоем, ки вай дар сурати ба манфиати дигарон сару кор доштанаш, ин озодиаш маҳдуд мегардад. Ҳамин тавр, принсипи волоияти қонун моро дар давлати ҳуқуқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ тахти таъсири коммуникатсияи иҷтимоӣ (Ю. Хабермас) вориди ҳаёти дастаҷамъонае месозад, ки худро чун роботҳои оҳанин вориди лабиринти сохтаи қонун гардонем. Дар ҳуқуқ математикаи озодиро (Аристотел) бинем. Дар чунин сурат ҳаёт ва озодии мо дар қолаби сохтае сурат мегирад, ки онро ҳуқуқу ӯҳдадориҳо тарҳрезӣ намудааст. Бо маҳбаси тасодуф ҷинояткарда, бо шахси аз беэҳтиётӣ ва ё нофаҳмӣ тугмачаи сомонаро зер карда, бо маҳкумкунии шахси гирифтори ҳолати ногуворгардида адли аслро тавлид кардан мушкилиҳои табиӣ дорад. Зеро дар формулаи озодӣ аз ин ҳолатҳои бадтаре ҳастанд, ки ба рӯҳи қонун мухолифанд, дурӯя ва серӯя бо қонунҳо муносибат мекунанд, вале қонун дар тангнои муносибатҳои иҷтимоӣ дар кашфи онҳо ба мушкилӣ мувоҷеҳ буда, ба ҷазои шахсони то охир гунаҳгор набуда, кӯшиши ҳифзи низом менамояд. Дар чунин ҳолатҳо, албатта, иродаи сиёсии хирадмандона метавонад аз қонунҳо дида, бештар ба мардум маҳбубият ба низому давлат орад. Маҳз ба ҳамин хотир падидаи бахшиши гуноҳ аз ҷониби сарвари давлат дар давлатҳои демократӣ ва монархиявӣ аст. Ҳодисае, ки Ҷаноби Олӣ чанд нафареро ҳангоми сафари кориашон дар водии Рашт ва Бадахшон гузашт намуданд, дар соли 2008 барои ин водиҳо амну салоҳ ва тинҷию оромиро овард. Бисёриҳо, назари мухолиф доштанд, вале воқеият дар интихоби арзишҳои умда қонунияту вижагиҳои худро дорад, ки онҳо як навъ пурракунии халогиҳои берун аз иродаи қонун, вале таҳти рӯҳияи қонун аст.

Пас қонун бояд рӯҳияи созандаю одилонае дошта бошад, ки вай на танҳо берун аз навиштаҳою муқarrароташ дар ташаккулу мафкураи одамон асаргузор бошад, инчунин мутобиқи рӯҳи инсони намунаи давлатсозу ватандӯст қудрати дарки воқеият ва оқибатҳоро таҷассум кунад. Мо одатан ин ҳолатҳоро ба тарзи умум ба саводнокӣ ва донишандӯзӣ дар умум вобаста менамоем. Вале ин саводнокию ин донишандӯзӣ дар таркиби худ қонуниятҳои нонавиштаеро доранд, ки матали шайтон донишманд буду, доштани дониш ин нишонаи инсон будан нест-ро тавлид кардааст. Чаро? Чунки ҳаёт ва воқеияте, ки инсон ташкил мекунад натиҷаи ана ҳамин рӯҳияи зиндаи ободкор ва табиати тағйирёбандаи инсон аст. Пас барои инъикоси дуруст ва самараноки орзу ва омоли он низоми догматикӣ ва шахшудамонда не, балки низоми дар ҳаракат, тағйирёбанда ва дарккунандае лозим аст, ки мисли инсон рӯҳ ва хиради шартӣ дошта бошад. Ва ин рӯҳу хирад ба ақлу дониш, озодии эҷодкунандаи қонуни ҳуқуқию нисбияти озодии хирадмандона вобастагӣ дорад. Албатта, ин низом эҳтиёткориро талаб мекунад, зеро лаҳзае дуршавӣ аз он оқибатҳои нохуби истибдодиро дорад. Аммо дар заминаи ҷамъияти озод, демократӣ ва баландии сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ин амал ҷойиз аст. Илми назарияи ҳуқуқ барои табобати он истилоҳи “қонуни ҳуқуқи”-ро вориди илм намудааст, вале он низ роҳи ҳалли мушкилӣ нест. Ба назари мо дар ин масъала бояд илми фалсафаи ҳуқуқ рушд намуда, консепсияи фаҳм ва дарки пешманзар, пасманзар ва пурра намудани халогиҳои қонун такмил дода шаванд.

## КОНСТИТУЦИЯ И ПРАВОВАЯ АКСИОЛОГИЯ: ПРОБЛЕМЫ РЕАЛИЗАЦИЯ ПРАВОВЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ИСТОРИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

***Ключавые слова:*** Конституция; правовая природа; ценности; интересы; право; права человека; нормативные правовые акты; государство; свобода; равенство; правовая система; принципы.

***Аннотация**:* В данной статье авторы с учетом различные идейные взгляды в юриспруденции и многообразие понимания права в теории права пытались показать правовую природу Конституции и правовое значение этого важного нормативного акта. Следует

отметить, что Конституция с точки зрения науки о ценностях – аксиологии является источником социальных, политических, правовых и экономических ценностей. В Конституции закреплены самые важные и почетные ценности, принципы и нормы различных сфер общественной жизни, необходимые для правильного и справедливого развития человека и общества. Конституция как основа ценностей, имеет важное значение и уважение, но столкновение ценностей в организации социальной жизни создаёт определённые проблемы. В статье рассматриваются нормы Конституции, которые подготавливают путь к формированию правовой системы государства, а затем государство продолжает свое правовое пространство на этом пути с принципами и нормами, определенными Конституцией.

***Холикзода Абдурахим Гафур*** - профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук. E-mail: halim2006@yandex.ru, Тел.: (+992) 938-02-05-68.

***Шосаидзода Шахбоз Шосаид*** - начальник отдела исследований традиций, обрядов и сравнительного религиоведения Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук. E-mail: dahkat_1988@mail.ru, Тел.: (+992) 936-00-55-66.

***Холиков Нурмухаммад Абдурахимович*** - доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук. E-mail: msu_4ever@inbox.ru, Тел.: (+992) 936-00-55-66.

## CONSTITUTION AND LEGAL AXIOLOGY: PROBLEMS OF REALIZATION OF LEGAL VALUES IN HISTORICAL CONDITIONS

***Keywords:*** Constitution; legal nature; values; interests; law; human rights; normative legal acts; state; freedom; equality; legal system; principles.

***Annotation*****:** In this article, the authors, taking into account the various ideological views in jurisprudence and the diversity of understanding of law in the theory of law, tried to show the legal nature of the Constitution and the legal significance of this important normative act. It should be noted that the Constitution, from the point of view of the science of values – axiology, is a source of social, political, legal and economic values. The Constitution enshrines the most important and honorable values, principles and norms of various spheres of public life, necessary for the correct and fair development of man and society. The Constitution as the basis of values, is of great importance and respect, but the clash of values in the organization of social life creates certain problems. The article examines the norms of the Constitution that prepare the way for the formation of the legal system of the state, and then the state continues its legal space on this path with the principles and norms defined by the Constitution.

***Kholikzoda Abdurahim Ghafur*** - Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University, Doctor of Law. E-mail: halim2006@yandex.ru, Tel.: (+992) 938-02-05-68.

***Shosaidzoda Shahboz Shosaid*** - Head of the Department of Research on Traditions, Rituals and Comparative Religious Studies at the Center for Islamic Studies under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law. E-mail: dahkat_1988@mail.ru, Tel.: (+992) 936-00-55-66.

***Kholikov Nurmukhammad Abdurakhimovich*** - Associate Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University, Candidate of Law. E-mail: msu_4ever@inbox.ru, Tel.: (+992) 936-00-55-66.

**Рӯйхати адабиёт**:

1. Ҷон Стюарт Милл Дар бораи озодӣ: Антологияи андешаи либералии ҷаҳонӣ (Нимаи Аввали асри XX) / тарҷ. аз англисӣ. А. Н.Неведомский. - М.: Пешрафт, Анъана, 2000. С. 288392.

2. Фукуяма Ф. Аз байн рафтани тартиботи давлатӣ: нашрияи илмӣ-популярӣ / тарҷ. аз англисӣ. К. М. Королева. М.: АСТ, 2017. С.19-20.

**Список литературы:**

1. Джон Стюарт Миль О Свободе: Антология мировой либеральной мысли (I половины XX века) / Пер. с англ. А.Н. Неведомского. – М.: Прогресс-Традиция, 2000. – С. 288-392.

2. Фукуяма Ф. Угасение государственного порядка: научно-популярное издание / Пер. с англ. К.М. Королева. – М.: АСТ, 2017. – С. 19-20.

**List of literature:**

1. John Stuart Mill On Freedom: An Anthology of world liberal thought (I half of the twentieth century) / Translated from English by A.N. Nevedensky. – M.: Progress-Tradition, 2000. – pp. 288-392.

2. Fukuyama F. The extinction of the state order: a popular scientific publication / Translated from the English by K.M. Koroleva. - M.: AST, 2017. – pp. 19-20.



**ТДУ: 340.13**

**Ҷумахони Саидшои Латифзода,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.*
*E-mail: Jumakhon@mail.ru*
*Тел.: (+992) 985-90-50-81.*

## РОҲҲО ВА ТАРЗҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛ

***Калидвожаҳо:*** Конститутсия; санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; қонунгузории манзил; қонунгузории маданӣ; ҳуқуқи инсон; манзил; ҳуқуқ ба манзил; дахлнопазирии манзил; асосҳои ҳуқуқӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

***Аннотатсия.*** Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои роҳу усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил буда, дар он ҷанбаҳои гуногуни ин падидаи ҳуқуқӣ таҳлили худро ёфтааст. Боиси тазаккур аст, ки яке аз паҳлуҳои калидии ҳуқуқ ба манзилро ин роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ташкил медиҳад, ки василаи муҳими таъмин ва амалӣ гардидани ин ҳуқуқи конститутсионии шахс ба шумор меравад. Муаллиф бо такя ба далелҳои илман асоснокшуда ва бо ишора аз осори илмии олимони ватаниву хориҷӣ кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо мавриди таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба қарор диҳад. Инчунин ба таъкиди муаллиф роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ифодаи мазмунии истилоҳоти ба ҳамдигар пайвандро гузошта, муайян менамоянд, ки ҳуқуқи мазкур ба кадом воситаҳо бояд ҳимоя карда шавад. Дар назарияҳои илмӣ бошад, нуктаҳои назари олимон оид ба истилоҳҳои «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва «ҳифзи ҳуқуқи инсон» гуногун аст, ки чунин нуктаҳои назар ба таъмини ҳуқуқи шахс ба манзил таъсиргузор мебошад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ҷанбаҳои мухталифи ҳуқуқи шахс ба манзилро ба танзим даровардаанд ва кафолат додаанд. Дар ин замина, яке аз ҷанбаҳои муҳими ҳуқуқ ба манзилро ин роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ташкил медиҳад, ки василаи муҳими таъмин ва амалӣ гардидани ин ҳуқуқи конститутсионии шахс ба шумор меравад.

Ба андешаи З.Ҳ. Искандаров «агар ҳуқуқи инсон эълон карда шуда, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шавад, вале агар он ба ҳар гуна чорабиниҳои давлативу ҷамъиятӣ аз ҳар гуна кирдорҳои таҷовузкорона ҳимоя карда нашавад, вай ба мақсад нарасида, дар рӯйи коғаз монда, ба хаёлу орзӯ табдил хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, нақши ҷамъият ва давлат дар фароҳам овардани шароит барои ба ҳаёт татбиқ намудани ҳуқуқи инсон хеле калон аст. Бинобар ҳамин ҳам давлат ҳуқуқи позитивиро дар симои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар намудааст, ки он механизми ҳимояи ҳуқуқи инсонро муайян намуда, ба шахсони алоҳида имконият фароҳам меорад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳимоя намоянд».[7, с. 77]

Дар ин замина, роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ифодаи мазмунии истилоҳоти ба ҳамдигар пайвандро гузошта, муайян менамоянд, ки ҳуқуқи мазкур ба кадом воситаҳо бояд ҳимоя карда шавад. Дар назарияҳои илмӣ бошад, нуктаҳои назари олимон оид ба истилоҳҳои «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва «ҳифзи ҳуқуқи инсон» гуногун аст, ки чунин нуктаҳои назар ба таъмини ҳуқуқи шахс ба манзил таъсиргузор мебошад.

Ба андешаи олимони ватанӣ «масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ҳамеша масъалаи баҳсӣ мебошад. Зеро то он вақте ки инсонҳо манзилашонро дар асоси эҳтиром ва риояи ҳуқуқу манфиатҳои якдигар анҷом медиҳанд, масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба миён намеояд».[19, с. 239]

Ба андешаи Ш.Ф. Искандаров «дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва моҳияти истилоҳоти «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва «ҳифзи

ҳуқуқи инсон» андешаву назари якранг ҷой надошта, дар аксар мавриди ақидаҳои олимон ба ҳам бархӯрд менамоянд».[9, с. 76]

А.М. Диноршоев иброз менамояд, ки ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ду мафҳуми алоҳида мебошанд, аммо дар алоқамандӣ фаъолият менамоянд. Онҳо баҳри амалӣ намудани ҳуқуқи инсон кӯмак намуда, ҷиҳати ташкил намудани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон замина фароҳам меоранд. [3, с. 40]

Н.И. Матузов қайд менамояд, ки ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Ҳуқуқҳои субъективӣ ҳамеша мавриди ҳифз қарор мегиранд, аммо танҳо ҳангоми поймол шуданашон ҳимоя карда мешаванд. [12, с. 131]

Д.Х. Элназаров бар ин андеша аст, ки «дар бештар маврид истилоҳи «ҳимоя» бо фаъолиятҳое алоқамандӣ дорад, ки ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқҳои субъективӣ ва баҳри барқарор намудани онҳо истифода мешаванд. «Ҳифз» бошад, бо фаъолиятҳое алоқаманд мебошад, ки барои таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективӣ хизмат менамоянд».[21, с. 106]

Ба андешаи Н.С. Сафарзода «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва «ҳифзи ҳуқуқи инсон» ду унсури алоҳидаи ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, дар робита бо ҳам қарор доранд. «Ҳифзи ҳуқуқи инсон» аз давлат фаъолияти ҳамешагиро талаб менамояд, яъне давлат вазифадор аст то баҳри таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ҳамеша талош намояд, аммо «ҳимояи ҳуқуқи инсон» чунин масъулиятро ба зиммаи давлат вогузор наменамояд. Яъне, давлат танҳо дар он ҳолат ҳуқуқи инсонро мавриди ҳимоя қарор медиҳад, ки агар ҳуқуқҳои инсон поймол гардида бошанд ва дар ин ҳолат вазифаи асосии давлат барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шахс ба шумор меравад. Ин ду унсур барои ташкил намудани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон мусоидат менамоянд». [15, с. 122]

Агар ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ назар афканем, дар моддаи 5 пешбинӣ гардидааст, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Инчунин, ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият (м. 12), ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд (м. 14), кафолати ҳифзи судӣ (м. 19), ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида (м. 21), ҳифзи кӯдакони ятим (м. 34), ҳифзи меҳнат (м. 35), ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ (м. 38) ва ғайра дар меъёрҳои Конститутсия муқаррар гардидаанд.

Ҳамзамон, дар меъёрҳои Конситутсияи ҶТ истилоҳи ҳимоя низ пешбинӣ гардидааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳарчанд дар меъёрҳои Конситутсияи ҶТ ҳам истилоҳи «ҳифз» ва ҳам «ҳимоя» пешбинӣ гардида бошад ҳам, ин истилоҳҳо як мазмунро ифода менамоянд.

Бо ин назардошт, ба назари мо низ ибораҳои «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва «ҳифзи ҳуқуқи инсон» унсурҳои ба ҳамдигар тавъам ба шумор рафта, якдигарро пурра ва баҳри татбиқ ва амалинамоии ҳуқуқҳои шахс, махсусан ҳуқуқ ба манзил мусоидати бевосита менамоянд. Ҳифзи ҳуқуқи шахс ба манзил ҳамеша аз ҷониби худи ҳар як шахс, мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассиса ва ҷомеа амалӣ карда мешавад. Ҳимояи ҳуқуқи шасх ба манзил бошад, дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқи шахс ба манзил аз ҷониби мақомотҳои ваколадори давлатӣ амалӣ мегардад.

Дар як навбат, «ҳифзи ҳуқуқи инсон» ва «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ба сифати воситаҳое баромад менамоянд, ки ҷиҳати амалӣ гардидани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон заминагузор мебошанд. Дар адабиёти соҳавӣ дар аксар мавриди доир ба масъалаҳои «ҳифзи ҳуқуқи инсон» ва «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ибораи «механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» ба таври васеъ истифода мегардад.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» истилоҳи «механизм» – сохт ё сохтореро ифода менамояд, ки тартибу қоидаи ягон соҳаи фаъолиятро муайян мекунад. [18, с. 792] «Механизм» – маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқамандест, ки як низомро бо низоми дигар пайваст месозад. [21, с. 157] «Механизм» – тарз, роҳ ва васила мебошад, ки алоқамандии унсурҳои ҷудогонаро ба вуҷуд меоварад. [15, с. 122]

Ба андешаи З.Ҳ. Искандаров «механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон он роҳу воситаҳои

ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки тавассути он ҳуқуқи инсон аз ҳар гуна кирдорҳои таҷовузкорона ҳимоя карда мешавад».[8, с. 78]

Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ бошад, доир ба ин ҷанбаи масъала **василаи ҳимояи ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудааст, ки маҷмуи тарз, усул ва воситаҳои ҳуқуқиро ифода намуда, тавассути онҳо ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ҳимоя мегарданд. Намудҳои гуногуни василаҳои ҳимоя вуҷуд дорад. Дар илми ҳуқуқи инсон василаҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба ду гурӯҳи калон чудо мекунанд – василаҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва василаҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон.** [17, с. 125]

Вобаста ба таҳлилҳои болозикр метавон мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро дар шакли зерин маънидод намуд: механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил гуфта, роҳу воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи онро меноманд, ки дар асоси шаклҳои муайян (судӣ, ғайрисудӣ ва ҷамъиятӣ) аз ҷониби субъектони дахлдор (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худи шахс) ба роҳ монда шуда, ҷиҳати таъмини воқеии ҳуқуқи шахс ба манзил мусоидат менамоянд.

Дар заминаи чунин таснифот ва маънидоднамоии мафҳумҳо механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро ба ду гурӯҳи бузург ҷудо намудан мумкин аст:

а) механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил, ки тарзи таъсис ва фаъолияти онҳо дар асоси Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории кишвар ба роҳ монда мешаванд;

б) механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил, ки таъсис ва фаъолияти онҳо дар заминаи меъёрҳои муқаррарнамудаи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон роҳандозӣ карда мешаванд.

Механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил гуфта, он роҳу воситаҳои фаҳмида мешаванд, ки қонунгузории ҶТ баҳри ҳимоя намудани ин ҳуқуқи шахс муайян намудааст. Азбаски механизми миллии ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро Конститутсия ва қонунгузории кишвар муайян намудааст, онҳоро механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил номидан мумкин аст.

Таҳлили меъёрҳои Кодекси манзили ҶТ [11] нишон медиҳад, ки дар он оид ба масъалаи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ба манзил муқаррароти бевосита пешбинӣ нагардидааст. Аммо, аз мазмун ва моҳияти муқаррароти қисми 2, м. 2 Кодекси мазкур (ҳеҷ кас аз манзилаш бароварда намешавад ва аз ҳуқуқи истифодабарии манзил маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудаанд) масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ба манзил ва муқаррароти м. 139 онро (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Кодекси мазкур тибқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд) масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ташкил менамояд.

Аммо, дар таносуб ба Кодекси манзили ҶТ дар Кодекси манзили Федератсияи Россия [5] ҳифзи ҳуқуқ ба манзил дар моддаи алоҳида (моддаи 11) дар доираи боби якум (муқаррароти умумӣ) пешбинӣ гардидааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 11 Кодекси манзили Федератсияи Россия ҳимояи ҳуқуқ ба манзили поймолшуда аз ҷониби суд мувофиқи тобеияти парвандаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ амалӣ карда мешавад. Ҳифзи ҳуқуқ ба манзил бо тариқи маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар қонунҳои федералӣ амалӣ карда мешавад. Аз болои қарори ба тариқи маъмурӣ қабулгардида, ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Инчунин, дар қисми 3 моддаи мазкур тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил пешбинӣ гардидааст, ки бо роҳҳои зери амалӣ карда мешавад:

– эҳтирофи ҳуқуқ ба манзил;

– барқарор намудани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ба манзил ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд;

– аз ҷониби суд пурра ё дар қисми санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ё санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ҳуқуқҳои манзилро вайрон мекунад ва хилофи ҳамин Кодекс ё қонуни федералии мутобиқи ҳамин Кодекс

қабулшуда, санади меъёрии ҳуқуқии дигареро, ки аз санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ё санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қувваи ҳуқуқии баланд доранд, беэътибор донистан;

– аз ҷониби суд татбиқ нагардидани санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ё санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки хилофи ҳамин Кодекс ё қонуни федералии мутобиқи ҳамин Кодекс қабулшуда, санади меъёрии ҳуқуқии дигаре мебошад, ки нисбат ба санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ё санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қувваи ҳуқуқӣ дорад;

– қатъ кардан ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқ ба манзил;

– бо тарзҳои дигари пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар қонунҳои федералӣ.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил дар Кодекси манзил бевосита муқаррар нашуда бошанд ҳам, аммо онҳо аз моддаи 11 Кодекси мадании ҶТ [11] сарчашма мегиранд.

Дар асоси муқаррароти моддаи мазкур ҳуқуқҳои маданӣ бо тарзҳои зерин ҳимоя мешаванд: эътирофи ҳуқуқ; барқарор намудани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд; беэътибор донистани аҳди баҳснок ва татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани онҳо, татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани аҳди беоқибат; беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар; худҳимоякунии ҳуқуқ; маҷбур намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл; ҷуброни зиён; рӯёнидани ноустуворона; товони зарари маънавӣ; қатъ кардан ё тағйир додани муносибати ҳуқуқӣ; аз ҷониби суд татбиқ накардани санади хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар; бо тарзҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.

Дар партави моддаи 11 Кодекси мадании ҶТ баррасӣ менамоем, ки кадоме аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи зикршуда ба ҳимояи ҳуқуқ ба манзил мувофиқ аст. Яъне онҳоро мақсаднок истифода бурдан зарур аст. Аввалин тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ эътирофи ҳуқуқ мебошад. Эътироф кардани ҳуқуқ, одатан, ҳамчун роҳи ҳифзи моликият, ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ ё ҳуқуқҳои истисноӣ амал мекунад. [19, с. 242]

Оид ба татбиқи ин усул ё тарз дар муносибатҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ ақидаҳои зид мавҷуданд. А.Г. Андрюшин қайд мекунад, ки талаботи эътирофи ҳуқуқҳо хусусияти ғайришартномавӣ дорад. [1, с. 166-167] В.В. Семёнов ба хулосае меояд, ки эътирофи ҳуқуқро ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон на танҳо ба ҳуқуқи моликият, балки ба ҳуқуқҳои уҳдадорӣ низ татбиқ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Татбиқи эътирофи ҳуқуқ ҳамчун усули ҳимоя дар муносибатҳои шартномавиро Ш.М. Менглиев дар таҳқиқоти хеш баррасӣ намудааст.[13, с. 75-76]

Доир ба масъалаҳои ҳуқуқ ба манзил истифодаи ин тарзи ҳимояи ҳуқуқ шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад. Дар таҷрибаи судӣ ҳам ҳолатҳои зиёд доир ба эътирофи соҳибмулкӣ, эътирофи аъзои оила хеле зиёд ба назар мерасад. Масъалаи асосҳои татбиқи эътирофи ҳуқуқ баҳснок аст. Моҳияти баҳс дар он аст, ки баъзе муаллифон (В.В. Семёнов) чунин мешуморанд, ки ин усул дар ҳолати бевосита вайрон кардани ҳуқуқҳо татбиқ намешавад.

Дигар олимон (А.А. Добровольский, [4, с. 123] С. Иванова, М.А. Рожкова) [14, с. 144] мавқеи баръаксро ишғол мекунанд. Аз як тараф, В.В. Семёнов истифодаи ин усули ҳифзи ҳуқуқро дар ҳолати вайронкунии бевоситаи ҳуқуқ рад мекунад, аз ҷониби дигар вай муҳокима мекунад, ки вазифаи асосии усули баррасишавандаи ҳифз мудофиа мебошад, зеро даъвоҳо дар бораи эътироф кардан пеш аз ҳама чун воситаи ҳифз амал мекунанд.

Дар ин ҷо саволи зерин ба миён меояд: агар ин усул вазифаи муҳофизатӣ дошта бошад, пас чаро ҳангоми вайронкунии бевоситаи ҳуқуқ, истифодаи он қобили қабул нест? Масалан, манзили як шахсро бо роҳи

тақаллуб ба номи дигар кас ҳуҷҷат намуданд. Ин вайронкунии мустақими ҳуқуқ ба манзил аст. Пеш аз ҳама ҳуқуқ ба моликиятро (манзилро) эътироф кардан лозим аст.

Бояд гуфт, ки дигар ҳуқуқҳои амволии соҳибмулк аз эътирофи ҳуқуқ вобаста аст. Ҳамин тариқ, эътирофи ҳуқуқ дар муносибатҳои гуногуни шартномавӣ ва ғайришартномавии марбут ба манзил истифода мешавад. Тарзи дигари хифзи ҳуқуқҳои манзилӣ ин барқарор намудани вазъияте, ки то вайронкунии ҳуқуқ вуҷуд дошт ва рафъи амалҳое мебошад, ки ҳуқуқро поймол мекунанд ва ё таҳдиди вайроншавии онро ба вуҷуд меоранд. Мақсади асосии ин тарзи ҳифзи ҳуқуқ, барқарории вазъи амволӣ дар ҳолати моддӣ (яъне барқарорсозӣ тавассути баргардонидани ҳамон молу мулке, ки шахси ҳуқуқдор як вақт аз даст додааст) мебошад.

Барқарор намудани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд, усулҳои мустақили ҳимоя мебошанд. Ҳангоми татбиқи чунин усули муҳофизат, ба монанди барқарор кардани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт, дар навбати аввал, мавҷудияти амале, ки боиси вайрон шудани ҳуқуқ гардида буд ва мавҷудияти чунин ҳуқуқ ба назар гирифта мешавад. Масалан, шахс хонаи ба иҷорадодаашро пеш аз қабул кардан талаб менамояд, ки хона ба ҳолати аввала барқарар карда шавад. Зеро, иҷоранишин ҳолати хонаро хароб кардааст. Мисоли дигар, шахс аз иҷоранишин талаб менамояд, ки дигар дар хонаи иҷоравӣ баъди соати 11 машғулиятҳои санъаткорӣ бо асбобҳои мусиқӣ баргузор накунад, зеро ин ҳамсояҳоро ноором карда истодааст.

Тарзи дигари ҳифзи ҳуқуқи маданӣ - пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд, мебошад, ки он тавассути манъи фаъолият, даст кашидан аз иҷрои шартнома, маҷбур кардани иҷрои шартнома ва ғайра анҷом дода шавад. Масалан, ҳангоми сохтмони хонаи бисёрошёна саҳмгузор ҳар моҳ тибқи шартнома 500 дол. ИМА ба сохтмончӣ пардохт мекард. Аммо, сохмтон тибқи нақша пеш намерафт. Аз ҳамин сабаб, саҳмгузор пардохти саҳмашро қатъ кард ва талаб кард, ки то ошёнае, ки дар он ҳуҷра тибқи шартнома ба ӯ дода мешавад, сохта нашавад, саҳмгузориро давом намедиҳад.

Бояд гуфт, ки истифодаи чунин усул, ба мисли пешгирӣ кардани кирдорҳои вайронкунандаи ҳуқуқ, дар ҳолати такрор ба такрор ва назаррас вайронкунии ҳуқуқ, татбиқаш самараи беҳтар мебахшад. Дар сурати як маротиба вайрон кардани ҳуқуқ ин усули ҳифз чандон самарабахш нест. Ин тарзи муҳофизат талаботи асосӣ дар байни онҳое мебошад, ки бо татбиқи муҷозоти молу мулкӣ алоқаманд нестанд ва ба андозаи зиёд имкон медиҳад, ки талафотро пешгирӣ кунад ё андозаи онҳоро кам кунад. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки ин усул ҳангоми ҳифзи ҳуқуқ ба манзил муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба ғайр аз ин, беэътибор донистани аҳдҳои мавриди баҳс ва истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани он, истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои беэътибор дар ҷараёни ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ нақши калон дорад. Дар суди ш. Ваҳдат даъвогар аз суд талаб кард, ки ҷавобгар ба ӯ қарз дод ва ҳуҷҷатҳои хонаашро гирифта, ба номи писараш расмӣ кардааст. Суд парвандаро баррасӣ карда, онро беэътибор ҳисоб кард ва даъвогарро уҳдадор кард, ки қарзро супорад, ҷавобгарро уҳдадор кард, ки ҳуҷҷатҳои хонаро ба соҳибаш баргардонад. Дар таҷрибаи судӣ масъалаи беэътибор донистани аҳдҳо вобаста ба манзил зиёд ба назар мерасад.

Тарзи навбатии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ба манзил муҳим аст, беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар мебошад. Ин тарзро дар баробари тарзи дигари хифзи ҳуқуқи субъектҳои муносибатҳои маданӣ - аз ҷониби суд татбиқ накардани санади мақомоти давлатӣ ё маҳаллии хокимияти давлатӣ, ки хилофи қонун мебошад, татбиқ кардан мумкин аст. Ин тарзҳо дар доираи татбиқи принсипи умумии қонуният ба амал бароварда мешаванд.

Ҳангоми татбиқи ин усул «танхҳо ду ҳолат муҳим аст: якум, ҳуқуқи поймолшуда бояд хусусияти маданӣ дошта бошад, дуюм, санади маъмурии марбут ба он аз ҷиҳати мувофиқати худ ба қонунгузории амалкунанда, ғайриқонунӣ бошад. Масалан, мақомоти маҳаллӣ қарор дар бораи додани қитъаи замини наздиҳавлигӣ додааст. Аммо, баъди ду сол боз ҳамин мақомот ин қарорро бекор кардааст. Дар давоми ду сол шахс сохтмони манзилро анҷом додааст. Шахс ҳуқуқ дорад ба суд барои беэътирбор донистани қарори дуюми мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намояд.

Худҳимоякунии ҳуқуқ яке аз чунин тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ мебошад, ки баҳсбарангез аст. Баъзе муаллифон [1, с. 166-167] бар он ақидаанд, ки чораҳои худҳимоявӣ он гоҳ муътабаранд, ки ҳуқуқвайронкунӣ пайдо шавад. Он чораҳои пешгирикунандае, ки соҳибмулк барои ҳимояи манфиатҳои қонунии худ аз нақзи эҳтимолӣ андешида метавонанд, наметавонанд худҳимояи ҳуқуқҳо ҳисобида шаванд. Дар ҳолати мушаххас ягон вайронкунии ҳуқуқ вуҷуд надошта бошад ва умуман маълум нест, ки ягон вақт аз ҷониби касе вайрон карда мешавад ё не, пас ин ҷо худмуҳофизатӣ мавҷуд буда наметавонад.

Аз ин рӯ, мо метавонем танҳо дар бораи чораҳои эҳтиётӣ, оддӣ ё махсус сухан гӯем (ин на ба дараҷаи воқеияти таҳдиди вайрон кардани ҳуқуқҳо оварда мерасонад). Бо ин хулоса розӣ шудан душвор аст. Байни чораҳои пешгирикунандае, ки шахси ваколатдор барои ҳифзи ҳуқуқи худ меандешад ва тадбирҳои хусусияти фаъоли мудофиавиро фарқ кардан лозим аст.

Худҳимоякунӣ, инчунин чораҳои пешгирикунандаро дар бар мегирад, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳо аз вайронкунии эҳтимолӣ нигаронида шудаанд. Масалан, барои дастрас шудан ба иттилооти хабаргузории “XXX» дар интернет, шумо бояд пароли инфиродӣ дошта бошед (он дар асоси маблағ дода мешавад). Ҷорӣ кардани чунин механизми техникӣ ба ҳифзи ҳуқуқи моликияти созмони расонаӣ нигаронида шудааст.

Истифодаи худҳимоякунӣ дар соҳаи муносибатҳои шартномавию ғайришартномавӣ низ баҳсталаб аст. Гурӯҳи якуми олимон чунин мешуморанд, ки худҳимоякунӣ амалест, ки танҳо барои дар муносибатҳои шартномавӣ ҳифз кардан нигаронида шудааст, гурӯҳи дуюми олимон истифода бурдани онро танҳо дар муносибатҳои ғайришартномавӣ имконпазир мешуморанд. Равиши сеюм дуи аввалро муттаҳид мекунад - худмуҳофизатӣ амалҳое мебошанд, ки ба ҳимоя аз вайронкунии ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар доираи муносибатҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ нигаронида шудаанд.

Ба андешаи С.Х. Наботов нуктаи назари охирин хеле оқилона менамояд. Одатан, ҳангоми баррасии ин усули ҳифз олимон ба масъалаи дифои зарурӣ ва зарурати фавкулодда аҳамият медиҳанд. [20, с. 244] Ба андешаи В.П. Грибанов «тадбирҳои воқеии ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби худи шахси ваколатдор бевосита бо ин ду ҳолат маҳдуд намешавад». [2, с. 124] Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки истифодаи худҳимоякунӣ ҳамеша дар муносибатҳои вобаста ба ҳуқуқ ба манзил муҳим мебошад.

Маҷбур намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл як тарзи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки ба ноил шудан ба иҷрои воқеии уҳдадориҳо нигаронида шудааст. Асоси барои истифодаи ин тарз иҷро накардан ё дуруст иҷро накардани уҳдадориҳо мебошад. Дар робита ба манзил истифодаи ин тарз имконпазир аст. Масалан, сохмтончӣ хонаро сохтааст, аммо дар баъзе ҳолатҳо аз нақшаи лоиҳа берун баромадааст.

Бинобар ин, соҳиби хона метавонад сохмтончиро ба ҷавобгарии маданӣ кашида, тавассути суд ӯро маҷбур намояд, ки уҳдадориашро дар шакли асл ва бо таври дахлдор иҷро намояд. Агар сохмтончӣ хонаро умуман намесохт, пас ҷарима ва ноустуворона ситонида, ӯро барои сохтани хона аз рӯйи лоиҳа маҷбур намудан зарур нест.

Тарзи дигаре, ки васеъ истифода мешавад руёнидани ҷуброни зиён мебошад. Шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон гардидааст, агар дар қонун ё шартнома рӯёнидани зиён ба андозаи камтар пешбинӣ нашуда бошад, метавонад ҷуброни пурраи зиёни ба ӯ

расонидашударо талаб намояд. Зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани амволи ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта).

Агар шахси вайронкардаи ҳуқуқ дар натиҷаи ин даромад ба даст оварда бошад, шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон гардидааст, ҳуқуқ дорад дар баробари зиёни дигар рӯёнидани фоидаи аздастрафтаро ба андозаи на камтар аз чунин даромад талаб намояд.

Ин тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ на танҳо дар муносибатҳои ғайришартномавӣ, балки дар муносибатҳои шартномавӣ низ хеле васеъ истифода мешавад. Мақсади ин тарз ҷуброни зарари кредитор аз ҳисоби амволи ҳуқуқвайронкунанда мебошад. Ҳангоми баррасии ин масъала ба зарари воқеӣ ва фоидаи аздастрафта, ки бояд ба зарардида ҷуброн карда шавад, диққат дода мешавад. Зарар дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои манзилӣ одатан дар шакли зарари воқеӣ ва фоидаи аз дастрафта рӯёнида мешавад. Ҳангоми талаб кардани ҷуброни зиён ҷабрдида бояд на танҳо далели вайрон кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва расонидани зарарро исбот намояд, балки андозаи онҳо, робитаи сабабӣ байни амали вайронкунанда ва зиён, инчунин гуноҳи ҳуқуқвайронкунандаро низ ба исбот расонад.

Ҳамин тавр, рӯёнидани ҷуброни зиён яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ буда, он дар доираи муносибатҳои шартномавию ғайришартномавӣ ҳангоми сохтан ва истифодаи манзил истифода мешавад.

Тарзи дигари ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ рӯёнидани ноустуворона мебошад, ки он ҳангоми муносибатҳои шартномавӣ татбиқ мешавад. Ноустуворона ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ (моддаи 11 Кодекси мадании ҶТ), ҳамчун воситаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо (моддаи 381 Кодекси мадании ҶТ) ба ҳисоб меравад. Дар ҳар ду маврид ҳам бо муносибатҳои шартномавӣ алоқаманд аст ва дар муносибатҳои шартномавӣ истифода бурдани он барои ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ комилан имконнопазир аст.

Ҷуброни зарари маънавӣ тарзи дигари ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ мебошад. Онро дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқи манзилӣ метавонанд истифода баранд. Масалан, ҳангоме, ки ҳамсоя хонаи ҳамсояашро зери об гузошт, як муддат хонааш то таъмир тамом шудан бетартиб буд, даъвогар ҳам талаби таъмир намудан ва талаби ҷуброни зарари маънавӣ, ки ҳангоми таъмир асаби вай хароб шуда буд, талаб намуд.

Тарзи дигари муассири ҳимоя ин қатъ ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ин тарз аксар вақт дар муносибатҳои шартномавӣ истифода мешавад. Дар боби 31 Кодекси мадании ҶТ якчанд меъёрҳо муқаррар гардидаанд, ки бевосита имконияти тағйир додан ва қатъи шартномаро пешбинӣ менамоянд.

Қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳадафи асосӣ нест, балки пеш аз ҳама ба бартараф намудани ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҳифзи манфиатҳои молумулкии зарардида, риояи тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин минбаъд пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда нигаронида шудааст. Ин тарзи ҳимоя дар доираи муносибатҳои ҳуқуқ ба манзил, махсусан, ҳангоми иҷро нагардидани уҳдадориҳои пулӣ хеле зиёд истифода мешавад. Масалан, сари вақт напардохтани пули иҷора. Ин тарз одатан дар якҷоягӣ бо тарзҳои дигар - ҷуброни зиён, пешгирӣ кардани амалҳое, ки ҳуқуқҳоро вайрон мекунанд ё таҳдиди вайрон кардани ин ҳуқуқҳоро доранд ва ғайра истифода мешаванд. Инчунин, дар моддаи 11 Кодекси маданӣ «дигар тарзҳои пешбининамудаи қонун» нишон дода шудааст.

Бо дарназардошти таҳлилҳои мазкур зарур шуморида мешавад, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ба манзил дар муқаррароти Кодекси манзили ҶТ, махсусан бо илова намудан моддаи $6^1$, ки дар баргирандаи шаклҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил мебошад, бевосита пешбинӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиётҳо шаклҳои ҳифзи ҳуқуқ ё худ механизмҳои

миллии ҳимояи ҳуқуқро таснифҳои гуногун медиҳанд. Аксар муҳаққиқон онро ба се гурӯҳ: судӣ; ғайрисудӣ; ҷамъиятӣ (ғайридавлатӣ) ҷудо менамоянд. [8] Дар адабиёти соҳавӣ вобаста ба ҳуқуқ ба манзил бошад, 3 шакли зерини ҳифзи ҳуқуқ ба манзилро ҷудо менамоянд: худмуҳофизатӣ; ҳимояи ҳуқуқ тавассути мақомоти давлатӣ; ҳимояи ҳуқуқи манзилӣ тавассути суд. [19, с. 239-240] Дигар муаллифон, ду шакли асосии ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро: худҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳо тавассути муроҷиат ба мақоми ваколатдор, ки ин ҳимояи ҳуқуқӣ мебошад, ҷудо намуда, тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро ба судӣ ва маъмурӣ ҷудо менамоянд.[6, с. 98]

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, бо дарназардошти самти амалигардонии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва субъектҳои дахлдор механизмҳои ҳимояи онро метавон ба чор гурӯҳи калон ҷудо намуд:

а) худмуҳофизатӣ;

б) механизмҳои судии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил (низоми судии ҶТ, ки дар қисми дуюми моддаи 84-и Конститутсия дарҷ ёфтаанд);

в) механизмҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил (Президенти ҶТ, мақомоти прокуратура, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ғ.);

г) механизмҳои ҷамъиятии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил (ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, иттифоқҳои касаба ва ғ.).

Ба андешаи А.А. Жуков «ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти умумии мақомоти ваколатдорро, ки ба пешгирии вайронкунии ҳуқуқ дар соҳаи манзил равона карда шудаанд, дар бар мегирад. Ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти мақомоти маҳдудтари давлатӣ, инчунин худи субъектро нисбат ба дорандаи ҳуқуқ, ки ба барқарор намудани ҳуқуқи аллакай вайроншуда нигаронида шудааст, дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, ҳифз мафҳуми васеътар аз ҳимоя мебошад».[6, с. 98]

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С.**

## СПОСОБЫ И МЕТОДЫ ЗАЩИТЫ ПРАВА НА ЖИЛИЩЕ

***Ключевые слова:*** Конституция; международные правовые документы; жилищное законодательство; гражданское законодательство; права человека; жилья; неприкосновенность жилища; правовые основы; подзаконные нормативные правовые акты.

***Аннотация.*** В данной статье рассматриваются вопросы способов и методов защиты права на жилище, а также анализируются различные направления данного правового явления. Стоит отметить, что одним из ключевых аспектов права на жилище являются способы и методы защиты права на жилище, которое является важным средством обеспечения и реализации этого конституционного права человека. Автор, опираясь на научно обоснованные данные и обращаясь к научным трудам отечественных и зарубежных ученых, постарался подвергнуть всестороннему анализу и изучению различные аспекты данного вопроса. Также, по мнению автора, способы и методы защиты права на жилище дают осмысленное выражение взаимосвязанным понятиям и определяют, какими средствами это право должно быть защищено. В научных теориях точки зрения ученых на термины «защита прав человека» и «защита прав человека» различны, и такие точки зрения влияют на обеспечение права человека на жилище.

***Джумахони Саидшои Латифзода* -** ассистент кафедры правоведения факультета истории, права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. *E-mail:* Jumakhon@mail.ru, Тел.: 985-90-50-81;

## WAYS AND METHODS OF PROTECTING THE RIGHT TO HOUSING

***Key words:*** Constitution, international legal documents, housing legislation, civil legislation, human rights, housing, inviolability of the home, legal framework, by-laws.

***Annotation.*** This article examines the issues of ways and methods of protecting the right to housing, and also analyzes various areas of this legal phenomenon. It is worth noting that one of the key aspects of the right to housing is the ways and methods of protecting the right to housing, which is an important means of ensuring and implementing this constitutional human right. The author, relying on scientifically substantiated data and referring to the scientific works of domestic and foreign scientists, tried to subject various aspects of this issue to a comprehensive analysis and study. Also, in the author's opinion, the ways and methods of protecting the right to housing give a meaningful expression to interrelated concepts and determine the means by which this right should be protected. In scientific theories, the points of view of scientists on the terms "protection of human rights" and "protection of human rights" are different, and such points of view affect the provision of the human right to housing.

***Jumakhoni Saidshoi Latifzoda*** - Assistant at the of Law Department, Faculty history, law and international relations Kulyab State University named after A. Rudaki. E-mail: Jumakhon@mail.ru, Tel.: 985-90-50-81;

**Руйхати адабиёт:**

1. Андрюшин А.Г. Моликияти зеҳнӣ ва усулҳои ҳуқуқии шаҳрвандии ҳимояи он: дисс. ... н.и.ҳ. Волгоград, соли 2006;
2. Грибанов В.П. Амалӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ: монография / В. П. Грибанов. Нашри дуюм. Москва: СТАТУТ, 2020;
3. Диноршоев А. М. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, соли 2014;
4. Добровинский А.А. Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангии рушди тамаддун: дисс. ... н.и.ҳ.: Коломна, 2001;
5. Кодекси манзили Федератсияи Русия аз 29.12.2004 N 188-ФЗ (ред. аз 22.04.2024, бо изм. аз 25.04.2024) (бо изм. ва илова, муқаддима. аз 01.07.2024) // [ресурси Электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: LL: https: //www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51057/98db6ae0635757 edd28024b0a4982654bc81680e/ (санаи муроҷиат: 26.02.2024);
6. Жуков А.А., Коптев Г.С. Ҳимояи ҳуқуқи манзил // – 2022;
7. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе: «Эҷод», 2007;
8. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе: «Эҷод», 2007; Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2014. – С. 40; Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 76; Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дисс. … номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2022;
9. Искандаров Ш.Ф. Ташаккул ва рушди институтҳои махсуси давлатии ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: дис… н.и.ҳ. Душанбе, соли 2018;
10. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.02.2024);
11. Кодекси манзили ҶТ аз 18 марти соли 2022, № 1852 (моддаи 18) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.02.2024);
12. Матузов Н.И. Правовая система и личность. – Саратов, 1987;
13. Менглиев Ш. М., Ҳимояи ҳуқуқи натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ бо изҳорот // ҳокимияти давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таърих ва замони муосир / Зери таҳрири Ф.Т. Таҳиров, М.А. Маҳмудов, Р.Х. Зойиров. Душанбе, 1992;

14. Рожкова М.А. Далелҳои ҳуқуқии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва мурофиавӣ: мувофиқаҳо дар бораи ҳимояи ҳуқуқ ва созишномаҳои мурофиавӣ. М., 2009;
15. Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дисс. … номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2022;
16. Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дисс. … номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2022;
17. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ: нашри чорум // Зери таҳрири академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҳмудзода М.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф». – 2022– С. 641;
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд) / дар зери таҳрири Сайфиддин Н., Аҳмадҷон С., Саид К., Мирзо Ҳ.С. Ҷилди I: А-Н. – Душанбе, 2008;
19. Ҳуқуқи манзили ҶТ: воситаи таълимӣ / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ Раҳимзода М.З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Меликов У.А. – Душанбе: ҶДММ “Мастер Принт”, 2022;
20. Ҳуқуқи манзили ҶТ: воситаи таълимӣ / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ Раҳимзода М.З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Меликов У.А. – Душанбе: ҶДММ “Мастер Принт”, 2022;
21. Элназаров Д.Х. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя мекунад: масъалаҳои назария ва амалия: дис. ... д.и.ҳ. Душанбе, 2019;

**Список литературы:**

1. Андрюшин А.Г. Интеллектуальная собственность и гражданско-правовые способы ее защиты: дисс. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006;
2. Грибанов В.П. Осуществление и защита гражданских прав: монография / В. П. Грибанов. – 2-е изд. – Москва: «СТАТУТ», 2020;
3. Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2014;
4. Добровинский А.А. Право, как социокультурное явление развития цивилизации: дисс. … канд. юрид. наук: – Коломна, 2001;
5. Жилищный кодекс Российской Федерации от 29.12.2004 N 188-ФЗ (ред. от 22.04.2024, с изм. от 25.04.2024) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.07.2024) // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51057/98db6ae0635757edd28024b0a4982654bc81680e/ (дата обращение: 26.02.2024);
6. Жуков А.А., Коптев Г.С. Защита жилищных прав // – 2022;
7. Искандаров З.Х. Права человека и национальные механизмы их защиты. - Душанбе: «Созидание", 2007;
8. Искандаров З.Х. Права человека и национальные механизмы их защиты. - Душанбе: "Созидание", 2007; Диноршоев А.М. Механизм защиты прав человека в Республике Таджикистан - Душанбе, 2014. – С. 40; Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. канд канд. юрид. науч. - Душанбе, 2018. – С. 76; Сафарзода Н.Ф. Право на здоровье: теоретические и практические вопросы: дисс. ном имя. наука. верно. - Душанбе, 2022;
9. Ш. Искандаров.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. канд канд. юрид. науч. - Душанбе, 2018;

10. Культурный кодекс РТ от 24 декабря 2022 года, 1918 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «правосудие». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 26.02.2024);

11. Жилищный кодекс РТ от 18 марта 2022 года, № 1852 (статья 18) // централизованная информационно-правовая база данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 26.02.2024);

12. Матузов Н.И. Правовая система и личность. - Саратов, 1987;

13. Менглиев Ш.М., Защита заявлением права результатов творческой деятельности // Государственная власть и защита права личности в Республике Таджикистан: История и современность / Отв.ред. Ф.Т. Тахиров, М.А.Махмудов, Р.Х.Зойиров. - Душанбе, 1992;

14. Рожкова М.А. Юридические факты гражданского и процессуального права: согласования о защите прав и процессуальных соглашений. – М., 2009;

15. Сафарзода Н.Ф. Право на здоровье: теоретические и практические вопросы: дисс. ном имя. наука. верно. - Душанбе, 2022;

16. Сафарзода Н.Ф. Право на здоровье: теоретические и практические вопросы: дисс. ном имя. наука. верно. - Душанбе, 2022;

17. Словарь юридических терминов: четвертое издание// под редакцией академика Национальной академии наук Республики Таджикистан д.ю.н. профессор Махмудзода М.А. Директор Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан Саидзода. И.Х. - Душанбе: «Мехродж-граф». 2022. – С. 641;

18. В этом аяте Всевышний Аллах поведал о том, что произошло между двумя народами: курайшитами, курайшитами, курайшитами, курайшитами и курайшитами., Ахмадж С., Саид К., Мирза Х.С. Том I: А-Н. - Душанбе, 2008; 19. Жилищное право РТ: учебное пособие / под редакцией доктора юридических наук, профессора, члена-корреспондента Амита Рахимзода М.З. доктор юридических наук, профессор Меликов У.А. - Душанбе: ООО " Мастер Принт”, 2022;

20. Жилищное право РТ: учебное пособие / под редакцией доктора юридических наук, профессора, члена-корреспондента Амита Рахимзода М.З. доктор юридических наук, профессор Меликов У.А. - Душанбе: ООО " Мастер Принт”, 2022;

21. Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защищает право и свободу человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: дис. ... д-ра юрид. науч. - Душанбе, 2019;

**List of literatures:**

1. Andryushin A.G. Intellectual property and civil law methods of its protection: dissertation of the cand. jurid. sciences'. – Volgograd, 2006;

2. Gribanov V.P. Implementation and protection of civil rights: a monograph / V. P. Gribanov. – 2nd ed. – Moscow: "STATUTE", 2020;

3. Dinorshoev A.M. Mechanisms for the protection of human rights in the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2014;

4. Dobrovinsky A.A. Law as a socio-cultural phenomenon of the development of civilization: dissertation. ... kand. jurid. Sciences: Kolomna, 2001;

5. Housing Code of the Russian Federation of 29.12.2004 N 188-FZ (as amended on 22.04.2024, as amended. dated 04/25/2024) (with amendments and additions, intro. effective from 07/01/2024) // [Electronic resource]. Access mode: URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51057/98db6ae0635757edd28024b0a4982654bc81680e / (date of request: 02/26/2024);

6. Zhukov A.A., Koptev G.S. Protection of housing rights // – 2022;

7. Iskandarov Z.H. Human rights and national mechanisms for their protection. - Dushanbe: "Creation", 2007;

8. Iskandarov Z.H. Human rights and national mechanisms for their protection. - Dushanbe: "Creation", 2007; Dinorshoev A.M. Mechanism for the protection of human rights in the Republic of Tajikistan - Dushanbe, 2014. – p. 40; Iskandarov S.F. The formation and development of specialized state human rights institutions for human rights in Tajikistan: dissertation of the cand. jurid. scientific. Dushanbe, 2018, p. 76; Safarzoda N.F. The right to health: theoretical and practical issues: dissertation. your name. science. right. - Dushanbe, 2022;

9. Sh. Iskandarov.F. The formation and development of specialized state human rights institutions for human rights in Tajikistan: dissertation of the cand. jurid. scientific. - Dushanbe, 2018;

10. Cultural Code of the Republic of Tatarstan dated December 24, 2022, 1918 // Centralized information and legal database of the Republic of Tatarstan "justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 02/26/2024);

11. Housing Code of the Republic of Tatarstan dated March 18, 2022, No. 1852 (Article 18) // Centralized information and legal database of the Republic of Tatarstan "justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 02/26/2024);

12. Matuzov N.I. The legal system and personality. - Saratov, 1987;

13. Mengliev S.M., Protection of the results of creative activity by a statement of law // State power and protection of individual rights in the Republic of Tajikistan: History and Modernity / Ed. by F.T. Takhirov, M.A.Makhmudov, R.H.Zoyirov. - Dushanbe, 1992;

14. Rozhkova M.A. Legal facts of civil and procedural law: agreements on the protection of rights and procedural agreements. Moscow, 2009;

15. Safarzoda N.F. The right to health: theoretical and practical issues: dissertation. your name. science. right. - Dushanbe, 2022;

16. Safarzoda N.F. The right to health: theoretical and practical issues: dissertation. your name. science. right. - Dushanbe, 2022;

17. Dictionary of Legal Terms: fourth edition// edited by Academician of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Professor Makhmudzoda M.A. Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan Saidzoda I.H. - Dushanbe: "Mehroj-graf". 2022. – p. 641;

18. In this verse, Allah Almighty narrated what happened between the two peoples: The Quraysh, the Quraysh, the Quraysh, the Quraysh and the Quraysh., Ahmaj S., Said K., Mirza H.S. Volume I: A-N. - Dushanbe, 2008;

19. Housing Law RT: textbook / edited by Doctor of Law, Professor, Corresponding Member Amit Rahimzoda M.Z. Doctor of Law, Professor Melikov U.A. - Dushanbe: Master Print LLC, 2022;

20. Housing law of the Republic of Tatarstan: a textbook / edited by Doctor of Law, Professor, Corresponding member Amit Rahimzoda M.Z. Doctor of Law, Professor Melikov U.A. - Dushanbe: Master Print LLC, 2022;

21. Elnazarov D.H. Constitutional and legal regulation protects the right and freedom of man and citizen in the Republic of Tajikistan: issues of theory and practice: dis. ... Dr. jurid. scientific. - Dushanbe, 2019;



**ТДУ: 34.01**

**Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail:* *jkomron11@mail.ru*
*Тел.:(+992) 785-00-01-01.*

## ТЕХНИКАИ ҚОНУНГУЗОРӢ: МАФҲУМ, ХУСУСИЯТ ВА УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ОН

***Калидвожаҳо***: техникаи ҳуқуқӣ; техникаи қонунгузорӣ; техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ; унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ; мафҳум ва хусусиятҳои техникаи қонунгузорӣ; фаъолияти қонунгузорӣ; субъекти қонунгузор; санадҳои қонунгузорӣ; мураттабсозӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

***Аннотатсия***: Дар мақола масоили вобаста ба муайян намудани унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ, татбиқи унсурҳои техникаи қонунгузорӣ ва хусусиятҳои онҳо дар фаъолияти қонунгузорӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ, муайян намудани нақш ва вазифаи унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ, андешаи олимон вобаста ба қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии техникаи қонунгузорӣ: мафҳум, хусусият ва унсурҳои такибии он дар низоми қоидаҳои умумитехники ҳуқуқӣ, инчунин алоқамандии техникаи қонунгузорӣ бо техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Техникаи қонунгузорӣ ин маҷмуи қоидаҳо ва усулҳо дар ҷараёни эҷоди қонун буда, дорои хусусият ва унсурҳои ба худ хос мебошад. Тавре фаъолияти қонунгузорӣ собит менамояд, тавассути техникаи қонунгузорӣ талаботи ҳаёти ҷомеа, зарурати танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ниёзи ҷомеа муайян карда мешавад. Бо ин мақсад, ҷиҳати мутобиқ гардонии санадҳои қонунгузорӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо дар ҷараёни танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, техникаи қонунгузорӣ ва унсурҳои таркибии он дар раванди фаъолияти қонунгузорӣ аҳаммияти махсус касб менамоянд.

Фаъолияти қонунгузорӣ дар умум маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки бевосита ба фаъолияти расмии мақоми қонунгузор мансуб аст. Қонунгузорӣ аз донишҳои махусуи ҳуқуқӣ аз қабили техникаи ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи таҳияи лоиҳаи санади қонунгузорӣ, техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ, техникаи тафсир, техникаи боздошт ва қатъи амалӣ санадҳои қонунгузорӣ ва ғайра иборат буда, бе донистани онҳо фаъолияти қонунгузорӣ имконнопазир мегардад. Донистан ва дар фаъолияти қонунгузорӣ дуруст истифода намудани талаботи техникаҳои мазкур кафолати сифати қонун ва татбиқи самаранокии он дар ҷомеа буда, ин ҳолат масъалаҳои ҳуқуқии ташкили дурусти раванди тағйирдиҳии меъёрҳои санадҳои қонунгузориро мубрам менамояд. Бо ин мақсад, мақоми олии қонунгузории кишвар бояд ба сифат ва ҳолати амали қонунҳое, ки тағйирталаб мегарданд, эътибори ҷиддӣ диҳад.

Дар ин росто, риояи мафҳум, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ ҷиҳати мутобиқ гардонидани санадҳои қонунгузорӣ барои танзими муносибатҳои нави дар ҷомеа ба миёномада, аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд. Тавре, Э.С. Насриддинзода қайд менамояд, давлатҳое, ки имрӯз худро ба ҳайси давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд муаррифӣ менамояд, бидуни эътирофи ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва кафолат додани онҳо дар сатҳи қонуни асосии давлат, наметавонад дар миқиёси ҷаҳон мавқеъ ва манзалати худро пайдо кунад [9]. Бинобар он,

парлумони кишварро зарур аст, ки сари масъалаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла оид ба талаботи унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ ва хусусиятҳои онҳо диққати махсус зоҳир намояд.

Сазовор ба қайд аст, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мафҳум, хусусият ва унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ андешаи олимон гуногун баназар мерасад. Масалан, як гурӯҳ аз олимон техникаи ҳуқуқэҷокуниро сарфи назар аз баъзе тафовутҳо аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ нисбат ба техникаи қонунгузорӣ васеъ меҳисобанд. Аз ҷумла, Р. Иеринг чунин мешуморад, ки техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин маҷмуи восита, усулҳо, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад [2] . Дар фаҳмиши В.Д. Перевалов техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин маҷмӯи қоидаҳо, воситаҳо ва усулҳои коркард, барасмиятдарорӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади возеҳӣ, амиқӣ ва самарабахшӣ мебошад [11]. Ба андешаи Т.В. Кашанина техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин тарзу усулҳои барасмиятдарории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад [4]. B.C. Нерсесянса бошад, қайд менамояд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти мақомоти давлатист, ки барои эҷоди меъёри ҳуқуқ ва ташаккулёбии он дар шакли тағйирдиҳӣ ва бекор намудан равона шудааст [10]. Ба андешаи мутахассисон қисман розӣ буда, тазаккур бояд дод, ки техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои таҳияи қисматҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, яъне қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Аммо дар ҳолати қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ функсияи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом мерасад. Вале бо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ мо гуфта наметавонем, ки қонунгузорӣ пурра тартиб дода шудааст, чунки дар ҷамъият муносибатҳои нав ба вуҷуд меоянд ва барои танзими ин муносибатҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии вуҷуд доранд, лекин дарёфт кардани санади меъёрии ҳуқуқие, ки барои танзими муносибати нави ҷамъиятӣ лозим аст, муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, зарурати ба низом даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳо ба миён меояд, ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ аз ҷониби субъектони қонунгузор амалӣ карда мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқони дигар, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибии техникаи қонунгузориро ташкил медиҳад. Масалан, В.Ф. Калина қайд мекунад, ки қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ метавонанд ба сифати меъёрӣ-анъанавӣ, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи қонунгузорӣ риоя карда шаванд. Дар навбати худ техникаи ҳуқуқӣ маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои тамоми фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла восита ва усулҳои техникаи қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва техникаи тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад [5]. Б.В. Чигидин қоидаҳои расмӣ, забонӣ, мантиқӣ ва гнесологии техникаи қонунгузориро фарқ мегузорад [14]. Ба андешаи мутахассисон розӣ буда, илова менамоем, ки техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми васеъ дошта, дар худ дар баробари техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ, техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо, мураттабсозӣ, тафсир, мавриди амал қарор додан, боздошт ва қатъи амали санадҳои қонунгузориро низ дар бар гирифта, инчунин омехта кардани унсурҳои таркибии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо техникаи қонунгузорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хавфи шарҳи номувофиқатии онҳоро дар ҷараёни фаъолияти қонунгузорӣ ба миён меорад.

Маврид ба зикр аст, ки масъалаи бартараф намудани мухолифат байни техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сифати қонунҳои амалкунанда дар шароити имрӯза, яке аз самтҳои асосии сиёсати фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Иҷрои босифати ин самти сиёсати қонунгузорӣ дар умум вобасгагӣ дорад бо маҷмӯи тарзу усулҳои хосаи коркард ва таҳияи санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ бо риояи расмиёту пайдарҳамии амалкардҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамагӣ тобеи падидаи техникаи

қонунгузорӣ мебошанд. Ба андешаи З.М. Ализода мухолифат миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масълаи нав набуда, он ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст [1]. Бо ин мақсад, қонуне сифатнок эътироф карда мешавад, ки агар он ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад ва муносибатҳои ҷамъиятиро воқеан бо назардошти мақсаде, ки ҳангоми нашри он дар назар гузошта шуда буд, ба танзим дарорад. Вобаста ба сатҳу сифати қонун М.З. Раҳимзода дидгоҳи дигареро пешниҳод менамояд: сифати қонун гуфта, маҷмӯи хусусиятҳои хоси ба қонун дахлдоштаро меноманд, ки дар сурати дар матни он пурра ҷой доштани ҳамаи он хусусиятҳо кафолати амалӣ шудани қонун таъмин мегардад [12]. Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода яке аз мушкилоти муҳимми сифати қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони қонунҳои ҷумҳурӣ ворид шудани теъдоди зиёди калимаю истилоҳоти арабӣ мебошад [13]. Қайд намудан ба маврид аст, ки қонун ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, бояд дорои мазмуни бой, аз лиҳози забонӣ саҳеҳ ва дар матни он қоидаҳои граматикӣ, услубӣ ва мантиқӣ риоя карда шавад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки татбиқи дурусти қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ ва хусусиятҳои унсурҳои таркибии он дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои иловагии такмили ин падидаи ҳуқуқӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, гувоҳи он мебошад, ки давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самаранокии сифати санадҳои қонунгузорӣ манфиатдор мебошад. Зеро тавассути қонунгузорӣ сиёсати пешгирифтаи давлат, марому мақсади ҳокимияти давлатӣ ва шоҳроҳи рушди давлатдорӣ, ки Конститутсия тавассути раъйи халқ муқаррар кардааст, амалӣ мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мафҳуми техникаи қонунгузорӣ дар низоми ҳуқуқии давраи шуравӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин давра, дар доктринаи шуравӣ ба масъалаҳои техникаи қонунгузорӣ таваҷҷуҳ бештар дода мешуд. Тасдиқи ин гуфтаҳо ба он ифода меёбад, масалан, ба андешаи Г.И. Муромсев мушкилот оид ба шарҳи нопурраи мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ дар замони шуравӣ дар он буд, ки таваҷҷуҳ танҳо ба техникаи қонунгузорӣ дода мешуд [8]. Ин тамоюл сабаби шарҳи гуногуни мафҳумҳои техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи қонунгузорӣ гардидааст. С.С. Алексеев таърифи техникаи ҳуқуқиро ҳамчун маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои мувофиқи қоидаҳои қабулшуда оид ба коркард ва мураттабсозии санадҳои ҳуқуқӣ (меъёрӣ), ки барои таъмини рушди онҳо истифода мешаванд, муқаррар намудааст [2]. Т.В. Кашанина бошад, техникаи ҳуқуқиро ба се шакл ифода кардааст: а) воситаю усулҳои ғайримоддии характери техникӣ дошта; б) қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, ки дар меъёрҳои техникӣ-ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд; в) таҷассум ёфтани техникаи ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун шакли зоҳирии ҳуқуқ [4]. Ба ибораи В.Д. Перевалов техникаи ҳуқуқӣ-маҷмӯи қоидаҳо, воситаҳо ва усулҳои коркард, барасмиятдарорӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад [11]. А.А. Мусаткина қайд менамояд, ки техникаи ҳуқуқӣ ин низоми воситаҳо, қоидаҳо ва усулҳои тайёрӣ ва танзими санадҳои ҳуқуқие, ки ба мақсади таъмини камолот ва афзоиши самаранокӣ нигаронида шудааст, мебошад [7]. Муаллифон дар бисёр ҳолат мафҳуми техникаи ҳуқуқиро дар шакли санади меъёрии ҳуқуқӣ маънидод намудаанд. Маврид ба зикр аст, ки техникаи ҳуқуқӣ механизми асосии танзимнамоии муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, на танҳо дар танзимнамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифтифода мегардад, балки дар умум фаъолияти ҳуқуқиро батанзим медарорад.

Сарфи назар аз бархӯрдҳои зиёд ба мафҳум ва унсурҳои техникаи қонунгузорӣ ҷиҳатти рушди он ва беҳдошти фаъолияти қонунгузорӣ зарурат ба миён омадааст, ки ба ҷуз аз мавқеъҳо ва назарияҳои пешниҳодшуда баъзе таклифҳо ҷиҳати рушди қонунгузории ватанӣ баён намоям. Оид ба рушди ҳуқуқэҷодкунӣ ва дар ин васила ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ пешниҳод менамоям, ки мафҳум, хусусият ва унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ аз техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда шаванд:

1. Техникаи ҳуқуқиро аз рӯйи сохтори дохилӣ ва унсурҳои таркибиаш ба се қисм

ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва мувофиқи мақсаду қисматҳои мундариҷаи худ фарқ мекунанд:

а) қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ;

б) қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ;

в) қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ.

- техникаи ҳуқуқӣ низоми қоидаҳо, усулҳо, воситаҳо оид ба коркард, барасмиятдарорӣ, интишор, мураттабсозӣ, шарҳ ва татбиқи санадҳо-ҳуҷҷатҳо бо мақсади такмили низоми амалкунандаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, самарабахшӣ ва пешгӯии он маънидод карда мешавад;

- техникаи қонунгузорӣ ин маҷмӯи қоидаҳо оид ба таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо, мурратабсозӣ, мавриди амал қарор додан, интишор, тафсир, боздоштан ва қатъи амали санадҳои қонунгузорӣ;

- техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ он қоидаҳое, ки ҳангоми таҳия, пешниҳод, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (санадҳои зерқонунӣ, ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ) амалӣ мегардад.

2. Техникаи қонунгузорӣ унсури таркибии техникаи ҳуқуқӣ буда, бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ зич алоқаманд мебошад, ки якдигарро дар фаъолияти қонунгузорӣ пурра мегардонанд. Аммо техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми васеъ буда, дар низоми худ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи таҳия, техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, интишор, мавриди амал қарор додан, тафсир, боздошт ва қатъи амали санадҳои қонунгузориро дар бар мегирад.

3. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз унсурҳои таркибии техникаи ҳуқуқӣ буда, ҷиҳати рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ дар маҷмӯъ ҳам барои коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам барои омодасозии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии дар алоҳидагӣ равона гардидааст. Аз ин хотир, табиати техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ вобаста ба шаклхои ишорашуда имкони тафовут ва вижагиҳоро доро мебошанд, аммо аз назари умумӣ онҳо ба принсипу арзишҳои меҳварие такя менамоянд, ки дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, дар маҷмӯъ ҳангоми қабу ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ функсияи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом мерасад. Аз ин лиҳоз, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ буда, ҷиҳати ҳамоҳангсозии техникаи қонунгузорӣ ба илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат менамояд.

Техникаи қонунгузориро бо чунин хусусиятҳояш метавонем аз дигар унсурҳои техникаи ҳуқуқӣ ҷудо намоем:

а) қоидаҳо оид ба шакли зоҳирии санадҳои қонунгузорӣ (ном ва мавзуи танзими он) – қоидаҳои мазкур ин талабот оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ ва усулҳо дар ҷараёни банақшагирӣ ва таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ бо мақсади муайян намудани таъсири танзимкунии он дар самти муайян мебошад;

б) вобастагии санадҳои қонунгузорӣ бо мазмуни умумӣ – санадҳои қонунгузорӣ мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода ва мазмуни меъёрҳо бо номи санадҳои қонунгузорӣ бояд мутобиқ бошанд;

в) пайдарҳамии мантиқии баён дар санадҳои қонунгузорӣ – ҳангоми таҳия намудани матни санади қонунгузорӣ сониян қоидаҳои умумӣ ва баъдан қоидаҳои махсус ҷойгир карда мешаванд;

г) набудани мухолифати дохилӣ дар матни санадҳои қонунгузорӣ –мазмуни матни моддаҳо, қисмҳо, бандҳо, зербандҳо ва сархатҳо дар дигар моддаҳо, қисмҳо, бандҳо, зербандҳо ва сархатҳо набояд такроран баён карда шаванд;

ғ) оммафаҳм ва аниқии баёни меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ –мафҳум ва истилоҳоти дар матни санадҳои қонунгузорӣ истифодашаванда бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода, ҳамон як истилоҳ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад;

д) дақиқӣ ва аниқии баёни истилоҳи дар санадҳои қонунгузорӣ истифодашаванда – номи санадҳои қонунгузорӣ ва қисмҳои таркибии он бояд возеҳу мухтасар, фаҳмо ва мазмуни асосии онро дақиқ ифода намояд;

е) қоидаҳои забонӣ – матни санадҳои қонунгузорӣ ба забони давлатӣ қабул гардида,

дар он қоидаҳои услуби расмии забони адабӣ, содда ва равону фаҳмо истифода карда шавад;

ё) қоидаҳои услубӣ – матни санадҳои қонунгузорӣ бо услуби расмии забони давлатӣ таҳия гардида дар он истифодаи забони гуфтугӯи халқӣ, ифодаҳои маҷозӣ ва пуробуранг манъ аст;

ж) қоидаҳои мантиқӣ – мазмуни меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ бояд мушаххас ва дар замони ҳозира қабул гардида, бештар дар шакли тасдиқӣ баён карда шаванд;

з) қоидаҳои расмӣ – дар қисмати хотимавии матни санадҳои қонунгузорӣ тартиби мавриди амал қарор додан он расман баён карда шавад.

Мушкилоти дигае, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ ба мушоҳида мерасад, ин дуруст татбиқ нагардидани унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Зеро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба техникаи қонунгузорӣ меъёри муайян муқаррар нашудааст, танҳо ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боби 5 техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ [6] бахшида шудааст, ки дар он унсурҳои техникаи қонунгузорӣ бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ омехта гардида, мавқеи онҳо номуайян мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бо мақсади рушди қонунгузорӣ, ҷиҳати пурра намудани норасоӣ дар қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани санадҳои қонунгузории кишвар ба талаботи техникаи қонунгузорӣ зарурати дар алоҳидаги шарҳ додани унсурҳои таркибии техникаи қонунгузориро ба миён меорад. Дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдода техникаи қонунгузориро ба унсурҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

а) таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ;

б) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ;

в) интишори санадҳои қонунгузорӣ;

г) мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ;

ғ) мавриди амал қарор додани санадҳои қонунгузорӣ;

д) тафсири санадҳои қонунгузорӣ;

е) боздошт ва қатъи амали санадҳои қонунгузорӣ.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мавқеи олимони ҳуқуқшиносӣ ва доктринаи ҳуқуқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки техникаи қонунгузорӣ, мафҳум, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии он аз техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда шаванд.

Оид ба рушду такомули ҳуқуқҷодкунӣ ва дар ин васила ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ пешниҳод менамоям, ки мафҳум, хусусият ва унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ аз техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда шаванд:

1. техникаи ҳуқуқиро аз рӯйи сохтори дохилӣ ва унсурҳои таркибиаш ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва мувофиқи мақсаду қисматҳои мундариҷаи худ фарқ мекунанд:

а) қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ;

б) қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ;

в) қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ.

2. Техникаи қонунгузориро бо чунин хусусиятҳояш метавонем аз дигар унсурҳои техникаи ҳуқуқӣ ҷудо намоем:

а) қоидаҳо оид ба шакли зоҳирии санадҳои қонунгузорӣ (ном ва мавзуи танзими он);

б) вобастагии санадҳои қонунгузорӣ бо мазмуни умумӣ;

в) пайдарҳамии мантиқии баён дар санадҳои қонунгузорӣ;

г) набудани мухолифати дохилӣ дар матни санадҳои қонунгузорӣ;

ғ) оммафаҳм ва аниқии баёни меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ;

д) дақиқӣ ва аниқии баёни истилоҳ дар санадҳои қонунгузорӣ;

е) қоидаҳои забонӣ;

ё) қоидаҳои услубӣ;

ж) қоидаҳои мантиқӣ;

з) қоидаҳои расмӣ.

3. Дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдода техникаи қонунгузориро ба унсурҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

а) таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ;

б) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ;

в) интишори санадҳои қонунгузорӣ;

г) мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ;

ғ) мавриди амал қарор додани санадҳои қонунгузорӣ;

д) тафсири санадҳои қонунгузорӣ;

е) боздошт ва қатъи амали санадҳои қонунгузорӣ.

**Муқарриз: н.и.ҳ. Сайнозимзода Ф.С.**

## ЗАКОНОДАТЕЛЬНАЯ ТЕХНИКА: ПОНЯТИЕ, ОСОБЕННОСТИ И ЕЕ СОСТАВНЫХ ЭЛЕМЕНТОВ

***Ключевые слова***: юридическая техника; законодательная техника; правотворческая техника; составные элементы законодательной техники; понятие и особенности законодательной техники; законодательная деятельность; законодательный орган; законодательные акты; систематизация; нормативные правовые акты.

***Аннотация*:** В статье рассматриваются вопросы, связанные с выявлением составных элементов законодательной техники, реализацией составных элементов законодательной техники и их особенноти в законотворческой деятельности в системе общих правил юридической техники, определением роль и функции составных элементов законодательной техники, взгляды учёных на технико-правовые правила законодательной техники: её понятия, особенности и элементы её проведения в системе общих правил юридической техники, а также проанализированы и рассмотрены связи техники законодательства с юридической техникой и техникой правотворчества.

***Джамшедзода Комрон Джамшед* -** кандидат юридических наук, старший советник Председатель Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. E-mail**:** jkomron11@mail.ru, Тел.: 785-00-01-01.

## APPLICATION OF LEGAL TECHNIQUE AND ITS COMPONENT ELEMENTS IN LEGISLATIVE ACTIVITY: THEORETICAL ANALYSIS

***Keywords*:** legal technique; legislative technique; law-making technique; constituent elements of legislative technique; concept and features of legislative technique; legislative activity; legislative body; legislative acts; systematization; normative legal acts.

***Annotation:*** The article examines issues related to the identification of the constituent elements of legislative technique, the implementation of the constituent elements of legislative technique and their features in lawmaking activity in the system of general rules of legal technique, the definition of the role and functions of the constituent elements of legislative technique, the views of scientists on the technical and legal rules of legislative technique: its concepts, features and elements of its implementation in the system of general rules of legal technique, and also analyzed and considered the connections of the technique of legislation with legal technique and the technique of lawmaking.

***Jamshedzoda Komron Jamshed* -** Candidate of Legal Sciences, Senior Advisor Chairman of the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic Tajikistan. E-mail: jkomron11@mail.ru,_Phone.: 785-00-01-01.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Алиев З.М. Мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба татбиқи қонунгузорӣ / Алиев З.М // Забон ва сифати қонун, – Душанбе, 2010, – С. 25-30
2. Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования. – М.: Статут, 1999. – С. 143.
3. Иеринг Р. Юридическая техника / сост. А.В. Поляков. – М., 2008. – С. 32.
4. Кашанина Т.В. Юридическая техника. – М., 2008. – С. 80.
5. Калина В.Ф. Юридическая техника. – М., 2008. – С. 16.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз 30-юми майи соли 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ.- 1, мод. 271; с. 2019, № 7, мод. 465; с. 2021, № 12, қ.- 2, мод. 694.

7. Мусаткина А.А. Правотворчество и законодательство // Теория государства и права: учебник / коллектив авторов; отв. ред. А.В. Малько. – 4-е изд., стер. – М.: КНОРУС, 2012. – С. 190.

8. Муромцев Г.И. Юридическая техника: Некоторые теоретические аспекты // Правоведение. – М., 2000. – № 1. – С. 9.

9. Насриддинзода Э.С. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими принсипи гуманизм ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. / Э.С. Насриддинзода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон (Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 10-18

10. Нерсеянца В.С. Общая теория права и государства: учебник для юрид. вузов и фак. / В.С. Нересянц. – М.: НОРМА-ИНФРА, 1999. – С. 312.

11. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. – М.: Высшее образование, 2005. – С. 186.

12. Раҳимов М.З. Таҷассуми ҳуқуқ дар дарки ҷавҳари он аст. Дар коргоҳи қонун – Душанбе, 2005. – С. 170-171

13. Холикзода А.Г. Критерии качества закона: общетеретическое исследование автореф. дис… канд. юрид. наук: 12.00.01 / Холикзода А.Г. – Душанбе. 2018, – 210 с.

14. Чигидин Б.В. Юридическая техника российского законодательства: дис. ... канд. юрид. наук. / Чигидин Б.В. – М., 2002. – С. 78.

**Список литературы:**

1. Противодействие нормативным правовым акты и их влияние на реализацию законодательства / Алиев З.М. // Язык и качество закона, - Душанбе, 2010, – С. 25-30

2. Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования. – М.: Статут, 1999. – С. 143.

3. Иеринг Р. Юридическая техника / сост. А.В. Поляков. – М., 2008. – С. 32.

4. Кашанина Т.В. Юридическая техника. – М., 2008. – С. 80.

5. Калина В.Ф. Юридическая техника. – М., 2008. – С. 16.

6. Закон Республики Таджикистан О нормативных правовых акты от 30 мая 2017 г., № 1414 // Ахбори Маджлиси Олии Республики Таджикистан, 2017 г., № 5, ч.- 1, ст. 271; 2019 г., № 7, ст. 465; 2021 г., № 12, ч.- 2, ст. 694.

7. Мусаткина А.А. Правотворчество и законодательство // Теория государства и права: учебник / коллектив авторов; отв. ред. А.В. Малько. – 4-е изд., стер. – М.: КНОРУС, 2012. – С. 190.

8. Муромцев Г.И. Юридическая техника: Некоторые теоретические аспекты // Правоведение. – М., 2000. – № 1. – С. 9.

9. Насриддинзода Э.С. Роль Конституции Республики Таджикистан в укреплении принципа гуманизма, прав и свобод человека. / Э.С. Насриддинзода // Теоретические вопросы реализации прав человека в Республике Таджикистан: материалы республиканской научно-практической конференции, посвященной празднованию дня прав человека (Душанбе: ДМТ Пресс, 2020. - С. 10-18).

10. Нерсеянца В.С. Общая теория права и государства: учебник для юрид. вузов и фак. / В.С. Нересянц. – М.: НОРМА-ИНФРА , 1999. – С. 312.

11. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. – М.: Высшее образование, 2005. – С. 186.

12. Рахимов М.З. Воплощение права заключается в понимании его сути. В офисе закона – Душанбе, 2005. – С. 170-171
13. Холикзода А.Г. Критерии качества закона: общетеретическое исследование автореф. дис… канд. юрид. наук: 12.00.01 / Холикзода А.Г. – Душанбе. 2018, – 210 с.
14. Чигидин Б.В. Юридическая техника российского законодательства: дис. ... канд. юрид. наук. / Чигидин Б.В. – М., 2002. – С. 78.

**List of literature:**

1. Counteraction to normative legal acts and their impact on the implementation of legislation / Aliyev Z.M. // Language and quality of the law, - Dushanbe, 2010, - P. 25-30
2. Alekseev S.S. Law: alphabet - theory - philosophy: Experience of a comprehensive study. - M.: Statut, 1999. - P. 143.
3. Iering R. Legal technique / compiled by A.V. Polyakov. - M., 2008. - P. 32.
4. Kashanina T.V. Legal technique. - M., 2008. - P. 80.
5. Kalina V.F. Legal technique. – M., 2008. – P. 16.
6. Law of the Republic of Tajikistan On Normative Legal Acts of May 30, 2017, No. 1414 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2017, No. 5, part 1, art. 271; 2019, No. 7, art. 465; 2021, No. 12, part 2, art. 694.
7. Musatkina A.A. Lawmaking and Legislation // Theory of State and Law: textbook / collective of authors; ed. A.V. Malko. – 4th ed., reprinted – M.: KNORUS, 2012. – P. 190.
8. Muromtsev G.I. Legal technique: Some theoretical aspects // Jurisprudence. - M., 2000. - No. 1. - P. 9.
9. Nasriddinzoda E.S. The role of the Constitution of the Republic of Tajikistan in strengthening the principle of humanism, human rights and freedoms. / E.S. Nasriddinzoda // Theoretical issues of the implementation of human rights in the Republic of Tajikistan: materials of the republican scientific and practical conference dedicated to the celebration of Human Rights Day (Dushanbe: DMT Press, 2020. - P. 10-18).
10. Nerseyantsa V.S. General theory of law and state: a textbook for law universities and faculties / V.S. Neresyants. - M.: NORMA-INFRA, 1999. - P. 312.
11. Perevalov V.D. Theory of state and law: a textbook. – M.: Higher education, 2005. – P. 186.
12. Rakhimov M.Z. The embodiment of law lies in understanding its essence. In the office of the law – Dushanbe, 2005. – P. 170-171
13. Kholikzoda A.G. Quality criteria of the law: general theoretical study abstract of author's diss. candidate of legal sciences: 12.00.01 / Kholikzoda A.G. – Dushanbe. 2018, – 210 p.
14. Chigidin B.V. Legal technique of Russian legislation: dis. ... candidate of legal sciences. / Chigidin B.V. – M., 2002. – P. 78.





**ТДУ: 342.7**

**Шарифзода Парвини Раҳмулло,**
*муовини сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия.*
*E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-87-79-79.*

**Акрамзода Шукрона Муҳаммадӣ,**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.*
*E-mail: Sufi-1986@mail.ru*
*Тел.: (+992) 900-09-04-69.*

# МУНОСИБАТҲОИ УМУМӢ БА ТАЪРИФИ МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

***Калидвожаҳо:*** ҳуқуқи инсон; давлат; ҷомеа; муносибат; шахс; насл; модел.

***Аннотатсия:*** Дар мақола сухан дар бораи муносибатҳои умумӣ ба таърифи мафҳуми ҳуқуқи инсон меравад. Муаллифон қайд мекунанд, ки ҳуқуқи инсон натиҷаи рушди тадриҷии шахсият буда, дар ҳар як марҳилаи шуури ҷамъиятӣ ба фаҳмидани аҳаммияти хар як фард барои тараққиёти тамоми инсоният ноил гардидааст. Мубрамияти таъмини ҳуқуқи инсон то ҳол яке аз самтҳои асосии омӯзиши илм боқӣ мондааст. Ҳуқуқи инсон имрӯз ҳамчун меъёри камолоти давлат ва пешрафти маънавии ҷомеа амал мекунад.

Ҳуқуқи инсон натиҷаи рушди тадриҷии шахсият буда дар ҳар як марҳалаи шуури ҷамъиятӣ ба фаҳмидани аҳаммияти ҳар як фард барои тараққиёту пешрафти тамоми инсоният ноил гардидааст. Ба ғайр аз ин, ҳуқуқи инсон натиҷаи фатҳ намудани монеаи муайяни иҷтимоию иқтисодии ҷамъият буда, имконият медиҳад, ки талаботҳои ҳаётии инсон таъмин карда шавад.

Дар давраҳои пеш масоили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷанбаи динӣ ё ахлоқӣ пайдо карда буд. Масалан, қоидаҳои ҷамъияти ибтидоӣ ҳамчун мононормаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ки аз ҷамъияти ибтидоӣ сарчашма мегирифт нигаронида шуда буданд. Дар Рими қадим одамони аз ғуломӣ озодшуда мақоми шаҳрванд ё шахси оддиро доштанд. Аввалҳо субъектҳои комилҳуқуқи ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ буданд, дуюминҳо ҳуқуқҳо надоштанд [3, с. 37].

Аз замонҳои қадим шаҳрвандӣ (миллат) як унсури муайянкунандаи мавқеи шахс дар давлат гардид. Дар натиҷаи рушди таърихии ҷомеа ғояи эътирофи ҳам ҳуқуқи субъекти сиёсӣ, шаҳрванд ва ҳам ҳуқуқи инсон, сарфи назар аз мансубияти давлатӣ-ҳуқуқии ӯ ба як кишвари мушаххас тасдиқ гардид. Ташаккули мафҳуми ҳуқуқи инсонро таҳаввулоти табиии0 афкори гуманитарӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқӣ омода кардааст. Ҳуқуқи инсон бори аввал дар асрҳои 4-5 пеш аз милод дар осори файласуфон Сукрот, Афлотун, Арасту, ки меъёри давлати идеалиро риоя ва таъмини ин ҳуқуқҳо медонистанд, зикр шудааст [9, с. 33].

Дар ҷаҳони қадим мафҳумҳое, ки асоси вазъи ҳуқуқии шаҳрвандро ташкил медоданд, дар шакли инкишофёфта вуҷуд доштанд, аммо омилҳое низ ҳастанд, ки фаҳмиши бостонии ҳуқуқи инсонро аз фаҳмиши муосир фарқ мекунанд:

1) ниҳоди ғуломӣ, ки ғояҳои озодӣ ва баробарҳуқуқро аз байн бурд;

2) андешаи сарнавишт, ки арзиши аслии мавҷудияти инсонро инкор мекунад. Ба давраи асрҳои миёна мубоoризаи аҳолии шаҳрҳо ва деҳқонон барои озодӣ, истиқлолият, озодӣ ва

имтиёзҳо бо синфи ҳукмрон (масалан, соҳиби замин, қалъа ва ғайра) хос аст.

Вазъияти шахсиро вобастагии як узви ҷомеа ба узви дигар муайян мекард. Чуноне, ки озодӣ вобастагиро истисно намекард, вобастагӣ ҳам маънои набудани ҳуқуқро надошт [5, с. 139]. Ҳамин тариқ, қонуни асримиёнагӣ мақоми шахсро ҳамчун узви ҳама гуна синф, тартиб ё иттиҳодия ҳифз мекард ва аз ин рӯ, идеяи меҳнат ҳамчун шуғли нангин, ки дар ҷомеаи ғуломдор ҳукмфармо буд, тағйир ёфт. Ҷамъияти феодалӣ дар асоси муносибатҳои ҳукмронӣ ва тобеият, ки нобаробарии одамонро дар байни якдигар ифода мекард, ба синфҳои ҳукмрон имтиёзҳо ва ба дигар аъзоёни ҷамъият масъулият мебахшид. Аммо дар дохили иттиҳодияҳои феодалҳо баробарии нисбӣ вуҷуд дошт, ки дар асоси саркӯб кардани шахсият ва танзими қонунҳо ва урфу одатҳо асос ёфта будаанд [4, с. 19].

Аввалин кишваре, ки дар тағйир додани вазъи ҳуқуқии инсон ба натиҷаҳо ноил гардид, Англияи асримиёнагӣ буд. Дар охири асрҳои XII ва ибтидои асри XIII дар мамлакат дар байни шоҳ Иоанн Безамин ва феодалҳои калон, аҳолии шаҳр, ва деҳқонон зиддиятҳо ба амал омаданд. Пас аз муборизаи чандинсола Хартияи бузург (1215) қабул карда шуд, ки он ҳуқуқҳои подшоҳу мансабдоронро маҳдуд карда, озодии табақаҳои поёнӣ ва механизмҳои ҳуқуқии ҳифз аз худсарии ҳукуматдоронро таъмин мекард. Ҷойи махсусро моддаи 39 дар бар мегирад ки татбиқ намудани ҷазоро нисбати шаҳрвандон мувофиқи ҳукми қонунӣ ва мувофиқи қонунҳои мамлакат ишғол мекунад.

Дар давраи Ренессанс мафҳуми шахсият ҳамчун субъекти ҳуқуқ, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, дин, гендер ва ғайра ба вуҷуд омад [2, с. 5]. Озодии эътиқод аввалин ҳуқуқи ҷудонашавандаи инсон эълон шуд.

Ба ақидаи мутафаккирон К. Салутани, Л. Бруни, П. Браччилини, амалҳои бузург ҳамон вақте имконпазир мегарданд, инсон бо хоҳиши худ қонунҳоро вайрон мекунад: Фақат халқҳо ва издиҳом ба қонунҳои шумо вобастаанд; танҳо барои чунин одамон ҳуқуқҳо вуҷуд доранд. Одамони ҷиддӣ, шариф, покдоман ба қонун ниёз надошта ба фазилат ва ахлоқи нек майл доранд ва барои худ қонуни зиндагиро муқаррар мекунанд [11, с. 43].

Аз ин рӯ, ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои гуногун мувофиқи хусусияти фарҳанг, фалсафа, дин, ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва ахлоқе, ки хусусиятҳои тамаддуни муайянро эътироф мекунанд дар замонҳои гуногун пайдо ва инкишоф мeёбанд.

Дар заминаи таърихӣ муҳаққиқони муосир се насли ҳуқуқи инсонро ҷудо мекунанд [8, с. 258-259].

Насли якуми ҳуқуқи инсон он арзишҳои анъанавии либералиро эътироф мекунад, ки дар давраи ба амал баровардани инқилобҳои буржуазӣ ташаккул ёфта, баъдан дар амалия ва қонунгузории давлатҳои демократӣ мушаххас ва густариш ёфтаанд.

Насли дуюми ҳуқуқҳои инсон бо самти иҷтимоии давлатҳое алоқаманд аст, ки онҳо дар зери таъсири идеяҳои сотсиалистӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро эълон кардаанд.

Насли сеюми ҳуқуқҳои инсон - ҳуқуқҳои коллективӣ мебошанд, ки дар рафти ҳаракатҳои миллии озодихоҳӣ ташаккул ёфтаанд. Ин ҳуқуқҳо инчунин бо ҳуқуқи ҳамбастагӣ (ҳуқуқ ба сулҳ, муҳити солим, ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ) алоқаманданд.

Илова ба се насли таъиншуда, адабиёти ҳуқуқӣ насли чоруми ҳуқуқи инсонро низ муайян мекунад [1, с. 60].

Насли чаҳоруми ҳуқуқи башар посухи ҳуқуқӣ ба даъвати асри 21 мебошад, ки сухан дар бораи эътирофи инсоният ҳамчун як намуди биологӣ, ҳифзи тамаддун ва ҷомеаи кайҳонии башарият меравад. Насли нави ҳуқуқи башар ба вуҷуд меояд, ки вобаста ба он институтҳои ҳуқуқии мурофиавии байналмилалӣ барои таъмини ин ҳуқуқҳо ба вуҷуд меоянд.

Е.Р. Абизова қайд мекунад, ки дар шароити муосир насли нави ҳуқуқи инсон ҳуқуқҳоеро дар бар мегирад, ки ҳуқуқҳои шахсиро мушаххас мекунанд ин (ҳуқуқ ба оромӣ), инчунин баъзе ҳуқуқҳои нави

коллективӣ (ҳуқуқ ба муошırати байналмилалӣ) мебошад.

Шубҳае нест, ки ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои коллективӣ боз ҳам инкишоф меёбанд, ки инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, афзудани даъвоҳои индивидуалӣ, ки қабули ҳуҷҷатҳои нави байналхалқиро, ки номгӯи васеътари ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегиранд, тақозо мекунад.

Проблемаи таъмини ҳуқуқи инсон то ҳол яке аз самтҳои асосии омӯзиши илм боқӣ мемонад. Ҳуқуқи инсон имрӯз ҳамчун меъёри камолоти давлат ва пешрафти маънавии ҷомеа амал мекунад. Онҳо қариб дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон ва ҷомеа мавҷуданд.

Консепсияи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муттаҳид кардани тамаддуни Авруосиё аз ҷониби давлати мутамарказ асос ёфтааст. Ҳуқуқи инсон дар он, чун қоида, бо принсипҳои муносибатҳои байни давлат ва шахс алоқаманд аст. Ин албатта, ба таърифи худи мафҳуми ҳуқуқи инсон таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, Е.А. Лукашева зери мафҳуми ҳуқуқҳои инсон ин хусусиятҳои муайяни сохтории меъёрии мавҷудияти шахс, ки озодии ӯро ифода мекунанд ва тарзу шартҳои ҷудонашаванда ва зарурии ҳаёти ӯ, муносибатҳои ӯ бо ҷомеа, давлат ва шахсони дигар мебошанд, фаҳмида мешавад [7, с. 17].

Яке аз аввалин муҳаққиқони ҳуқуқи табии инсон дар илми ҳуқуқи муосир Ф.М. Рудинский диққатро ба универсал будани мафҳуми ҳуқуқи инсон ҷалб намуд. Моҳияти умумии ҳуқуқҳои инсон дар он аст, ки онҳо ба ҳамаи одамон тааллуқ доранд.

Ф.М. Рудинский қайд мекунад, ки ҳар як ҳуқуқи инсон, ба шахси алоҳида тааллуқ дорад, аз вай ҷудонашаванда аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ бегона карда намешавад [10, с. 37].

Л.И. Глухарева кӯшиш мекунад, ки системаи равишҳои илмии омӯзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шакли расмҳои илмӣ муайян карда шавад. Ба андешаи ӯ, се системаи равишҳои илмии омӯзишӣ вуҷуд дорад: классикӣ, ғайриклассикӣ ва пас аз ғайриклассикӣ.

Ба гуфтаи А.А. Юнусов, Ҳуқуқи инсон ин як категорияи баланди ахлоқӣ мебошад, ки аз эҳтироми шахс нисбат ба худ, аз қобилияти фаҳмидани дигарон, бахусус дар кишвари сермиллат ва сермазҳаби мо оғоз меёбад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон як ҷанбаи муайяни меъёрии фаъолияти иҷтимоию фарҳангии ӯ буда, ҳамчун яке аз бузургтарин арзишҳои фарҳангӣ амал мекунанд [13, с. 13].

О.И. Тиунов ҳуқуқҳои инсонро, ки аз ҷониби давлат эътироф ва кафолат дода мешавад, имкониятҳои амали (салоҳиятҳои) шахсро дар соҳаи тавсифшуда, ки қонун муқаррар кардааст, муайян мекунад [12, с. 13].

А.М. Диноршоев қайд мекунад, ки ҳуқуқи инсон як соҳаи мушаххаси фаъолияти инсон буда, аз ҷониби давлат муқаррар ва кафолат дода мешавад [6].

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари мо, бо дарназардошти тамоюлҳои муосир, ҳуқуқи инсон ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои шахсии ба таври меъёрӣ муқарраршуда аз ҷониби давлат фароҳам овардашуда, таъмини рушди ҳамаҷонибаи он дар ҷомеа ва муайян кардани хусусияти муносибатҳо бо давлат ва дигар одамон фаҳмида мешавад.

**Муқарриз: н.и.ҳ. Саидзода З.А.**

## ОБЩИЕ ПОДХОДЫ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ ПОНЯТИЯ ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

***Ключевые слова:*** права человека; государство; общество; отношение; личность; поколение; модель.

***Аннотация:*** В статье говорится об общих подходах к определению понятия прав человека. Авторы подчеркивают, что права человека являются результатом постепенного развития личности, и на каждом этапе общественного сознания достигается значимость каждой личности для развития всего человечества. Проблема обеспечения прав человека остается одним из основных направлений научных исследований. Сегодня права человека выступают критерием совершенства государства и нравственного прогресса общества.

***Шарифзода Парвини Рахмулло*** - заместитель начальника отдела адъюнктуры Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции. E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru, Тел.: (+992) 918-87-79-79.

***Акрамзода Шукрона Мухаммади*** - старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции. E-mail: Sufi-1986@mail.ru, Тел.: (+992) 900-09-04-69.

## GENERAL APPROACHES TO DEFINING THE CONCEPT OF “HUMAN RIGHTS”

***Key words***: human rights; state; society; attitude; personality; generation; model.

***Annotation***: The article talks about general approaches to defining the concept of human rights. The authors emphasizes that human rights are the result of the gradual development of the individual, and at each stage of social consciousness the importance of each individual for the development of all humanity is achieved. The problem of ensuring human rights remains one of the main areas of scientific research. Today, human rights are a criterion for the perfection of the state and the moral progress of society.

***Sharifzoda Parvini Rakhmullo*** - Deputy Head of the adjunct Department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of Legal Sciences, Police Major. E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru, Tel.: (+992) 918-87-79-79.

***Akramzoda Shukrona Muhammadi*** - Senior Lecturer of the Department of Administrative Law and Administrative Activities, Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Major. E-mail: Sufi-1986@mail.ru, Tel.: (+992) 900-09-04-69.

**Рӯйхати адабиётҳо:**

1. Абизова Е.Р. Вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (ҷиҳатҳои умумии назариявӣ): дис. ...ном. илмҳои. ҳуқуқ. 12.00.01. М., 2006. – С.212.
2. Баткин Л.М. Эҳёи итолиёвӣ дар ҷустуҷӯи шахсият (иншоҳо дар бораи асосҳои фарҳангӣ ва таърихӣ ва ҳудуди шахсияти шахсӣ). М., 1989. – С.272.
3. Бережное А.Г. Ҳуқуқҳои шахсӣ: баъзе масъалаҳои назариявӣ. - М.: Нашриёти Донишгоҳи давлатии Маскав, 1991. – С.142.
4. Глухарева Л.И. Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир (асосҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ ва танзими ҳуқуқии давлатӣ). М., 2003. – С.304
5. Гуревич А.Я. Категорияҳои фарҳанги асрҳои миёна. М., 1972. – С.285.
6. Диноршоев А.М. Ҳуқуқи инсон-Душанбе, 2010. – С.320.
7. Лукашева Е.А. Ҳуқуқҳои инсон. М., 2011. – С.560.
8. Матузов Н.И. Системаи ҳуқуқӣ ва шахсият. Саратов, 1987. – С.293.
9. Нерсесянц В. Фалсафаи ҳуқуқ. М., 1998. – С.647.
10. Рудинский, Ф.М. Илми ҳуқуқи инсон ва мушкилоти ҳуқуқи конститутсионӣ. (асарҳои солҳои гуногун) / Рудинский Ф.М. - М.: МИР, 2006. – 1234 с.
11. Саидов А.Х. Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон. Маводи дарсӣ. М., 2002. – С.197.
12. Тиунова О.И. Ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Федератсияи Русия. М.: Норма, 2005. – С.591.
13. Юнусов А.А. Проблемаҳои умумии назариявии таъмини ҳуқуқи инсон дар Руссияи муосир: реферат. дис. ...доктори. илмҳои. ҳуқуқ. 12.00.01. М., 2005. – С.212.

**Список литературы:**

1. Абызова, Е.Р. Правовой статус сотрудников органов внутренних дел (общетеоретические аспекты): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Елена Равильевна Абызова. - М., 2006. – 212 с.

2. Баткин, Л.М. Итальянское Возрождение в поисках индивидуальности (очерки о культурно-исторических основаниях и пределах личного самосознания) / Л. М. Баткин; Отв. ред. С. С. Аверинцев; АН СССР. – М.: Наука, 1989. – 270 с.

3. Бережнов, А.Г. Права личности: некоторые вопросы теории / А.Г. Бережнов. - М.: Изд-во МГУ, 1991. – 142 с.

4. Глухарева, Л.И. Права человека в современном мире (социально-философские основы и государственно-правовое регулирование) / Л.И. Глухарева [и др.]. - М., 2003. – 304 с.

5. Гуревич, А.Я. Категории средневековой культуры / А.Я. Гуревич. - М.: Издательство Искусство, 1972. – 285 с.

6. Диноршоев, А.М. Права человека: учебник для вузов / А.М. Диноршоев. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2010. – 334 с.

7. Лукашева, Е.А. Права человека: учебник для вузов / Е.А. Лукашева. - М.: Норма-Инфра.М, 2011. – 560 с.

8. Матузов, Н.И. Правовая система и личность / Н.И. Матузов. – Саратов: Издательство Саратовского университета, 1987. – 293 с.

9. Нерсесянц, В.С. Философия права: учебник / В.С. Нерсесянц. - М., 1997. – 652 с.

10. Рудинский, Ф.М. Наука прав человека и проблемы конституционного права. (труды разных лет) / Рудинский Ф.М. - М.: МИР, 2006. – 1234 с.

11. Саидов, А.Х. Международное право прав человека: учебное пособие / А.Х. Саидов. - М., 2002. – 197 с.

12. Конституционные права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации: учебник для вузов / Под ред.: Тиунов О.И.; Ред. кол.: Архипова Н.И., Косякова Н.И., Минаев В.В., Эбзеев Б.С. - М.: Норма, 2005. – 608 с.

13. Юнусов, А.А. Общетеоретические проблемы обеспечения прав человека в современной России: автореф. дис … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Абдужабар Абагалаевич Юнусов. - М., 2005. – 65 с.

**List of literature:**

1. Abyzova, E.R. Legal status of employees of internal affairs bodies (general theoretical aspects): dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.01 / Elena Ravilevna Abyzova. - M., 2006. – 212 p.

2. Batkin, L.M. Italian Renaissance in search of individuality (essays on the cultural and historical foundations and limits of personal identity) / L. M. Batkin; Rep. ed. S. S. Averintsev; Academy of Sciences of the USSR. – M.: Nauka, 1989. – 270 p.

3. Berezhnov, A.G. Personal rights: some theoretical issues / A.G. Berezhnov. - M.: Moscow State University Publishing House, 1991. – 142 p.

4. Glukhareva, L.I. Human rights in the modern world (socio-philosophical foundations and state legal regulation) / L.I. Glukhareva [and others]. - M., 2003. – 304 p.

5. Gurevich, A.Ya. Categories of medieval culture / A.Ya. Gurevich. - M.: Publishing house “Iskusstvo”, 1972. – 285 p.

6. Dinorshoev, A.M. Human rights: textbook for universities / A.M. Dinorshoev. – Dushanbe: Tajik National University, 2010. – 334 p.

7. Lukasheva, E.A. Human rights: textbook for universities / E.A. Lukasheva. - M.: Norma-Infra.M, 2011. – 560 p.

8. Matuzov, N.I. Legal system and personality / N.I. Matuzov. – Saratov: Saratov University Publishing House, 1987. – 293 p.

9. Nersesyants, V.S. Philosophy of law: textbook / V.S. Nersesyants. - M., 1997. – 652 p.

10. Rudinsky, F.M. The science of human rights and problems of constitutional law. (works of different years) / Rudinsky F.M. - M.: MIR, 2006. – 1234 p.

11. Saidov, A.Kh. International human rights law: textbook / A.Kh. Saidov. - M., 2002. – 197 p.

12. Constitutional rights and freedoms of man and citizen in the Russian Federation: textbook for universities / Edited by: Tiunov O.I.; Ed. coll.: Arkhipova N.I., Kosyakova N.I., Minaev V.V., Ebzeev B.S. - M.: Norma, 2005. – 608 p.

13. Yunusov, A.A. General theoretical problems of ensuring human rights in modern Russia: dis. ... Doctor of Law. Sciences: 12.00.01 / Abdujabar Abagalaevich Yunusov. - M., 2005. – 445 p.



**ТДУ: 347.8**

**Алиев Фарух Шарифович,**
*мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail: falizoda17@gmail.com*
*Тел.: (+992) 917-37-55-55.*



**Ҳакимов Шаҳбоз Шодибоевич,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.*
*E-mail: shahbozhakimov97@mail.ru*
*Тел.: (+992) 988-78-17-78.*

# НАҚШИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ

***Калидвожаҳо*:** қонун; фарҳанг; фарҳанги ҳуқуқӣ; ҳуқуқ; меъёри ҳуқуқ; муносибати ҳуқуқӣ; танзими ҳуқуқӣ; сифати қонунгузорӣ; аҳолӣ; давлат.

***Аннотатсия*:** Дар мақола оид ба масъалаи нақш ва аҳамиятнокии сифати қонунгузорӣ дар рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ таҳлил анҷом дода шуда, муаллифон тавонистаанд, ки нақши қонунгузориро дар рушди фарҳанги ҳуқуқӣ баён намоянд. Мақола дар асоси таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ навишта шуда, пешниҳодҳои мушаххас оид ба сифати қонунҳо ва инкишофи фарҳанги ҳуқуқии милли пешниҳод гардидааст.

Қонунгузорӣ яке аз василаҳои асосии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ маҳсуб гардида, асоси рушди фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Эълон гардидани соли 2024 - “Соли маърифати ҳуқуқӣ” аз ҷониби муҳтарам Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон иқдоми беназир дар самти рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва такмили сифати қонунгузорӣ мегардад. Бо дарназардошти масъалаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, дар марҳилаи ҳозираи эҳёи давлати ҳуқуқбунёд таъсири қонун ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз самаранокии механизми танзимнамоии ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин раванд меъёрҳои ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқӣ ва монанди инҳо мебошанд. Бо ёрии меъёрҳои қонунгузорӣ давлат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳуқуқро муайян менамояд, татбиқи онҳоро ба рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд ва бо ҳамин бевосита ба сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Барои волоият пайдо кардани қонун, оммафаҳм гаштани он ва ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ таъсиррасон будан, қонун бояд содда ва фаҳмо бошад. Дар ин замина, муҳаққиқ Э.Б. Буризода дуруст қайд менамояд: Арзиши ҳуқуқ дар муайян ва мушаххас будани он аст. Қабули қонун мазмуни онро дорад, ки қонунгузор соҳаи муайянро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бар гирифтааст. Агар ин мақсади қонунгузор ба таври комил дар қонун инъикос нагардад, пас қонун нуқсон дорад [ 1, с. 86].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми қонунгузорӣ дар иртибот бо қонун мушоҳида мешавад. Азбаски қонуни замони имрӯза дар низоми санадҳои меъёрӣ нақши воло дорад, нишонаи давлати ҳуқуқбунёд аст, муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад, мафҳуми қонунгузорӣ низ мутобиқан ба маънои маҷмӯи танҳо қонунҳо фаҳмида мешавад. Худи решаи калимаи қонунгузорӣ низ ба қонун ишора мекунад [9, с. 471].

Муҳаққиқ Р. Ғоибов якбора мафҳуми низоми қонунгузориро пешкаш намуда, ба

андешаи ӯ дар зери мафҳуми низоми қонунгузорӣ маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, яъне шакли зоҳирии таҷассумёбии ҳуқуқ фаҳмида мешавад [2, с. 71]. Мувофиқи андешаи дигар, қонунгузорӣ аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, яке аз воситаҳои асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад [8, с. 7]. Дар ин росто муҳаққиқон Ҳ. Халифабобо, А. Зариф санадҳои ҳуқуқиро, ки асоси қонунгузориро ташкил менамоянд, ба ду намуд ҷудо менамоянд: санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ғайримеъёрӣ [10, с. 110].

Риоя ва эҳтироми қонунгузории амалкунанда аз тарафи шаҳрвандон бешубҳа аз сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо вобастагӣ дорад. Фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ яке аз омилҳои асосии бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Дар ҳолати баланд будани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ эҳтироми онҳо ба волоияти қонун зиёд гашта, принсипи волоияти қонун пурра амалӣ мегардад. Дар чунин ҳолат, қонун аз ҳама гуна худсарӣ волотар гардида, бар ҳама гуна ҳокимиятҳо бартарии комилро соҳиб мегардад.

Дар мавриди нақши қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва вобастагии онҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки меъёрӣ будани фарҳанги ҳуқуқиро набояд ба меъёрҳои ҳуқуқ дар чаҳорчӯби фаҳмиши мусбати ҳуқуқ баробар донист. Меъёрҳои ҳуқуқ, бидуни шак, дар ташаккулу фарҳангсозии фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла интиқоли иттилооти ҳуқуқӣ ба мухотиботу ширкаткунандагони муносиботи ҳуқуқӣ нақши калидӣ мебозад [7, с. 94].

Таърихан, раванди ташаккулёбии давлатҳо ҳама вақт ба усули муайяни танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ниёз дошт ва аз ин рӯ бо мурури замон зарурияти қонунан ба расмият даровардани муносибатҳои ҳуқуқие ба миён омаданд, ки метавонанд ҳуқуқу вазифаҳои ҳар як қисми ҷомеаро, новобаста аз ҷинс, мақом ё синну сол таъмин ва танзим кунанд. Ҳамаи ин барои манфиати ҳар як шахс анҷом дода шуд. Аз ин рӯ, як низоми нави арзишҳо ба вуҷуд омад, ки онро ҳамчун арзиши ҳуқуқии давлат муайян кардан мумкин аст. Нақши қонун дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа дар ҳолате таъсиррасон аст, ки агар қонунҳо қонунҳои ҳуқуқӣ бошанд. Вобаста ба ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки қонунҳо бояд қонунҳои ҳуқуқӣ бошанд, равандҳои ҳуқуқии ҷомеаро ба таври воқеӣ ва дуруст инъикос намоянд. Дар давлати ҳуқуқбунёд бояд қонунҳои ҳуқуқӣ мавқеи олӣ дошта, ҳукмрон бошанд [2, с. 48].

Дар шароити муосири давлатдорӣ калиди ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ аз ҷониби аҳолӣ огоҳӣ ва фаҳмиш оид ба арзиши тамоми қонунгузорӣ мебошад. Ба ин маъно, қонунро на танҳо ҳамчун соҳаи озодӣ, балки ҳамчун меъёри он баррасӣ кардан лозим аст, зеро озодӣ танҳо ба шарте эътибор пайдо мекунад, ки қонуни ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад. Тибқи таърифи умумӣ, қонун санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ё халқ мебошад, ки муносибатҳои муҳимтаринро ба танзим медаророад, ҳуқуқу озодиҳои инсон, афзалиятҳо ва арзишҳои ӯро дар худ таҷассум мекунад ва дорои қувваи олии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқӣ мебошад [5, с. 126].

Сатҳи рушди қонунгузорӣ бевосита ба шуури ҳуқуқии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ ба фарҳанги ҳуқуқии онҳо таъсири чашмрас мерасонад, зеро он шахсро аз ботин ташаккул дода, ӯро аз рафтори ғайриқонунӣ нигоҳ медорад. Дар робита ба ин, аҳамияти қонунгузорӣ дар пешгирии ҳуқуқвайрокунӣ низ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ба рушди қонунгузорӣ омилҳо, сабабҳо ва шароити объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонанд.

Таъсири қонун дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ аз самаранокии механизмҳои танзими ҳуқуқӣ, раванди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, татбиқ ва кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба таъсири мусбати вазъи ҳуқуқӣ ва тартибот, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва раванди мусбати ташаккули рафтори риояи қонун дар ҷомеа оварда мерасонанд, вобаста мебошад. Тезонидани ин равандҳо ҳатман боиси ситоиш ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа мегардад, ки имкон медиҳад дар оянда Тоҷикистонро ба сатҳи кишварҳои аз ҳама тараққикарда ва фарҳангии ҷаҳон, ки ҳаёти инсон дар он арзёбӣ мешавад, расонад.

Ҳуқуқ ва қонун мафҳумҳои холӣ нестанд, ки шуурро маҳдуд кунанд, балки раванди муассир дар роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёд мебошанд. Аммо ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии аҳолӣ на танҳо ба раванди қонунгузорӣ, балки ба муносибатҳои ҳуқуқии ҷомеа низ вобаста мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ на танҳо дар замон ва фазои имрӯза, балки мероси таърихӣ, унсурҳои фарҳанги ҳуқуқии гузаштаро низ дар бар мегирад, ки дар рушди низоми қонунгузории Тоҷикистон нақши мусбатро иҷро менамояд. Меъёри таснифи унсурҳои воқеияти ҳуқуқии гузаштаи таърихӣ ба фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ҳамчунон боқӣ мондааст. Инҳо унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ мебошанд, ки барои пешрафти ҷомеа кор кардаанд. Аз ин ҷиҳат фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа унсури тадриҷан арзишманди таърихии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар фарҳанги ҳуқуқӣ, ба мисли мундариҷаи низоми қонунгузорӣ, якчанд унсурҳои ба ҳам пайваста мавҷуданд. Пеш аз ҳама фарҳанги ҳуқуқӣ раванди ташаккули қонун мебошад, ки дар он ҷузъҳои мушаххаси фарҳанги ҳуқуқии қонунгузорӣ мавҷуд мебошанд. Бинобар ин, муҳақиқон С. Ҳасанов, М. Ҳасанов бар он ақидаанд, ки аз қонунгузорӣ сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа муайян карда мешавад. Онҳо қайд менамоянд, ки барои баҳо додан ба маърифати ҳуқуқии ҷамъият низоми қонунгузорӣ аҳамияти калон дорад, ки асоси он Конститутсияи давлат мебошад [11, с. 398]. Вобаста бо нақши қонунҳо дар рушди ҷомеа ва умуман фарҳанги ҳуқуқӣ, муҳаққиқон қайд менамоянд, ки ҳар гуна санади ҳуқуқӣ бояд ба ақидаҳои ҳуқуқии дар тасаввуроти ҷамъият хукмрон доир ба адолат, баробарӣ ва озодӣ ҷавоб дода тавонад. Қонун аз ҷиҳати шакл ҳам низ бояд мукаммал бошад: меъёрҳои он набояд ба ҳамдигар мухолиф бошанд, ҳатталимкон мухтасар ва ҳатман барои аҳолӣ равшану фаҳмо бошанд, мафҳумҳои асосии он шарҳу эзоҳ дода шавад, дар ягон манбаи барои аҳолӣ дастрас нашр карда шаванд [11, с. 398].

Дар баробари ин, зуҳуроти фарҳанги ҳуқуқӣ дар амалия, принсипҳо ва дастурҳо оид ба ҷанбаҳои асосии рушди қонунгузориро дар назар дорад. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ бевосита ба таҳия, қабул ва мундариҷаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад. Маҳз дар зери таъсири фарҳанги ҳуқуқӣ идеологияи ҳуқуқӣ, психология ва фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ, аз ҷумла вакилон, шаҳрвандон ва шахсони мансабдор ташаккул меёбанд. Имрӯз ниёзи ҷиддии баланд бардошани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ба миён омадааст, зеро сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ на танҳо дар байни ҷавонон, балки дар байни аксарияти аҳолӣ ҷой дорад, ки яке аз сабабҳои он дар сатҳи қонунгузорӣ ҷой надоштани муқаррарот оид ба таблиғи арзишҳо ва дастовардҳои қонунгузории амалкунанда мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз сатҳи рушди шуури ҳуқуқии онҳо, махсусан сатҳи огоҳӣ ва шиносоии онҳо бо чунин падидаҳои ҳуқуқӣ, ба монанди арзиши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, арзиши расмиёти ҳуқуқӣ дар ҳалли баҳсҳо, огоҳии хуби шаҳрвандон аз қонунгузорӣ, муносибати ҷомеа ба қонун вобаста аст. Маълум аст, ки фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ бештар аз сатҳи рушд, сифати қонунгузорӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеа вобаста аст. Бинобар ин, фаъолияти қонунгузорӣ бояд аз ҷониби шахсони салоҳиятдор мувофиқи расмиёт ва принсипҳои демократӣ амалӣ карда шавад. Беҳуда нест, ки унсури таркибии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа сатҳи рушди тамоми низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, яъне матнҳои ҳуҷҷатҳое, ки қонунҳои давлат дар онҳо ифода ва тасдиқ карда шудаанд. Низоми қонунгузорӣ барои баҳодиҳии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва дар маҷмӯъ аҳолӣ аз ҳама муҳим аст. Дар умум, сатҳи рушди тамоми низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо, санадҳои мақомоти иҷроияи марказӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва маъмурӣ муҳим ба ҳисоб мераванд. Ҳар як санади ҳуқуқӣ бояд қонунӣ бошад, яъне он бо принсипҳои адолат, баробарӣ ва озодӣ мувофиқ бошад. Қонун бояд аз ҷиҳати шакл комил, муттасил, ба қадри имкон кӯтоҳ ва барои аҳолӣ равшан ва фаҳмо, дорои таърифи истилоҳот ва

мафҳумҳои асосӣ бошад, дар манбаъҳои ба оммаи аҳолӣ дастрас нашр шавад, то ки ба болобурди фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, махсусан ҷавонон таъсир расонида тавонад.

Бе донишҳои зарурӣ оид ба низоми ҳуқуқии давлат, қонунгузории амалкунанда, шаҳрвандон наметавонанд ҳуқуқ ва ухдадориҳои худро амалӣ кунанд, манфиатҳои қонуниашонро ҳимоя кунанд. Аз ин лиҳоз, муносибати шахс ва ҷомеа ба қонун, қонуният ва шуури ҳуқуқӣ ҷузъҳои фарҳанги ҳуқуқӣ мебошанд. Фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективии иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Фарҳанги ҳуқуқӣ на танҳо равандҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, балки вазъи сиёсии давлат ва соҳаи маънавии ҷомеа низ таъсир мерасонад. Агар низоми ҳуқуқӣ дар шароити қонуният, озодӣ, адолати иҷтимоӣ, эҳтиром ба қонун ва баробарӣ ташкил гардида, амал намояд, пас ин ба рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир, соҳаи қонунгузорӣ ҳамчун воситаи рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, бояд арзишҳои ҳуқуқи фитриро татбиқ намояд, зеро ин барои қабули қонунҳои ҳуқуқие, ки баҳри ҷомеаи шаҳрвандӣ заруранд, шароити мусоид омода мекунад. Бинобар ин муҳаққиқон Ш.М. Исмоилов ва Р.Ш. Шарофзода қайд менамоянд, ки санадҳои ҳуқуқӣ дар асос ва мувофиқи талаботи ҳуқуқи фитрӣ қабул мешаванд [4, с. 215]. Қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии берун аз арзишҳои фарҳангӣ амалкунанда дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳолатҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки ба вайроншавии шуури ҳуқуқӣ оварда мерасонанд, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва аъзои онро паст месозанд. Дар бештари мавридҳо зери мафҳуми фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ сатҳи дониши онҳо оид ба қонунҳо, муносибати онҳо ба ҳуқуқ фаҳмида мешавад. Аммо дар асл, мафҳуми фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ васеътар буда, он сатҳи хеле баланди шуури ҳуқуқиро дар назар дорад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ ин на танҳо муносибат ба воқеияти ҳуқуқӣ, балки пеш аз ҳама муносибати эҳтиромона ба қонун мебошад. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ҳам дониши ҳуқуқӣ ва ҳам дарки аҳамияти қонунро дар ҷомеа дар бар мегирад. Муносибати шаҳрвандон ба қонун яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо мебошад.

Тавассути фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, шинохти муҳити ҳуқуқии онҳо сурат мегирад, низоми дониш, огоҳии ҳуқуқӣ, муносибат ба қонун дар маҷмӯъ ва рушди самт ва хусусияти рафтори ҳуқуқии аҳолӣ дар ҷомеа ба вуҷуд меояд. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз рӯи табиати худ маҳз огоҳӣ аз низоми қонунгузорӣ аст. Эътимоди ботинӣ ба қонун аз зарурияти риояи талабот ба меъёрҳои он иборат аст ва дараҷаи огоҳии принсипҳову ғояҳои ҳуқуқӣ муҳтавои ҷанбаи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мефаҳмонад. Ҳамин аст, ки муҳаққиқон С. Ҳасанов ва М. Ҳасанов ҳангоми муайян кардани сабабҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо, огоҳии шаҳрвандонро аз қонунгузорӣ шарти ҳатмӣ дониста, қайд менамоянд, ки барои бартараф кардани ҳуқуқвайронкунӣ кори тарбияи ҳуқуқӣ аҳамияти калон дорад. Шаҳрвандон аз талаботи ҳуқуқие, ки давлат ба онҳо пешниҳод мекунад бояд ҳамеша воқиф бошанд. Зеро баъзан вайронкунии талаботи ҳуқуқ на дар натиҷаи фикру ақидаи зиддиҷтимоии шахсият, балки аз надонистани мазмуну мундариҷаи санадҳои ҳуқуқӣ содир мешавад [11, с. 398-399]. Андешаи болозикр гувоҳи он аст, ки яке аз сабабҳои асосии ҳуқуқвайронкунии ҷавонон низ, сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқии онҳо мебошад. Яъне фарҳанги ҳуқуқии метавонад ҳам барои риоя ва иҷрои қонунҳо ва ҳам барои рушди қонунгузорӣ хизмат намояд. Э.С. Насриддинзода дар ин бобат ақидаи фарққунандаеро пешкаш намуда, менависад: На ҳар фарди доир ба меъёри ҳуқуқӣ фаҳмишу донишдоштаро инсони аз лиҳози ҳуқуқӣ фарҳангнок метавон шумурд. Чунин инсони маданиятнок ҳамонест, ки қоидаи рафтори ӯ бо талаботи қонунгузорӣ мувофиқат дорад ва ҳамоне ки дар фаъолияти худ аз онҳо пайгирӣ мекунад [5, с. 97]. Аз андешаи мазкур чунин бармеояд: шахсе, ки воқеан донишу фаҳмиши ҳуқуқӣ дорад, аммо рафтораш тибқи талаботи қонун нест, ӯро шахси бофарҳанг ё дорои сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ гуфтан хатост.

Аз ин лиҳоз, фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ,

ҳамчун унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ба таври органикӣ бо волоияти қонун алоқаманд аст. Онро бояд ҳамчун як навъ фарҳанги умумие, ки бо сатҳи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии рушди ҷомеа, ченаки рушд ва истифодаи арзишҳои ҳуқуқии инсоният, ки пай дар пай интиқол дода мешавад, аз насл ба насл мегузарад, фаҳмид.

Бояд қайд кард, ки фарҳанги ҳуқуқӣ унсури одии сохтории низоми ҳуқуқии кишвар намебошад, зеро он хусусияти сифатии низоми қонунгузории кишвар буда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа хос аст. Яъне, фарҳанги ҳуқуқӣ меъёрест, ки дар асоси он дараҷаи рушди ҳам низоми ҳуқуқӣ ва ҳам унсурҳои сохтории онро барои мувофиқати онҳо бо давлат, ки татбиқи модели ҳукмфармоии давлатдорӣ дар ҷомеа зарур аст, арзёбӣ кардан имконпазир аст.

Сифати қонунгузории амалкунанда, дараҷаи рушди меъёрии қонунҳо, самаранокию бенуқсонии онҳо, инчунин ба тамоми шаклҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ташаккули сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун қисми зиёди аҳолӣ таъсири калон мерасонад. Ин раванд маҳдудият ва рафъи сабабҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва дигареро, ки боиси коҳиш ёфтани эътимод ба қувваи қонун, боиси дилсардӣ аз қонунҳо, радди мундариҷаи онҳо аз ҷониби аҳолӣ мегардад, пешбинӣ мекунад. Агар волоияти қонун дар ҷараёни амалисозӣ ва татбиқи қонунҳо вайрон карда шавад, ҳатто аз қонунҳои ҳуқуқӣ, моҳияти арзишии онҳоро таҳрим кардан мумкин аст ва мушкилоти зиндагӣ дуруст ҳал карда намешаванд.

Ба андешаи мо, омӯзиши таъсири омилҳои фарҳангӣ ба фаъолияти қонунгузорӣ бояд дар якчанд самт гузаронида шавад.

Якум, қонунгузорӣ ба таври назаррас ба фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа дар маҷмӯъ, инчунин ба вазъи фарҳанги ҳуқуқии шахс, сифати таҷассуми арзишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо, дидгоҳҳо, консепсияҳо, шароитҳои таърихии ташаккул ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Дувум, чунин муносибати умумиэътирофгардида ба фарҳанги ҳуқуқии субъектҳо ва иштирокчиёни фаъолияти қонунгузорӣ хос мебошад. Бояд қайд кард, ки омилҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ дар робитаи бо ҳам зич ва вобаста қарор доранд.

Ҳамин тавр, фазои ҳуқуқӣ-фарҳангии ҷомеа дар маҷмуъ сатҳи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, ҷанбаи сифатии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, муносибати шаҳрвандон ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ба қонун, инчунин маҷмӯи заминаҳо ва шартҳои ташаккули воқеияти ҳуқуқиро инъикос менамояд.

Дар фарҳанги ҳуқуқии субъектҳо ва иштирокчиёни фаъолияти қонунгузорӣ бояд ду сатҳ фарқ карда шавад: фарҳанги умумии ҳуқуқӣ ва фарҳанги қонунгузорӣ. Фарҳанги умумии ҳуқуқии шахсе, ки фаъолияти қонунбарориро анҷом медиҳад, бо фарҳанги ҳуқуқии шаҳрванд, ки дар чунин намуди фаъолият иштирок намекунад, муқоиса карда мешавад. Фарҳанги қонунгузорӣ бошад, дорои хусусиятҳои алоҳидаи марбут ба қонунгузорӣ аст. Фарҳанги қонунгузорӣ чунин тахассуси касбии шахси амалкунандаи дахлдорро тақозо менамояд: диди ҳамаҷонибаи воқеияти мушкилоти иҷтимоӣ; дониши амиқи ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва давлат; доштани маълумоти пурра ва мубрам дар бораи қонунгузории амалкунанда; қобилияти объективона арзёбӣ намудани мушкилот ва талаботи иҷтимоии аҳолӣ ва пешбинии оқибатҳои қабули санади мушаххаси қонунгузорӣ; дониши мукаммал оид ба техника ва дигар қоидаҳои қонунгузорӣ ва ғайра.

Мавриди зикр аст, ки қонунҳо дар он ҳолат метавонанд ба рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ таъсир расонанд, агар мазмуни онҳо ба аҳолӣ, махсусан ба ҷавонон фаҳмо бошад. Муносибати манфурона ба талаботи забонии қонун боиси пайдоиши ҷузъҳои нолозими матн, вайрон шудани робитаи байни мафҳумҳо, номувофиқии услуб, вайрон кардани шаклҳои созиш, мураккабии сохторҳо, номҳо дар матн ва ғайра мегардад. Ин вазъ на танҳо ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад, балки дар маҷмӯъ муносибати манфии аҳолиро ба қонунҳо ташаккул медиҳад.

**Муқарриз: н.и.ҳ. Ҷабборов Ф.Н.**

## РОЛЬ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РАЗВИТИИ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ НАСЕЛЕНИЯ

***Ключевые слова***: закон; культура; правовая культура; право; правовая норма; правоотношения; правовое регулирование; качество законодательства; население; государство.

***Аннотация:*** В статье анализируется роль и значение качества законодательства в развитии правовой культуры населения, авторы смогли объяснить роль законодательства в развитии правовой культуры. Статья написана на основе анализа отечественной и зарубежной литературы, а также сделаны конкретные предложения по качеству законов и развитию национальной правовой культуры.

***Алиев Фарух Шарифович*** **-** заведующий кафедрой коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета бизнеса, кандидат юридических наук. E-mail: falizoda17@gmail.com, Тел.: (+992) 917-37-55-55.

***Хакимов Шахбоз Шодибоевич*** – ассистент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета бизнеса. E-mail: shahbozhakimov97@mail.ru, Тел.: (+992)988-78-17-78.

## THE ROLE OF LEGISLATION IN THE DEVELOPMENT OF THE LEGAL CULTURE OF THE POPULATION

***Key words:*** lex; culture; legal culture; law; legal norm; legal relations; legal regulation; quality of legislation; population; state.

***Annotation:*** The article analyzes the role and importance of the quality of legislation in the development of the legal culture of the population; the authors were able to explain the role of legislation in the development of legal culture. The article is written based on an analysis of domestic and foreign literature, and specific proposals are made on the quality of laws and the development of national legal culture.

***Aliev Farrukh Sharifovich*** **-** Head of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Business, PhD in Law**.** E-mail: falizoda17@gmail.com, Tel.: (+992) 917-37-55-55.

***Khakimov Shakhboz Shodiboevich*** - Associate Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Business. E-mail: shahbozhakimov97@mail.ru, Tel.: (+992) 988-78-17-78.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Буриев И.Б. Масоили назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2003.
2. Ғоибов Р. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Хуҷанд, 2000.
3. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2008.
4. Марченко М.Н. Правоведение / М.Н. Марченко, Е.М. Дерябина. – М.: Проспект, 2004.
5. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Меҳрона- 2017, 2019.
6. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2016.
7. Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: Бухоро, 2016.
8. Сотиволидиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: Империал-Групп, 2010.
9. Халифабобо Ҳ., Зариф А. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Қонуният, 2004.
10. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд, 2009.

**Список литературы:**

1. Буриев И.Б. Проблемы общей теории права и государства. - Душанбе, 2003.

2. Гоибов Р. Теория государства и права. - Худжанд, 2000.
3. Исмаилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Теория права и государства. - Душанбе, 2008.
4. Марченко М.Н. Правоведение / М.Н. Марченко, Е.М. Дарьябина - М.: Проспект, 2004.
5. Насриддинзода Э.С. Теория государства и права. - Душанбе: Мехрона - 2017, 2019.
6. Насриддинзода Э.С. Правовая культура. - Душанбе, 2016.
7. Рахимзода М.З., Нематов А.Р. Законодательная техника. - Душанбе: Бухара, 2016.
8. Сотиволидиев Р.Ш. Проблемы теории государства и права. Учебник. Том 2. – Душанбе: Империал Групп, 2010.
9. Халифабабо Х., Зариф А. Теория государства и права (учебное пособие). - Душанбе: Закон, 2004.
10. Хасанов С., Хасанов М. Теория государства и права. Учебник. - Худжанд, 2009.

**List of Literature:**

1. Buriev I.B. The problems of the common theory of law and state. - Dushanbe, 2003.
2. Goibov R. Theory of State and Law. - Khujand, 2000.
3. Ismailov Sh.M., Sotivoldiev R.Sh. Theory of law and state. - Dushanbe, 2008.
4. Marchenko M.N. Jurisprudence / M.N. Marchenko, E.M. Daryabina - M.: Prospekt, 2004.
5. Nasriddinzoda E.S. Theory of state and law. - Dushanbe: Mehrona - 2017, 2019.
6. Nasriddinzoda E.S. Legal culture. - Dushanbe, 2016.
7. Rakhimzoda M.Z., Nematov A.R. Legislative technology. - Dushanbe: Bukhara, 2016.
8. Sotivolidiev R.Sh. Problems of the theory of state and law. Textbook. Volume 2. – Dushanbe: Imperial Group, 2010.
9. Khalifababo H., Zarif A. Theory of state and law (textbook). - Dushanbe: Law, 2004.
10. Hasanov S., Hasanov M. Theory of state and law. Textbook. - Khujand, 2009.



**ТДУ: 347.5**

**Арабҷонов Шодимурод Арабҷонович,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: farajon0199@gmail.com*
*Тел.: (+992) 929-66-16-99.*

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА “СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ”

***Калидвожаҳо:*** Конститутсия; маърифат; ҳуқуқ; Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат; Ҷумҳурии Тоҷикистон; ахлоқ; қонун; шуур; ҳифз; озодӣ.

***Аннотатсия:*** Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024 ва муносиб донистани он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо маънои амиқ дорад, балки тадбири муҳими саривақтӣ барои бунёди ҷомеаи мутамаддин, сохтани шахси комил ва эъмори давлати ободу муосири миллӣ мебошад. Иброз гардид, ки амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлат тақвият ёбанд, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ таҳким бахшида шавад, рушди устувори иқтисодӣ таъмин ва барои ҳар шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона муҳайё гардад. Инчунин, яке аз дастовардҳои нахустини даврони соҳибистиқлолӣ - ин қабули Конститутсия мебошад. Зеро ба андешаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам оварда, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон карда шавад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибхтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ ва шакли давлатдории Тоҷикистон, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон эълон шудаанд.

6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Натиҷаи расмии раъйпурсӣ чунин буд: дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ 2685724 шаҳрванд ба рӯйхат гирифта шуда, дар раъйпурсӣ 2535437 нафар ё ки 87,59 фоиз овоз доданд. Бо ҳамин натиҷа Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 аз ҷониби мардуми кишвар маъқул دониста шуд ва қабул гардид [1, с. 7].

Воқеан қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии кишвар ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибхтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ,

инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи тақсими ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳо мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд.

Бешак, қабули Конститутсия дар таърихи навини кишварамон рӯйдоди воқеан сарнавиштсоз ба шумор меравад, ки барои бунёди давлати соҳибистиқлол заминаи устувор ба вуҷуд оварда, ҷиҳати таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва рукнҳои давлатдорӣ нақши муҳим бозидааст. Бо қабули Конститутсия, ки ҷавобгӯ ба талаботи замони нав аст, давлатдории миллӣ рушду тараққӣ ва пояҳои он таҳким ёфта, рӯзгори мардум хушу осудатар ва мақому эътибори ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ устувортару мустаҳкамтар мегардад, вале дар ҳама давру замон яке аз шартҳои пешрафти ҷомеа ва рушди бонизоми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ риояи қонуну қоидаҳои давлат ва ҷомеа, мавҷудияти тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили давлат аст. Барои расидан ба ин мақсад маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқиро баланд бардоштан зарур аст [3].

Меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешии сиёсӣ, баробари шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки стратегия ва дурнамои масъалаҳои танзими муфассали ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз Конститутсия сарчашма гирифта, дар доираи қонунгузорӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мавриди танзим ва муқаррарнамоӣ қарор дода шудаанд. Таҳлил ва омори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба он далолат менамояд, ки то ба имрӯз аз ҷониби мақоми олии қонунгузории кишвар зиёда аз 405 санадҳои қонунгузорӣ (1 - Конститутсия, 17 - қонунҳои конститутсионӣ, 21 - кодексҳо, 22 - қонунҳо дар бораи авф, 25 - қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва 319 қонунҳои ҷорӣ) ҷиҳати танзим, муайяннамоӣ ва пешбинӣ намудани қоидаҳои рафтори ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд [4].

Дар доираи сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мардуми мамлакат қабул гардид. То имрӯз дар заминаи ин ҳуҷҷати дурнамосоз якчанд санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз ҷумла, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз 20 июни соли 2024, №2049; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, №2048; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон аз 24 декабри соли 2022, №1920; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон аз 23 декабри соли 2021, №1830 қабул шуд, ки ба раванди рушди бонизоми мамлакат мусоидат менамоянд.

Конститутсияи мамлакат ҳамчун санади дорои қувваи олии ҳуқуқӣ дар таърихи начандон тӯлонии худ ифодакунандаи сиёсати амиқи пешгирифтаи давлату ҳукумати кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шуда, барои эҳтиром гузоштан ба арзишҳои пазируфташудаи инсонӣ ба монанди риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини шароити мусоид барои зиндагии арзандаи ҳар шахс ва устувории ваҳдати миллӣ заминаи воқеӣ гузошта, аз ҷониби коршиносони

байналмиллалӣ яке аз беҳтарин конститутсияҳо эътироф шудааст [5, с. 7].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми телевизионии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия 5 ноябри соли 2015 оид ба нақши Конститутсия дар рушди давлати соҳибистиқлоли демократӣ ва таъсиси низоми самарабахши ҳокимияти давлатӣ изҳори назар карда, аз ҷумла ифроз доштанд, ки Конститутсия ҳамчун муҳимтарин омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат дода, халқи Тоҷикистонро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд [6, с. 8].

*Бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024 аз моддаи 1 боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад: Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад* [2]. *Маҳз бо назардошти ҳамин нукта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни пешниҳоди Паём ба Маҷлиси Олӣ Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ таъкид намуданд, ки ба ифтихори санаи бисёр муҳимми таърихӣ – 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шавад.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро **Соли маърифати ҳуқуқӣ** эълон карданд, ки дастури муҳим ва сариваҡтии роҳбари давлат маҳсуб меёбад. Мақсади асосии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ аз эълони соли 2024 ҳамчун соли маърифати ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҳар як фарди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда дар ин самт давра ба давра чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст ва ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, баланд бардоштани дараҷаи донишу маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии қонуншиканиҳо корҳои зиёде роҳандозӣ шуда, қонунҳо, барномаҳо, санадҳои ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки як қатор масъалаҳои оид ба такмил додани қонунгузорӣ, таъмини иҷрои қонунҳо, рушди ёрии ройгон, беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва самтҳои дигарро дар бар мегиранд.

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи шарифи Тоҷикистон воқеан ҳам таърихӣ ба ҳисоб меравад. Паёми сарвари кишвар сарчашмаи боэътимод, фарогири иттилоот ва маълумоти омории амиқу дақиқ, таҳлилу хулосарониҳои меҳнативу дастуру супоришҳои ба ояндаи дурахшон ҳидояткунанда мебошад. Дар Паём самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ватани азизамон Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ, хулосабарорӣ, натиҷагирӣ ва ояндабинӣ қарор гирифта, аз амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, рушди бемайлони тамоми ҳаёти ҷомеа ва боз ҳам беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мужда дода шуд.

Маърифати хуқуқӣ мафхуми дар назари аввал мураккаб буда, дар асл моҳият, дарк ва фаҳмиши он мушкилӣ надорад – он иҷрои амалҳои ҳаррӯзаи ҳар шахс, шурӯъ аз сокини муқаррарӣ то масъули сатҳи гуногуни роҳбариро дар доираи қоидаҳо, қонунҳо, инчунин риояи меъёрҳои умумибашарии қабулшуда талаб менамояд. Дар идомаи моддаи 1 Констутитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз таъкиди он ки Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, чунин омадааст: Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад [2].

*Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон саҳифаи нав боз менамояд. Пешвои миллат барои боз ҳам баланд гардидани фарҳанги ҳуқуқӣ ва камолоти*

*фарҳангии аҳолӣ, шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии мардуми мамлакат имсолро Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намуданд, ки умедворем дар ин сол тамоми масъулин, ҳуқуқшиносон, воситаҳои ахбори омма барои сохтани ҷомеаи муттаҳиди маданӣ ва давлати ҳуқуқбунёди миллӣ кӯшишу талош намуда, дар ин масир қадамҳои устувор мегузоранд.*

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмӯи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ низ эҳтиром гузошта мешавад. Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 барои расидан ба ҳадафҳои асосии мамлакат равона гардида, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кулли аҳолӣ, қабули қонунҳои босифат ва танзимкунандаи муносибатҳои рушдёбандаи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тавсеаи донишҳои ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми ҳаёти имрӯза ба шумор рафта, давлату Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз ибтидои ташкили ҳукумати конститутсионӣ дар соли 1992 ба ин самт таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, бо мақсади боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳим ва барномаҳои алоҳидаро таҳияву қабул намудааст. Қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз қадамҳои муҳимму умедбахш дар роҳи фароҳам овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ба маҷрои бонизом ва оянддадор равон кардани ҷомеа ба шумор меравад, ки таҳкурсии боэътимоди барномаҳои минбаъдаи давлатиро асос гузоштанд.

Гузашта аз ин, асоси ташкиливу ҳуқуқии маҷмӯи чорабиниҳои хусусияти омӯзишиву таблиғотидошта ба хотири маърифати баланди ҳуқуқии табақаҳои гуногуни аҳолӣ фароҳам омад. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлӯҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифт ва роҳҳову самтҳои инкишофро муйаян намуд. Нуқтаи асоситарини тадбиқи ин ислоҳот қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки таҷассумгари бақои давлату миллат мебошад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вазифаи муҳимтарини давлате маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28 декабри соли 2023 бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 [7] аз 30 декабри соли 2023, таҳти №668 қабул гардид. Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волояти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2016 низ ба масоили баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат диққати махсус дода шуда, дар ин самт ба вазоратҳои адлия, маориф ва илм, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо,

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дастур дода шуд, ки корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ густариш бахшанд. Ҳамзамон Президенти Тоҷикистон дар ҳамин Паём ба Вазорати маориф ва илми мамлакат супориш доданд, ки омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро дар барномаҳои муассисаҳои таълимӣ амалӣ намояд [8].

Имрӯз дар мамлакат вазъи ҳуқуқии тамоми соҳаҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегарданд ва таҳким меёбанд. Мавҷудияти пояи боэътимоди қонунгузорӣ рушди пайвастаи соҳаҳои мамлакатро таъмин намуда, ба омилҳои асосии инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳо мегузоранд. Тавре ба ҳамагон маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоиро ҳадафи имрӯзу ояндаи инкишофи худ қарор додааст. Дар раванди ташаккули чунин давлат ва ҷомеа ҳуқуқ нақши бузургу ҳалкунанда дорад ва ҳамагуна муносибатҳо дар асоси ҳуқуқ ва қонун танзим карда мешаванд.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз масъалаи асосии сиёсати ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба ин раванд таваҷҷӯҳи махсус равона шудааст ва дар ин замина як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст [9]. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии табақаҳои мухталифи ҷомеа тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда, дар ин самт як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст. Ҳоло дар мамлакат маротибаи сеюми амалишавии Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 идома дорад [10]. Барномаи мазкур дар шароити кунунӣ бағоят муҳим буда, зарур аст, ки муқаррароти он ва дар ин замина муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни қишрҳои гуногуни аҳолии мамлакат аз ҷониби масъулини мақомоти дахлдори давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам тарғибу ташвиқ шаванд, то ба ин васила маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат боло равад.

Профессор Насриддинзода Э.С. дар иртибот ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чунин ибрози ақида менамояд: Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ин раванд боиси баланд гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд [11].

Эълон гардидани соли 2024 – ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ барои аз худ намудани донишҳои ҳуқуқӣ, эҳтирому риояи Конститутсия ва дигар қонунгузории амалкунандаи мамлакат аз ҷониби шаҳрвандон ва дар раванди пештафти давлати ҳуқуқбунёд саҳм гузоштани онҳо натиҷаҳои назаррасро ба бор хоҳад овард. Рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дошта, барои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ бояд аҳамияти аввалиндараҷа дод.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи иқдоми соли 2024 – ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ зарур аст, ки аз ҷониби намояндагони муассиса ва идораҳои дахлдори давлатӣ бо иштироки доираи васеи табақаҳои мухталифи ҷомеа чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ бештар ба роҳ монда шавад. Зеро баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат барои пешгирии қонунвайронкуниҳо, таъмини волоияти қонун, риояи Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи мамлакат, инчунин, эътирофу эҳтиром, риоя ва ҳифзи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

**Хулоса.** Иқдоми наҷиб, яъне, соли 2024 – ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидан ба дурнамои неки таҳкими низоми демократӣ, ҷомеаи адолатпарвару ҳуқуқмеҳвар ва қонунсолор мусоидат менамояд. Воқеан, ҷомеае, ки ба инсонҳои бомаърифат ва тарбиятдида такя мекунад, аз шикасти ирода ва таназзул эмин буда, ба пирӯзии сартосарӣ ноил мегардад. Шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон аз бисёр ҷиҳат муайянкунандаи дараҷаи рушди давлат ва таъмингари эътибори он дар миқёси ҷаҳони муосир аст. Месазад, ки дар партави иқдомҳои дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳрвандон дар доираи эълони соли 2024 – ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ баҳри боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон даст ба кор бошанд. Дар маҷмӯъ, мо бовар дорем, ки Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024 марҳилаи нави рушди ҷомеа хоҳад гашт.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.**

## КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И “ГОД ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ”

***Ключевые слова:*** Конституция; образование; право; Основатель мира и национального единства, Лидер нации; Республика Таджикистан; мораль; закон; сознание; защита; свобода.

***Аннотация:*** Объявление 2024 года Годом правового просвещения и его привязанность к Конституции Республики Таджикистан не только имеет глубокий смысл, но и является важной своевременной мерой для построения цивилизованного общества, построения полноценной личности и построения процветающего и современного национального государства. Было отмечено, что реализация норм Конституции позволила укрепить прочные основы общества и государства, укрепить мир и спокойствие, политическую стабильность и национальное единство, обеспечить устойчивое экономическое развитие и создать достойные условия жизни и свободного развития для каждого гражданина страны. Также одним из первых достижений эпохи независимости является принятие Конституции. Ибо, по мнению Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Первая Конституция независимого Таджикистана заложила основу для создания независимого национального государства и развития всех аспектов жизни народа страны и является одним из наших важнейших достижений.

***Арабжонов Шодимурод Арабжанович*** - ведущий специалист отдела правовой информации и систематизации Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: farajon0199@gmail.com, Тел.: (+992) 929-66-16-99.

## THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE “YEAR OF LEGAL EDUCATION”

***Key words***: Constitution; education; law; Founder of peace and national unity, Leader of the Nation; Republic of Tajikistan; morality; law; consciousness; protection; freedom.

***Annotation***: The declaration of 2024 as the Year of Legal Education and its attachment to the Constitution of the Republic of Tajikistan not only makes deep sense, but is also an important timely measure for building a civilized society, building a full-fledged personality and building a prosperous and modern national state. It was noted that the implementation of the norms of the Constitution made it possible to strengthen the solid foundations of society and the state, strengthen peace and tranquility, political stability and national unity, ensure sustainable economic development and create decent living conditions and free development for every citizen of the country. Also, one of the first

achievements of the independence era is the adoption of the Constitution. For, according to the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon, The first Constitution of independent Tajikistan laid the foundation for the creation of an independent national state and the development of all aspects of the life of the people of the country and is one of our most important achievements.

***Arabjonov Shodimurod Arabjonovich*** - Leading Specialist of the Department of Legal Information and Supervision of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: farajon0199@gmail.com, Tel.: (+992) 929-66-16-99.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ Адлия. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

3. Низомӣ Н. Маърифати ҳуқуқӣ - заминаи рушди шахсияти комил // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/sijosat-va-huquq/ma-rifati-u-u-zaminai-rushdishahsiyati-komil/ (санаи муроҷиат: 05.10.2024)

4. Соҳибзода М.М., Одиназода Ш.Х. Нақши меҳварии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми қонунгузорӣ // [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://www.facebook.com/profile.php?id=100080327890744&locale=ms_MY (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

5. Маҳмудзода М. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ (маҷмуи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 596 с.

6. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо (Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 майи соли 2016). // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Раҳимзода М.З. Душанбе, "Империал-Групп" 2016 с. -352 саҳ.

7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024 аз 30 декабри соли 2023, №668 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ Адлия. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/'missives/12756 (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

9. Шерзода Б., Рустамзода Ш. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ - самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://www.facebook.com/profile.php?id=100085907160025 (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/'missives/12756 (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

11. Насриддинзода Э.С. Паём – таҳкимбахши рушди ҷомеа. Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ дар меҳвари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/01/payom-ta-kimbahshi-rushdi-omea-rushdi-so-a-oi-i-timo-dar-me-vari-payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston/ (санаи муроҷиат: 05.10.2024).

**Список литературы:**

1. Научное и общественное толкование Конституции Республики Таджикистан. - Душанбе: Шарки озод, 2009. - 520 С.

2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года // централизованная информационно-правовая база данных РТ Юстиция. Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.10.2024).

3. Военные Н. Правовое просвещение - основа развития полноценной личности / / [Электронный ресурс]. - Источник доступа: https://sadoimardum.tj/sijosat-va-huquq/ma-rifati-u-u-zaminai-rushdishahsiyati-komil/ (дата обращения: 05.10.2024).

4. Сохибзода М.М., Одинзода Ш.Х. Центральная роль Конституции Республики Таджикистан в развитии законодательной системы / /[Электронный ресурс] источник доступа: https://www.facebook.com/profile.php?id=100080327890744&locale=ms_MY (дата обращения: 05.10.2024).

5. Махмудзода М. Конституция является основой формирования системы национального права (сборник статей и докладов). - Душанбе: ЭР-граф, 2014. - 596 С.

6. Правотворческая деятельность в Республике Таджикистан: развитие и проблемы (Материалы республиканской научно-практической конференции, посвященной 25-летию государственной независимости Республики Таджикистан, город Душанбе, 26 мая 2016 года). // Под редакцией доктора юридических наук, профессора Рахимзода М.З. Душанбе, Империал-Групп2016 г. - 352 стр.

7. Указ Президента Республики Таджикистан Об объявлении 2024 года Годом правового образования от 30 декабря 2023 года, №668 // централизованная информационно-правовая база данных РТ Юстиция. Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.10.2024).

8. Послание Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 декабря 2016 года. [Электронная резервная копия]. - Источник доступа: https://president.tj/event / ' missives/12756 (дата обращения: 05.10.2024).

9. Шерзода Б., Рустамзода Ш. Повышение правового просвещения населения - приоритетное направление государственной политики. // [Электронная резервная копия]. - Источник доступа: https://www.facebook.com/profile.php?id=100085907160025 (дата обращения: 05.10.2024).

10. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики [Электронный ресурс]. - Источник доступа: https://president.tj/event / ' missives/12756 (дата обращения: 05.10.2024).

11. Насриддинзода Э.С. Послание-укрепление развития общества. Развитие социальных сфер лежит в основе Послания Президента Республики Таджикистан. [Электронная резервная копия]. - Источник доступа: https://khovar.tj/2024/01/payom-ta-kimbahshi-rushdi-omea-rushdi-so-a-oi-i-timo-dar-me-vari-payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston/ (дата обращения: 05.10.2024).

**List of literature:**

1. Scientific and public interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: Sharqi ozod, 2009. - 520 P.

2. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 with amendments and additions dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan justice. Form 7.0. [Electronic backup]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of accessed: 05.10.2024).

3. Military N. Legal education - the basis for the development of a full-fledged personality / / [Electronic resource]. - Access source: https://sadoimardum.tj/sijosat-va-huquq/ma-rifati-u-u-zaminai-rushdishahsiyati-komil / (date of accessed: 05.10.2024).

4. Sohibzoda M.M., Odinzoda Sh.Kh. The central role of the Constitution of the Republic of Tajikistan in the development of the legislative system. [Electronic resource] access source: https://www.facebook.com/profile.php?id=100080327890744&locale=ms_MY (date of accessed: 05.10.2024).

5. Mahmudzoda M. The Constitution is the basis for the formation of a system of national law (collection of articles and reports). - Dushanbe: ER-graf, 2014. - 596 P.

6. Law-making activity in the Republic of Tajikistan: development and problems (Materials of the republican scientific and practical conference dedicated to the 25th anniversary of the state independence of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, May 26, 2016). // Edited by Doctor of Law, Professor Rahimzod M.Z. Dushanbe, Imperial Group 2016 - 352 p.

7. Decree of the President of the Republic of Tajikistan On declaring 2024 the Year of Legal Education dated December 30, 2023, No. 668 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan justice. Form 7.0. [Electronic backup]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of accessed: 05.10.2024).

8. Message of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Dear Emomali Rahmon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 22, 2016. [Electronic backup]. - Access source: https://president.tj/event / ' missives/12756 (date of accessed: 05.10.2024).

9. Sherzoda B., Rustamzoda S. Increasing the legal education of the population is a priority area of state policy. // [Electronic backup]. - Access source: https://www.facebook.com/profile.php?id=100085907160025 (date of accessed: 05.10.2024).

10. Message of the President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon, on the main directions of the internal and foreign policy of the Republic [Electronic resource]. - Access source: https://president.tj/event / ' missives/12756 (date of accessed: 05.10.2024).

11. Nasriddinzoda E.S. The message is strengthening the development of society. The development of social spheres is at the heart of the Message of the President of the Republic of Tajikistan. [Electronic backup]. - Access source: https://khovar.tj/2024/01/payom-ta-kimbahshi-rushdi-omea-rushdi-so-a-oi-i-timo-dar-me-vari-payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston / (date of accessed: 05.10.2024).

## 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)
## 12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)



**ТДУ**: 314.24
**Зариф Ализода,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*E-mail:* zalizoda@bk.ru

# КОНСТИТУТСИЯ, ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ВА МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** Конститутсия; демократия; волоияти қонун; маърифати ҳуқуқӣ.
***Аннотатсия:*** Дар мақола ба таври мухтасар масъалаи волоияти қонун ва муҳиммияти падидаи маърифати ҳуқуқӣ, эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳо, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ташаккули рафтори ҳуқуқӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Давлатдории имрӯзаро бе Конститутсия тасаввур намудан ғайриимкон аст, зеро масъалаҳои бунёдӣ ва калидии ҷомеа дар ин санад муқаррар карда мешавад. Аз ин ҷо Конститутсияро қонуни асосӣ низ ном мебаранд.

Яке аз масъалаи муҳимме, ки дар Конститутсия муқаррар карда шуд, ин интихоби роҳи ояндаи рушди Тоҷикистон, яъне барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Ин тарзи давлатдории муосири ҷомеаи мутамаддин мебошад ва аксарияти кулли давлатҳои мутараққии имрӯза бо чунин шакли давлатдорӣ пеш мераванд. Бояд зикр намоем, ки интихоби ин тарзи давлатдорӣ аз иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад. Баъд аз интихоб шудан дар ин Иҷлосия, сарвари ҷавон ва тозаинтихоби Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври қатъӣ иброз намуданд, ки «мақсади мо бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёду дунявӣ аст. Ин роҳи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ намегардем»[1]. Ин изҳороти Сарвари давлат - Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дили мардуми кишвар шӯълаи умедро бедор кард, халқ ба ояндаи Тоҷикистони озоду демократӣ, дунявию ҳуқуқбунёд ва ободу пешрафта боварӣ ҳосил кард ва ин изҳорот халқи «роҳгумкардаро» дар атрофи Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид сохт.

Барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунёвӣ ва иҷтимоӣ, ки дар моддаи якуми Конститутсия мустаҳкам гардидааст, дастоварди бузурги таърихӣ ва тақдирсози халқи Тоҷикистон мебошад, ки бо ибтикор, заҳмату талошҳои Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст.

Си соли сипаригашта дурустии чунин интихобро собит кард ва Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамсафару ҳамқадами ҷомеаи мутамаддин гардид, халқи Тоҷикистон дар ҷомеа ва давлати озод, демократӣ, тинҷу ором, ободу осоишта зиндагӣ ва бо қадамҳои устувор пеш рафта истодааст. Дастоварду музаффариятҳои дар даврони соҳибистиқлолӣ бадастомада, маҳсули ин интихоби таърихӣ ва тақдирсоз мебошад.

Конститутсия, волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ вожаҳои бо ҳам алоқаманд

буда, якдигарро пурра месозанд ва якҷоя амалӣ мешаванд.

Дар ҷомеа ва давлатҳое, ки мақсади худро барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбудёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ эълон намудаанд, нақши қонун, эътибору эҳтиром ва риояю иҷрои он хеле муҳим ва муассир мебошад. Маҳз қонун меъёри ягонаи муайянкунандаи рафтори одамон мебошад, риоя ва иҷрои он барои ҳама ҳатмӣ аст ва касе, ки ин меъёрро иҷро намекунад, ҳуқуқвайронкунӣ содир намуда, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешавад.

Қонун чунин меъёри рафторро муқаррар мекунад, ки он аз зарурат, талабот ва манфиатҳои ҷомеа маншаъ гирифта, барои ба даст овардани мақсадҳои ҷомеа ва аъзои он равона мегардад. Маҳз манфиатҳо ва мақсадҳои ҷомеа талаб менамоянд, ки ҳама (ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ) меъёрҳои қонунро риоя ва иҷро намоянд, то ки ҷомеа ва аъзои он ба мақсадҳои худ ноил гарданд. Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқ надоранд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи худ аз доираи муқаррарнамудаи меъёри қонун берун бароянд, онро риоя ва иҷро накунанд. Баръакс, онҳо уҳдадоранд, ки талаботи худро дар доираи меъёрҳои қонун қонеъ гардонанд.

Дар навбати худ риоя ва иҷрои талаботи қонун қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва пешрафти устувори ҷомеа сабаб мегардад.

Чунин қудрати қонун водор менамояд, ки тамоми имкониятҳо ва чораҳо баҳри риоя ва иҷрои он андешида шаванд. Албатта, ин кори осон ва якдафъаина нест. Таъмини волоияти (риоя ва иҷрои) қонун андешидани чораву тадбирҳои зиёди пай дар пай, пайваста ва доимиро тақозо менамояд. Хусусан, ин масъала дар ҷомеаҳои ру ба инкишоф, ба мисли Тоҷикистон, хеле муҳим ва зарур мебошад. Чунин ҳолати ҷомеа талаб менамояд, ки дар ин самт (ба ҳукми одат табдил ёфтани риоя ва иҷрои қонунҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ба мисли инҳо) пайваста тадбирҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию маърифатӣ андешида шавад.

Бояд зикр намоем, ки дар илм ва адабиёти ҳуқуқшиносӣ вожаҳои «волоияти қонун», «эътибори олии қонун» истифода мешавад. Дар аввал чунин ба назар мерасад, ки ин истилоҳҳо ҳаммаъноянд, танҳо истифодаи онҳо гуногун аст. «Эътибори олии қонун» бештар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (асосан қонунҳо) истифода мегардад. «Волоияти қонун» бошад, ба таври умум дар воситаҳои ахбори омма, дар баромаду маърӯзаи сиёсатмадорон ва доираи васеи одамон истифода мешавад ва бештар эҳтиром, риоя ва иҷрои қонунро ифода мекунад.

Омӯзиши ин вожаҳо нишон медиҳад, ки онҳо аз якдигар фарқ доранд. Истилоҳи «волоият» тибқи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ – воло (боло) будан, авлавият, бузургӣ, баландӣ ва бартариро ифода мекунад[2, с. 293]. Истилоҳи «эътибори олии қонун» ё «эътибори олии ҳуқуқӣ» бештар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шуда, таносуби байни намудҳои гуногуни ин санадҳоро (қувваи ҳуқуқии онҳоро) дар бар мегирад. Масалан, дар моддаи даҳуми Конститутсия таъкид гардидааст, ки «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсияанд эътибори ҳуқуқӣ надоранд»[3].

Ё дар моддаи 83-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қайд шудааст, ки «қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат кунанд ва аз ҷониби субъекти муайянкардаи қонун бо риояи қоидаҳои таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гарданд»[4]. Ҳамон тавре аз санадҳои номбурда бармеояд, «эътибори олии қонунҳо» ё «қувваи ҳуқуқӣ»- и санадҳои қонунгузорӣ бештар ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дахл доранд ва яке аз тарзҳои аз байн бурдани ихтилофи байни меъёрҳои онҳо мебошад.

Истиллоҳи «волоияти қонун» ба андешаи мо, нисбат ба истиллоҳи «эътибори олии

қонун» ё «эътибори олии ҳуқуқӣ» васеътар мебошад. «Волоияти қонун» ба ғайр аз «эътибори олии қонун» инчунин унсурҳои зеринро дар бар мегирад. Якум, «волоияти қонун» дар ҷомеа, дар афкори умум волоият ва қудрати тамоми низоми ҳуқуқи мавҷудаи ҷомеаро ифода мекунад. Ҷомеа (аксарияти аъзои он) эътимод ба он дорад, ки меъёрҳои қонунҳо риоя ва иҷро мегардад ва дар ҷомеа адолату ҳақиқат ҳукмрон мегардад. Дуюм, эътирофу эҳтироми қонунро ифода мекунад. Бояд зикр намоем, ки ин ҷанбаи масъала дар қонунгузорӣ кам баён карда мешавад. Он бештар дар муносибати байни давлат ва шахс инъикос ёфта, ҳамчун принсипи байни онҳо амал мекунад. Масалан, дар моддаи 5-уми Конститутсия, ки ба арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ бахшида шудааст, қайд шудааст, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсонро давлат, эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»[3].

Қобил ба зикр аст, ки эътирофу эҳтироми қонун натанҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, инчунин, бояд аз ҷониби тамоми ҷомеа ва ҳар фарди он риоя ва иҷро карда шавад. Эътирофу эҳтироми қонун бояд ба яке аз арзиши асосӣ ва муҳимми ҷомеа табдил ёбад, қисми ҷудонопазири фарҳанги ҷомеа ва ҳар як узви он бошад. Дар ин ҳолат имкон пайдо мегардад, ки ҷомеа ба таври устувор ва босуръат пеш равад. Саввум, «волоияти қонун» риоя ва иҷрои бечуночарои меъёрҳои қонунгузориро талаб менамояд. Тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳангоми рафтори худ бояд меъёрҳои қонунгузориро риоя ва иҷро намоянд. Ин масъала хеле муҳим буда, талаб менамояд, ки риоя ва иҷрои меъёрҳои қонунгузорӣ қисми ҷудонопазири фарҳанги ҳар як шахс бошад ва ба ҳукми одат табдил ёбад.

Волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ аз Конститутсия маншаъ мегирад. Дар пешгуфтори Конститутсия мақсади ҷомеаи Тоҷикистон «бунёди ҷомеаи адолатпарвар»[3] муайян шудааст. Асоси чунин ҷомеаро волоияти қонун, эътирофу эҳтиром ва риояву иҷрои бечуночарои меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо ташкил медиҳад. Дар натиҷа тантанаи қонун ва адолат ҳукмрон мегардад. Аз дигар тараф, қонун низ худ бояд адолатнок бошад, дар асоси арзишу принсипҳои адолатнокӣ таҳия ва қабул карда шавад.

Ба волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ дигар бахшу моддаҳои Конститутсия бевосита дахл доранд. Аз ҷумла, моддаи 1-уми Конститутсия, ки ба бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бахшида шудааст, яке аз асосҳои волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Моҳияти чунин давлат дар он ифода меёбад, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар фазои ҳуқуқӣ, талаботу меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Волоияти қонун ҳамчунон талаб менамояд, ки созмонёбӣ ва фаъолияти чунин давлат дар доираи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо, ҳамчунон муносибати миёни мақомоти давлатӣ, байни мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои дигари ҷомеа, ташкилоту шахсони алоҳида дар асоси талаботи меъёрҳои ин санадҳо сурат гирад.

Ифодаи бевоситаи волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ дар моддаи 10-уми Конститутсия дарҷ гардидааст. Дар он таъкид шудааст, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд»[3].

Қисми дуюми моддаи зикргардида ба риоя ва иҷрои қонунҳо бахшида шудааст. Риоя ва иҷрои қонунҳо ҷавҳари волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Маҳз ҳангоми риоя ва иҷрои қонунҳо рафтори қонунии фоиданоки ҷамъиятӣ содир мегардад ва аз содири ҳуқуқвайронкуниҳо худдорӣ карда мешавад ва дар натиҷа дар ҷомеа қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ҳукмфармо мешавад.

Моддаҳои 42, 43, 44 ва 45-и Конститутсия, ки ба вазифаҳои шахс бахшида шудаанд, бевосита асоси волоияти қонун ва маърифати ҳуқуқиро муқаррар намуданд[3]. Иҷрои ин вазифаҳо барои қонуният ва

тартиботи ҳуқуқӣ, амнияту суботи сиёсӣ ва тараққию рушди ҷомеа мусоидат менамояд.

Волоияти қонун дар дигар бахшҳои Конститутсия низ пешбинӣ гардидааст. Умуман, сохтори дохилии Конститутсия, таъсису фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки тибқи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ мешавад, дар асоси талаботи волоияти қонун сурат мегирад.

Яке аз масъалаи муҳимми риоя ва иҷрои меъёрҳои қонунгузорӣ – ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ донишҳои ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ яке аз қонунияти пешрафти ҷомеа мебошад. Равандест, ки доимо ҷомеаро ҳамроҳӣ мекунад ва дар маҷмӯъ бо дигар равандҳо (шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ ва дигарҳо) боиси рушди ҷомеа мегардад.

Маърифати ҳуқуқӣ ба шуури ҳуқуқӣ асос меёбад. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи назарияҳо, ақидаҳо, тасаввурот, эҳсосот ва ҳиссиёт муносибату баҳои одамонро ба ҳуқуқи мавҷуда ва дигар падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ муайян менамояд. Ин муносибат ва баҳои одамон (шахс, гурӯҳи шахсон ва ҷомеа) нисбат ба ҳуқуқ дар асоси донишҳои ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии онҳо ташаккул меёбад. Бинобар ин, нақшу саҳми маърифати ҳуқуқӣ дар ташаккули муносибати мусбӣ ба ҳуқуқи мавҷуда ва дигар падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад.

Аз ин ҷо, маърифати ҳуқуқӣ заминаи асосии устуворӣ ва пешрафти ҷомеа, амният ва суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуку озодӣ ва манфиатҳои инсон, ташкилотҳо ва дигар субъектони ҳуқуқ мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ, инчунин боиси баланд гаштани фарҳанги шаҳрвандон, эътирофу эҳтироми қонун, фаъол гаштани шаҳрвандон, ташаккул ёфтани мавқеи шаҳрвандии онҳо, ватандӯсту меҳанпараст шудани онҳо мегардад.

## КОНСТИТУЦИЯ, ВЕРХОВЕНСТВО ПРАВА И ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ

***Ключевые слова:*** Конституция, демократия, верховенство закона, правовое просвещение.

***Аннотация:*** В статье в краткой форме рассматриваются верховенство права и значение правового воспитания, уважение к Конституции и законов, к человеку, его прав и свобод, профилактика правонарушений и формирование правового поведения.

***Зариф Ализода -*** доктор юридических наук, профессор. E-mail: zalizoda@bk.ru.

## CONSTITUTION, RULE OF LAW AND LEGAL EDUCATION

***Keywords:*** Constitution; democracy; rule of law; legal education.

***Annotation:*** The article briefly examines the rule of law and the importance of legal education, respect for the Constitution and laws, for a person, his rights and freedoms, the prevention of offenses and the formation of legal behavior.

***Zarif Alizoda -*** doctor of law, professor. E-mail: zalizoda@bk.ru.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 10. – Душанбе: Ирфон, 2011. –575 с.
2. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дар 2 ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 996 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 2017. – №5, қ. 1. – Мод. 271.

**Список литературы:**

1. Эмомали Рахмон Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том 10. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 575 с.

2. Толковый словарь таджикского языка в 2-х томах. Том 1. – Душанбе, 2008. – 996 с.

3. Конституция Республики Таджикистан была принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года и путём всенародного референдума были внесены изменения и дополнения 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. – Душанбе: Гандж, 2016. – 135 с.

4. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – С. 2017. – №5, п.1. - ст. 271.

**List of literature:**

1. Emomali Rahmon Independence of Tajikistan and the rebirth of the nation. Vol.10. – Dushanbe: Irfon, 2011. – 575 p.

2. Explanatory dictionary of the Tajik language in 2 volumes. Vol.1. – Dushanbe, 2008. – 996 p.

3. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted by a national referendum on November 6, 1994 and amendments and additions were made by a national referendum on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. – Dushanbe: Ganj, 2016. – 135 p.

4. The Law of the Republic of Tajikistan «On normative legal acts» // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. – S. 2017. - №5, par.1. - Article 271.



**ТДУ: 342.1**
**Саидасанов Юсуф,**
*номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ.*
*E-mail: yusuf.saidasan.72@bk.ru*
*Тел.:(+992) 501-91-08-67.*

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ИНЪИКОСИ ОНҲО ДАР КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо**:* Конститутсия; ҳуқуқ; ҳокимият; давлат; халқ; озодиҳо; сиёсӣ; иқтисодӣ; интихобот; ҳизбҳо.

***Аннотатсия:***Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои муҳими роҳҳои танзими ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назарияҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф фаъолияти қонунгузорӣ ва санадҳои меъёри ҳуқуқии давраи Шуравӣ ва муосирро ба муқоиса гузошта, қайд мекунад, ки баъд аз қабули Конститутсияи соли 1994, дар ҷомеа дигаргуниҳои зиёд руи кор омаданд. Аз ҳамин лиҳоз, вобаста ба тағйиротҳои сиёсӣ ва демократикунонии ҷомеа зарурати дигар кардани муносибат ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон рӯи кор омад. Дар натиҷаи таҳлили мавзуи мазкур инчунин муайян карда шуд, ки муносибат ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон масъалаи мубрами назариявӣ мебошад, зеро ҳанӯз пурра аз тарафи олимон таҳқиқ нашудааст.

Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки баъди гузаронидани тайғиротҳои конститутсионӣ дар мамлакат, кори ин самт беҳтар гардид ва нақши асосиро дар ин раванд системаи кафолати давлатӣ ва муносибат ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон бозӣ намуд. Муаллиф қайд мекунад, ки ба системаи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ низ таъсир расониданд ва ин боиси ворид кардани тайғиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Яке аз вазифаҳои муҳими Ҳукумати Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-уми асри XX, ин таҳия ва қабули Конституцияи нави Тоҷикистон буд, зеро маҳз ин ҳуҷҷати сиёсӣ метавонист сохти идоракунӣ ва системаи сиёсии давлатро муаррифӣ намояд. Вобаста ба ҳамин, Иҷлосияи нуздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати XII) ду қонуни муҳимро қабул намуд: «Дар бораи ислоҳоти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 ва қонун «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 1994, ки дар асоси онҳо дар ҷумҳурӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистони соли 1978 мебоист бо Конститутсияи нави давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда мешуд.

Мафҳуми "конститутсия" ба маънои аслии худ қонуни асосии давлатро дар назар дорад, ки барои дигар қонунҳо ҳамчун сарчашмаи меъёрӣ ва раҳнамои назариявӣ-методологӣ хизмат мекунад, зеро дар асоси он қонунҳо эҷод мешаванд ва дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ амал мекунанд.

Конститутсияҳои муосири давлатҳои ҷаҳон характери гуногун доранд, аммо ҳамчун манбаи асосии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳисобида мешаванд. Инъикоси гуногуни масъалаи ҳуқуқи инсон дар ҳар давлат аз шакли конститутсия, анъанаҳои миллӣ, шакли давлатдорӣ, шакли сохтори сиёсӣ-ҳудудӣ ва ғайра омилҳо вобастагӣ дорад. Нуқтаи умумӣ дар таҳкими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар конститутсия дар он аст, ки онҳо на танҳо мақоми ҳуқуқии шаҳрвандро муайян мекунанд, балки уҳдадориҳои шаҳрвандонро низ инъикос менамоянд. [3, с. 667] Ҳуқуқ ва уҳдадориҳо бо

ҳам алоқаманд мебошанд ва ҳуқуқи инсон мақсади конститутсионӣ ва уҳдадорӣ бошад дар риояи қонун, пардохти андоз, ҳифзи Ватан, ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ инъикос мешавад.

Барои ҳамин дар Конститутсияҳои давлатҳои муосир, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд масъулияти ӯро нисбат ба дигар одамон, ҷомеа ва давлат низ дар назар доранд. Ифодаҳои гуногуни доираи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар конститутсияҳои муосир одатан бо оилаҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар ҳар кадоми онҳо метавон ду меъёри асосиро дар ташаккули ҳуқуқу озодиҳо пайдо кард: мусбӣ иҷозат медиҳад ва манфӣ манъкунанда мебошад [4, с. 111]. Дар айни замон, бисёр конститутсияҳо ҳарду усулро муттаҳид мекунанд, аммо усули манфӣ бештар барои кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ва усули мусбат барои системаҳои ҳуқуқии романо-германӣ хос аст.

Дар усули мусбӣ, конститутсия муқаррар ё изҳор мекунад, ки субъект ҳуқуқ ё озодии муайян дорад. Ҳамин тариқ, тибқи қисми 1 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд»[5,с.4]. Аксар вақт, конститутсияҳои муосир на танҳо як мавзуи мушаххасро нишон медиҳанд, балки мазмуни ҳуқуқҳои ӯро низ ошкор мекунанд. Масалан, дар моддаи 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки “манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст”. Чунин шарҳи дақиқ имкон медиҳад, ки мазмуни ҳуқуқи инфиродӣ комилан муайян карда шавад ва ба ин васила, татбиқи он ва имкони ҳимояи он осон мегардад. Меъёри манъкунанда вайрон кардани муносибатҳои алоҳидаро манъ кардааст. Масалан моддаи 23 Консититусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки “дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст”.

Дар ин ҷо бараъло кафолати ҳифзи ҳуқуқи шаҳрванд муайян шудааст, ки онро давлат таъмин мекунад. Дар замони муосир шакли инъикоси ҳуқуқ ва озодиҳо дар Конститутсия низ фарқ мекунанд. Масалан дар Конститутсияи хаттӣ ба мисоли Конститутсияи Тоҷикистон ин падидаҳо дар як ҳуҷҷат оварда шудаанд. Дар Конститутсияҳои нонавишта ба мисоли Британияи Кабир, Исроил, Зеландияи Нав шумораи зиёди санадҳои конститутсионӣ, ки дар замонҳои гуногун қабул шудаанд як масъалаи мушаххасро танзим мекунанд [4, с. 122].

Бинобар ин, чун қоида, ҳуқуқу озодиҳо ба таври манфӣ ифода ёфта, камбудиҳо бо урфу одатҳои ҳуқуқӣ ва преседентҳои судӣ пур карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар давлатҳои дорои конститутсияҳои нонавишта принсипи “ҳама чизе иҷозат аст, ки онро қонун мустақиман манъ накардааст” амал мекунад. Мушкилтарин ҳуқуқҳои конститутсионӣ, масалан, ҳуқуқи овоздиҳӣ, ҳуқуқи раъйпурсӣ ва ғайраро қонунҳои махсус муайян мекунанд.

Дар конститутсияҳои баъзе давлатҳо ба ҳуқуқу озодиҳо диққати асосӣ дода шуда, диспозитсияи вазифаҳо оварда шудааст [8,56]. Масалан ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи диспозитивӣ аст. Ин раванд ба шаҳрванд имкон медиҳад, ки мустақилона тасмим бигирад, ки ҳуқуқи ба ӯ тааллуқдоштаро истифода барад ё онро истифода набарад. Дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад.

Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Дар ин ҷо қонунгузор шаҳрвандро барои меҳнат танҳо водор мекунад ва маҷбурсозиро манъ кардааст. Дар ин ҷо қонун танҳо принсипи баробариро таъмин мекунад ва шахс аз рӯйи шароити дохилии худ зиндагӣ мекунад ва ҳуқуқи меҳнатро бо хоҳиши худ истифода мекунад. Дар шароити иқтисоди бозор ҳуқуқҳои иқтисодӣ шакли навро мегиранд ва на танҳо фаъолияти бозор, балки ҳуқуқ ба

меҳнат ва шаклҳои моликиятро низ муайян мекунанд.

Аммо ҳуқуқ ба меҳнат танҳо интихоби инфиродӣ нест, балки бо уҳдадориҳои ахлоқӣ робитаи ногусастанӣ дорад, зеро омилҳои манфиро ба монанди танбалӣ, коргурезӣ, муфтхӯрӣ ва дигар шаклҳои тарзи ҳаёти манфиро маҳкум мекунад. Ахлоқ, ки асосан ҳамчун танзимгари дохилии иҷтимоӣ амал мекунад, имкон медиҳад, ки ҷомеа берун аз чунин омилҳо инкишоф ёбад. Ҳамин тариқ, ахлоқ имкон медиҳад, ки на танҳо ба сифати ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар конститутсия муқарраргардида баҳо дода шавад, балки ҷанбаи ахлоқии он низ ба назар гирифта шавад. Аз даст додани иртибот бо ахлоқ, қонунро аз роҳнамоӣ маҳрум намуда, танзими онро бефоида месозад. Эътироф кардани ҳуқуқҳои расмии қонунии шахс бояд бо тасдиқи масъулияти маънавии одамон дар назди ҳамдигар мутавозин карда шавад.

Чунин муносибат ба таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд имкон медиҳад, ки на танҳо идомаи наслҳо ва робитаи ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқии фарзандон ва падару модарон таъмин карда шавад, балки онҳоро муттаҳид созад. Азбаски меъёрҳои ахлоқӣ бештар аз эътиқоди динӣ сарчашма мегиранд, дар Конститутсия барои ҳар кас озодии виҷдон, озодии эътиқоди динӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ба таври инфиродӣ ва ё якҷоя бо дигарон эътиқод кардан ё пайравӣ накардан ба ягон дин, озодии интихоб кардан таъмин шудааст. Дар моддаи 26 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки "ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд" [5,с.8].

Дар асоси ин ҳуқуқи конститутсионӣ дар амал ҳеҷ касро барои диндорӣ маҷбур кардан ҷоиз нест ва поймол кардани озодии виҷдон ва дини шахсони дигар манъ карда шудааст. Қонун инчунин суистифода аз динро манъ кардааст. Зарари сиёсигардонии динро Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чунин баррасӣ мекунанд: «Мо кӯшишҳои сиёсисозии дини мубини Исломро маҳкум мекунем ва бар зидди хурофот ва таасуби динӣ мубориза мебарем. Чунки хурофот сади роҳи пешрафт мебошад ва мо окибатхои ин раванди хатарнокро дар мисоли баъзе кишварҳои минтака дида истодем. Гузашта аз ин – хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат, ки бесаводиву бемаърифатӣ асоси он мебошад, сабаби ҳамаи бадбахтиҳо ба шумор меравад»[1,с.3].

Қисми муҳими ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро фаъолияти сиёсии онҳо ташкил медиҳад. Фаъолияти сиёсии шаҳрвандон омили муҳими ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро нишон медиҳад ва аз ҳамин ҷиҳат ҳифзи онҳо барои давлат ва институтҳои он кафолати таъмини устувории сиёсиро муҳайё мекунанд. Дар ҷомеаи муосир, нақши институтҳои сиёсӣ ва мардум ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа аз дигар давраҳо бештар аст ва барои ҳамин давлат ин масъалаҳоро дар Конститутсия ҳамчун танзимгари қонунӣ ҷой додааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба институтҳои сиёсӣ парламент, ҳукумат, институти президентӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳокимияти судӣ дохил мешаванд [7,с.4]. Вобаста ба таъмин намудани иштироки васеи аҳолӣ дар раванди сиёсӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омма иштирок дар қабули қарорҳои давлатӣ тавассути раъйпурсӣ, иштирок дар таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иштирок дар интихобот ва муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳоро тавассути Конститутсия таъмин мекунад[10,62].

Дар моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овадааст, ки «шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд.

Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд. Баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конститутсионӣ сурат мегирад»[5,12]. Конститутсияи мамлакат инчунин дар моддаи 28 ҳуқуқи муттаҳид шудани шаҳрвандонро дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кафолат медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи гуногунии (плюрализми) мафкуравиро мустаҳкам карда, баробарии сиёсии тамоми идеяҳои ҳизбҳои сиёсиро, ки дар феҳристи ниҳодҳои давлатӣ ҳамчун субъекти сиёсӣ ба қайд гирифта шуданд, таъмин менамояд. Ин боиси он мегардад, ки назарияи ҳуқуқ ва давлат низ бояд мазмуни ғайримафкуравӣ дошта бошад [9,67].

Марҳилаи муҳими тарбияи маданияти сиёсии шаҳрвандон бошад бо қабул гардидани қонуни конститутсионӣ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (13 ноябри соли 1998) оғоз шуд. Қонуни мазкур ҳуқуқи шаҳрвандонро барои муттаҳид шудан дар ҳизбҳои сиёсӣ, таъсис додани ҳизби сиёсӣ, худихтиёрона даромадан ва озодона баромадан аз ҳайати онро ба танзим даровард [11,с.4]. Мутобиқи моддаи 29 шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад. Дар доираи ҳуқуқҳои сиёсӣ ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Дар ин ҷо қонун меъёри манъкунандаро низ истифода менамояд ва он чунин шакл гирифтааст: “Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст” [5,с.7]. Дар моддаи 31 ҳуқуқи муроҷиати шаҳрвандон инъикос ёфтааст, ки мақсади онро пешгирии зарари бюрократизм ташкил медиҳад. Дар ин модда давлат органҳои сатҳи гуногунро вазифадор мекунад, ки ба муроҷиати шаҳрвандон ҷиддӣ муносибат намоянд. Дар моддаи 31 аз ҷумла омадааст, ки “шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд”[5,с.9].

Ҳамин тавр давлат тавассути Конститутсия қонуният ва адолати иҷтимоӣ, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, қабул кардани қарор тавассути озодандешӣ, ифодакунии иродаи мардум тавассути Маҷлиси вакилони халқ ва дигар ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандонро таъмин менамояд. Ҳамчунин таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ боиси иштироки васеи мардум дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мегардад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус чунин гуфта буд: «Бо арзи эҳтиром ба иродаи мардуми кишварамон бори дигар дахлнопазирии асосҳои конститутсионии давлати мо соҳибистиқлолӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявиятро таъкид намуда, бо қатъият изҳор менамоям, ки мо аз ин роҳи интихобкардаи худ барнамегардем. Халқи Тоҷикистон бояд аз қасду ниятҳои бадхоҳони миллат огоҳ бошад, зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва ба ҳеҷ ваҷҳ рӯҳафтода нагардад. Баръакс, бо шукргузорӣ аз соҳибдавлат будани хеш ва бо андеша дар миқёси даҳсолаҳо фаъолияти созандагиву бунёдкориро ба нафъи Ватани маҳбуб, ба нафъи наслҳои оянда дилпурона идома диҳад» [2,с.4].

Вобаста ба нақши ин ҳуҷҷати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи корҳои тарбиявӣ дар самти ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Таркиби он мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди дигари меъёрии ҳуқуқии кишвар чунин муайян гардидааст:

- ҳуқуқи зиндагӣ, ҳуқуқи таҳсил ва таълиму тарбия, ҳуқуқи пуштибонии ҷамъият, ҳуқуқи гирифтани иттилоот дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ҳуқуқи озодии сухан, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва райъпурсӣ, интихоб шудан ва интихоб кардан, ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва истифода аз дастовардҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи иштирок дар идораи давлат, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоӣ, ҳуқуқи истироҳат, ҳуқуқи шаҳрвандии кишвар, ҳуқуқи мусофират ва баргаштан, ҳуқуқи кафолати ҳимояи судӣ, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи

маҳрамияти мукотиба, ҳуқуқи дахлнопазирии шахс, ҳуқуқи дахлнопазирии моликият ва мерос гузоштан, ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқи ташкили оила, ҳуқуқи ақидаи шахсӣ, ҳуқуқи эътиқод [6,с.8].

Вазифаи тарбияи ҳуқуқӣ донистани ҳуқуқ ва вазифаҳои муқарраршуда ва риояи онҳо мебошад. Риояи конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намудан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он, ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, супоридани андозҳо ва пардохтҳо ва ғайра сатҳи маърифат ва ахлоқи шаҳрвандро баланд намуда, мавқеи ҷамъиятии ӯро устувор мегардонанд. Ҳамин тавр мо гуфта метавонем, ки Конститутсияи соли 1994 эълон гардидани истиқлолиятро дар шакли қонуни асосӣ мустаҳкам карда самти давлатдорӣ, сохти сиёсӣ ва стратегияи ҳуқуқии Тоҷикистонро муайян намуд.

Дар хулосаи ин мақола қайд кардан бамаврид аст, ки таҳлили назариявии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва инъикоси онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои системаи ҳуқуқии мамлакати мо ба шумор меравад. Ҳамин тавр баъди муҳокимаи дақиқ, рӯзи 6 ноябри соли 1994 дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Қабули Конститутсияи соли 1994 аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровардани ташкили давлати соҳибихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба анҷом расонид, зеро соҳибистиқлол гардидани давлат маҳз бо қабули конститутсияи нави он вобастагӣ дошт ва дар он сохти давлатдорӣ инъикос гардид.

Муҳимтарин хусусиятҳои Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар моддаи 1-уми Конститутсия зикр ёфтааст. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати иҷтимоӣ эълон карда, бартарияти табақавиро манъ ва сиёсати давлатро ба ҳифзи иҷтимоӣ, беҳбудии зиндагии ҳар як инсон новобаста аз баромади иҷтимоӣ равона кард. Ҳадафи асосӣ ва ниҳоии Конститутсия ин ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати дахлнопазирии шахс, фароҳам овардани шароит барои гуногунандешӣ, озодии сухан, кафолати дахолатнопазирии моликият, фаъолияти озоди иктисодӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Конститутсияи соли 1994, Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати мустақил ва ҳуқуқбунёд эълон намуд, ки мувофиқи он ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипи тақсими он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ асос ёфтааст. Конститутсияи Тоҷикистони муосир арзишҳои умумибашариро эътироф мекунад ва дар асоси таҳлили ҳаматарафа дар асоси ақидаҳову хулосаҳои пешқадами тамоми таълимотҳои ҳуқуқиву давлатӣ вобаста ба талаботи замон мунтазам бо тайғиру иловаҳо ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр, таҳия ва қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба давраи бесарусомонӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, ба давраи беқонунӣ ва муқовимату беадолатӣ хотима гузошта, расидани давраи созандагиро таҷассум намуд. Инъикоси масъалаи ҳуқуқи инсон дар Конститутсия на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки барои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, рушди дониши ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

**Муқарриз: д.и.т., профессор Ҳоҷибеков Э.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПРАВ И СВОБОД ГРАЖДАН И ИХ ОТРАЖЕНИЕ В КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова***: Конституция; права; власть; государства; народ; свободы; политика; экономика; выборы; партии.

***Аннотация:*** В данной статье автор исследует вопрос законодательного и нормативного регулирования прав и свобод граждан и их отражение в Конституции Республики Таджикистан. В частности автор отмечает, что согласно Конституции 1994 года, права и свободы граждан носит законодательный характер и регулируется нормами Конституции. Автор излагает своё

видение данного вопроса и приходит к выводу о том, что законодательная структура и система прав и свобод граждан в новое время получило новое развитие и отражала политику государства по охране прав и свобод граждан Республики Таджикистан. Вместе с этим, автор указывает в статье на некоторые вопросы которые были в основном связаны с разницей прав советского и современного общества. В Таджикистане на основе Конституции приняты коренные меры, которые способствовали росту прав и свобод что привело к улучщению состояния правовой культуры общества. Автор таке отмечает, что гарантия прав и свобод граждан и их отражение в Конституции Республики Таджикистан привело к активности граждан в деле их участия в развитие плюрализма в обществе.

***Саидасанов Юсуф*** - доцент кафедры истории таджикского народа Хорог. E-mail: yusuf.saidasan.72@bk.ru, Тел.: (+992) 501-91-08-67.

**THEORETICAL ANALYSES OF RIGHTS AND FREEDOMS OF CIVILIANS AND THEIR REFLECTION IN CONSTITUTION OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Keywords***: Constitution; rights; power; people; freedom; policy; economy; election; party.

***Annotation:*** In this article author note about formation establishment of theoretical analyses of rights and freedoms of civilians and their reflection in constitution of Republic of Tajikistan. The author also give attention to the issuance of the Constitution of Republic of Tajikistan and note its role for stabilization in society. Author note that according to Constitution of 1994 in Republic of Tajikistan the system of rights and freedoms of civilians began activity during that's was an in government law function. But during the they had exceed and the main the role OF state as a hurrantier in rights and freedoms of civilians in society order. Author note that public of rights and freedoms of civilians work with no more work resemble with people jurisdiction and there was they role in legal aid and assistance in society. Also author note that courts as other system were in change when reforms taken out all the comparative with Soviet country law.

***Saidasanov Yusuf*** – associate professor of Tajik history in Khorog State University. E-mail: yusuf.saidasan.72@bk.ru, Tel.: (+992) 501-91-08-67.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Суханронии Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш // Ҳомии омӯзгор // 20.09.2019.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, Душанбе соли 2011. - 25 с.

3. Авакьян С.А. Конституционное право России. Учебный курс. 4-е издан. перераб. и доп. Т. 1. М.: Норма, 2010. - 367 с.

4. Конституционное (государственное право) зарубежных стран. В 4-х т. Т. 1, 2.Часть общая: учебник / Отв. ред. Б.А. Страшун. 3-е изд., обновл. и дораб.М.: Бек, 2000. - 489 с.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1994 (бо тайғироту иловаҳо). – 22 с.

6. Консепсияи миллии тарбия. – Душанбе, 2016. – 56 с.

7. Нақши институтҳои сиёсӣ дар инкишофи системаи сиёсии ҷомеа // Каландаров К. – С. 127-129.

8. Проблемы общей теории права и государства: учебник для вузов // Под общей ред. акад. РАН В.С. Нерсесянца. – М.: Норма, 2002. – 567 с.

9. Сотволдиен Р.Ш. Назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2003. – 552 с.

10. Ташаккули худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Олимзода Д., Аминов М. // Академияи ҳуқуқ. – №1. – 2019. – С. 62-65.

**Список литературы:**

1. Выступление Лидера нации, Президента РТ уважаемого Эмомалӣ Рахмон в честь Дня знаний // Ҳомии омузгор//20.09.2019.
2. Послание Президента РТ Эмомали Рахмон к Праламенту Таджикистана , Душанбе соли 2011.-25 с.
3. Авакьян С.А. Конституционное право России. Учебный курс. 4-е издан.перераб. и доп. Т. 1. М.: Норма, 2010.-367 с.
4. Конституционное (государственное право) зарубежных стран. В 4-х т. Т. 1, 2.Часть общая: Учебник / Отв. ред. Б.А. Страшун. 3-е изд., обновл. и дораб.М.: Бек, 2000.-489 с.
5. Конституция РТ, Душанбе.-1994 (с изменениями и добавлениями) .-22 с.
6. Национальная концепция воспитания .-Душанбе, 2016 год.- 56 с.
7. Роль политических институтов в развитие политической системы общества// Каландаров К. -С.127 -129
8. Проблемы общей теории права и государства. Под общей ред. акад. РАН B.C. Нерсесянца. М.: Норма, 2002.-567 с.
9. Сотволдиен Р.Ш. Общая теория права и государства, - Душанбе, 2003 с., - 552 с.
10. Развитие местного самоуправления в РТ // Олимзода Д. Аминов М. Журнал Академии права №1,2019.-С.62-65

**List of literature:**

1. Speech of the Lider of nation, the Prezident of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in tribute of the Day of knowledge // Homii omuzgor //20.09.2019.
2. Veto Prezident of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to Parlament of the Republic of Tajikistan, Dushanbe 2011.-25 p.
3. Avakian S.A. Constitutional law of Russia 4-th edition P. 1. M.: Norma, 2010.-367 p.
4. Constitutional law of foreign countries. In 4-th part P. 1, 2.Common part / answerable editor B.A. Strashun. 3-d edition M.: Век, 2000.-489 p.
5. Constitution of the Republic of Tajikistan, Dushanbe.-1994 (with changes and additions).-22 p.
6. National conseption of nurture .- Dushanbe 2016.- 56 p.
7. The role of political institutions in the development of political system of society // Kalandarov K. -P.127 -129
8. The problem of common law and state B.C. Nersesians M.: Norma, 2002.-567 p.
9. Sotwoldien R.Sh. Theory of common law and state, - Dushanbe, 2003 c., - 552 p.
10. Development of local self-government in the Republic of Tajikistan, Journal of Law academy №1,2019.- P.62-65



**УДК: 342.51**

**Сулаймонзода Манучехр Субхонали,**
*заведующий кафедрой конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н., доцент.*
*E-mail: sulaymonzoda.m@gmail.com*
*Тел.: (+992) 904-23-88-88.*

# ПОНЯТИЕ И КЛАССИФИКАЦИИ ФУНКЦИИ ГЛАВЫ ГОСУДАРСТВА В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

***Ключевые слова:*** полномочия; предмет ведения; иностранный элемент; компетенция; функция; Президент; глава государства; Центральная Азия.

***Аннотация:*** В данной статье рассматривается вопрос понятие и классификации функции главы государства в странах Центральной Азии. Автор рассматривает одним из наиболее важных элементов конституционно-правового статуса государственного органа, в том числе и главы государства. По мнению автора, функции главы государства определяют его предназначение в государственном механизме.

В науке конституционного права для определения характеристики масштабов и содержания деятельности органов государственной власти используют такие понятия, как «полномочия», «предмет ведения», «компетенция», и «функции». Одним из наиболее важных элементов конституционно-правового статуса государственного органа, в том числе и главы государства, являются его функции, которые определяют его предназначение в государственном механизме. Также функции играют существенную роль поскольку именно от порядка их исполнения зависит конечный результат государственного регулирования. Категории «функции» являются наиболее предметными и содержательными, по сравнению, с другими указанными категориями.

В юридической литературе отмечается, что конституционные функции являются определяющими по отношению к компетенции. Практически все исследователи едины во мнении о том, что функции и компетенция любого органа государства находятся в тесной связи между собой. Представляется верной точка зрения О.Е. Кутафина и К.Ф. Шеремета о том, что «именно через компетенцию реализуются функции органа, причем функция словно «раскладывается на элементарные составляющие», поскольку она не может непосредственно влиять на правоотношения. Другими словами, именно компетенция выступают тем юридическим средством, с помощью которого орган государства выполняет свои функции» [4, с.32-33]. В свою очередь, М.А. Краснов отмечает, что «компетенцию государственного органа можно определить, как совокупность полномочий, соответствующих его функциям, которые, в свою очередь, соответствуют предназначению данного органа в рамках установленной конституцией системы публичной власти» [5, с.413].

Иными словами, функции органов государственной власти конкретизируют их полномочия, определяют виды деятельности, ориентированные на определенный результат. Объем и характер полномочий определяет набор функций органа государственной власти и при этом полномочие может быть реализовано путем исполнения одной или нескольких функций.

В литературе по конституционному и административному праву под функциями органов государственной власти понимают нормативно установленный вид властной

деятельности, постоянно осуществляемый этим органом власти в определенной сфере деятельности [5, с.413]. Так, К. Шалкыбаев под функцией в широком смысле слова понимает внешнее проявление свойств какого-либо объекта в определенной системе отношений. При этом автор обосновывает обусловленность функции органа государственной власти государства с его социальной сущностью, стоящими перед ним основными целями и задачами [13, с.147].

Данные требования относятся и к функциям Президента. Как отмечает Н.В. Мишина «в функциях главы государства отражается социальное назначение этого института, объективная необходимость осуществления им общественно полезной, социально обусловленной представительной и правотворческой деятельности. Правильное понимание функций главы государства является важным и для практики государственно-правового строительства, поскольку точное их определение способствует выразительному определению этого института при реализации государственных функций. Без решения вопроса о функциях главы государства трудно определить приоритетные направления и определить объем, характер и содержание его деятельности». Далее она определяет функции главы государства как основные направления или виды его деятельности, выражающие сущность и назначение этого института, его роль и место в обществе [7, с.848].

В.А. Малиновский определяет функции Президента как обусловленные социально-политическим предназначением, первейшие, постоянно присущие главе государства основные направления деятельности, непосредственно предусмотренные Конституцией в качестве сущностного исходного предназначения самого института Президента республики. Указанные функции выступают как системообразующее ядро политико-правового статуса Президента республики. Функции являются определяющими по отношению к компетенции - закрепленным в Конституции и законодательных актах конкретным правам и обязанностям [8, с.234].

Раскрывая содержание функций главы государства на постсоветском пространстве, авторы обращают внимание на одну особенность – роль главы государства в системе разделения властей. Как нами было отмечено в предыдущих главах, в мире существуют три основные модели разделения властей, каждая их которых по-особенному определяет роль главы государства. При этом, главным вопросом является взаимодействие президента с исполнительной ветвью власти, т.е. входит он в неё или в государстве отношения построены на «бицефальной» системе. Исходя из этого и определяются функции государства.

В ряде стран СНГ (Туркменистане, Таджикистане и Кыргызстане) президент является главой государства и одновременно с этим главой исполнительной ветви государственной власти. Гораздо более неоднозначным является характер данных взаимоотношений в странах СНГ, где президент формально не возглавляет исполнительную ветвь государственной власти, а в конституции именуется просто главой государства (Казахстан, Узбекистан). В данных странах СНГ президент не просто де-юре не является органом исполнительной власти, а еще и не относится ни к одной из трех традиционных ветвей государственной власти, которые упоминаются в конституционных положениях вышеупомянутых стран СНГ.

Исходя из этого, он делит глав государств исходя из их функциональных возможностей на президентов-глав государства и президентов-глав исполнительной ветви государственной власти. Их основное отличие по мнению данного автора заключается в том, что президент-глава государства, выполняет координацию действий органов исполнительной власти, в то время как президент-глава исполнительной ветви руководит ими. Также президент-глава исполнительной ветви дополнительно наделяется и представительскими функциями.

Представленная позиция, на наш взгляд является верной. Первый тип главы государства присущ полупрезидентским республикам, где заметная роль отводится премьер-министру, как руководителю исполнительной власти и основные административно-управленческие функции закрепляются за ним. В данной системе координат за главой государства закрепляется координационная функция. Во втором типе главы государства административно-управленческая функция сосредоточена в его руках наряду с представительными функциями.

Исходя из данной типологии в странах Центральной Азии к первому типу относятся главы государств Казахстана и Узбекистана, а ко второму типу Таджикистана, Туркменистана и Кыргызстана.

Для того, чтобы определится с реализуемыми функциями глав государств Центральной Азии необходимо очертить их круг. В юридической литературе по данному вопросу существует большой диапазон точек зрения.

С.А. Осетров выделяет традиционные и специфические функции. К традиционной функции главы государства и президентской власти выступает представительская функция, т.е. Президент как глава государства представляет государство внутри страны и в международных отношениях. К специфическим функциям относятся гарантийная, арбитражно-интегративная и контрольная. Гарантийная функция заключается в том, что Президент выступает в качестве гаранта Конституции, суверенитета, независимости и территориальной целостности государства, прав и свобод человека и гражданина. Арбитражно-интегративная функция объясняется необходимостью обеспечения согласованного взаимодействия, стабильного сотрудничества и единства всех ветвей государственной власти. Контрольная функция реализуется посредством отчетности подконтрольных органов перед Президентом.

И.Г. Скороход выделяет функцию главы государства и функцию гаранта [10, с.154]. Схожая позиция высказана В.Д. Ипатовым, который к перечисленным функциям добавляет функции посредничества между органами государственной власти [3, с.8].

Центральноазиатские авторы на основе особенностей функционирования института в своих странах также дают различную классификацию функций Президента. Так, казахские авторы З.К. Аюпова и Д.У. Кусаинов обособляют функцию президентской (политической) координации, функцию президентского (политического) контроля и функцию президентского (политического) арбитража [2, с.148]. Б.А. Мухамеджанов выделяет «функцию гаранта прав и свобод граждан, единства народа, функцию представительства от имени народа как внутри, так и вне страны, а также идеологическую функцию, организаторскую функцию и контрольную функцию» [3, с.18]. В.А. Малиновский обосновывает выделение следующих функций: определения основных направлений внутренней и внешней политики государства и представления его внутри страны и в международных отношениях; символа и гаранта единства народа и государственной власти, прав и свобод человека и гражданина; обеспечения согласованного функционирования всех ветвей государственной власти и ответственности органов власти перед народом [6, с.234].

Из анализа работа узбекских авторов А. А. Азизходжаева и О. Хусанова можно сделать вывод что в Узбекистане Президент наделен функциями главы государства и исполнительными функциями [12, с.56].

Интересной является точка зрения В. Погорилко который рассматривая вопросы классификации функций Президента выделает следующую типологию для классификации: по объекту (сфере деятельности) (объектные функции) - внешние и внутренние функции государства; по способам, средствам и условиям деятельности (властные функции) - законодательную, исполнительную, судебную и контрольно-надзорную функции [8, с.10].

В свою очередь Н.В. Мишина, раскрывая содержание объектных функций отмечает, что

«к объектным функциям можно отнести такие внутренние функции главы государства, как политическую, экономическую, культурную и т.д. Среди внешних функций главы государства наиболее известны внешнеполитическая и оборонная. Что касается властных функций, то их содержание образуют представительная и правотворческая функции» [7, с.848]. Также в зависимости от правового закрепления и формы правления Президент может реализовать также такие функции, как гарантийная и исполнительная.

Таким образом, обобщив все изложенные позиции, мы пришли к выводу, что в отношении глав государств Центральной Азии можно выделить общие (представительская и правотворческая) и специальные (гарантийная и исполнительная) функции главы государства.

**Рецензент: д.ю.н., профессор Диноршох А.М.**

## МАФҲУМ ВА ТАСНИФИ ФУНКСИЯҲОИ САРДОРИ ДАВЛАТ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Калидвожаҳо:*** ваколатҳо; объекти роҳбарӣ; салоҳият; вазифа; Президент; сардори давлат; Осиёи Марказӣ**.**

***Аннотация:*** Дар ин мақола масъалаи мафҳум ва таснифи вазифаҳои сардори давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф як унсури муҳимтарини вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми давлатӣ, аз ҷумла сардори давлатро баррасӣ мекунад. Ба андешаи муаллиф, функсияи сардори давлат вазифаи ин ниҳодро дар механизми давлатӣ муайян мекунанд.

***Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ -*** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, E-mail: sulaymonzoda.m@gmail.com, Тел.: (+992) 904-23-88-88.

## CONCEPT AND CLASSIFICATION OF THE FUNCTIONS OF THE HEAD OF STATE IN THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA.

***Keywords:*** powers; leadership object; competence; function; President; head of state; Central Asia.

***Annotation:*** This article examines the concept and classification of the functions of the head of state in the countries of Central Asia. The author considers one of the most important elements of the legal-constitutional status of a state body, including the head of state. According to the author, the function of the head of state determines the role of this institution in the state mechanism.

***Sulaimonzoda Manuchehr Subhonali*** - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Constitutional and Administrative Law at the Faculty of Law, Tajik National University. E-mail: sulaymonzoda.m@gmail.com, Tel.: (+992) 904-23-88-88.

**Список литературы:**

1. Азизходжаев, А. А. Истинно узбекское дело. — Ташкент: Узбекистон, 2011.
2. Аюпова З.К., Кусаинов Д.У. К проблеме о современном состоянии института президентства в Республике Казахстан // Известия Национальной академии наук Республики Казахстан. Серия общественных и гуманитарных наук. 2014. № 6.
3. Ипатов В.Д. Институт президентства в Республике Беларусь и его конституционное развитие. С. 8-9.
4. Кутафин О.Е., Шеремет К.Ф. Компетенция местных Советов: Учебное пособие. М., 1986.
5. Краснов М.А. Президент в системе публичной власти смешанной модели // Труды по Россиеведению. 2018. № 7.
6. Малиновский В.А. Лидер: президентская власть в Казахстане на рубеже эпох.

7. Мишина Н.В. Конституционное право зарубежных стран: учебник / Н. В. Мишина, А. Р. Крусян, Д. Я. Гараджаев и др. – Харьков: Право, 2015.

8. Погорілко, В. Ф. Функціӣ Украӣнськоӣ держави та ӣх правові основи [Текст] / В. Ф. Погорілко // Бюл. М-ва юстиціӣ Украӣни. – 2004. – № 1.

9. Правовые проблемы унитаризма в Республике Казахстан / Г. Сапаргалиев, Б. Мухамеджанов, Л. Жанузакова, Р. Сакиева. Алматы, 2000.

10. Скороход И. Г. Глава государства – функция Президента Республики Беларусь // Lex russica. 2021. Т. 74. № 7.

11. Хабриева Т.Я., Ноздрачев А.Ф., Тихомиров Ю.А. Административная реформа: решения и проблемы // Журнал российского права. – 2006. – № 2.

12. Хусанов, О. Государственные органы Республики Узбекистан. — Ташкент: Шарк, 1996.

13. *Шалкыбаев К.* Орган исполнительной власти: понятие, признаки и основные функции //Вестник КНУ им. Ж. Баласагына: Гуманитарные науки. Специальный выпуск: Материалы международной научно- практической конференции «Конституция Кыргызской Республики: роль и значение в современном обществе и ее основные ценности». 31 мая – 1 июня 2013 г. Бишкек: КНУ, 2013.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Азизхӯҷаев, А. А. Исботи ҳақиқатан ӯзбекӣ. — Тошкент: Ӯзбекистон, 2011.

2. Аюпова З.К., Қусайинов Д.У. Дар бораи масъалаи вазъи имрӯзаи институти президентӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қазоқистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ. 2014. № 6.

3. Ипатов В.Д. Институти президентӣ дар Ҷумҳурии Беларус ва инкишофи конститутсионии он. 2017.

4. Кутафин О.Е., Шеремет К.Ф. Салоҳияти Шӯроҳои маҳаллӣ: васоити таълимӣ. М., 1986.

5. Краснов М.А. Президент дар системаи ҳокимияти ҷамъиятии модели омехта // Тадқиқотҳо дар бораи русшиносӣ. 2018. № 7.

6. Малиновский В.А. Пешво: Ҳокимияти президентӣ дар Қазоқистон дар арафаи давраҳо. 2020.

7. Мишина Н.В. Ҳуқуқи конститутсионии кишварҳои хориҷӣ: Дастур / Н. В. Мишина, А. Р. Крусян, Д. Я. Гараджаев ва дигарон – Харков: Ҳуқуқ, 2015.

8. Погорилко, В. Ф. Функсияҳои давлати Украина ва асосҳои ҳуқуқии онҳо Матн / В. Ф. Погорилко // Бюллетени Вазорати адлияи Украина. – 2004. – № 1.

9. Проблемаҳои ҳуқуқии унитаризм дар Ҷумҳурии Қазоқистон / Г. Сапаргалиев, Б. Муҳамеджанов, Л. Жанузакова, Р. Сакиева. Алматы, 2000.

10. Скороход И. Г. Сардори давлат – функсияи Президенти Ҷумҳурии Беларус // Lex Russica. 2021. Т. 74. № 7.

11. Хабриева Т.Я., Ноздрачёв А.Ф., Тихомиров Ю.А. Ислоҳоти маъмурӣ: қарорҳо ва мушкилот // Журнали ҳуқуқи Русия. – 2006. – № 2.

12. Хусанов, О. Мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон. — Тошкент: Шарқ, 1996.

13. Шалқибаев К. Органи иҷроия: мафҳум, нишонаҳо ва вазифаҳои асосӣ // Бюллетени ДМТ ба номи Ж. Баласагин: Илмҳои гуманитарӣ. Шумораи махсус: Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалии "Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон: нақш ва аҳамият дар ҷомеаи муосир ва арзишҳои асосии он". 31 май – 1 июни соли 2013. Бишкек:2013.

**List of Literature:**

1. Azizkhodzhaev, A. A. Authentic Uzbek Case. — Tashkent: Uzbekistan, 2011.

2. Ayupova Z.K., Kusainov D.U. On the Issue of the Current State of the Institute of Presidency in the Republic of Kazakhstan // Proceedings of the National Academy of Sciences of the Republic of Kazakhstan. Series of Social and Humanitarian Sciences. 2014.

3. Ipatov V.D. The Institution of the Presidency in the Republic of Belarus and its Constitutional Development.

4. Kutafin O.E., Sheremet K.F. Competence of Local Councils: Textbook. M., 1986.

5. Krasnov M.A. The President in the System of Public Authority of a Mixed Model // Studies on Russian Studies. 2018. No. 7.

6. Malinovsky V.A. Leader: Presidential Power in Kazakhstan at the Turn of the Epoch.

7. Mishina N.V. Constitutional Law of Foreign Countries: Textbook / N. V. Mishina, A. R. Krusyan, D. Y. Garadjaev, et al. – Kharkov: Law, 2015.

8. Pogorilko, V. F. Functions of the Ukrainian State and their Legal Foundations Text / V. F. Pogorilko // Bulletin of the Ministry of Justice of Ukraine. – 2004. – No. 1.

9. Legal Problems of Unitarism in the Republic of Kazakhstan / G. Sapargaliyev, B. Mukhamedzhanov, L. Zhanzakova, R. Sakieva. Almaty, 2000.

10. Skorokhod I. G. Head of State – Function of the President of the Republic of Belarus // Lex Russica. 2021. Vol. 74. No. 7.

11. Khabrieva T.Ya., Nozdrachyov A.F., Tikhomirov Yu.A. Administrative Reform: Decisions and Problems // Journal of Russian Law. – 2006. – No. 2.

12. Khusanov, O. State Bodies of the Republic of Uzbekistan. — Tashkent: Shark, 1996.

13. Shalkybaev K. Executive Body: Concept, Features, and Main Functions // Bulletin of KNU named after Zh. Balasagyn: Humanities. Special Issue: Materials of the International Scientific and Practical Conference "Constitution of the Kyrgyz Republic: Role and Importance in Modern Society and its Main Values". May 31 – June 1, 2013. Bishkek: KNU, 2013.



ТДУ: 358.3

**Исмоилова Мадина Исмоиловна,**
*сардори шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail:* madina-ismoilzoda@mail.ru
*Тел.: (+992) 915-41-22-22.*

# ТАШКИЛОТҲОИ ТЕРРОРИСТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО ДАР ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ

***Калидвожаҳо:*** терроризм; ташкилот; ташкилоти террористӣ; пасошуравӣ; ислом; фаъолият.

***Анотатсия.*** Дар мақола шарҳи мухтасар дар бораи паҳншавии ақидаҳои радикалии динӣ дар кишварҳои мусалмонии пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Афзоиши назорати давлатӣ дар робита ба вазъи динӣ дар ин кишварҳо, аз ҷумла боиси маҳдуд шудани доираи фаъолияти созмонҳои динии хориҷӣ ва фондҳои байналмилалии хайрияи мазҳабӣ ва тибқи қонун манъ шудани фаъолияти онҳо, ки террористӣ эътироф шудаанд, оварда расонидааст. Бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон) феҳристи расмии созмонҳои манъшударо доранд. Дар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва амалӣ шудани силсилаамалҳои террористӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилоти экстримистӣ-террористии «Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон» алоқаи бевосита дорад.

Дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ҳифзи асосҳои сохторӣ дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки он давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаву иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, рушди ниҳодҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати озодии виҷдон, таъмини амнияти миллии кишвар, таъмини суботи ҷомеа ва дар маҷмӯъ ба амал баровардани рушду инкишофи мамлакат ҳадафҳои олии Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбанд.

Мутаассифона, дар радифи имкониятҳо ва шароитҳои дар амал татбиқ намудани стратегияҳои мазкур, инчунин як қатор омилҳо ва хавфу хатарҳое арзи ҳастӣ менамоянд, ки ба амнияти миллии кишвар ва дар маҷмуъ ба сохтори конститутсионии давлат таҳдиди воқеӣ ба шумор мераванд.

Терроризм ва экстремизм яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор рафта боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш, таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнини руҳонию ҷисмонӣ, таҷовуз ба ҳаёти инсон, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионии кишварҳои ҷудогона, ғасби ҳокимият, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ гардидааст. Терроризм ва эктремизм дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа махсусан миёни ҷавонон яке аз муаммоҳои меҳварии ҳаёти башарият буда, оқибат ба бесуботӣ ва вайронкорӣ меорад.

Дар байни муҳаққиқон доир ба пайдоиши терроризм ақидаҳо гуногун аст. Ҳеҷ кас дақиқ гуфта наметавонад, ки аввалин амали террористӣ кай анҷом дода шудааст. У. Пакер бар ин ақида аст, ки ҳама гуна куштори сиёсӣ терроризм аст ва дар асоси ин маҳак онро ба замони атиқа марбут медонад. Гурӯҳи дигар, терроризмро зуҳуроти охири асри ХХ медонанд. Таърихнигори фаронсавӣ М. Ферро терроризмро бо фаъолияти махфии исмоилиҳо (махсусан асатинҳо) дар асрҳои 11-12 алоқаманд медонад. Н. Неймарк пайдоиши ин зуҳуроти номатлубро ба давраи пас аз ислоҳоти наполеонӣ вобаста медонад [1].

Мафҳуми ташкилоти террористӣ ва ташкилотҳои экстримистӣ низ дар байни муҳаққиқон баҳсҳои илмиро ба миён овардааст. Ба андешаи олимон гурӯҳи террористӣ – иттиҳодияи шахсоне, ки бо

мақсади содир намудани амалҳои террористӣ; ташкилоте, ки ба фаъолияти террористӣ машғул аст ё, аз ҷумла унсурҳои муҳиме, ки ба чунин фаъолияти ғайриқонунӣ машғул мебошанд [2, с. 547]. Олимони дигар чунин ақида доранд, ки гурӯҳи террористӣ иттиҳоди ду ё зиёда шахсоне мебошад, ки ҳадафҳои умумӣ (содир кардани амалҳои террористӣ), зинанизоми дохилӣ (тақсимоти нақшҳо) ва интизом доранд. Одатан гурӯҳҳои террористӣ гурӯҳҳои (воҳидҳои) «ҷанговар»-и ташкилотҳои террористӣ мебошанд [2, с. 545].

Таҳдиди ифротгароии мазҳабӣ ва терроризм яке аз масъалаҳои марказии барномаҳои амниятии аксари кишварҳои пасошуравиро дар бар гирифта, масъалаи мазкур дар он кишварҳое, ки шумораи зиёди аҳолиашонро мусулмонон ташкил медиҳад, аҳаммияти хоса доранд. Ба чунин давлатҳо ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, қисман Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Ҳар яки онҳо дар мубориза бо терроризм таҷрибаи хоси худро доранд ва барои мубориза бо ифротгароӣ ва радикализми динӣ тадбирҳо меандешанд [3, с. 25].

Раванди воруди ақидаҳои радикалӣ ва ифротгароӣ ба қаламрави кишварҳои пасошуравӣ то охири солҳои 70-уми асри гузашта мушоҳида мешавад. Оғози он бо ду воқеаи муҳими соли 1979 дар давлатҳои ҳаммарз бо ИҶШС - инқилоби исломӣ дар Эрон ва воруди неруҳои шуравӣ ба Афғонистон алоқаманд аст [4]. Инқилоби Эрон дар моҳияти мазҳабӣ хусусияти шиа буд ва аз ин рӯ дар миёни ҷавонони мусалмони ҶШС Озарбойҷон вокуниш пайдо кард, ки ҳолати мазкурро дар асарҳои илмии олими озарбойҷонӣ А. Юнусов мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро, ба андешаи ӯ дар ибтидои солҳои 80-уми асри XX дар деҳаи хурдакаки Нардарон, ки дар 30 километрии шимолу ғарбии шаҳри Боку воқеъ аст, нимзаминии «Ташкилоти Хумайнистӣ» (бо забони озарбойҷонӣ «Хомейничиляр ташкилаты») ба вуҷуд омад [5, с. 22].

Ҳаракати муҷоҳиддини исломии Афғонистон, ки ҳадафаш аз ибтидо муборизаи мусаллаҳона бар зидди «кофирон» буд, тавонист хатари ҷиддии таъсири берунӣ ба ҷомеаи мусалмонони ИҶШС гардад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ нуфузи гурӯҳҳо ва созмонҳои байналмилалии исломии радикалӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Таҳдиди густариши исломгароӣ ҳанӯз дар соли 1989, вақте ки ҳайатҳои сершумори давлатҳои мусалмонӣ ва созмонҳои байналмилалии исломӣ, аз ҷумла Лигаи ҷаҳонии исломӣ ва Бонки Исломии Рушд дар таҷлили 1100-солагии қабули он дар шаҳри Поволже ширкат доштанд, ба воқеият табдил ёфт. Ҳамаи онҳо ба воқеаҳои дар Иттиҳоди Шуравӣ рӯйдода мароқи калон зоҳир намуда, изҳор намуданд, ки дар эҳёи фаъолияти исломии халқҳои мусулмони ИҶШС фаъолона иштирок мекунанд.

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар он дин тахти фишори ҷиддӣ қарор гирифта буд, боиси болоравии бесобиқаи динӣ дар ҷумҳуриҳои он гардид, ки дар он мусулмонон аксариятро ташкил медиҳанд. Баъзе давлатҳо, аз қабили Туркманистон ва Ӯзбекистон, аз як тараф, сиёсати назорати қатъӣ аз болои динро идома дода, аз тарафи дигар, кӯшиш мекунанд, ки авторитаризми доимии қудратро нигоҳ доранд, аз ибтидои мавҷудияти худ ҳаёти диниро дар доираи қатъии худ нигоҳ доштаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ принсипҳои демократӣ ва озодии эътиқоди диниро кафолат дод, дар баробари ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия ба баъзе ҳодисаҳои террористӣ рӯ ба рӯ гардид [6, с. 241].

Гарчанде чунин, дигаргуниҳо ба ҳаёти сиёсиву иқтисодии ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон таъсири назаррас нагузошта бошанд ҳам, вале ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба оғози низоъҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ замина гузоштанд.

Чунончи, раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар охири солҳои 80-уми асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ сар шуд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба пайдошавии ҳизбу ҳаракатҳои исломию демократии Тоҷикистон – Ҳизби наҳзати исломии

Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҷамъияти мардумии «Растохез», Ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» ва дигар ҷамъиятҳои маҳаллӣ овард. Зиддияти ҳизбу ҳаракатҳои исломию демократӣ муқобили Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар воқеаҳои 11-14 феврали соли 1990 дар Душанбе, бо задухӯрди намоишчиён бо ҳукумат анҷомид. Ин муқовимати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (иборат аз аъзоёни Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон) бо ҳизбу ҳаракатҳои исломию демократии дар солҳои 1991 ва 1992 давом ёфта, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гашт.

Дар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва амалӣ шудани силсилаамалҳои террористӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилоти экстримистӣ-террористии Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон алоқамандии бевосита дорад. Чунончи, рӯзномаи бонуфузи «Ал-Аҳром», ки дар Ҷумҳурии Мисри Араб аз соли 1975 ба ин сӯ нашр мешавад, дар бораи фаъолияти Ташкилоти экстремистӣ-террористии (ТЭТ) ҲНИТ дар қаламрави Тоҷикистон ва робитаи пинҳонии ин ташкилот бо ДИИШ, «Ҷабҳат-ун-нусра», «Ҷайш-ал-ҳур» (Лашкари озод), «Ихвон-ул-муслимин» ва дигар ташкилотҳои экстремистиву террористӣ матлаби таҳлилие нашр намудааст, ки баёнгари ошкор шудани ҷурму гуноҳи наҳзатиён ба муқобили ҳама халқи ҷаҳон аст.

Ба навиштаи ин нашрия, байни ду гурӯҳи террористӣ – ҲНИТ ва ДИИШ – дар робита ба кумакҳои логистикӣ ва тайёрсозии кадрӣ ҷиҳати пиёда намудани амалҳои террористӣ ҳамкориҳо роҳандозӣ гардидааст. Ин иқдом дар ҳолест, ки теъдоди зиёди аъзои ҲНИТ дар сафи ташкилоти террористии ДИИШ дар Сурия ва Ироқ меҷанганд. Теъдоди дигари онҳо таҳти парчами «Ҷабҳат-ун-нусра», «Лашкари озоди Сурия» ва «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ҷангида истодаанд [7].

Ҳамзамон раванди маҳдуд ва манъи фаъолияти он сохторҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ террористӣ эътироф шудаанд, ҷараён гирифт. Таҷрибаи манъи фаъолияти созмонҳои мазҳабии сиёсӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ дар Озарбойҷон, Туркманистон ва Ӯзбекистон фаъолона истифода мешавад, аммо дар ин кишварҳо феҳристи расман нашршудаи чунин созмонҳо вуҷуд надорад. Дар мавриди Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон феҳристи созмонҳои мамнуъро тартиб додаанд, ки то ҳол бо номҳои нав пурра мешаванд.

Таҳлили феҳристи созмонҳои мамнуъ нишон медиҳад, ки аксарияти мутлақи онҳо – беш аз 20 гурӯҳҳои шохаи ташкилотҳои террористии байналмилалӣ мебошанд, ки хеле пештар ба вуҷуд омада ва ташаккул ёфтаанд ва марказҳои асосии худро дар берун аз марзҳои пасошуравӣ доранд. Дар ҳоли ҳозир дар раддабандии созмонҳои террористии байналмилалӣ ҷои аввалро «Давлати исломӣ» ва «Ҷабҳат-ун-нусра» ишғол мекунанд, ки тақрибан тамоми зуҳуроти терроризми солҳои охир дар Шарқи наздик, балки дар бисёр мамлакатҳои Ғарб, инчунин дар мамлакатҳои пасошуравӣ на танҳо ба вуқӯъ пайвастааст, балки паҳн мешавад ва хатар ҳам дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мубориза бо падидаи мазкури хатарноктарин дар таърихи инсоният тадбирҳои судманд андешида истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизми байналмилалиро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва тамоми ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муштарак дар ин самт баромад мекунад. Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) бояд ба ошкор намудан, пешгирӣ ва аз байн бурдани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ногузирии ҷазо барои ҳама гуна ҷиноят, ҳифзи ҳуқуқи инсон ба амнияти шахсӣ, сарфи назар аз миллият, шаҳрвандӣ, эътиқоди динӣ, ақида ва нуқтаи назар нигаронида шавад [10].

Чунончи, бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 адад аз ҳизбҳо, гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, равияҳо ва иттиҳодияҳои зерин ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияташон дар ҳудуди кишвар манъ, воридоти адабиётҳо қатъ ва сомонаҳои ин ташкилотҳо баста шуданд: ҲНИТ; Ташкилоти «Ал-Қоида»; Ҳаракати

Исломии Туркистони Шаркӣ; Ҳизби Исломии Туркистон (собиқ ҳаракати Исломии Ӯзбекистон); Ҳаракати Толибон; Ташкилоти Бародарони Мусулмон; Ташкилоти Лашкари Тайба; Гурӯҳи исломӣ («Ҷаъмияти Исломии Покистон»); Ҷамъияти таблиғ; Ташкилоти динӣ-мубаллиғии «Созмони Таблиғот»; Тоҷикистони Озод; Ҳизби Таҳрир; «Ҳизб-ут-таҳрир»; Равияи динии «Салафия»; Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ»; Ҳаракати ҷамъиятии «Гурӯҳи 24»; Ташкилоти «Давлати исломӣ» («Давлати исломии Ироқу Шом»); «Ҷабҳат-ун-нусра»; «Паймони миллии Тоҷикистон»; Ҷанги муқаддас (Ал-Ҷиҳод, Ҷиҳоди исломии Мисрӣ); Ҷамъияти ислоҳоти иҷтимоӣ (Ҷамъият-ал Ислоҳ ал-Иҷтимоӣ); Ҷамъияти эҳёи мероси исломӣ; Хонаи ду зиёратгоҳ (Ал- Ҳарамейн); Ҷунд аш-Шом (Артиши Шоми Бузург); Ҷиҳоди Исломӣ - Ҷамоати муҷоҳиддин; Иттиҳоди экстремистии «Шоҳидони Яҳво»; Ташкилоти «Памир дейли нюс» (Pamir Daily News) ё «Памир нюс» (Pamir News); Ташкилоти террористӣ-экстремистии «Давлати исломии вилояти Хуросон» ва Ташкилоти экстремистии «Новый Таджикистан 2» [8].

Ин ташкилотҳо дар шароити муайян ташкил ёфта, дар доираи тақсимоти худ дар назди худ вазифаҳои хеле мушаххас гузоштаанд. Масалан, Ал-Қоида ва Толибон дар Афғонистон, ки зуҳури онҳо паёмад ва натиҷаи воруди неруҳои шуравӣ ба ин кишвар буд, дар замони мавҷудияти ИҶШС натавонистанд нуфузи худро паҳн кунанд.

Ҳарчанд ҳеҷ кадоме аз онҳо бо мақсади анҷом додани фаъолияти террористӣ дар қаламрави кишварҳои пасошуравӣ, ташкил нашуда бошанд ҳам, вале баъди рух додани ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 дар ИМА ба ҳамкории кишварҳои пасошуравӣ бо ИМА ва кишварҳои аврупоӣ, инчунин бо кишварҳои алоҳидаи Осиё, ба хусус бо Миср ва Туркия замина гузошта, бисёре аз созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумлаи созмонҳое эътироф гардиданд, ки дар фазои пасошуравӣ фаъолияти онҳо манъ карда шудааанд.

Ташкилоти экстремистӣ-террористии ҲНИТ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1978 дар совхози «Туркманистон»-и ноҳияи Бохтар таъсис ёфтааст. Созмони экстремистии «Ихвон-ул-муслимин», яъне бародарони мусулмон ба таври махфиёна амал мекард. Мақсади он барпо намудани давлати Халифат дар Тоҷикистон буд. Ин ҳизб худ як ҳизби террористӣ буда, бисёр фарзандони бо нангу номуси миллатро бо роҳи террористӣ аз байн бурданд. Аз 26 октябри соли 1991 Анҷумани муассисони ҳизб ба таври расмӣ баргузор шуд ва солҳои 1991-1993 ҳизби мазкур ошкоро амал намуда, фаъолияти террористӣ мебурд. Ҳизби мазкур баъд аз шикасти сахт хӯрдан дар шаҳри Душанбе, Кофарниҳон ва Файзобод моҳи декабри соли 1992-1993 ба ноҳияҳои минтакаҳои Ғарм ҷойгир шуданд. Дар он ҷой мардумро бо роҳи зӯроварӣ ба худ ҷалб мекарданд. Гӯиё ба ном тартиботи исломиро ҷорӣ мекарданд [9].

Мувофиқи гузориши хабарнигори «Ховар», ТЭТ ҲНИТ аз таҷрибаи ДИИШ истифода бурда, роҳу василаҳои махфии наверо барои ҷалби ҷавонон мавриди истифода қарор додааст. Инчунин, чанд гурӯҳи террористӣ аз ҷониби ҲНИТ ташкил ёфтааст. Роҳбарият ва созмондиҳандагони ташкилоти террористии ҲНИТ ҳанӯз аз оғози фаъолияти худ дар солҳои 70-уми асри XX шеваҳои гуногуни узвият ба наҳзатро ҷорӣ карда буданд, ки ҳоло низ ин тартиб истифода мешавад. Як бахши аъзои наҳзатро онҳое ташкил медоданд, ки дар байни одамон баромад мекарданд ва ташвиқот мебурданд. Дар солҳои шуравӣ ин гуна ашхос дар сохторҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ ба корҳои сабук ва ба чашм ноаён (чун посбонҳои насосҳои обкашӣ, анборхонаву гаражҳо) ба кор даромада, дар миёни деҳқонон, ки қисми бештари ҷомеаро ташкил медоданд, шабона пинҳонӣ таблиғоту ташвиқот мебурданд. Аз ин гирдоби фалокат муҳоҷирони кории тоҷик, ки дар хориҷи кишвар ва хусусан дар Аврупо қарор доранд, эмин намондаанд.

Хусусияти хатарнокии ҲНИТ дар он мебошад, ки он барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан ташкилотҳои террористию экстремистӣ аксаран зери ниқоби шиорҳо ва арзишҳои динӣ амал карда ба эътиқоди динии шахсон таъсир мерасонанд.

Бо талошҳои беназири роҳбарияти давлату Ҳукумат, ба хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ гирифта шуда, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нави давлатсозӣ оғоз гардид.

Рушди бонизоми кишвар ва иттиҳоди миллӣ ба аъзои Ташкилоти террористӣ экстремистӣ ҲНИТ хуш наомад, ки ахиран ба ҷиноятҳои вазнин, ташкили задӯхурдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди кишвар, кӯшиши амалӣ намудани табаддулоти давлатӣ даст заданд. Чунончи, охирин талоши наҳзатиён барои сари қудрат омадан табаддулоти соли 2015 бо сарварии Абдуҳалим Назарзода, бо тахаллуси «Ҳоҷӣ Ҳалим» буд, ки шикаст хӯрд. Ҳаракатҳои ҷинояткоронаи ин гурӯҳи террористӣ бо сардории Муҳиддини Кабирӣ бо далелҳои қотеъ исбот шуда, ниҳоят 29-сентябри соли 2015 фаъолияти он аз ҷониби суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ мамнӯъ эълон гардид.

Маҳз бо назардошти ҳолатҳои зикршуда ва садҳо ҷинояти дигар, аз қабили, даст доштан дар амалҳои террористии моҳи сентябри соли 2015 Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи Прокурори генералиро қонеъ карда, ҲНИТ-ро ҳамчун ташкилоти ифротгарой (экстремистӣ)-террористӣ эътироф намуда, фаъолияти онро қатъ ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ барҳам дода, нашри рӯзномаи «Наҷот», сомонаи интернетӣ, ба ҳудуди Тоҷикистон ворид сохтан ва паҳн намудани аудио ва видеосабтҳо, истеҳсол, чопу нашри рӯзномаю адабиёт ва варақаҳои ҳизб манъ карда шуд. Инчунин, соли 2017 ҲНИТ ба феҳристи ташкилоти террористии сохтори зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай ва ба «Феҳристи ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ эътироф шуда, дар кишварҳои узви Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД)» таҳти рақами 65 шомил шуд [11, с. 200-201].

Гуфтаҳои боло собит месозад, ки мафҳуми муаллифии ташкилоти террористиро пешниҳод намоем. Ташкилоти террористӣ – ин гурӯҳи муташаккили ҷиноятие мебошад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва фаъолияти он дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъ карда шудааст.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Маҳмадшозода Ф.А.**

## МЕЖДУНАРОДНЫХ ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ ИХ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В ПОСТСОВЕТСКИХ ГОСУДАРСТВАХ

***Ключевые слова:*** терроризм; организация; террористическая организация; постсоветские страны; ислам; деятельность.

***Аннотация.*** В статье представлен краткий обзор распространения радикальных религиозных идей в мусульманских постсоветских странах в том числе Республики Таджикистан. Усиление государственного контроля над религиозной ситуацией в этих странах привело, в том числе, к ограничению сфер деятельности зарубежных религиозных организаций и международных религиозно-благотворительных фондов, а также к законодательному запрету тех, которые признаны террористическими. Во многих постсоветских странах (Казахстане, Киргизии, России, Таджикистане) имеются официальные списки запрещенных организаций. Начало гражданской войны и осуществление серии террористических актов на территории Республики Таджикистан напрямую связаны с экстремистско-террористической организацией «Партия исламского возрождения Таджикистана».

***Исмоилова Мадина Исмоиловна*** - начальник отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: madina-ismoilzoda@mail.ru, Тел.: (+992) 915-41-22-22.

## INTERNATIONAL TERRORIST ORGANIZATIONS THEIR ACTIVITIES IN THE POST-SOVIET STATES

***Keywords***: terrorism; organization; terrorist organization; post-Soviet countries; Islam; activity.

***Annotation***. The article provides a brief overview of the spread of radical religious ideas in Muslim post-Soviet countries, including the Republic of Tajikistan. The strengthening of state control over the religious situation in these countries has led, among other things, to the restriction of the spheres of activity of foreign religious organizations and international religious and charitable foundations, as well as to the legislative prohibition of those that are recognized as terrorist. Many post-Soviet countries (Kazakhstan, Kyrgyzstan, Russia, Tajikistan) have official lists of banned organizations. The outbreak of the civil war and the implementation of a series of terrorist acts on the territory of the Republic of Tajikistan are directly related to the extremist terrorist organization «The Islamic Renaissance Party of Tajikistan».

***Ismoilova Madina Ismoilovna*** - Head of the Department of Civil, Business and Family Legislation of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: madina-ismoilzoda@mail.ru Tel.: (+992) 915-41-22-22.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: https://mort.tj (санаи муроҷиат: 24.06.2024).
2. Луғати калони ҳуқуқӣ / Додонов В. Н., Ермаков В. Д., Крилова М. А. ва ғайра.. М.: Инфра-М, 1998. 789 С.
3. Кузнетсов В.Н. Энсиклопедияи геофарҳангӣ: Фарҳанги рушд тавассути фарҳанги амният. М.: Китоб ва тиҷорат, 2009. 700 с.
4. Сипко М.В. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили ҷомеаи террористӣ ё фаъолияти ташкилоти террористӣ ва иштирок дар онҳо: автореф. дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. Москва, соли 2018. 40 с.
5. Юнусов А. С. Палитраи Исломии Озарбойҷон. Боку: Адилоғлӣ, 2012. 168 с.
6. Русия – Осиёи Миёна. Ҷ. 2: Сиёсат ва ислом дар асри XX – ибтидои асри XXI М.: Ленанд, 2011.
7. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: http://dangara.tj/tj/2018/09/16/hni-va-hakorii-on-bo-digar-tashkilothoi-terroristi. (санаи муроҷиат: 24.06.2024).
8. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/markazi-matbuot/khabarho/1738 (санаи муроҷиат: 24.06.2024).
9. Исоқов М.Т. Сӯистифодаи ташкилоти экстремисти-террористии ҲНИ аз ислом. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://tsulbp.tj/archives/13108. (санаи муроҷиат: 24.06.2024).
10. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.06.2024).
11. Шеров Ш.З. Ҳизби наҳзати Ислом – ташкилоти террористию экстремистӣ // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4. – С. 200-201.

**Список литературы:**

1. Электронный ресурс. Источник доступа: https://mort.tj (дата обращения: 24.06.2024).
2. Большой юридический словарь / Додонов В.Н., Ермаков В.Д., Крылова М.А. и др.. – М.: Инфра-М, 1998. – 789 с.
3. Кузнецов В.Н. Геокультурная энциклопедия: Культура развития через культуру безопасности. – М.: Книга и бизнес, 2009. – 700 с.

4. Сипки М.В. Уголовная ответственность за организацию террористического сообщества или деятельности террористической организации и участие в них: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2018. – 40 с.

5. Юнусов А.С. Исламская палитра Азербайджана. – Баку: Адильоглы, 2012. – 168 с.

6. Россия – Средняя Азия. Т.2: Политика и ислам в XX – начале XXI вв. – М.: Ленанд, 2011.

7. Электронный ресурс. Источник доступа: http://dangara.tj/tj/2018/09/16/ hni-va-hakorii-on-bo-digar-tashkilothoi-terroristi. (дата обращения: 24.06.2024).

8. Электронный ресурс. Источник доступа: https://sud.tj/markazi-matbuot/khabarho/1738 (дата обращения: 24.06.2024).

9. Исоков М.Т. Злоупотребление исламом со стороны экстремистско-террористической организации «Партия исламского возрождения».. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://tsulbp.tj/archives/13108. (дата обращения: 24.06.2024).

10. Единая концепция Республики Таджикистан по борьбе с терроризмом и экстремизмом (экстремизмом), утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 28 марта 2006 года №1717 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 24.06.2024).

11. Шеров Ш.З. Партия исламского возрождения – террористическая и экстремистская организация // «Законодательство». – 2022. – №4. – С. 200-201.

**List of literature:**

1. Electronic resource. Access source: https://mort.tj (date of reference: 06/24/2024).

2. Big legal dictionary / Dodonov V.N., Ermakov V.D., Krylova M.A. and others. – M.: Infra-M, 1998. – 789 p.

3. Kuznetsov V.N. Geocultural encyclopedia: Culture of development through culture of safety. – M.: Book and business, 2009. – 700 p.

4. Sipki M.V. Criminal liability for the organization of a terrorist community or the activities of a terrorist organization and participation in them: abstract of the thesis ... cand. Jurid. sciences'. – Moscow, 2018. – 40 p.

5. Yunusov A.S. The Islamic palette of Azerbaijan. – Baku: Adilogly, 2012. – 168 p.

6. Russia – Central Asia. Vol.2: Politics and Islam in the XX – early XXI centuries. – Moscow: Lenand, 2011.

7. Electronic resource. Access source: http://dangara.tj/tj/2018/09/16/hni-va-hakorii-on-bo-digar-bashkilothoi-terroristi. (date of access: 06/24/2024).

8. Electronic resource. Access source: https://sud.tj/markazi-matbuot/khabarho /1738 (date of application: 06/24/2024).

9. Isokov M.T. Abuse of Islam by the extremist-terrorist organization «Islamic Renaissance Party». [electronic resource]. Access source: http://tsulbp.tj/archives /13108 . (date of appeal: 06/24/2024).

10. Unified Concept of the Republic of Tajikistan on combating terrorism and extremism (extremism), approved by Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated March 28, 2006 No. 1717 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of application: 06/24/2024).

11. Sherov Sh.Z. The Islamic Renaissance Party is a terrorist and extremist organization // «Legislation». - 2022. – No.4. – pp. 200-201.

**12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**
**12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW**



**УДК: 347**
**Сулаймонов Фирӯз Сафаралиевич,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: firooz_ss@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-18-76-79.*

# ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ (БАРРАСИИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЭЪТИРОФИ ҲУҚУҚҲОИ РАҚАМӢ ЧУН ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ)

***Калидвожаҳо:*** ҳуқуқи маданӣ; қонунгузории маданӣ; ҳуқуқҳои рақамӣ; ҳуқуқҳои молумулкӣ; объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ; Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон; имзои электронӣ; ҳуҷҷати электронӣ; рақамикунонӣ; иқтисоди рақамӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақола ҳангоми баррасии масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт диққати махсус дода шудааст. Аз ҷумла, дар мақола ҳамчун мавзӯи асосии муҳокима ҳуқуқҳои рақамӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ баромад мекунанд ва муаллиф аз нуқтаи назари назариявӣ ҳуқуқҳои рақамиро тибқи муқаррароти кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ кардааст.

Замони муосирро бо дастовардҳои технологияи нав ва рақамӣ метавон баҳо дод, зеро истифодаи ин технологияҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт назаррас мебошанд.

Чунин ҳолат тақозои онро дорад, ки муносибатҳои мазкури иқтисодӣ бо истифода аз технологияи муосир мавриди танзим қарор дода шаванд, зеро ин муносибатҳо маҳз бо таъсири технологияи муосир дорои як қатор махсусиятҳо мегарданд, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии субъектон дорои хусусиятҳои мушаххасро пайдо мекунад; иродаи субъектон дар ин муносибатҳо дар шаклҳое таҷассум мегарданд, ки пештар чунин шаклҳо на дар таҷриба ва на дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда нашуда буданд; тартиби бастани шартномаҳо ва татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои тарафҳо дар шаклҳои нав сурат мегиранд; намудҳои нави шартномаҳо ба миён омада, мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки ин ҳама танзими дахлдори муносибатҳои мазкурро аз ҷониби қонунгузории маданӣ тақозо менамояд.

Қобили зикр аст, ки таҷрибаи давлатҳо дар самти танзими муносибатҳои мазкур нишон медиҳад, ки бо назардошти имконияти дастрасии субъектон ба дастовардҳои технологияи муосир ва дараҷаи зарурияти танзими ин муносибатҳо аз ҷониби қонунгузории амалкунанда, муносибатҳои мазкур ба сифати предмети танзими қонунгузорӣ баромад намуда, танзими онҳо ба роҳ монда мешаванд. Масалан, хусусиятҳои танзими давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар ин самт аз ИМА фарқ менамояд; қонунгузории Федератсияи Русия дар ин самт дорои як қатор

хусусиятҳо мебошад, ки дар қонунгузории дигар давлатҳо ба назар намерасанд. Инчунин, дар замони муосир қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти танзими муносибатҳои дарҷгардида ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар ин асно бояд дарҷ намуд, ки илми ҳуқуқи маданӣ дар ин самт низ ҳамқадами рушди соҳаи мазкур буда, аз ҷиҳати назариявӣ як қатор корҳои илмии гуногун аллакай мавриди нашр қарор дода шудаанд, ки ин ҳолат оид ба рушди илми ҳуқуқи маданӣ дар самти омӯзиш, азхуднамоӣ ва баррасии назариявии ин муносибатҳо дарак медиҳад [1, с.102-112].

Вобаста ба ин, дар назди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар назди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор ҳадафҳое истодаанд, ки онҳо бахри ба таври дахлдор ба танзим даровардани муносибатҳои дарҷгардида равона карда шуда, онҳоро бояд ҳаддалимкон ҳарчӣ зудтар ва ба таври дахлдор ноил гардид.

Албатта, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии заминавӣ мавриди таҳия ва истифодабарӣ қарор дода шудаанд, ки қонунгузории соҳавии минбаъда бояд бо назардошти муқаррароти онҳо танзими муносибатҳои иқтисодии дарҷгардидаро ба роҳ монанд. Аз ҷумла, ба сифати чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ метавон Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 642 аз 30 декабри соли 2019 тасдиқ карда шудааст, дарҷ намуд [2].

Тибқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, он ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 асос ёфта, инъикоскунандаи дурнамои умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, ҳамзамон ҳарчӣ зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расидани он ва ба таври назаррас паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ, яъне расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табодули он ба кишвари транзитӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешқадам бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад. Консепсия ба гирифтани дивидендҳои рақамӣ дар чунин масъалаҳои барои рушди миллӣ басо муҳим, ба монанди таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, табодули соҳаи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст (банди 3).

Бо ин назардошт, дар Консепсия ташаккули дурнамои умумии табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси модели байналмилалии таъсиси иқтисоди рақамӣ пешбинӣ шудааст (бандҳои 5-8). Модели мазкур дар навбати аввал амалӣ намудани як қатор чорабиниҳоро оид ба таҳкими заминаи ғайрирақамии табодули рақамии ояндаро дар бар мегирад, аз ҷумла баҳодиҳии ҳолати ҷорӣ ва коркарди як қатор чораҳо оид ба таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷорикунии технологияҳои нав, таҳкими пешсафӣ ва институтҳои идоракунии табодул, баҳодиҳӣ ва рушди сармояи инсонии барои табодул зарур, баҳодиҳии ҳолати муҳити корӣ (соҳибкорӣ) ва дигарҳо дохил мебошанд.

Дуюм, Консепсия таҳкими асосҳои рақамӣ, ба монанди таъсиси инфрасохтори муосири рақамӣ ва таъмини ҳамаҷонибаи дастрасии фарохмавҷӣ, рушди системаҳои муосири алоқа, таъсиси дата-марказҳо ва платформаҳои рақамиро пешбинӣ менамояд.

Сеюм, Консепсия табодули соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриро

пешбинӣ менамояд, ки рақамикунонии онҳо метавонад таъсири пайдарҳам ба тамоми иқтисодиёти кишвар расонад, ба монанди табодули бахши хизматрасонии давлатӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ, рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин соҳаҳои калидии истеҳсолот, ба монанди энергетика, саноати коркард, кишоварзӣ ва таъсиси бахшҳои нав, масалан технологияҳои молиявӣ (FinTech).

Дар банди 9 Консепсия дарҷ карда мешавад, ки Консепсия гузариши муттасили марҳила ба марҳиларо ба амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд. Дар аввал се марҳила то соли 2040 ба нақша гирифта мешавад. Марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм то соли 2030 ва марҳилаи сеюм то соли 2040.

Инчунин, тибқи бандҳои 11 ва 12 Консепсия мунтазам қонунгузорӣ ва дигар асосҳои ғайрирақамӣ такмил дода шуда, амалияи дурнамои стратегӣ барои дурнамосозии сенарияҳои рушди рақамикунонӣ, қабули қарорҳо ва андешидани чораҳои дахлдор барои муътадилгардонии ҷараёнҳо ҷорӣ карда мешавад. Барои ҳар як марҳила барнома ва нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсия қабул мегардад, лоиҳаҳои пилотӣ ва таҷрибавӣ бо мақсади ҷустуҷӯ ва ҷорӣ намудани шакл ва усулҳои муътадили рушди самараноки системаи иқтисоди рақамӣ роҳандозӣ карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз, таҳия ва коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар самти танзими иқтисоди рақамӣ (раванди рақамикунии иқтисодиёт) дар замони муосир ба сифати ҳадафи асосии танзими муносибатҳои иқтисодӣ бояд эътироф карда шаванд.

Маълум аст, ки дар танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар маҷмуъ ва иқтисоди рақамӣ ба хусус муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар асоси он ва баҳри татбиқи муқаррароти алоҳидаи он таҳия ва қабул карда мешаванд, саҳми бағоят муҳим доранд.

Дар муқаррароти КМ ба таври умумӣ як қатор қоидаҳо оид ба масъалаҳои истифодаи технологияи муосир дар муносибатҳое, ки предмети танзими КМ-ро ташкил медиҳанд, дарҷ карда шудаанд, ки онҳоро метавон ба ду намуд ҷудо намуд:

- *якум,* қоидаҳои КМ, ки дар муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан низ пешбинӣ карда шуда буданд. Ба ин гуна қоидаҳо, масалан, муқаррароти дар қ.3 м.174 КМ дарҷгардида, ки тибқи он ҳангоми анҷом додани аҳд истифодаи акси айнии имзо бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ ё воситаи дигар, имзои электронӣ ё шакли дигари имзои шахсӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо роҳ дода мешавад, мисол шуда метавонанд. Чунин муқаррарот дар қ.3 м.185 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарҷ гардида буд.

Қайд намудан зарур аст, ки масъалаҳои истифодаи имзоҳои электронӣ дар муомилоти маданӣ-ҳуқуқӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои рақамӣ" сурат мегирад, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тартиби гардиш ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин таъсис ва истифодаи имзои электрониро дар раванди ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ муқаррар менамояд.

Дар Қонуни дарҷгардида дастовардҳои навини ин соҳа ва таҷрибаи пешрафтаи дигар давлатҳо ба назар гирифта шуда, бо фарқият аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" дар Қонуни амалкунанда дигар намудҳои имзоҳои электронӣ, аз қабили имзои электронии одӣ, имзои электронии мукаммал ва имзои электронии ҳифзшуда дарҷ карда шуданд.

Тибқи Қонун имзои электронии одӣ бо комбинатсияи логин ва парол, рамзи тасдиққкунӣ, тавассути почтаи электронӣ, СМС-паёмак, фармоишҳои USSD ва усулҳои ҳамшабеҳи дигар тасдиқ карда мешавад ва танҳо дар сурате истифода мешавад, ки агар дар созишномаи иштирокчиёни низоми иттилоотӣ имконияти истифодаи он пешбинӣ шуда бошад. Ҳангоми истифодаи имзои электронии одӣ калиди санҷиши имзо, воситаҳои имзои электронӣ ва сертификати калиди санҷиши имзо истифода намешаванд.

Имзои электронии мукаммал бо калиди имзои электронӣ тасдиқ карда мешавад. Калиди имзои электронии мукаммал аз ҷониби субъектҳое, ки имзои электронии мукаммалро дар гардиши ҳуҷҷатҳои дохилӣ ё низоми иттилоотии корпоративӣ истифода мебаранд, мустақилона таҳия карда мешавад. Имзои электронии мукаммал бояд маълумот дар бораи дорандаи имзои электронӣ ва силсилаи калидро дар бар гирад.

Имзои электронии ҳифзшуда танҳо ҳангоми имзои ҳуҷҷатҳои электронии ҳифзшуда истифода мешавад. Ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда ва имзои электронии ҳифзшуда бояд маълумот дар бораи дорандаи имзои электронӣ, рақами сертификат ва мӯҳлати амали онро доро бошанд;

- *дуюм,* қоидаҳое, ки дар КМ пешбинӣ шуда, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қоидаҳо пешбинӣ намешуданд. Ба сифати чунин қоидаҳо муқаррароти КМ оид ба ҳуқуқҳои рақамӣ мисол шуда метавонанд.

Дар КМ ҳуқуқҳои рақамӣ як маротиба ва танҳо дар қисмати танзими шартномаи хариду фурӯш ба таври умумӣ дарҷ карда шудааст. Аз ҷумла, тибқи қ.3 м.521 КМ "муқаррароти пешбининамудаи ҳамин параграф нисбат ба фурӯши ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои рақамӣ, татбиқ карда мешаванд, агар аз муҳтаво ё хусусияти ин ҳуқуқҳо тартиби дигар барнаояд".

Таҳлили муқаррароти дарҷгардида нишон медиҳад, ки:

*а) ҳуқуқҳои рақамӣ дар КМ ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ эътироф карда мешаванд;*

*б) ҳуқуқҳои рақамӣ дар КМ ба сифати яке аз навъҳои ҳуқуқҳои молумулкӣ эътироф карда мешаванд;*

*в) ҳуқуқҳои рақамӣ тибқи КМ метавонанд объекти шартномаи хариду фурӯш баромад намоянд, аммо дар ин асно бояд муҳтаво ва хусусияти ин ҳуқуқҳо ба назар гирифта шаванд.*

Бинобар сабаби хусусияти навгониро доштани масъалаи мазкур онро ба таври васеътар баррасӣ мекунем.

*А) Ҳуқуқи рақамӣ – объекти ҳуқуқҳои маданӣ.*

Мусаллам аст, ки ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ молу мулк баромад намуда, ба тамоми объектони ҳуқуқҳои маданӣ пеш аз ҳама хусусияти муомилотпазирии (гардишпазирии) онҳо ва чун қоидаи умумӣ музднок будани онҳо хос мебошанд. Маҳз ҳамин ду хусусияти асосӣ, ки дар баробари дигар хусусиятҳои объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ дарҷ карда мешаванд, онҳоро ба сифати объекти ҳуқуқҳои субъективии иштирокдорони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ эътироф намуда, онҳо дар муомилоти маданӣ-ҳуқуқӣ ширкат меварзанд.

Муомилотпазирии объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ имконияти аз як субъект ба субъекти дигар гузаштани онҳоро тақозо намуда (қ.1 м.137 КМ), бо ин хусусияти худ объектони ҳуқуқҳои маданӣ ба молу мулк (неъматҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои молумулкӣ), инчунин неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ тақсим карда мешаванд (м.136 КМ).

Молу мулк чун категорияи умумӣ ва дарбаргирандаи тамоми объектони муомилотпазир дар худ неъматҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои молумулкиро таҷассум менамояд. Қобили зикр аст, ки дар КМ намудҳои объектоне, ки ба сифати молумулк эътироф карда мешаванд, ба таври пурра дарҷ карда нашуда, КМ намудҳои онҳоро кушода боқӣ мемонад. Зеро дар муомилоти маданӣ-ҳуқуқӣ метавонанд дигар объектҳое, ки дар КМ дарҷ карда нашудаанд, ширкат варзанд. Аммо, тамоми ин объектони дарҷнагардида низ бояд ба қоидаҳои умумии дар КМ нисбати объектони ҳуқуқҳои маданӣ пешбинишуда ҷавобгӯй бошанд.

Вобаста ба ҳуқуқҳои рақамӣ ҳамчун объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ қайд намудан лозим аст, ки худи КМ ҳуқуқҳои рақамиро ба сифати молу мулк эътироф менамояд, зеро онҳоро дар як қатор бо ҳуқуқҳои молумулкӣ баррасӣ намудааст (қ.3 м.521). Пас, аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқҳои рақамӣ бояд чун ҳуқуқҳои молумулкӣ эътироф карда шуда, муомилотпазирии онҳо тибқи қоидаҳои қонунгузории маданӣ оид ба

муомилотпазирии молумулк, аз ҷумла ҳуқуқҳои молумулкӣ мавриди танзим қарор дода шаванд.

Арзиши ҳуқуқҳои рақамӣ бошад, ба хусусиятҳои муомилотпазирии онҳо алоқаманд буда, васеъ паҳн шудани онҳо дар байни субъектони ҳуқуқҳои маданӣ ва мавҷуд будани талаботи иқтисодӣ нисбат ба чун молумулк ба баланд рафтани арзиши он таъсир хоҳад расонид.

*Б) Ҳуқуқҳои рақамӣ – чун намуди ҳуқуқҳои молумулкӣ.*

Ба сифати яке аз объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ ин ҳуқуқҳои молумулкӣ баромад менамоянд, ки дорои хусусиятҳои хоси худ буда, ҳангоми ба сифати объекти муносибатҳои мушаххаси маданӣ баромад намудани онҳо, танзими ин муносибатҳо зери таъсири реҷаи ҳуқуқии ин объектҳо хусусиятҳои хосеро соҳиб мегарданд.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ чор намуди реҷаи объектҳои ҳуқуқҳои субъективии маданӣ (минбаъд – реҷаи маданӣ-ҳуқуқӣ) баррасӣ ва татбиқ карда мешаванд:

- *реҷаи маданӣ-ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқҳои ашёӣ;*
- *реҷаи маданӣ-ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқҳои уҳдадорӣ;*
- *реҷаи маданӣ-ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ;*
- *реҷаи маданӣ-ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқҳои корпоративӣ* [3, с.64-66].

Аз ин чор реҷаи маданӣ-ҳуқуқӣ, якумин фарогири танҳо ашёҳо буда, объекти ин ҳуқуқҳо ашёҳои бо нишони инфиродӣ мушаххас (ашёҳои хоса), пулҳои нақд ва қоғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ эътироф карда мешаванд (моддаҳои 148, 257 ва 268 КМ). Дарҷ бояд намуд, ки категорияи ашё дарбаргирандаи намудҳои гуногуни он буда, як қатор объектҳои дигари ҳуқуқҳои субъективӣ, ки дар шакли моддӣ таҷассум гардида, дар муомилоти маданӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунанд ва чун қоидаи умумӣ ба сифати ашё эътироф карда нашаванд ҳам (масалан, ҳайвонот (м.147 КМ)), аммо нисбати онҳо реҷаи маданӣ-ҳуқуқии ашё татбиқ карда шуда, ба ин объектҳо хусусиятҳои хоси реҷаи мазкур татбиқ карда мешаванд.

Се реҷаи маданӣ-ҳуқуқии дигар ҳуқуқҳои субъективии маданӣ асосан ҳуқуқҳои молумулкиро чун объекти худ эътироф намуда, ҳуқуқҳои молумулкии мазкур дар ин реҷаҳо дорои як қатор хусусиятҳоро пайдо мекунанд. Масалан, агар ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф чун ҳуқуқи молумулкӣ баромад намуда, хусусияти мутлақро доро бошанд, ҳуқуқҳои иштирокдори ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд низ чун ҳуқуқи молумулкӣ аллакай чунин хусусиятро доро намебошанд.

Ҳуқуқҳои молумулкӣ дар шакли классикӣ ва таърихан чун объекти ҳуқуқҳои субъективии уҳдадорӣ пайдо шуда, инкишоф ёфта, то ба ҳол маҳз ба сифати объекти ин ҳуқуқҳои субъективии маданӣ боқӣ мемонад. Табиати ҳуқуқии асосии ҳуқуқҳои молумулкӣ чун объектҳои ҳуқуқҳои субъективии маданӣ (ҳуқуқҳои уҳдадорӣ) асосан имкони ҳуқуқии талаб намудани ин ё он ҳаракатро аз дигар субъектони (ё субъекти) мушаххас таҷассум менамоянд. Аз ин ҷо, *ҳангоми ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ баромад намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ, ин муносибатҳо сохти дохилии (конструксияи) муносибати байни ду субъект – кредитор ва қарздорро (новобаста аз миқдори кредитор ва қарздор) доро мегардонд.* Пас, маълум мегардад, ки дар он муносибатҳое, ки объекти онҳо ҳуқуқҳои молумулкӣ (ҳуқуқи талаб намудан) баромад менамоянд, ҳамеша ду субъекти мушаххас мавҷуданд. Зеро, ҳамеша ҳуқуқҳои молумулкӣ (ҳуқуқи талаб намудан) ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ дар худ талаби молумулкии кредиторро (соҳибҳуқуқро) нисбат ба қарздор (дорандаи уҳдадорӣ) дарҷ менамояд.

Маҳз дар ҳамин ҳолат, дар якдигар таҷассумёбии ҳуқуқҳои молумулкӣ (дар маънои субъективӣ) ва ҳуқуқҳои молумулкӣ (дар маънои объекти ҳуқуқҳои маданӣ) сурат мегирад. Вобаста ба ин, танҳо дар ин ҳолат ҳуқуқи субъективии уҳдадорӣ оид ба талаб намудан дар як вақт ҳам чун ҳуқуқи субъективӣ ва ҳам чун объекти ҳуқуқҳои субъективӣ баромад менамояд. Масалан, кредитор ҳуқуқи талаб намудани пардохти маблағро аз қарздор доро буда, метавонад дар як вақт ин ҳуқуқи худ – ҳуқуқи талаб

намуданро ба дигар субъект дар асоси ин ё он шартнома интиқол диҳад (м.440 КМ).

Вале, на ҳама ҳуқуқҳои молумулкӣ (дар маънои субъективӣ), бинобар сабаби таҷассум накардани чунин талабот дар худ, ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ баромад карда метавонанд. Масалан, ҳуқуқи моликият ба сифати ҳуқуқи молумулкӣ (дар маънои субъективӣ) баромад мекунад, аммо худ ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ баромад карда наметавонад, зеро ҳуқуқи моликият аз лиҳози мазмуни худ ба молик ҳуқуқи талаб намудани содир намудани ҳаракати муайян ва ё худдорӣ намудани аз ҳаракати муайянро аз дигар субъект – қарздор намедиҳад. Чунин қоида нисбати ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ татбиқ карда мешавад [4, с.130-135]. Аз ин ҷо, ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ танҳо он ҳуқуқҳои молумулкӣ эътироф карда мешаванд, ки талаби молумулкии кредитор нисбат ба қарздорро таҷассум мекунанд.

Ҳуқуқҳои рақамӣ чун ҳуқуқҳои молумулкӣ то кадом андоза ба ин гуна талабот ҷавобгуй мебошанд, ба таври мушаххас ҳоло дар КМ дарҷ карда нашудааст. Аз ин ҷо, танзими масъалаҳои эътирофи ҳуқуқҳои рақамӣ ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ ва эътирофи онҳо ба сифати ҳуқуқҳои молумулкӣ таҳлилҳои васеъро талаб менамоянд ва вобаста аз натиҷаи чунин таҳлилҳо қонунгузорӣ дар ин самт бояд такмил дода шавад. Дар КМ пешбинӣ карда шудани ҳуқуқҳои рақамӣ чун объекти ҳуқуқҳои маданӣ дар замони рушди технология муосир қадами устувор буда, хуб мешуд, ки дар оянда дар КМ дар қатори дигар объектҳо табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои рақамӣ низ ба таври мушаххас дар меъёри алоҳида дарҷ карда мешуд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.**

## ГРАЖДАНСКОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО И ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА (РАССМОТРЕНИЯ НЕКОТОРЫХ ВОПРОСОВ ПРИЗНАНИЯ ЦИФРОВЫХ ПРАВ КАК ОБЪЕКТА ГРАЖДАНСКИХ ПРАВ)

***Ключевые слова:*** гражданское право; гражданское законодательство; цифровые права; имущественные права; объекты гражданских прав; Гражданский кодекс Республики Таджикистан; электронная подпись; электронный документ; цифровизация; цифровая экономика.

***Аннотация:*** В данной статье рассматриваются некоторые вопросы признания цифровых прав как объектов культурных прав. При этом вопросы использования электронных подписей в культурно-правовом обороте регулируются Законом Республики Таджикистан “Об электронном документе и цифровой подписи”, который устанавливает правовые, организационные основы, порядок обращения и использования электронных документов, а также создание и использование электронных подписей в процессе формирования и использования электронных документов.

**Сулаймонов Фируз** – кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета Таджикистана. E-mail: firooz_ss@mail.ru. Тел.: *(+992) 918-18-76-79*

## CIVIL LEGISLATION AND DIGITAL ECONOMY (SOME ISSUES OF THE RECOGNITION THE DIGITAL RIGHTS AS AN OBJECTS OF THE CIVIL RIGHTS)

***Keywords:*** civil law; civil legislation; digital rights; property rights; objects of civil rights; Civil Code of the Republic of Tajikistan; electronic signature; electronic document; digitalization; digital economy.

***Annotation:*** In the article, considering general issues of legal regulation of the digital economy in the Republic of Tajikistan, special attention is paid to the development of civil legislation of the

Republic of Tajikistan, in particular the Civil Code of the Republic of Tajikistan in this area. In particular, the main topic of discussion in the article is digital rights as objects of civil rights, and the author from a theoretical point of view considers digital rights in accordance with the provisions of the Civil Code of the Republic of Tajikistan.

**Sulaimonov Firuz** – Candidate of Law, Associate Professor of the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University of Tajikistan. E-mail: firooz_ss@mail.ru. Tel. *(+992) 918-18-76-79*

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Василевская Л.Ю., Подузова Е.Б., Тасалов Ф.А. Рақамикунонии гардиши шаҳрвандӣ: мушкилот ва тамоюлҳои рушд (таҳқиқоти тамаддунӣ). Монография. Дар 5 ҷилд. Ҷилди 1 // муҳаррир доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Л.Ю. Василевская. М.; Проспект. 2021 – С.102-112.

2. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.08.2024).

3. Суханов Е.А. Дар бораи табиати ҳуқуқии шаҳрвандӣ моликияти рақамӣ // Проблемаҳои рушди ҳуқуқи хусусии русия: асарҳои интихобшуда 2018-2023. М.; Статут. 2023 – С.64-66.

4. Сулаймонов Ф.С. Масъалаҳои баҳсноки лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // “Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ”: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (11 майи соли 2024) // Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Ш.М. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – С. 130-135.

**Список литературы:**

1. Василевская Л.Ю., Подузова Е.Б., Тасалов Ф.А. Цифровизация гражданского оборота: проблемы и тенденции развития (цивилизационные исследования). Монография. В 5 томах. Том 1 // редактор доктор юридических наук, профессор Л.Ю. Василевская. М.; Проспект. 2021 – С.102-112.

2. Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.08.2024).

3. Суханов Е.А. О правовой природе цифровой гражданской собственности // проблемы развития частного права в России: избранные работы 2018-2023. М.; Статут. 2023 – С.64-66.

4. Сулаймонов Ф.С. Спорные вопросы проекта Земельного кодекса Республики Таджикистан // «Правовое образование: правоэкономические вопросы землепользования»: материалы республиканской конференции (11 мая 2024 года) // под руководством док... юрид.... наук..., проф.... Исмоилова Ш.М. - Душанбе: Мехрадж-граф, 2024. – С. 130-135.

**List of literature:**

1. Vasilevskaya L.Yu., Poduzova E.B., Tasalov F.A. Digitalization of civil turnover: problems and development trends (civilizational studies). Monograph. In 5 volumes. Volume 1 // editor Doctor of Law, Professor L.Y. Vasilevskaya. M.; Prospect. 2021 – p.102-112.

2. Centralized information and legal database of the Republic of Tatarstan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of application: 08/05/2024).

3. Sukhanov E.A. On the legal nature of digital civil property // problems of the development of private law in Russia: selected works 2018-2023. M.; Statute. 2023 – p.64-66.

4. Sulaimonov F.S. Controversial issues of the draft Land Code of the Republic of Tajikistan // "Legal education: legal and economic issues of land use": materials of the republican conference (May 11, 2024) // under the guidance of the doc... Jurid.... sciences..., Prof.... Ismoilova Sh.M. - Dushanbe: Mehraj-graf, 2024. – p. 130-135.



**УДК: 347.7**

***Қодирзода Тоҳир Қамар,***
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: t_kodirzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 887-08-43-44*

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИ АШЁӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** ашё, молу мулк, объекти ҳуқуқҳои маданӣ, ҳуқуқи ашёӣ, мафҳуми ҳуқуқи ашёӣ, аломатҳои ҳуқуқи ашёӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ, сервитут, мутлақ будани ҳуқуқҳои ашёӣ, амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ.

***Аннотатсия:*** Тибқи моддаи 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи танзими қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ба ҳисоб меравад, ки асосан онҳо дар заминаи ашё ба вуҷуд омада, дар ин гурӯҳ муносибатҳо масъалаҳо вобаста ба ҳуқуқи ашёӣ мавқеи марказӣ доранд. Дар илми ҳуқуқи маданӣ дар робита ба мафҳуми ҳуқуқи ашёӣ ва аломатҳои гуногунандешӣ ҷой дорад. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон расман мафҳуми ҳуқуқи ашёиро мустаҳкам намуд, ки таҳқиқи масъалаи мазкур саривақтӣ ва мақсаднок шуморида мешавад. Дар мақола мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқи ашёӣ дар асоси қонунгузории маданӣ таҳлил гардида, аз ҷиҳати илмӣ таҳлилу асоснок карда шудаанд.

Инсоният аз даврони пайдоиш то инҷониб аз неъматҳои моддӣ (аз ҷумла ашё) истифода менамояд. Мавҷудияти инсонро бидуни истифодаи неъматҳои моддӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Пайдоиши ашё (ба маънои объекте, ки дорои реҷаи ҳуқуқӣ аст) ва ҳуқуқ ба ашё ба пайдоиши ашё ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувофиқат намекунад. Бо ҳамин назардошт, ҳангоми ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи ашё танҳо ба марҳилаҳои таърихии танзими он диққати асосӣ дода мешавад.

Пайдоиши ҳуқуқи ашёӣ ба маънои фаҳмиши имрӯзаи ҳуқуқи маданӣ дар Рими Қадим пайдо шудааст. То мавҷудияти давлати Рими Қадим ашё ҳамчун объекти ҳуқуқ ва ҳуқуқи ашёӣ (бештар ҳуқуқи истифодаи замин) мавҷуд буд, аммо реҷаи ҳуқуқи мадании объектҳои мазкур коркард нагардида, ҳуқуқи ашё ҳамчун ҳуқуқи махсуси алоҳида эътироф карда намешуд ва нисбати он ба таври умумӣ муносибат карда мешуд.

Тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар Аврупои асримиёнагӣ ҳамчун шарти асосии эҷоди сохтори ҳуқуқии ҳуқуқи моликият баромад карданд. Муайян кардани ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дар баробари дарк намудани зарурати эҷоди танзими махсуси ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқҳое, ки ҳукмронии бевосита ва мутлақи шахсро бар ашё ба расмият меоранд, инкишоф ёфт. Мафҳуми ҳуқуқи ашёӣ дар ҳуқуқи хусусии римӣ мавҷуд набуд. Онро таълимоти пандектӣ танҳо дар ибтидои асри 19 ифода карда буд. Ҳуқуқшиносон мафҳуми ҳуқуқи ашёиро шарҳ дода, барои расидан ба ду ҳадафи асосӣ талош карданд: аз як тараф, нишон додани муқобили ҳуқуқи ашёии dominium divisum (молу мулки алоҳида) ва аз тарафи дигар, фарқ намудани он аз ҳуқуқи уҳдадорӣ.

Аз сабаби он, ки мафҳуми ҳуқуқи ашёӣ ба хусусиятҳое, ки дар тартиботи ҳуқуқии олмонӣ мавҷуд буданд, дар бораи ҳукмронии мавҷудаи шахс бар ашё асос ёфта буд, он дар байни пандектистон баҳсу мунозираи зиёд ба вуҷуд наовард. Ба андешаи Г.Денбург «ҳуқуқи ашёӣ ҳуқуқҳое мебошанд, ки ҳукмронии бевоситаро ба ашёи ҷисмонӣ, ки амал ба онҳо паҳн мегардад, медиҳад» [3, с.58].

Мафҳуми расмии ҳуқуқи ашёӣ дар қисми 1 моддаи 267 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] мустаҳкам гардидааст, ки тибқи он «ҳуқуқи ашё ба шахс ҳукмфармоии бевоситаро ба ашё медиҳад ва асос барои дар якҷоягӣ ва ё алоҳидагӣ амалӣ намудани ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории он дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад». Дар мафҳуми мазкур ду хусусияти асосии ҳуқуқи ашёӣ муайян карда шудааст: а) ҳуқуқи ашёӣ ба субъект имконияти ҳукмфармоии бевоситаро ба ашё медиҳад; б) ҳуқуқи ашё асос барои дар якҷоягӣ (ҳуқуқи моликият) ё дар алоҳидагӣ (ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ) амалӣ намудани ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулк аст.

Ба андешаи Е.А. Суханов ҳуқуқҳои ашёӣ ин ҳуқуқе мебошанд, ки мансубияти ашё (объектҳои моддӣ, ҷисмонии муомилоти молумулкӣ) ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба расмият ва мустаҳкам менамояд, ба таври дигар статикаи муносибатҳои молумулкии танзимкунандаи ҳуқуқи маданӣ мебошанд [9, с.8].

Муайян кардани аломатҳои ҳуқуқи ашёӣ бо назардошти тафовути ҳуқуқи ашёӣ аз ҳуқуқҳои молумулкӣ аз ҷиҳати ҳуқуқи муҳим мебошад, зеро дар баъзе мавридҳо нисбати ҳуқуқи уҳдадорӣ, масалан иҷора категорияи ҳуқуқҳои маҳдуди ашё татбиқ карда мешавад. Дар баъзан адабиёти илмӣ [4, с.64] аломатҳои ҳуқуқи ашёӣ ба бевосита ва бавосита ҷудо карда мешавд. Аломатҳои бевоситаи ҳуқуқи ашёӣ ин аломатҳое мебошанд, ки хусусиятҳои худи муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқи ашёиро муайян менамоянд. Ба аломатҳои бевоситаи ҳуқуқи ашёӣ инҳо мансубанд: 1) объекти ҳуқуқ (ашёи хоса); 2) сохтори ахлоқи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ; 3) мазмуни ҳуқуқ (ҳукмронии бевосита нисбат ба ашё). Аломатҳои бавоситаи ҳуқуқи ашёӣ ин аломатҳое мебошанд, ки на хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқи ашёӣ, балки реҷаи ҳуқуқии онро муайян менамоянд. Ба аломатҳои бавоситаи ҳуқуқҳои ашёӣ инҳо дохил мешаванд: а) муайян будани мазмуни ҳуқуқҳои ашёӣ; б) мутлақ будани ҳимояи ҳуқуқҳои ашёӣ; в) нигоҳдории ҳуқуқҳои ашёӣ ба дорандаи он ҳангоми аз даст додани соҳибии воқеии ашё; г) тақдири ҳуқуқии ашёро пайгирӣ намудани ҳуқуқҳои ашёӣ.

Моҳияти ҳуқуқи ашёӣ дар аломатҳои он зоҳир мегардад ва дар заминаи қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқи маданӣ аломатҳои зеринро метавон ҷудо кард:

1) ашёро пайгирӣ намудани ҳуқуқҳои ашёӣ ва гарониро ба вуҷуд овардани ҳуқуқҳои ашёӣ. Ашёро пайгирӣ намудани ҳуқуқ яке аломатҳои асосии ҳуқуқи ашёӣ ба ҳисоб рафта, маънои ба субъекти дорандаи ашё тааллуқ доштани  ҳуқукро дорад. Тибқи ин аломат нобуд шудани ашё боиси қатъ гардидани ҳуқуқи ашё ба он мегардад. Пайгирии ҳуқуқи ашё ба ашё хусусияти умумӣ надошта, ба ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ татбиқ карда мешавад.  Дар асоси қисми 2 моддаи 267 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ашё бевосита нисбати ашё гарониро ба вуҷуд оварда, ашёро пайгирӣ менамояд.

Алоқаи ногусастании ҳуқуқи ашёӣ, ки дар ҳукмронӣ нисбат ба ашё ифода меёбад, ашёро гаронӣ менамояд, аз ин рӯ, аз иваз шудани молик низ вобастагӣ надорад.

2) ҳуқуқҳои ашёӣ ба субъект имконияти ҳукмрониро нисбат ба ашё медиҳад. Ҳуқуқи ашёӣ ин муносибати шахс ба ашё мебошад. Маҳз вобаста ба ин аломат ин ҳуқуқ «ашёӣ» ҳисобида мешавад, зеро ҳуқуқ дар заминаи ашёи муайян ба вуҷуд омада, минбаъд ашё ба молу мулки шахс табдил меёбад. Ҳуқуқи уҳдадорӣ ба шахс имконияти ҳукмрониро нисбат ба рафтори тарафи дигар (қарздор) медиҳад. Вобаста ба ин, дар ҳуқуқи ашёӣ манфиатҳои субъект дар натиҷаи ҳаракатҳои фаъоли худи вай вобаста ба истифодабарии ашё қонеъ гардонда мешавад. Дар ҳуқуқи уҳдадорӣ бошад, талботи шахс (кредитор) дар натиҷаи амалҳои фаъоли шахси дигар (қарздор) қонеъ гардонда мешавад.

3) объекти ҳуқуқҳои ашёӣ ашёи хоса ба ҳисоб меравад. Ашёе хоса дониста мешавад, ки аз ашёи дигар бо нишонаҳои танҳо ба он хос фарқ мекунад. Ашёи хоса ивазнашаванда мебошад. Моҳияти аломати мазкур дар он аст, ки субъект дарк намояд, ки ҳукмронии худро нисбат ба кадом ашё равона намояд, ҳангоми аз даст рафтани ашё мушаххасан

баргардондани онро талаб намояд. Дар заминаи ин аломат, молу мулки ба субъект таллуқдошта ба молу мулки шахси дигар иваз намегардад.

Воситаҳои пулии нақдӣ ва коғазҳои қимматноки ҳуҷҷати объекти ҳуқуқи ашёӣ шуда метавонанд.

4) ҳуқуқҳои ашёӣ хусусияти мутлақ дорад. Мутлақ будани ҳуқуқҳои ашёӣ маънои онро дорад, ки дар он ӯҳдадории вайрон накардани ҳуқуқ аз тарафи шахсони дигар амал мекунад. Мутлақияти ҳуқуқҳои ашёӣ бо он асоснок аст, ки он муносибати шахсро ба ашё, на бо дигар шахс (ба истисонои имконияти шахси ҳуқуқдор дар истифодабарии ашё монеъ шудан ё таъсир расондан ба ашё бе иҷозати вай) мустаҳкам менамояд [9, с.9]. Баъзе муҳаққиқон мутлақ будани ҳуқуқро ҳамчун ӯҳдадории доираи номуайяни шахсон аз худдорӣ намудани вайрон кардани ҳуқуқҳои ашёии дигар баррасӣ менамоянд [6, с.114].

Мутлақ будани ҳуқуқҳои ашё ба дорандаи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки аз воситаҳои ҳимояи ҳуқуқи ашёӣ истифода намоянд, ки онҳо метавонанд нисбат ба дилхоҳ шахси сеюм пешниҳод карда шаванд. Ин ҷиҳати мутлақ будани ҳуқуқҳои ашёӣ дар қисми 5 моддаи 267 муқаррар гардидааст, ки дар асоси он «ҳуқуқи ашё аз вайронкунии ҳама гуна шахс ҳимоя карда мешавад».

Ҳамин тариқ, хусусияти мутлақ доштани ҳуқуқҳои ашёӣ дар мутлақ будани сохтори алоқаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқи ашёӣ ва мутлақ будани хусусияти ҳимояи ҳуқуқҳои ашёӣ тавассути воситаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои ашёӣ зоҳир мегардад.

5) бемуҳлат будани ҳуқуқҳои ашёӣ. Муҳлатнок набудани ҳуқуқҳои ашёӣ маънои онро дорад, ки амалисозии ин ҳуқуқҳо ба муҳлатҳои муайян маҳдуд намегардад, яъне ин муҳлат, муҳлати амалисозии ҳуқуқи маданӣ аст. Бинобар ин, бемуҳлат будани ҳуқуқҳои ашёиро ба муҳлати ҳифзи он омехта намудан мумкин нест. Тибқи қисми 3 моддаи 267 Кодекси маданӣ «ҳуқуқи ашё муҳлати амал надорад, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад». Ҳуқуқи моликият дар ҳама ҳолат бемуҳлат мебошад ва ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ метавонанд муҳлатнок бошанд. Масалан, ҳуқуқи истифодабарии муҳлати қитъаи замин, гарав, сервитути ашёи ғайриманқул ва ғайра ҳамчун ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ муҳлатнок мебошанд [7, с.158].

6) бевосита дар қонун муайян намудани субъект, объект, намудҳои ҳуқуқҳои ашёӣ, амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ, асосҳои ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои ашёӣ. Ба қонун алоқамандии зич доштан яке аз аломатҳои асосии ҳуқуқҳои ашёӣ ба ҳисоб рафта, дар қисмҳои 6 ва 7 моддаи 267 Кодекси маданӣ мустаҳкам гардидаанд.

Чунин хусусияти ҳуқуқҳои субъективии ашёӣ аз он нуқтаи назар дарҷ карда шудаанд, ки азбаски ҳуқуқҳои мазкур хусусияти мутлақро доро мебошанд, яъне ба муқобили дорандаи ҳуқуқ дигар ҳамаи субъектон ба сифати ӯҳдадор эътироф карда мешаванд, пас ин тарафҳои ӯҳдадор бояд оид ба ҳуқуқи субъективии муайяни соҳибҳуқуқро бо назардошти тамоми хусусиятҳои он маълумот дошта бошанд. Зеро дар ҳолати баръакс, яъне тасаввур намоем, ки ин ҳуқуқҳои субъективӣ на аз тарафи қонун, балки аз тарафи худи субъекти ваколатдор муқаррар карда мешавад, пас дар ин ҳолат ҳамеша сӯистеъмол аз ҷониби субъекти ваколатдор сурат мегирад ва субъектони ӯҳдадор ба таври мушаххас намедонанд, ки ӯҳдадории онҳо дар чӣ зоҳир мегардад [8, с.24].

7) амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ бо роҳи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ дар ҳудудҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ. Дорандаи ҳуқуқ дар ҳуқуқҳои ашёӣ ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро пурра ё қисман соҳиб мебошад. Дар ҳуқуқи моликият дорандаи ҳуқуқ ин сегонаи ҳуқуқҳоро пуррагӣ соҳиб мебошад. Дар ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ ин ваколатҳо қисман ба дорандаи ҳуқуқ таллуқ доранд. Масалан, дар ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ корхонаҳои воҳиди давлатӣ ба молу мулки аз тарафи давлат додашуда ваколати истифодабариро соҳиб буда, ваколати ихтиёрдории онҳо маҳдуд аст ва молу мулки онҳо дар соҳибии давлат қарор дорад.

8) бо риояи расмиёти махсус ба даст овардани ҳуқуқҳои ашёӣ ба баъзе ашёҳо.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъетони ҳуқуқи ашёӣ тартиби махсуси ба даст овардани ҳуқуқҳои ашёи ба молу мулки ғайриманқул муқаррар карда шудааст. Дар асоси қисми 1 моддаи 139 Кодекси маданӣ ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба ашёи ғайриманқул, маҳдудиятҳои ин ҳуқуқҳо, пайдоиш, гузаштан ва қатъ гардидани онҳо бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Е.А. Суханов ба сифати хусусиятҳои асосии зерини ҳуқуқи ашёиро ҷудо менамояд: 1) ҳукмронии шахс нисбат ба аёш; 2) хусусияти мутлақи ҳуқуқи ашёӣ; 3) объекти ҳуқуқи ашёӣ танҳо ашёи хоса шуда метавонад; 4) амалӣ намудани ҳимояи ҳуқуқи мадании ҳуқуқҳои ашёӣ бо ёрии даъвоҳои ҳуқуқи ашёӣ; 6) дар қонун муайян шудани намудҳо (номгӯй)-и ҳуқуқҳои ашёӣ, инчунин мазмуни он [5, с.65].

Молик вазифадор аст барои пешгирии зиёни воқеие, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳояш ба саломатии шаҳрвандон ва муҳити зист расида метавонад, тадбирҳо андешад.

Тибқи муқаррароти моддаи 280 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон молик, агар дар санади қонунӣ ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, масъулияти нигоҳдошти молу мулки худро ба уҳда дорад ва наметавонад якҷониба ин масъулиятро ба зимаи шахси сеюм вогузорад. Масалан, иҷорагир вазифадор аст дар давоми тамоми муҳлати амали шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж ҳолати лозимии воситаи нақлиётро нигоҳ дорад, аз ҷумла таъмири ҷорӣ, ҳамчунин агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, таъмири асосиро анҷом диҳад.

Агар молу мулк дар асл дар назди шахси сеюм қарор дошта бошад, пас хароҷоти онҳо барои нигоҳдошти молу мулки ғайр бояд аз ҷониби молик пардохта шавад, ба шарте дар шартнома ё қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ба шахсе, ки молу мулкро бевиҷдонона ё ғайриқонунӣ соҳибӣ кардааст, хароҷоти нигоҳдошти он пардохта намешавад.

Таваккали тасодуфан нобуд ё вайрон шудани молу мулк низ агар дар санади қонунӣ ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ба зиммаи молик гузошта мешавад. Мафҳуми таваккали тасодуфан нобуд гардидан ё вайрон шудани молу мулк, ки ба зиммаи молик мебошад, бо мафҳуми масъулияти шахсони сеюм барои расонидани зиён ба ҳамин молу мулк алоқаманд аст. Таваккал ҳангоме фаро мерасад, ки агар барои вогузории масъулият барои нобуд гардидан ё вайрон шудани молу мулк ба зиммаи шахсони сеюм асосҳои субъективӣ вуҷуд надошта бошад. Масалан, ҳангоми офати табиӣ, ки хусусияти рафънопазир дорад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таваккали тасодуфан нобуд гардидан ё вайрон шудани молу мулк метавонад аз молик ба зиммаи шахси дигар гузошта шавад. Масалан, ҳангоми гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор, ба иҷорагир гузаштани таваккали нобудшавии тасодуфӣ ё вайроншавии тасодуфии молу мулки ба иҷора гирифташуда дар лаҳзаи ба ӯ таҳвил додани ин молу мулк дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), инчунин дар ҳолатҳое, ки мутобиқи созишномаҳои байни тарафҳо дар шартномаи хариду фурӯш таваккали тасодуфан нобудшавии молу мулк ё вайрон шудани молу мулк аз фурӯшанда ба харидор то гузаштани ҳуқуқи моликият ба охирин ё баъди он мегузарад, имконпазир мебошад.

**Муқарриз: д.и.ҳ. Бобоҷонзода И.Ҳ.**

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ВЕЩНОГО ПРАВА В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ ТАДЖИКИСТАНА

***Ключевые слова:*** вещь, имущество, объект гражданских прав, вещное право, понятие вещного права, признаки вещного права, право собственности, ограниченные вещные права, сервитут, абсолютность вещных прав, реализация вещных прав.

***Аннотация:*** согласно статье 2 Гражданского кодекса Республики Таджикистан предметом регулирования гражданского законодательства являются имущественные отношения, которые в

основном возникают на основе вещей, в этой категории отношений центральное место занимают вопросы, связанные с вещными правами. В науке гражданское право относится к понятию вещного права и признакам многообразия. Гражданский кодекс Республики Таджикистан официально закрепил понятие права собственности, что делает исследование данного вопроса своевременным и целенаправленным. В статье анализируются понятия и особенности вещного права на основе гражданского законодательства, научно анализируются и обосновываются.

***Кодирзода Тохир Камар*** – ведущий научный сотрудник отдела теоретических проблем государства и современного права Института философии, политологии и права им. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат юридических наук; E-mail: t_kodirzoda@mail.ru, *Тел.: (+992) 887-08-43-44.*

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF PROPERTY RIGHTS IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** thing, property, object of civil rights, real law, concept of real law, signs of real law, property right, limited real rights, easement, absoluteness of real rights, realization of real rights.

***Abstract:*** according to Article 2 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, the subject of regulation of civil legislation is property relations, which mainly arise on the basis of things, in this category of relations, the central place is occupied by issues related to property rights. In science, civil law refers to the concept of property rights and the signs of diversity. The Civil Code of the Republic of Tajikistan officially enshrined the concept of property rights, which makes the study of this issue timely and targeted. The article analyzes the concepts and features of property rights on the basis of civil legislation, scientifically analyzes and substantiates.

***Kodirzoda Tohir Kamar*** – leading researcher of the department of theoretical problems of the state and modern law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate of legal sciences; E-mail: t_kodirzoda@mail.ru, *Tel.: (+992) 887-08-43-44.*

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.05.2024).
2. Гражданское право / отв. ред. Е. А. Суханов. – М.: Волтерс-Клувер, 2009. – 958 с.
3. Денбург Г. Падекты. Вещное право. Т.1, ч. 2 / Под. ред. А.Ф. Майендорфа. – Спб. – 412 с.
4. Попкова Н.П. Признаки вещных прав. Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». 2017. Т. 17, № 2, – С. 63–69.
5. Российское гражданское право: учеб.: в 2 т. / отв. ред. Е. А. Суханов. – М.: Статут, 2011. – Т. 1: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права. – 960 с.
6. Скловский К.И. Применение гражданского законодательства о собственности и владении. Практические вопросы. – М., 2004. – 364 с.
7. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. – 448 с.
8. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. – Душанбе,Нашриёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2015. – 248 с.
9. Суханов Е.А. К понятию вещного права. Гражданское право. – 2004. № 1. – С. 7-12.

**Список литературы:**

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, №1918 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 23.05.2024).
2. Гражданское право / отв. ред. Е. А. Суханов. – М.: Волтерс-Клувер, 2009. – 958 с.
3. Денбург Г. Падекты. Вещное право. Т.1, ч. 2 / Под. ред. А.Ф. Майендорфа. – Спб. – 412 с.
4. Попкова Н.П. Признаки вещных прав. Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». 2017. Т. 17, № 2, – С. 63–69.
5. Российское гражданское право: учеб.: в 2 т. / отв. ред. Е. А. Суханов. – М.: Статут, 2011. – Т. 1: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права. – 960 с.
6. Скловский К.И. Применение гражданского законодательства о собственности и владении. Практические вопросы. – М., 2004. – 364 с.
7. Сохибзода М.М., Шерзода Б.С. Новые институты гражданского права Республики Таджикистан: монография: первое издание // под редакцией Гаюрзода Шукрулло Кароматулло – заведующий кафедрой гражданского права юридического факультета ТНУ, доктор юридических наук, профессор. - Душанбе: “Мехроч-граф”, 2023. – 448 с.
8. Сулаймонов Ф.С. Вещные права. Монография. - Душанбе, издательство Таджикского национального университета, 2015. – 248 с.
9. Суханов Е.А. К понятию вещного права. Гражданское право. – 2004. № 1. – С. 7-12.

**List of literature:**

1. Civil Code of the Republic of Tajikistan of December 24, 2022, No. 1918 // centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 05/23/2024).
2. Civil law / ed. E. A. Sukhanov. - M .: Wolters-Kluwer, 2009 .-- 958 p.
3. Denburg G. Padekty. Property law. Vol. 1, part 2 / Ed. A.F. Meyendorf. - St. Petersburg. - 412 p.
4. Popkova N.P. Signs of property rights. Bulletin of SUSU. Series “Law”. 2017. Vol. 17, No. 2, – P. 63–69.
5. Russian civil law: textbook: in 2 volumes / ed. by E. A. Sukhanov. – M.: Statut, 2011. – Vol. 1: General part. Property law. Inheritance law. Intellectual rights. Personal non-property rights. – 960 p.
6. Sklovsky K. I. Application of civil legislation on property and possession. Practical issues. – M., 2004. – 364 p.
7. Sohibzoda M. M., Sherzoda B. S. New institutions of civil law of the Republic of Tajikistan: monograph: first edition // edited by Gayurzoda Shukrullo Karomatullo – Head of the Civil Law Department of the Law Faculty of TNU, Doctor of Law, Professor. - Dushanbe: “Mekhroq-graf”, 2023. – 448 p.
8. Sulaymonov F.S. Property rights. Monograph. - Dushanbe, Publishing House of the Tajik National University, 2015. – 248 p.
9. Sukhanov E.A. On the concept of property rights. Civil law. – 2004. No. 1. – P. 7-12.



**УДК: 347.7:502.131.1**

**Азизов Фируз Хайриддинович,**
*преподаватель кафедры предпринимательского права юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: f.azizov95@gmail.com*
*Тел.:(+992) 37223-04-60.*

# ИНТЕГРАЦИЯ КОНЦЕПЦИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ В БИЗНЕС-СРЕДУ: ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

***Ключевые слова***: изменение климата; меры адаптации; национальные стратегии; частный сектор; международные соглашения; Цели устойчивого развития.

***Аннотация***: Для понимания развития права при интеграции концепции устойчивого развития в бизнес-среду необходимо ознакомиться с историческими фактами, заложившими её фундамент. В статье рассматриваются этапы формирования концепции устойчивого развития с середины XX века до настоящего времени, с акцентом на период с 2015 года. Анализируются международные документы и инициативы, такие как Найробийская декларация, «Глобальный договор» ООН, Цели устойчивого развития и роль стандартов ISO. Особое внимание уделяется правовой базе Республики Таджикистан, способствующей внедрению устойчивого развития в бизнес. Отмечается, что обязательное законодательное внедрение принципов устойчивого развития на данном этапе может негативно отразиться на бизнесе.

Для понимания направления развития права, при интеграции концепции устойчивого развития в бизнес-среду, следует ознакомиться с историческими фактами, которые заложили фундаментальную и правовую основу во внедрении концепции устойчивого развития во все сферы жизни человека.

В соответствии с основными трудами, декларациями и конференциями, проведёнными в мире, традиционно выделяют четыре этапа формирования концепции устойчивого развития:

I этап — с середины прошлого века по 1972 год;

II этап — с 1972 года по 1983 год;

III этап — с 1983 года по 2000 год;

IV этап — с 2000 года по настоящее время.

Осознание проблемы ограниченности природных ресурсов и необходимости в разумном потреблении пришло человечеству в послевоенный период после окончания второй мировой войны, но явное понимание необходимости шагов в разумном потреблении во всех сферах жизни формировалось у человечества в период с середины XX века по 1972 год. Каждый из этих этапов характеризуется определёнными событиями и достижениями, которые способствовали развитию концепции устойчивого развития.

Однако, по нашему мнению, целесообразно выделить современный этап из IV этапа, датируя его с 2015 года по настоящее время.

В период с середины XX века были приняты основополагающие документы для развития концепции устойчивого развития. Так, в 1982 году была принята Найробийская декларация [6, 128], которая заложила основу в сохранении элементов окружающей среды в первозданном виде для будущих поколений. Например, данное положение до сих пор используется в современных стандартах и правилах, которые разрабатываются и внедряются в бизнес-среду. Стоит отметить, что термин устойчивое развитие в первые был внедрен в рамках доклада Международной комиссии по окружающей среде и развитию на тему «Наше общее будущее», но принципы устойчивого развития были заложены именно в послевоенный период.

В последующие годы были разработаны некоторые иные международные договоры, которые расширили понимание термина устойчивое развитие. Таким документами явились: Рамочная конвенция ООН об изменении климата; Конвенция о биологическом разнообразии; Повестка дня на XXI век. Каждый из этих документов явился основой для формирования целостного понимания устойчивого развития.

Стоит отдельно упомянуть некоторые из документов, которые затронули сферы жизнедеятельности, которые ранее не поднимались в одном разрезе с устойчивым развитием. Так, например, в рамках инициативы ООН «Глобальный договор», был осуществлен призыв к бизнес-сообществу с требованием принять десяти принципов, закрепляющих дополнительные меры в области прав человека, трудовых отношений, окружающей среды и борьбы с коррупцией [4, 66]. Исходя из сфер инициативы, мы, можем регламентировать, что внедрение концепции устойчивого развития в бизнес-среду впервые было заложено именно этой инициативой.

Немаловажную роль в современном определении устойчивого развития сыграло принятие «Декларации тысячелетия», которая заложив основу для Целей развития тысячелетия, также легла в основу при последующем формировании Целей устойчивого развития и внедрения концепции устойчивого развития в бизнес-среду и популяризовала применение устойчивых практик в современном мире практически всеми крупными коммерческими компаниями.

В рамках Генеральной Ассамблеи ООН, в 2015 году были приняты Цели Устойчивого развития, которые включают в себя 17 целей и 169 задач, которые вобрали в себя все предыдущие инициативы и положения международных соглашений. Таким образом, устойчивое развитие как концепция прошла долгий путь в становлении в том виде, в котором она знакома многим организациям.

В настоящее время, применение устойчивых практик в бизнес-среде является неотъемлемой частью достаточного большого процента взаимодействий крупных коммерческих компаний, а также представителей среднего и малого бизнеса.

Принятые Цели устойчивого развития, инициативы и международные соглашения не имеют прямого требования для включения в бизнес-среду, но на данном этапе развития правовых механизмов применяется добровольная сертификация работ, товаров и услуг, предоставляемых представителями бизнес-среды. Главенствующим во всех мероприятиях по добровольной сертификации является Международная организация по стандартизации (ISO), которая разрабатывает собственные стандарты, которые регулируют все сферы деятельности как для коммерческих компаний, так и для некоммерческих. В современном мире, наличие сертификатов ISO является показателем имиджа как представителей бизнес-среды, так и представителей некоммерческой сферы.

Изучив и проанализировав содержание и список актуальных стандартов ISO, мы, пришли к выводу, что они все в той или иной мере соприкасаются с целями устойчивого развития, соответственно внедрение интеграция в бизнес-среду концепции устойчивого развития осуществляется на достаточного высоком уровне. Так, например, стандарты ISO внедряются на уровне государств путем гармонизации и приведения в соответствие с основным законом всех стран.

Пожалуй, начиная рассмотрение вопроса правовых аспектов, мы должны уделить должное внимание конституции Республики Таджикистан. Так как основа для внедрения концепции устойчивого развития в бизнес-среду представлена именно в ней, например, статья 44 Конституции Республики Таджикистан закрепляет обязанность каждого за охраной природы, исторических и культурных памятников [3, 89]. Под каждым в нашем понимании подразумеваются также и представители бизнес, независимо от их организационно-правовой формы. Представленные в Конституции Республики Таджикистан обязанности, напрямую коррелируют с принципами Устойчивого развития, которые были представлены в

рамках Доклада конференции ООН по проблемам окружающей человека среды в 1972 году [9] и целями устойчивого развития принятыми на Генеральной Ассамблеи ООН в 2015 году.

Следуя иерархии представленной в Законе Республики Таджикистан «О нормативно-правовых актах Республики Таджикистан» от 30 мая 2017 года, следующим законодательным актом для изучения представляются Кодексы, но так как в Республике Таджикистан не был разработан и введен в действие Предпринимательский кодекс, в первую очередь предлагаем рассмотреть Гражданский кодекс, который закрепляет основы для ведения предпринимательской деятельности и частично закрепляет права и обязанности субъектов предпринимательства. Так, например статья 829 Гражданского кодекса Республики Таджикистан от 22 декабря 2022 года, устанавливает обязанность по охране окружающей среды и обеспечения всех необходимых условий для безопасного ведения работ. Под обязанностью по охране окружающей среды понимается внедрение механизмов корректирующих действий, направленных на минимизацию воздействия на окружающую среду.

Следующим, важным нормативно-правовым актом, устанавливающим обязательства субъектов предпринимательства в сфере устойчивого развития, является Закон Республики Таджикистан «О государственной защите и поддержке предпринимательства», статья 8 вышеуказанного закона устанавливает обязанность субъектов предпринимательства по принятию мер по обеспечению охраны труда, экологической, санитарной, эпидемиологической безопасности и техники безопасности на основании установленных норм. Данная норма в том числе исходит из Принципов и целей Устойчивого развития.

Конечно же, главным нормативно-правовым актом, отвечающим за внедрение концепции устойчивого развития и установление правовых основ для наделения обязательствами субъектов предпринимательства является Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» от 2011 года, который закрепляет основу для осуществления хозяйственной и предпринимательской деятельности, которая может иметь воздействие на окружающую среду, а также устанавливает методы и меры воздействия на окружающую среду, в том числе устанавливает необходимость в планировании и реализации мероприятий по компенсирующих оказываемое воздействие на окружающую среду. Следует уделить особое внимание на пункт 4 статьи 7 данного закона, которая устанавливает обязанность юридических лиц и индивидуальных предпринимателей, которые осуществляют хозяйственную и иную деятельность, которая может оказать негативное воздействие на окружающую среду, планировать и осуществлять мероприятия по охране окружающей среды.

Все перечисленные нормативно-правовые акты устанавливают общие основания для внедрения концепции устойчивого развития в бизнес-среду, но конкретизация мер по внедрению исходит из специализированных под сферу подзаконных актов, и в главную очередь из стандартов - как международных, так и межгосударственных, так и национальных. Таджикистан является членом как Международной организации по стандартизации – ISO, так и членом Межгосударственного совета по стандартизации, метрологии и сертификации. Членство Республики Таджикистан в данным международных организациях предоставляет ей неотъемлемое преимущество во внедрении и гармонизации международных стандартов, но также разрабатываются и принимаются национальные стандарты, которые в основе своей преследуют цели устойчивого развития. Так, например, в последние годы существенный интерес в бизнес-среде проявляют к эко-стандартам в сфере туризма.

Резюмирую, хотим отметить, что Республика Таджикистан обладает необходимой правовой основой для внедрения концепции устойчивого развития в бизнес-среду, а также обладает доступ к мировым

стандартам закрепляющим принципы и цели устойчивого развития, но внедрение на законодательном уровне принципов устойчивого развития не может носить общеобязательный характер на данном этапе экономического развития Республики Таджикистан, так как это может оказать негативное влияние на представителей бизнес-среды.

**Рецензент: к.ю.н. Шукуров Р.А.**

## ИНТЕГРАТСИЯИ КОНСЕПСИЯИ РУШДИ УСТУВОР БА МУҲИТИ ТИҶОРАТӢ: ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо***: рушди устувор; интегратсия; муҳити тиҷоратӣ; ҷанбаҳои ҳуқуқӣ; Ҳадафҳои рушди устувор.

***Аннотатсия:*** Барои дарк кардани рушди ҳуқуқӣ ҳангоми интегратсияи консепсияи рушди устувор ба муҳити тиҷоратӣ, зарур аст бо воқеаҳои таърихие, ки асоси онро гузоштаанд, шинос шуд. Мақола марҳилаҳои ташаккули консепсияи рушди устуворро аз нимаи асри XX то имрӯз баррасӣ мекунад, бо таваҷҷуҳ ба давраи аз соли 2015. Ҳуҷҷатҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи Найробӣ, «Созишномаи Глобалӣ»-и СММ, Ҳадафҳои рушди устувор ва нақши стандартҳои ISO таҳлил мешаванд. Ба асосҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба интегратсияи рушди устувор ба тиҷорат мусоидат мекунанд, диққати махсус дода шудааст. Қайд мешавад, ки ҷорӣ кардани ҳатмии қонунгузории принсипҳои рушди устувор дар ин марҳила метавонад ба тиҷорат таъсири манфӣ расонад.

***Азизов Фирӯз Хайридинович*** - омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон. E-mail: f.azizov95@gmail.com, Тел.: (+992) 37223-04-60.

## INTEGRATION OF THE CONCEPT OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT INTO THE BUSINESS ENVIRONMENT: LEGAL ASPECTS

***Keywords***: Sustainable development; integration; business environment; legal aspects; Sustainable Development Goals.

***Annotation:*** To understand the legal development in integrating the concept of sustainable development into the business environment, it is necessary to familiarize oneself with the historical facts that laid its foundation. The article examines the stages of forming the concept of sustainable development from the mid-20th century to the present, focusing on the period since 2015. It analyzes international documents and initiatives such as the Nairobi Declaration, the UN Global Compact, the Sustainable Development Goals, and the role of ISO standards. Special attention is given to the legal framework of the Republic of Tajikistan, which facilitates the integration of sustainable development into business. It is noted that mandatory legislative implementation of sustainable development principles at this stage may negatively affect businesses.

***Azizov Firuz Khayriddinovich*** - Lecturer at the Department of Business Law Russian-Tajik (Slavonic) University. E-mail: f.azizov95@gmail.com, Tel.:(+992) 37230460.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года, с внесенными изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999, 22 июня 2003 и 22 мая 2016 гг. URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 20.06.2024);

2. Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» от 02 августа 2011 года (Ведомости Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011 г., № 7-8, ст. 614; 2014 г., №11, ст. 699 Закон РТ от 18.07.2017 г., №1449) URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 21.06.2024);

3. Вализода Ш. Понятие обязанностей человека и гражданина по Конституции Таджикистана //Под общей редакцией к. э. н., доцента Ганиева РГ Ответственный редактор д. ю. н., профессор Диноршох АМ Редакционная коллегия. – 2021. – С. 89 – 92.

4. Ермакова Э. Р. Многомерное измерение реализации функций социального государства //Рецензенты: Никоноров Сергей Михайлович, д-р экон. наук, профессор. – С. 66 – 70.

5. Золотухин А.В., Султонова Т.И., Шабозов Р.Г., Улугов У.А. Экологическое право Таджикистана. учебник - Душанбе: Ирфон, 2017. – 444 с.

6. Шукушева Е. В. Международное и региональное сотрудничество Республики Казахстан в области охраны окружающей среды //ҚЭУ Жаршысы: экономика, философия, педагогика, юриспруденция. – С. 128 – 132.

7. «Национальная стратегия адаптации к изменению климата Республики Таджикистан на период до 2030 года». Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 02 октября 2019 года, №482. URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 17.06.2024);

8. «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года». Утверждена постановлением Маджлиси Намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 01 декабря 2016 года, №636. URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 16.06.2024);

9. Доклад конференции Организации Объединенных Наций по проблемам окружающей человека среде, Стокгольм, 5-16 июня 1972 года (издание Организации Объединенных Наций, в продаже под № R.73. II. A. 14), глава 1. [Электронный доступ] - https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/riodecl.shtml (Дата обращения 30.06.2024)

10. Официальный сайт Комитета по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан. URL: http://www.tajnature.tj (дата обращения: 19.06.2024).

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.06.2024);

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 02 августи соли 2011 (Ведомости Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, no 7-8, моддаи 614; соли 2014, no 11, моддаи 699 Қонуни ҶТ аз 18.07.2017, no 1449) URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 21.06.2024);

3. Вализода Ш. Мафҳуми вазифаҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Конститутсияи Тоҷикистон //тахти таҳрири умумии н.и. и., дотсент Ганиев РГ муҳаррири Масъули д. ю. Н., профессор Диноршох АМ коллегияи Таҳририя. – 2021. С.89-92.

4. Ермакова Э.Р. Андозаи бисёрҷонибаи татбиқи функсияҳои давлати иҷтимоӣ //Рецензентҳо: Никоноров Сергей Михайлович, д. и. э., профессор. Саҳ. 66 70.

5. Золотухин А.В., Султонова Т. И., Шабозов Р. Г., Улугов У. а. ҳуқуқи Экологии Тоҷикистон. китоби дарсӣ Душанбе: Ирфон, 2017. 444 сония

6. Шукушева е.В. ҳамкории Байналмилалӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи ҳифзи муҳити Зист //КЭУ Жаршысы: иқтисод, фалсафа, педагогика, ҳуқуқшиносӣ. С.128-132.

7. «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйиребии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 октябри соли 2019, no 482 тасдиқ шудааст. LL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.06.2024);

8. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030». Бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст. LL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.06.2024);

9. Гузориши конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба мушкилоти муҳити зисти инсон, Стокгольм, 5-16 июни соли 1972 (нашри Созмони Милали Муттаҳид, дар фурӯш бо no

R. 73. II. A.14), боби 1. [Дастрасии электронӣ] https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/riodecl.shtml (санаи мурочиат 30.06.2024).

10. Сомонаи расмии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. LL: http://www.tajnature.tj (санаи мурочиат: 19.06.2024).

**List of literature:**

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994, as amended and supplemented on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. URL: http://www.mmk.tj (date of application: 06/20/2024);

2. The Law of the Republic of Tajikistan «On Environmental Protection» dated August 02, 2011 (Gazette of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2011, No. 7-8, Article 614; 2014, No. 11, Article 699 Law of the Republic of Tajikistan dated 07/18/2017, No. 1449) URL: http://www.mmk.tj (date of application: 06/21/2024);

3. Valizoda Sh. The concept of human and citizen responsibilities under the Constitution of Tajikistan //Under the general editorship of Ph.D. in Economics, Associate Professor Ganiev, Responsible editor, Doctor of Law, Professor Dinorshokh AM Editorial Board. - 2021. – pp. 89-92.

4. Ermakova E. R. Multidimensional measurement of the implementation of the functions of the social state //Reviewers: Nikonorov Sergey Mikhailovich, Doctor of Economics, Professor. – pp. 66-70.

5. Zolotukhin A.V., Sultonova T.I., Shabozov R.G., Ulugov U.A. Environmental law of Tajikistan. textbook - Dushanbe: Irfon, 2017. – 444 p.

6. Shukusheva E. V. International and regional cooperation of the Republic of Kazakhstan in the field of environmental protection //KEU Zharshysy: economics, philosophy, pedagogy, jurisprudence. – pp. 128-132.

7. «National strategy of adaptation to climate change of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030». Approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated October 02, 2019, No. 482. URL: http://www.adlia.tj (date of application: 06/17/2024);

8. «National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030». Approved by Resolution of the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 01, 2016, No. 636. URL: http://www.adlia.tj (date of application: 06/16/2024);

9. Report of the United Nations Conference on the Human Environment, Stockholm, 5-16 June 1972 (United Nations publication, Sales No. E.73. II. A. 14), chapter 1. [Electronic access] - https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/riodecl.shtml (Accessed 30.06.2024)

10. The official website of the Committee for Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.tajnature.tj (date of application: 06/19/2024).

## 12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
## 12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО
## 12.00.04 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW



**ТДУ: 347.73**

**Шеров Шералӣ Зафарович,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузрии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: sherali-sherov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 935-99-98-58.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҚОНУНГУЗОРИИ БОНКИИ БАЪЗЕ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ

**Калидвожаҳо:** бонк; фаъолияти бонкӣ; қонунгузории бонкӣ; низоми қонунгузории бонкӣ; Кодекси бонкӣ; муносибатҳои бонкӣ.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории бонкии баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус ва Қазоқистон баррасӣ гардидааст. Дар заминаи таҳлил умумият ва тафовути низоми қонунгузории бонкии давлатҳои болозикр баррасӣ гардида, таклифҳои судманд ҷиҳати такмили қонунгузории бонкӣ пешниҳод гардидааст.

Фаъолияти бонкӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва мустақили соҳаи иқтисодиёти Тоҷикистон буда, бевосита дар иҷрои фаъолияти молиявии давлат саҳми аввалиндараҷа дорад, аз ҳамин лиҳоз зарурияти мукаммалнамоии қонунгузории бонкӣ дар шароити имрӯза зарур ва ба мавридаст.

Қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон – соҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз низоми санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии танзими фаъолияти бонкӣ иборат аст.

Қонунгузории бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон серсоҳа буда, бахшҳои гуногуни он дар баъзе мавридҳо аз чорчӯбаи қонун берун монда, аз ҷониби санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба танзим даровarда мешаванд.

Дар ҳақиқат, низоми қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии зиёд иборат буда, танзими ҳуқуқии соҳаи мазкурро мушкил мегардонад. Аз тарафи дигар, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти мазкур нишон медиҳад, ки имрӯз зарурати мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ дар доираи санади ягона, яъне Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Зеро дар соҳаи мазкур зиёда аз 16 Қонун ва зиёда аз 200 санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии зиёде қабул гардидаанд, ки танзими ҳуқуқии соҳаи мазкурро мушкил мегардонад. Бинобар ин, зарурияти мутобиқгардонии қонунҳо ва аз байн бурдани мухолифатҳо бо роҳи қабул намудани санади ягона ба вуҷуд омадааст, ки ин бевосита яке аз талаботҳои имрӯзаи ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Қобили қайд аст, ки имрӯз муносибатҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ба танзим даровarда мешаванд, аз ҷумла:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси мумурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамзамон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон«, «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи таърихи қарз (кредит) », «Дар бораи суғуртаи мутақобила», «Дар бораи ипотека», «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок», «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа», «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ва «Дар бораи гаравхона (ломбард)» ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки ин мушкилӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои аъзои ИДМ низ ба назар мерасад. Маслан, тибқи таҳлилҳои бадастоварда низоми қонунгузории бонкии Федератсияи Россия аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии хеле зиёд иборат мебошад. Айни ҳол, танзими ҳуқуқии муносибатҳои бонкӣ дар Федератсия Россия бо чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд:

- Конститутсияи Федератсияи Россия, ки бо овоздиҳии умумихалқӣ 12 декабри соли 1993 қабул шудааст ва бо тағйирот дар ҷараёни овоздиҳии умумирусиягӣ 1 июли соли 2020 тасдиқ шудааст;
- Кодекси граждании Федератсияи Россия;
- Кодекси Федератсияи Россия дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
- Кодекси андози Федератсияи Россия;
- Кодекси меҳнати Федератсияи Россия;
- Кодекси замини Федератсияи Россия;
- Кодекси мурофиавии граждании Федератсияи Россия;
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи Бонки марказии Федератсияи Россия (Бонки Россия)» аз 10 июли соли 2002, № 86-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 2 декабри соли 1990, № 395-1;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи Корпоратсияи давлатии рушд «ВЭБ.РФ» аз 17 майи соли 2007, № 82-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба баъзе санадҳои қонунгузории Федератсияи Россия» аз 1 майи соли 2017, № 92-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи қарзи (қарз) синдикатӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Федератсияи Россия» аз 31 декабри соли 2017, № 486-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия аз Бонки марказии Федератсияи Россия ба даст овардани саҳмияҳои оддии ҷамъияти саҳомии ҷамъиятии Бонки амонатгузории Россия» аз 18 марти соли 2020, № 50-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ» аз 4 июни соли 2018, № 123-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ» аз 26 декабри соли 1995, № 208-ФЗ;

- Қонуни федералӣ “Дар бораи музоядаҳои муташаккил” аз 21 ноябри соли 2011, № 325-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи хусусиятҳои фаъолияти низоми молиявии Ҷумҳурии Крим ва шаҳри федералии Севастопол дар давраи гузариш» аз 2 апрели соли 2014, № 37-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба дастгирии низоми молиявии Федератсияи Россия» аз 13 октябри соли 2008, № 173-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» аз 02 августи соли 1998, № 14-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 30 декабри соли 2008, № 307-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи ҳифзи рақобат» аз 26 июли соли 2006, № 135-ФЗ;
- Қонуни федералӣ «Дар бораи истифодаи коғазҳои қиматноки давлатии Федератсияи Россия барои зиёд кардани сармояи бонкҳо» аз 18 июли соли 2009, № 181-ФЗ ва ғайраҳо.

Бояд қайд намуд, ки дар маҷмӯъ шумораи умумии онҳоро 111 адад санадҳои қонунгузорӣ ташкил дода, аз ин шумора 48 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, 63 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мебошанд.

Ҳамзамон, зимни таҳлил муайян карда шуд, ки низоми қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Беларусро санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ташкил медиҳанд:

- Кодекси бонкии Ҷумҳурии Беларус;
- Кодекси граждании Ҷумҳурии Беларус;
- Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Беларус;
- Кодекси андози Ҷумҳурии Беларус;
- Кодекси буҷети Ҷумҳурии Беларус;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи собиқадорон» аз 17 апрели соли 1992;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи сохтори маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Белорус» аз 05 майи соли 1998;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи дастгирии соҳибкории хурд ва миёна» аз 1 июли соли 2010;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 24 октябри соли 2016;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» аз 5 январи соли 2015;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хоҷагии манзилию коммуналӣ» аз 16 июли соли 2008.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр, инчунин дар Ҷумҳуриии Беларус 14 санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ амал менамоянд, ки муносибатҳои ҳуқуқии бонкиро танзим менамоянд. Аммо санади ягонае, ки бевосита муносибатҳои бонкиро танзим менамояд, ин Кодекси бонкии Ҷумҳурии Белорус мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар тафовут аз дигар давлатҳои аъзои ИДМ танҳо дар Ҷумҳурии Беларус чунин Кодекси бонкӣ қабул карда шудааст.

Кодекси бонкии Ҷумҳурии Беларус, ки аз 25 октябри соли 2000, № 441-З қабул гардидааст, аз 2 қисм, 7 фасл, 27 боб ва 290 модда иборат буда, тамоми муносибатҳои бонкиро танзим менамояд. Муносибатҳое, ки бо қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Беларус ба танзим даровarда мешаванд, низоми муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ оид ба сафарбаркунӣ ва истифода бурдани маблағҳои пулии муваққатан озодро ташкил мекунанд. Қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Беларус принсипҳои фаъолияти бонкӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии бонкиро муайян намуда, муносибатҳои байни онҳоро танзим, инчунин тариби таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзию молиявии ғайрибонкиро муқаррар мекунад.

Қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Беларус аз низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, муносибатҳое, ки ҳангоми амалисозии фаъолияти бонкӣ ба вуҷуд меоянд, танзим намуда, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва ҷавобгарии субъектҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи бонкиро муқаррар менамояд.

Қисми умумии Кодекси бонкии Ҷумҳурии Беларус муқаррароти умумӣ, яъне муносибатҳое, ки қонунгузории бонкӣ танзим

менамояд, асосҳои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Беларус, субъектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии бонкӣ, объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ, вазъи ҳуқуқӣ, мақсад ва функсияҳои бонки миллӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзию молиявии ғайрибонкӣ, иҷозатномадиҳии фаъолияти бонкӣ, уҳдадории пулии асъорӣ, ҷавобгарии субъектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии бонкиро танзим менамояд.

Қисми махсус бошад, амалиётҳои активии бонкӣ, қарзҳои бонкӣ, маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ (факторинг), кафолати бонкӣ, амалиётҳои пасивии бонкӣ, амонати (депозитҳои) бонкӣ, суратҳисоби бонкӣ, идоракунии бовариноки маблағҳои пулӣ, амалиётҳои миёнаравии бонкӣ, амалиётҳои асъорӣ – мубодилавӣ, нигоҳдории бонкӣ, муваққатан истифода бурдани сейфи бонкӣ, инкассатсия ва интиқоли маблағҳои пулии нақд, металҳои қимматбаҳо, сангҳои қимматбаҳо ва дигар арзишҳоро танзим менамояд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, низоми қонунгузории бонкиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ташкил медиҳанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 30 марти соли 1995, №2155;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 31.08.1995, № 2444;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи пасандозҳои сохтмони манзил аз 07.12.2000, № 110-II;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи пардохтҳо ва интизоми пардохт» аз 26.07.2016, № 11-VI;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ» аз 13.05.03, № 415-II;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи гарави амволи ғайриманқул» аз 23.12.1995, № 2723;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм» аз 28.08.2009, № 191-IV;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи муносибатҳои манзилӣ» аз 16.04.1997, № 94-I;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи муомилоти векселҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон” аз 28 апрели соли 1997, № 97-1;

- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” аз 2 июли соли 2018, №167-VI.

Ҳамин тавр, аз таҳлили низоми қонунгузориҳои бонкии давлатҳои болозикр бармеояд, ки дар аксари давлатҳо низоми қонунгузории бонкӣ аз маҷмӯи хеле зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ иборат аст. Танҳо дар Ҷумҳурии Беларус тавре дар боло қайд намудем, Кодекси бонкӣ қабул карда шудааст.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади мукаммалнамоии қонунгузории соҳа, аз байн бурдани ихтилофот, кам кардани қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ва меъёрҳои ҳаволакунанда, ба низом даровардани сохтори низоми қонунгузории бонкӣ ва устувории он ба қабули санади ягонае рӯ оварем, ки ба талаботи шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ бошад ва мушкилотҳои зикргардидаро ҳал карда тавонад. Ба андешаи мо, ба сифати чунин санад Кодекси бонкӣ баромад карда метавонад. Зеро, аз таҷрибаи давлатҳои дар боло зикршуда бар меояд, қабули Кодекси бонкӣ рушди соҳаи бонкиро на танҳо тақвият мебахшад, балки устувор низ мегардонад. Бо қабул гардидани Кодекси мазкур меъёрҳои ҳаволакунанда кам гардида, дар пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.**

# СРАВНИТЕЛЬНЫЙ ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ СИСТЕМЫ БАНКОВСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С БАНКОВСКИМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ НЕКОТОРЫХ ГОСУДАРСТВ-ЧЛЕНОВ СНГ

**Ключевые слова:** банк; банковская деятельность; банковская законодательства; системы банковского законодательства; Банковский кодекс; банковское отношение.

**Аннотация:** В данной статье рассматривается сравнительно-правовой анализ системы банковского законодательства Республики Таджикистан с банковским законодательством некоторых государств-членов Содружества Независимых Государств, в том числе Российской Федерации, Республики Беларусь и Казахстана. На основе анализа были рассмотрены общие и отличительные особенности банковской системы законодательства вышестоящих государств и предложены полезные предложения по совершенствованию банковского законодательства.

***Шеров Шерали Зафарович*** – начальник отдела финансового, налогового, таможенного законодательства и банковской деятельности, *E-mail: sherali-sherov@mail.ru, Тел.: (+992) 935-99-98-58.*

# COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE BANKING LEGISLATION SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE BANKING LEGISLATION OF SOME CIS MEMBER STATES

**Keywords:** bank; banking activity; banking legislation; banking legislation system; Banking Code; banking relations.

**Annotation:** This article examines a comparative legal analysis of the banking legislation system of the Republic of Tajikistan with the banking legislation of some member states of the Commonwealth of Independent States, including the Russian Federation, the Republic of Belarus and Kazakhstan. Based on the analysis, common and distinctive features of the banking legislation system of higher states were considered and useful proposals for improving banking legislation were proposed.

***Sherov Sherali Zafarovich* -** Head of the Department of Financial, Tax, Customs Legislation and Banking, *E-mail: sherali-sherov@mail.ru, Tel.: (+992) 935-99-98-58.*

## 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ
## 12.00.05 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW



**ТДУ: 364.1**
**Музафарзода Марҷона Шарифбег,**
*унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: tv1@gmail.com*
*Тел.:(+992) 900-30-87-83.*

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ

***Калидвожаҳо:*** шарикии иҷтимоӣ; кормандон; корфармоён; ихтилофҳо; манфиатҳои кормандон; иттифоқҳои касаба; мақомоти давлатӣ; намояндагони кормандон; муносибатҳои меҳнатӣ; муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои фарқкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу омӯзиши мукаммали илмӣ қарор гирифтааст. Дар мақола мафҳумҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ва таснифоти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва олимони ватанию хориҷӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу омӯзиши мукаммали илмӣ қарор гирифтааст.

Дар мақолаи мазкур муаллиф фикру андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳое, ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016), пешбинӣ шудааст, таҳлил намуда, дар асоси таҳлил ба хулосае меояд, ки дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат оид ба мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, илова ва тағйироти муайян ворид карда шавад.

Дар аксар вакт дар шууру тафаккури инсоният худи мафҳуми шарикии иҷтимоӣ ба маъноҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Аксаран ин падидаро ҳамчун ҳамагуна ҳамкорӣ дарк мекунанд, хоҳ он дар ҳамкории дохиликорпоративӣ бошад ё хоҳ дар танзими шарикии иҷтимоӣ бо дигар ташкилотҳо. Дар натиҷа мазмуни ҳақиқии шарикии иҷтимоӣ таҳриф (ғалат маънидод) шуда, мафҳумҳо гуногунмаъно мешаванд.

Аз ҷиҳати таърихӣ, мафҳуми шарикии иҷтимоӣ ҳамчун зиддиятҳои зидди ихтилофҳои иҷтимоии синфӣ ва инқилобӣ, ҳамчун роҳи ҳалли ихтилофҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва сармоядорон ба вуҷуд омад. Буҳрони концепсияҳои асосии сохтори давлатӣ-иҷтимоӣ, давлатӣ-некуаҳволӣ ва навсозӣ ҷустуҷӯи роҳҳои навро талаб мекард. Дар маркази таъсири иҷтимоию сиёсӣ ташаббусҳои шаҳрвандон пайдо шуданд, ки дар ҷомеаҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шаванд.

Шарикии иҷтимоӣ аз низоъ, яъне дар марҳилаи оғози ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он ё ҳалли он дар асоси ҳамоҳангсозии манфиатҳо, мавкеи тарафҳои даргир, ба даст овардани созиш, консенсус, муқаррар намудани созиш ба миён меояд.

Мафҳуми шарикии иҷтимоӣ дар адабиётҳои ҳуқуқии чи хориҷӣ ва чи ватанӣ ба маъноҳои гуногун баррасӣ карда шудаанд.

Мафҳуми шарикии иҷтимоӣ бори аввал дар моддаи 4 Конвенсияи №98 (1949) «Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқ ба созмон ва шартномаҳои коллективӣ) аз 26.11.1993[1]. пайдо шудааст, ки барои ҳавасманд гардондан ва мусоидат кардан ба пешбурди рушди ҳамаҷониба ва татбиқи шартномаҳои коллективиро дар асоси гуфтушунид бо асоси ихтиёрии байни корфармоён ё ташкилотҳои корфармоён, аз як тараф ва ташкилотҳои

кормандон, аз тарафи дигар, бо мақсади танзими шароити меҳнат тавассути бастани шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Конвенсияи ТБМ №154 «Дар бораи мусоидат ба гуфтушунидҳои коллективӣ» (1981) ва Тавсияи №163 «Дар бораи гуфтушунидҳои коллективӣ»[1] низ оид ба мафҳуми шарикии иҷтимоӣ бахшида шудаанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ одатан истилоҳи мафҳуми шарикии иҷтимоӣ ба маънои васеъ баррасӣ карда мешавад.

Шарикии иҷтимоӣ ҳамкории бевоситаи корфармо бо коллективҳои меҳнатӣ дар масъалаҳои истеҳсолию иҷтимоӣ мебошад[2].

Н.Л. Лютов бар он ақидаанд, ки шарикии иҷтимоӣ метод ва механизми танзимнамоии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ки ба масъалаҳои низоъю ихтилофҳои кормандон ва корфармоён мебошад[3]. М.А. Малышев бар он ақидаанд, ки шарикии иҷтимоӣ ин яке аз навъҳои маъмултарини корпоратизм ва муносибатҳои навкорпоратистӣ байни намояндагони се субъекти асосӣ - соҳибкорӣ, иттифоқҳои касаба ва давлат буда, онро аз рӯи системаҳои гуногуни «сепаратизм», «дупартизм» ба гурӯҳҳо тақсим мекунад. микро ва мезокорпоратизм (аз рӯи сатҳҳои корпоратсияҳои алоҳида, соҳаҳо ва минтақаҳо) [4]. Ба ақидаи Г.П. Зинченко бошад, шарикии иҷтимоии байни кормандон, корфармоён ва сохторҳои ҳукуматро ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ, як раванди бисёрҷанбаи баҳсбарангези иҷтимоӣ тавсиф мекунанд[5]. Аз рӯйи мавқеи В.А. Михеев шарикии иҷтимоӣ байни кормандон, корфармоён ва сохторҳои давлатӣ ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ, як раванди бисёрҷанбаи баҳсбарангези иҷтимоӣ маҳсуб меёбад[6].

Ф.П. Витко, мафҳуми шарикии иҷтимоиро ба ин маънӣ пешбинӣ намудааст, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун системаи муносибатҳои шартномавии байни кормандон, корфармоён ва мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад[7].

А.М. Шоҳиён намояндагони соҳаи институтсионализм Т.Б. Веблен, Ҷ.Р. Коммонс, Д.С. Норт ва дигаронро таҳлил намуда, *қайд менамояд, ки* шарикии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи фаъоли иқтисодии гурӯҳҳои муташаккили одамон ба мафҳуми “институт” дохил гардида, ба категорияҳои асосии институтсионализм мувофиқ аст.

*Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи фаъоли иқтисодӣ ба категорияҳои асосии институтсионализм мувофиқ буда, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон КМ ҶТ меъёри шарикии иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини мувофиқати манфиатҳои иштироқдорони он ба масъалаҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд муайян менамояд. Ба ақидаи мо шарикии иҷтимоӣ ҳамчун танзимгар ва институти рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамгироии манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ баромад намуда, бевосита дурустии баррасии муносибати институтсионалиро ба шарикии иҷтимоӣ таъкид менамояд. Нақши давлат ҳамчун институти калидӣ дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштрокдорони шарикии иҷтимоӣ, таъмини раванди ҳалли муноқишаҳо миёни иштирокдорони шарикии иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст*[8].

Инчунин, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки шарикии иҷтимоиро муҳаққикони соҳаи ҳуқуқ гуногун истифода намудаанд ҳамчун методи ҳуқуқи меҳнат (Лушникова М.В. [9] ё унсурҳои *шарикии иҷтимоӣ* (Бондаренко Е.Н. [10]), низоми тадбирҳо оид ба ҳуқуқҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ (Акопова Е.М. ва Еремина С.Н. [11], низоми муносибатҳои байниҳамдигарии корфармоён, мақомоти давлатӣ ва намояндагони кормандон дар асоси гуфтушунид, ҷустуҷӯи роҳҳои ба ҳамдигар мақбули танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ (Снигирева И.О. [12], шаклҳои ташкили ҳамкории байни корфармоён, кормандон ва давлат ( Чуча С.Ю. [13], Головина С.Ю. [14].

Мутобиқи сархати шастуҳаштуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ - шарикии иҷтимоӣ – ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон,

корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд.

Зимни тавзеҳоти мафҳуми мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Якум, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, яъне субъектҳои он кормандон, корфармоён, институтҳои мақомоти давлатӣ ва иттифоқи касаба.

Дуюм, предмети муносибатҳо дар шарикии иҷтиморо маҷмӯи муносибатҳо доир ба танзими муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ дар бар мегирад.

Сеюм, хусусияти танзими муносибатҳо дар шарикии иҷтиморо муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, меҳнатӣ ва шарикӣ ишғол менамоянд.

Чорум, мақсади муносибатҳо дар шарикии иҷтимӣ ин аз таъмини мувозинати иҷтимоӣ дар асоси тавозуни амалигардонии манфиатҳои объекти шарикии иҷтимоӣ иборат мебошад, ки аз татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи кафолатҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба танзими масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла масъалаи муқаррар намудани андозаи музди меҳнат, зиёд намудани даромади кормандон дар асоси афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот, таъсиси механизми самараноки танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, гузаронидани музокироти коллективӣ, машваратҳои мутақобила, таҳия ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва мусоидат ба ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, таҳким ва инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар асоси принсипҳои демократӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи бозори меҳнат иборат мебошад.

Хулоса, хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат гуногунсубъективӣ мебошанд; аз тарафи мақомоти тобеиятӣ (юрисдиксионнӣ) ҳал намудани танҳо шумораи ками баҳсҳое, ки ба миён меоянд; нақши махсуси мақомоти тобеиятии (юрисдиксионнии) дар асоси баробарҳуқуқӣ ташкилшуда (паритетӣ -ду ва сетарафа), ки тарафҳои шарикии иҷтимоиро ташкил медиҳанд; танзими муфассали меъёрии ҳуқуқии танҳо як қисмати муносибатҳо алоқаманд; ба вуҷуд омадани онҳо дар сурати мавҷуд будани якчанд фактҳои ҳуқуқӣ – чун қоида, амалиётҳои қонунӣ.

Хулоса ҳаминро бояд тазаккур дод, ки номгӯи равишҳои зикргардида барои муайян кардани моҳияти шарикии иҷтимоӣ мукаммал буда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз барои муайян кардани моҳияти шарикии иҷтимоӣ пешниҳод мегардад, ки мафҳуми шарикии иҷтимоӣ чунин баён карда шавад – шарикии иҷтимоӣ яке аз намудҳои махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ифодагари манфиатҳои мутақобилаи кормандон ва корфармоён дар симои мақомоти намояндагии онҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, муҳайё намудани шароитҳои солиму бехатари меҳнат, тақвияти ҳифзи иҷтимоии кормандон мебошанд.

**Муқарриз: н. и. ҳ., дотсент Маҳмадуллозода Н.Р.**

## ПОНЯТИЕ И ДИФФЕРЕНЦИАЦИИ ОСОБЕННОСТИ ПРАВООТНОШЕНИЙ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА

***Ключевые слова:*** социальное партнерство; работники; работодатели; конфликты; интересы работников; профсоюзы; государственные органы; представители работников; трудовые отношения; социально-трудовые отношения.

***Аннотация:*** В данной статье понятие и отличительные особенности правоотношений социального партнерства с правовой точки зрения подвергаются полному научному анализу и изучению. В статье подвергнуты полному научному анализу и изучению основные понятия социального партнерства и их классификация в нормативных правовых актах Республики Таджикистан и международных правовых актах отечественных и зарубежных ученых с юридической точки зрения. В данной статье автор анализирует мнения отечественных и зарубежных ученых и нормы, предусмотренные Трудовым кодексом Республики Таджикистан (2016 г.).

***Музафарзода Марджона Шарифбег*** - соискатель кафедры частного права Института философии, политологии и права имени А. Бахаваддинова Национальной академии наук Таджикистана. E-mail: tv1@gmail.com, Тел.:(+992)900 30 87 83.

## CONCEPT AND DIFFERENTIATION FEATURES OF LEGAL RELATIONS OF SOCIAL PARTNERSHIP

***Keywords:*** social partnership; employees; employers; conflicts; interests of employees; trade unions; government agencies; employee representatives; labor relations; social and labor relations.

***Annotation:*** In this article, the concept and distinctive features of legal relations of social partnership from a legal point of view are subjected to a full scientific analysis and study.

The article subjected to a full scientific analysis and study of the main concepts of social partnership and their classification in regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan and international legal acts of domestic and foreign scientists from a legal point of view. In this article, the author analyzes the opinions of domestic and foreign scientists and the norms provided for by the Labor Code of the Republic of Tajikistan (2016).

***Muzafarzoda Marjona Sharifbeg*** - applicant of the Department of Private Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhavaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. E-mail: tv1@gmail.com, Tel.:(+992)900-30-87-83.

**Руйхати адабиёт:**

1. Конвенсияҳои ташкилоти байналмилалии меҳнат. Манбаи дастрасӣ :LL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college / pravovedenie / konvencii-mot.html (санаи муроҷиат: 15.09.2024).

2. Фарҳанги истилоҳи ҳуқуқ: нашри чорум// Зери таҳрири академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.ҳ. профессор Маҳмудзода М.А., директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода И. Ҳ. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф». 2022. – С. 641.

3. Лютов Н. шартномаҳои Коллективӣ дар Русия: мушкилоти ҳуқуқӣ // Хоҷагӣ ва ҳуқуқ. - 2008. - № 1. Саҳ. 73.

4. Малишев М. А. Шарикӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ: дисс. ... канд. иҷтимоӣ илмҳои илмӣ. М., 2008. Саҳ. 34.

5. Зинченко Г. П. Шарикии иҷтимоӣ: Китоби дарсӣ / Г.П. Зинченко, И. и. Рогов. М.: корпоратсияи Нашриетӣ-тиҷоратии Дашков Ва К; Академия, 2009. Саҳ. 89.

6. Михеев В. А. шарикии Иҷтимоӣ ҳамчун механизми рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ / В. А. Михеев, А. В. Михеев / / Соц. дониши гуманитарӣ. - 2009. - № 5. 549 с.

7. Витко Ф. П. шарикии Иҷтимоӣ: омӯзиш.- усул. Маҷмаа / Ф.П. Витко. Минск: ГИУСТ БДУ, 2008. 184 с.

8. Шоҳиён А.М. Ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар сохтори институтсионалии рушди иқтисодиёт.Ахбори ДДҲБСТ. №3. 2019. – С. 97- 108.

9. Лушникова, М. В. шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат: омӯзиш.- усул. тавсияҳо / А.М. Лушников; Ярослав. донишгоҳи давлатии ба номи м. П. Г. Демидова; М.В. Лушникова. Ярославл: ЯрГУ, 2011.– 50 Саҳ. - URL: https://rucont.ru/efd/237989 (санаи муроҷиат 30.09.2024).

10. Бондаренко, М. П. Технологияи шарикии иҷтимоӣ дар доираи барномаи комплексии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа / М.П. Бондаренко // Бизнес. Маориф. Ҳуқуқ. — 2008. – №5. С.152157. -LL: https://rucont.ru/efd/512174 (санаи муроҷиат 30.09.2024).

11. Акопова Е. М., Еремина С.Н. Шартномаҳо дар бораи меҳнат : танзими Ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ / Е. М. Акопова, С. Н. Еремина. Ростов н / Д: Феникс, 1995. 464 с.

12. Снигирева И.О. Иттифоқҳои Касаба ва ҳуқуқи меҳнат / и. о. Снигирева. Москва: адабиёти ҳуқуқӣ, 1983. 174 С.

13. Чуча С. Ю. шарикии Иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат: ташаккул ва дурнамои рушди танзими ҳуқуқӣ Дар Федератсияи Русия: автореферат дис. ... доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.05 / Москва. ҳуқуқшиноси давлатӣ. академик. Москва, соли 2004. 50 С.

14. Головина С. Ю. ҳуқуқи меҳнатӣ: китоби дарсӣ барои СПО/С.Ю. Головина, Ю. А. Кучина; таҳти таҳрири Умумӣ С. Ю. Головина. Нашри дуюм., коркард Ва илова. М.: Нашриети Юрайт, 2015. – 398 с.

**Список литературы:**

1. Конвенции Международной организации труда. Манбаи дастрасӣ: URL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college/ pravovedenie/konvencii-mot.html (дата обращения 15.09.2024).

2. Словарь юридических терминов: четвертое издание// под редакцией академика Национальной академии наук Республики Таджикистан д.ю.н. профессор Махмудзода М.А. Директор Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан Саидзода. И.Х. - Душанбе: «Мехродж-граф». 2022. – С. 641.

3. Лютов Н. Коллективные договоры в России: правовые проблемы // Хозяйство и право. - 2008. - № 1. – С.73.

4. Малышев М.А. Партнерство в системе социально-трудовых отношений: дисс. ... канд. соц. наук. - М., 2008. – С. 34.

5. Зинченко Г.П. Социальное партнерство: Учебник / Г. П. Зинченко, И. И. Рогов. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К»; Академцентр, 2009. – С. 89.

6. Михеев В.А. Социальное партнерство как механизм устойчивого социально-экономического развития / В. А. Михеев, А. В. Михеев // Соц. гуманитарные знания. - 2009. - № 5.– 549 с.

7. Витко Ф.П. Социальное партнерство : учеб.-метод. Комплекс / Ф. П. Витко. – Минск: ГИУСТ БГУ, 2008.– 184 с.

8.А. Шах.М. Место социального партнерства в институциональной структуре экономического развития.Новости ТГУ. №3. 2019. – С. 97- 108.

9. Лушникова, М. В. Социальное партнерство в сфере труда: учеб.-метод. рекомендации / А. М. Лушников; Яросл. гос. ун-т им. П. Г. Демидова; М.В. Лушникова. — Ярославль: ЯрГУ, 2011.– 50 с. – URL: https://rucont.ru/efd/237989 (дата обращения 30.09.2024).

10. Бондаренко, М.П. Технологии социального партнерства в рамках комплексной программы социально-экономического развития региона / М.П. Бондаренко // Бизнес. Образование. Право. – 2008.— №5.— С. 152-157. – URL: https://rucont.ru/efd/512174 (дата обращения 30.09.2024).

11. Акопова Е.М., Еремина С.Н.Договоры о труде : Правовое регулирование трудовых отношений / Е. М. Акопова, С. Н. Еремина. - Ростов н/Д: Феникс, 1995. - 464 с.

12. Снигирева И.О. Профсоюзы и трудовое право / И. О. Снигирева. - Москва: Юридическая литература, 1983. – 174 с.

13. Чуча С.Ю.Социальное партнерство в сфере труда: становление и перспективы развития правового регулирования в Российской Федерации: автореферат дис. ... доктора юридических наук: 12.00.05 / Моск. гос. юрид. акад. - Москва, 2004. - 50 с.

14. Головина С.Ю.Трудовое право: учебник для СПО / С. Ю. Головина, Ю. А. Кучина; под общ. ред. С. Ю. Головиной. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Издательство Юрайт, 2015. – 398 с.

**List of literatures:**

1. Conventions of the International Labor Organization. Manbai dastrasī: URL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college / pravovedenie / konvencii-mot.html (accessed 15.09.2024).

2. Culture term law: fourth edition// edited by academician of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan D. I. H. professor Mahmudzoda M. A. Director National center of legislation under the President Republic of Tajikistan Saidzoda I.H.-Dushanbe: «Mehraj -graf». 2022. - P.641.

3. Lyutov N. collective agreements in Russia: legal problems // economy and law. - 2008. - № 1. - p. 73.

4. Malyshev M. A. partnership in the system of social and Labor Relations: diss. ... cand. Social Sciences , Moscow, 2008, p. 34.

5. Zinchenko G. P., Rogov I. I. Social Partnership: textbook. Moscow: Dashkov & co. publishing and Trading Corporation; Akademtsentr publ., 2009, p. 89.

6. Mikheev V. A., Mikheev A.V. social partnership as a mechanism of stable socio-economic development. - 2009. - № 5. - 549 P.

7. Vitko F. P. social partnership: textbook.- method. Complex / F. P. Vitko. Minsk: GIUST BSU publ., 2008, 184 p. (in Russian).

8. A. Shah. M. The Place of social partnership in the institutional structure of economic development.TSU news. No. 3. 2019. pp. 97-108.

9. Lushnikova M. V. social partnership in the sphere of Labor: textbook.- method. recommendations / a.m. Lushnikov; Yaroslav. Gos. UN-t им. P. G. Demidova; M. V. Lushnikova. Yaroslavl: Yargu publ., 2011, 50 p. (in Russian) URL: https://rucont.ru/efd/237989 (accessed 30.09.2024).

10. Bondarenko M. P. technologies of social partnership in the framework of the comprehensive program of socio-economic development of the region / M. P. Bondarenko // business. Education. Right. - 2008. - №5. - pp. 152-157. - URL: https://rucont.ru/efd/512174 (accessed 30.09.2024).

11. Akopova E. M., Eremina S. N. labor agreements : legal regulation of Labor Relations / E. M. Akopova, S. N. Eremina. Rostov N / A: Feniks publ., 1995, 464 P.

12. Snigireva I. O. Trade Unions and labor law / I. O. Snigireva. Moscow: Yuridicheskaya Literatura publ., 1983, 174 p. (in Russian).

13. Chucha S. Yu.social partnership in the sphere of Labor: formation and prospects of development of legal regulation in the Russian Federation: abstract of the dissertation. ... doctors of law: 12.00.05 / Moscow State University. Gos. yurid. akad. - Moscow, 2004. - 50 p.

14. Golovina S. Yu., Kuchina Yu. a. Trudovoe pravo: uchebnik dlya SPO [labor law: textbook for sole proprietors]. edited by S. Y. Golovina. - 2nd ed., redrab. and add-ons. Moscow: Yurayt publishing house, 2015, 398 p. (in Russian).

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО
## 12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW



**ТДУ: 575.3**
**Одиназода Шоҳрух Хисрав,**
*сардори шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail:* shohrukh_odinazoda@bk.ru
*Тел.: (+992) 931-10-04-40.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ХОҶАГИҲОИ ЁРИРАСОНИ ҚИСМҲОИ ҲАРБӢ, ҶУЗЪУ ТОМҲОИ СОХТОРҲОИ ҚУДРАТӢ ВА МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** қонунгузории замин; қонунгузории кишоварзӣ; хоҷагии ёрирасони шахсӣ; хоҷагии ёрирасон; танзими ҳуқуқӣ; ташкил ва нигоҳдории хоҷагии ёрирасон; ташкилоту муассиса; қисмҳои ҳарбӣ; ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ; мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; қитъаи замин.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаи танзими ҳуқуқии ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили вазъи кунунии қонунгузории соҳа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Зикр карда шудааст, ки доир ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар низоми қонунгузории мамлакат ду маротиба қонунҳои махсуси соҳавӣ қабул карда шудааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" аз соли 2003 ва қонуни амалкунанда бошад, аз соли 2022 қабул гардидааст. Доир ба масъалаи тартиби ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №120 қабул карда шудааст, ки қоидаи ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди хоҷагиҳои ёрирасонро дар қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз субъекти мустақили соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, самти асосии фаъолияти он истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади қонеъ намудани талаботи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Дар айни замон хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз шаклҳои маъмули фаъолияти кишоварзии шаҳрвандон буда, фаъолияти иқтисодии аҳолии деҳотро тавсиф мекунад. Мавҷудият ва рушди хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар кишвар ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд [1, с. 134-135].

Бобати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар низоми қонунгузории мамлакат ду маротиба қонунҳои махсуси соҳавӣ қабул карда шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2003 ва қонуни амалкунанда бошад, аз соли 2022 қабул гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] санади меъёрии ҳуқуқие ба ҳисоб мерафт, ки асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро аз тарафи шаҳрвандон ва ҳамчунин чораҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ кардани онҳоро муайян карда, ба шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқи ташкил кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мустақилияти хоҷагӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонеро, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, кафолат медод. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 21 модда иборат буд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ танзим менамояд, ки аз аз 6 боб ва 21 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур санади меъёрии ҳуқуқиест, ки асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро аз тарафи шаҳрвандон ва ҳамчунин чораҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ кардани онҳоро муайян карда, ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташкил кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мустақилияти хоҷагӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонеро, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, кафолат медиҳад.

Ҷиҳати ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои ташкил намудани хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, аз бuҳрони иқтисодӣ баровардан ва паст намудани сатҳи камбизоатии шаҳрвандон дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9 октябри соли 1995, №342 «Дар бораи ҷудо кардани 50 ҳазор гектар замин» ва аз 1 декабри соли 1997, №874 «Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин» [4] қабул карда шудааст. Мувофиқи фармонҳои номбурда ба аҳолии деҳот 66806 гектар заминҳои корам, аз ҷумла 37255 гектар заминҳои корами обӣ тақсим карда дода шуд [5]. Ин иқдоми нек барои таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти калон дорад.

Чуноне, ки аз муқаррароти қисми 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] бармеояд хоҷагии ёрирасони шахсӣ шакли фаъолияти ғайрисоҳибкории мустақилонаи шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) дигар шаҳрвандон барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки дар қитъаҳои замини барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ додашуда ва (ё) бадастоварда ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ амалӣ карда мешавад.

Аз мазмуну моҳияти мафҳуми мазкур бармеояд, ки ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба зиммаи шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ буда, ин фаъолиятро субъекти мушаххас амалӣ менамояд. Аммо, аз нигоҳи самти фаъолият ва таъминоти моддии аъзоёни мақомотҳои давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо барои амалӣ намудани фаъолият дар самти пешбурди хоҷагии ёрирасон машғул мегарданд. Аз ҷумла, қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Бояд гуфт, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022 оид ба масъалаи тартиби пешбурд ва умуман фаъолияти хоҷагии ёрирасони мақомотҳои давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, махсусан қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муқаррароти бевосита пешбинӣ нагардидааст.

Доир ба масъалаи тартиби ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати мамлакат аз 27 феврали соли 2020, №120 [6] қабул карда шудааст, ки қоидаи ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди хоҷагиҳои ёрирасонро дар қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Таҷриба собит менамояд, ки хоҷагии ёрирасон дар Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ,, Вазорати адлия, Кумитаи

давлатии амнияти миллӣ, Гвардияи миллӣ, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркард барои таъмини озуқаи нақшавӣ, иловагии ҳайати шахсӣ ва ҳайвоноти хизматӣ ташкил карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо мақсади истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ намудани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар ташкил карда мешавад. **Дар асоси муқарраროти моддаи 1** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » аз 18 марти соли 2022, № 1866 [7] таҳти мафҳуми **маҳсулоти кишоварзӣ** маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти коркарди аввалияи соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва боғу токпарварӣ фаҳмида мешавад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тибқи мафҳуми зикршуда самти асосии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳсуб меёбад ва тавассути ин шаҳрванд эҳтиёҷоти худ ва аъзои оилаи худро ба озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷот таъмин менамояд.

Дар асоси банди 3 тартиби ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, хоҷагии ёрирасон аз рӯи намудҳои зерини фаъолият ташкил карда мешавад: нигоҳдорӣ ва парвариши чорвои калони шохдор ва майда, паранда ва дигар ҳайвонот; истеҳсоли меваю сабзавот; моҳипарварӣ; истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ; истеҳсол ва захираи хӯроки чорво; парвариши занбӯри асал; коркарди маҳсулоти истеҳсолшаванда. Аз ин ҷо бармеояд, ки ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасон дар қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баҳри истеҳсоли намудҳои мушаххаси маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар мақомот ва сохторҳои мазкур корҳо оид ба пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасон бо қувваи ҳайати шахсӣ, ки хизмати ҳарбиро тибқи даъват адо менамоянд, дар вақти аз хизмат ва машғулиятҳо озод анҷом дода мешаванд. Дар ҳолати зарурӣ бо қарори командири (роҳбари) қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ корҳои муҳими агротехникӣ, ҷамъоварии ҳосил ва ғайра, нообаста аз машғулиятҳо ва хизмат иҷро карда мешаванд.

Махсусияти хоҷагии ёрирасон шахсии шаҳрвандон дар он аст, ки он субъекти мустақили хоҷагидорӣ буда, субъектони он шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ ба ҳисоб меравад, яъне хоҷагии оилавӣ аст. Дигар шаҳрвандоне, ки аъзои оилаи шаҳрванд набуда, бо онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда наметавонанд. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар фаъолияти худ корманди кироя ҷалб карда наметавонад, чунки қонун ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ имконияти ҷалби корманди кирояро ба фаъолияти хоҷагидории хоҷагии мазкур пешбинӣ накардааст [8, с. 81].

Дар иҷрои корҳо оид ба пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасон метавонанд афсарон, прапоршикҳо ва аъзои оилаи онҳо, инчунин мутахассисони ғайринизомӣ ҷалб карда шаванд. Дар хоҷагии ёрирасон барои иҷрои корҳо дар асоси шартномаи меҳнатӣ коргари ғайринизомиро ба кор қабул намудан иҷозат дода мешавад. Пардохти музди меҳнати коргари ғайринизомӣ тибқи шартҳои амалкунандаи пардохти музди меҳнати корманди хоҷагидорӣ муқаррар карда мешавад.

Дар асоси муқарраროти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] бошад, ба сифати пешбарандаи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ шаҳрванд бо ҷалби аъзои оила ва ё дигар шаҳрвандон баромад менамояд. Яъне дар ин самт, тафовут аз шахсони пешбаранда ва ҷалбгардида дар фаъолияти хоҷагии ёрирасон ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ то андозае дида намешавад. Ҳарчанд, дар қисмати якум афсарон, прапоршикҳо ва аъзои оилаи онҳо, инчунин мутахассисони ғайринизомӣ ҷалб карда мешаванд ва дар қисмати дуюм

шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) дигар шаҳрвандон.

Яке аз хусусиятҳои муҳими хоҷагии ёрирасони шахсиро қитъаи замин ҳамчун заминаи асосии фаъолияти он ташкил дода, хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳз қитъаи заминро истифода намуда, маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол менамояд. Барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ аввалан тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷудо намудани қитъаи замин зарур мебошад. Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бе истифодаи қитъаи замин ғайриимкон аст, чунки замин дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати воситаи асосии истеҳсолот баромад менамояд [9, с. 76].

Сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар хоҷагии ёрирасон маҳсулоти кишоварзиро дар қитъаҳои замини ба сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷудогардида, инчунин қитъаҳои замини ба иҷора гирифташуда истеҳсол менамояд. Дар ҳолати зарурӣ қитъаҳои замини хоҷагии ёрирасон танҳо бо фармоиши роҳбари сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар асоси шартнома ва пешниҳоди командири (роҳбари) ҷузъу томҳо ба иҷора дода мешавад. Барои коркарди майдонҳои кишт, ҷамъоварии ҳосил ва корҳои дигар хоҷагиҳои ёрирасони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд бо субъектҳои хоҷагидорӣ шартнома ба имзо расонанд.

Дар ин замина, бо мақсади худтаъминкунии ҳайати шахсии қисмҳои Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон додани замин барои ташкил намудани хоҷагии ёрирасон" аз 4 апрели соли 1996, № 132 [10] қабул гардидааст, ки тибқи он ба Вазорати мазкур барои ташкил намудани хоҷагии ёрирасон аз заминҳои тахти истифодаи фирмаи "Нури-Нав"-и ш. Душанбе ба андозаи 47,74 га замин ҷудо карда шудааст.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ иборат мебошанд. Қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба шаҳрвандон бо тартиб ва ба андозаи муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд ва (ё) шаҳрвандон барои ин мақсад ҳуқуқи истифодаи онро ба даст меоранд.

Бояд гуфт, ки масоҳати ниҳоии қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар қ. 2, м. 71 ва қитъаи замини иловагии хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар қ. 2, м. 71[2] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [11] пешбинӣ гардидааст. Тибқи муқаррароти мазкур қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба андозаи то 0,12 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,25 гектар аз заминҳои обёринашаванда, дар ноҳияҳои навкорам ва кӯҳӣ ба андозаи то 0,15 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,40 гектар аз заминҳои обёринашаванда, ки масоҳати сохтмонҳо ва ҳавлӣ ба ҳамин ҳисоб дохил мешаванд, дода мешавад. Аммо, қитъаҳи замин барои ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасон дар қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз андозаи ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон додашаванда зиёд мебошад, ки ин тафовути онҳоро бозгӯ менамояд.

Дар асоси муқаррароти моддаи 22 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [11] андозаҳои ниҳоии (ҳадди ақал ва аксари) қитъаҳои замин аз заминҳои таъиноти гуногун, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо барои истифода дода мешаванд, ба истисноӣ ҳолатҳои дар моддаи 71 Кодекси мазкур пешбинигардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Дар самти тартиби ҷудо кардани қиъаҳои замин Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005, №342 [12] тасдиқ шудааст, ки тартиби пешниҳод ва баррасӣ кардани дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бораи ҷудо кардан ва мусодира намудани қитъаҳои замин аз ҳамаи намудҳои заминҳо ва заминистифодабарандагон, ба ғайр аз мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳолатҳои дигарро пешбинӣ кардааст, муқаррар менамояд.

Аммо, дар дар қоидаҳои мазкур оид ба тартиб ва андозаи қитъаҳои замин барои ба сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷудо намудан пешбинӣ нагардидааст. Яъне, яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии аз талаботи қисми 3 моддаи 22 Кодекси замин бармеомада то ҳол қабул карда нашудааст. Вобаста ба ин, зарур шуморида мешавад, ки қарори дахлдори Ҳукумати мамлакат дар хусуси муайян намудани андозаҳои ниҳоии (ҳадди ақал ва аксари) қитъаҳои замин аз заминҳои таъиноти гуногун, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо барои истифода дода мешаванд, таҳия ва қабул карда шавад. Дар ин замина, механизми ҷудо намудани қитъаҳои замин аз заминҳои таъиноти гуногун ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқиро пайдо менамояд.

Дар як навбат ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасон сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ шаҳрвандон уҳдадориҳои муайянро доро мебошанд. Аз ҷумла, дар асоси банди 22 Тартиби ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқе, ки хоҷагиҳои ёрирасон доранд:

– оид ба ҳифзи муҳити зист аз ифлосшавии пасобҳо ва партовгоҳи фермаҳо, пешгирии саривақтии паҳншавии бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот рафъи чунин бемориҳо дар сурати пайдо шудани онҳо чорабиниҳои зарурӣ гузаронида, барои нигоҳдории чорво ва паранда шароити зарурии байторию санитарӣ фароҳам меоранд;

– тибқи тартиби муқарраргардида чорабиниҳои зидди сӯхтор мегузаронанд;

– қитъаҳои заминро мувофиқи мақсад ва самаранок истифода намуда, барқарор кардан ва баланд бардоштани ҳосилнокии хок ва ҳифзи онро аз бодлесии обу шамол, сел, обхезӣ, ботлоқшавӣ, сахту шӯршавӣ ва олудашавӣ аз партовҳои истеҳсолот, моддаҳои кимиёию радиоктивӣ ва равандҳои дигари харобшавӣ таъмин менамоянд.

Дар асоси муқаррароти моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ уҳдадоранд:

– истифодаи мақсаднок ва оқилонаи қитъаҳои замин, аз ҷумла кишти зироатҳои кишоварзӣ, гузаронидани корҳои барқарорсозӣ ва ободониро, таъмин кунанд;

– сари вақт андози истифодаи қитъаҳои замин, ҳаққи хизмати обрасонӣ, барқ, инчунин, дигар пардохтҳои муқарраргардидаро ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, пардохт намоянд;

– қоидаҳои беҳдошти санитарию гигиенӣ ва байторӣ, талаботи агротехникию мелиоративӣ ва технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзиро риоя намоянд;

– барои нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок тадбирҳо андешанд;

– ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обу заминро таъмин намоянд;

– бо риояи тартиби муайяннамудаи беҳдоштиву санитарӣ ва байторӣ забҳи ҳайвоноти кишоварзиро дар ҷойҳои махсуси барои ин мақсадҳо ҷудошуда таъмин намоянд;

– ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти маҳали ҷойгиршавӣ бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дахлдорро оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешниҳод намоянд;

– дар қитъаҳои замини хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ ба бунёди бинову иншоот ва шинонидани дарахтони бисёрсола роҳ надиҳанд;

– иҷрои уҳдадориҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд.

Дигар махсусияти масъалаҳои таҳлилшавандаро ин истифодаи маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагӣ ташкил менамояд. Маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагиҳои ёрирасони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъминоти нақшавии ҳайати шахсӣ тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, озуқаи иловагӣ, инчунин озуқа дар рӯзҳои ид, дар давраи гузаронидани машқҳо ва дигар чорабиниҳое, ки дар онҳо таъмини хизматчиёни ҳарбӣ бо хӯроки гарм амалӣ мегардад, истифода мешаванд. Маҳсулоти аз нақшаи тасдиқшуда барзиёд истеҳсолшуда бо фармоиши роҳбарони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои расонидани кумаки моддӣ ба оилаҳои кормандоне, ки дар вақти иҷрои вазифаи хизматӣ фавтидаанд, собиқадорони эҳтиёҷманди сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва/ё фурӯш истифода мегардад.

Истифодаи молу мулки узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ бошад, дар фаъолияти он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Инчунин, маҳсулоти кишоварзии дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол ва коркардшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ихтиёрдорӣ карда мешавад.

Дар ин ҷода, муаллифони тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» иброз медоранд, ки маҳсулоти кишоварзие, ки дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол карда мешавад, моликияти умумии аъзои он ба ҳисоб меравад ва онро озодона ба фурӯш мебарорад. Аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳсулоти кишоварзиро ба мақсади қонеъ намудани талаботи худ ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар истеҳсол менамоянд. Маҳсулоти кишоварзие, ки барои қонеъ намудани талаботи озуқавории онҳо зиёдатӣ мебошанд, аъзои хоҷагӣ озодона онро ихтиёрдорӣ намуда, талаботҳои дигари шахсию оилавии худро қонеъ менамоянд [13, с. 151].

Дар маҷмӯъ, таҳлили масъалаҳои танзими ҳуқуқии ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат аз он медиҳад, ки ташкил ва пешбурди фаъолияти он ба мақсаду моҳият ва самтҳои фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳамшабеҳ ва дар як навбат ҷузъи он мебошад. Бо ин назардошт, васеъ намудани мавзуи танзим ва мукаммал намудани масъалҳои танзими ҳуқуқии хоҷагии ёрирасон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» зарур шуморида шуда, пешниҳод менамоем, ки номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёриасони шахсӣ» дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасон» қабул карда шавад.

Чунонеки дар қисмати андешаҳои болозикр иброз карда шуд, баҳри пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасон, на танҳо шаҳрвандон, инчунин муассисаву ташкилотҳо, корхонаву идора ва сохторҳои ҳарбии кишвар машғул буда, онҳо дорои заминҳои иловагии ёрирасон мебошанд, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намуда, бо мақсади қонеъ намудани талаботи худи муассисаву ташкилотҳо истифода мегарданд. Бо ин назардошт, муносибатҳои мазкур аз доираи низоми қонунгузории соҳа берун монда, танзим гардидани он дар қонунгузории самти мазкур муҳим маҳсуб мегардад. Агар ба таҳлили қонунгузории давлатҳои ИДМ таваҷҷуҳ намоем, таҷрибаи дар чунин шакл қабул гардидани қонун дар хусуси хоҷагии ёрирасон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуд мебошад, ки дар ин кишвар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасон» аз 1 апрели соли 2021, №ЗРУ-681 [14] қабул гардида, амал менамояд.

Инчунин, дар доираи Қонуни мазкур боби алоҳида оид ба тартиби пешбурди хоҷагии ёрирасони ташкилоту муассисаҳо, қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ гардида, дар он ҷанбаҳои умумӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили намудҳои фаъолияти хоҷагии ёрирсон дар чунин муассисаву ташкилотҳо, шахсони пешбарандаи хоҷагии ёрирасон, қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар самти ташкил ва пешбурди хоҷагӣ, ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои ёрирасон, истифодаи маҳсулоти истеҳсолшуда дар чунин хоҷагиҳо ва амсоли ин муқаррар карда шаванд.

**Муқарриз: н.и.х., дотсент Соҳибзода М.М.**

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ О ПОДСОБНЫХ ХОЗЯЙСТВ ВОИНСКИХ ЧАСТЕЙ, ПОДРАЗДЕЛЕНИЙ СИЛОВЫХ СТРУКТУР И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** земельное законодательство; сельскохозяйственное законодательство; личное подсобное хозяйство; подсобное хозяйство; правовое регулирование; организация и содержание подсобного хозяйства; организации и учреждения; воинские части; подразделений силовых структур; правоохранительные органы; земельный участок.

***Аннотация:*** В данной статье автор проанализировал вопрос правового регулирования организации и содержания подсобных хозяйств воинских частей, частей и подразделений силовых структур и правоохранительных органов Республики Таджикистан с учетом анализа современного состояния законодательства в этой области. Отмечалось, что в законодательной системе страны приняты два специальных отраслевых закона, касающихся регулирования общественных отношений по направлению организации и стимулирования деятельности личного подсобного хозяйства. В частности, Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйства» был принят в 2003 году, а действующий закон принят в 2022 году.По вопросу порядка организации и содержания подсобных хозяйств воинских частей, частей и подразделений силовых структур и правоохранительных органов Республики Таджикистан принято постановление Правительства Республики Таджикистан от 27 февраля № 120, который определяет правила организации, содержания и развития подсобных хозяйств в воинских частях, подразделениях силовых структур и правоохранительных органов Республики Таджикистан.

***Одиназода Шохрух Хисрав -*** начальник отдела аграрного, природоресурсного и экологического законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru, Тел.: (+992) 931-10-04-40.

# SOME ISSUES RELATED TO SUBSIDIARY FARMS OF MILITARY UNITS, SECURITY FORCES UNITS AND LAW ENFORCEMENT AGENCIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords***: land legislation; agricultural legislation; personal auxiliary farm; auxiliary farm; legal regulation; organization and maintenance of auxiliary farm; organizations and institutions; military units; parts and wholes of power structures; law enforcement agencies; plot of land.

***Annotation:*** In this article, the author analyzed the issue of legal regulation of the organization and maintenance of subsidiary farms of military units, units and subdivisions of security agencies and law enforcement agencies of the Republic of Tajikistan, taking into account the analysis of the current state of legislation in this area. It was noted that two special sectoral laws concerning the regulation of public relations in the direction of organizing and stimulating the activities of personal subsidiary farms were adopted in the legislative system of the country. In particular, the Law of the Republic of Tajikistan «On Personal Subsidiary Farming» was adopted in 2003, and the current law was adopted in 2022. On the issue of the procedure for organizing and maintaining subsidiary farms of military units, units and subdivisions of security agencies and law enforcement agencies of the Republic of Tajikistan, the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated February 27, No. 120, was adopted, which defines the rules for the organization, maintenance and development of subsidiary farms in military units, units of security agencies and law enforcement agencies of the Republic of Tajikistan.

***Odinazoda Shohrukh Khisrav -*** Head of the department of agrarian, natural resource and environmental Legislation National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail**:** shohrukh_odinazoda@bk.ru, Tel.: (+992) 931-10-04-40.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Соҳибов М.М. Инкишофи қонунгузорӣ дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 1. – С. 134-135.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз 8 декабри соли 2003, №47 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №12. – Мод. 675; – 2006. – №7. – Мод. 349; – 2011. – №6. – Мод. 449.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2024).

4. Фармонҳои Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9 октябри соли 1995, №342 «Дар бораи ҷудо кардани 50 ҳазор гектар замин» ва аз 1 декабри соли 1997, №874 «Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

5. Консепсияи истифодаи заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи 2004, №349 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

6. Тартиби ташкил ва нигоҳдории хоҷагиҳои ёрирасони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати мамлакат аз 27 феврали соли 2020, №120 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии ҶТ» аз 18 марти соли 2022, № 1866 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 14.08.2024).

8. Соҳибов М.М., Одинаев Ш.Х. Мафҳум ва хусусиятҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – № 1 (37). – 2020. – С. 80-89.

9. Одиназода Ш.Х. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминистифодабарӣ дар фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ // «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (13 октябри соли 2023). – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. – С. 76-84.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон додани замин барои ташкил намудани хоҷагии ёрирасон” аз 4 апрели соли 1996, № 132 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

11. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №23 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; – 1997. – №23-24. – Мод. 333, фасли IV; – 1999. – №5. – Мод. 59; – 2001. – №4. – Мод. 176; – 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; – 2006. – №7. – Мод. 347; – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; – 2011. – №3. – Мод. 171; – 2012. – №4. – Мод. 269; – №8. – Мод. 828.

12. Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005, №342 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.08.2024).

13. Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Қодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»: нашри аввал (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ) // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ., директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2022. – 240 с.

14. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасон» аз 1 апрели соли 2021,

№ЗРУ-681 // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=131266 (санаи муроҷиат: 26.08.2024).

**Список литературы:**

1. Сохибов М.М. Развитие законодательства о личном подсобном хозяйство в Республике Таджикистан // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 1. – С. 134-135.

2. Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» от 8 декабря 2003 года, №47 // Ахбор Маджили Оли Республики Таджикистан. – 2003. – №12. – Ст. 675; – 2006. – №7. – Ст. 349; – 2011. – №6. – Ст. 449.

3. Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» от 19 июля 2022 года № 1891 // Национальный центр законодательства при Президенте РТ [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.05.2024).

4. Указы Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона от 9 октября 1995 года № 342 «О выделении 50 тысяч гектаров земли» и от 1 декабря 1997 года № 874 «О выделении 25 тысяч гектаров земли» // Централизованная информационная база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 13.08.2024).

5. Концепция землепользования в Республике Таджикистан от 31 августа 2004 года № 349 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 13.08.2024).

6. Порядок организации и содержания вспомогательных хозяйств воинских частей, частей и структур силовых структур и правоохранительных органов Республики Таджикистан, утвержденный постановлением Правительства страны от 27 февраля 2020 года №120 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 13.08.2024).

7. Закон Республики Таджикистан «О государственной поддержке агропромышленного комплекса Республики Таджикистан» от 18 марта 2022 года №1866 // [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 14.08.2024).

8. Сохибов М.М., Одинаев Ш.Х. Понятие и сущности личного подсобного хозяйства по законодательству Республики Таджикистан // Законодательство. – №1 (37). – 2020. – С. 80-89.

9. Одиназода Ш.Х. Правовое регулирование отношений землепользования в деятельности личных подсобных хозяйств // «Проблемы земельного законодательства в современную эпоху»: материалы республиканской конференции (13 октября 2023 г.). – Душанбе: «Мехродж-граф», 2023. – С. 76-84.

10. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О предоставлении МВД Республики Таджикистан земли для создания подсобного хозяйства» от 4 апреля 1996 года №132 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 13.08.2024).

11. Земельный кодекс Республики Таджикистан от 13 декабря 1996 года № 23 // Ахбор Маджили Оли Республики Таджикистан. – 1996. – № 23. – Ст. 351; – 1997. – № 23-24. – Ст. 333, раздел IV; – 1999. – № 5. – Ст. 59; – 2001. – № 4. – Ст. 176; – 2004. – № 2. – Ст. 55. – № 3. – Ст. 190; – 2006. – № 7. – Ст. 347; - 2008. – № 1, с. 2. – Ст. 22. – № 6. – Ст. 463; – 2011. – №3. – Ст. 171; – 2012. – №4. – Ст. 269; – №8. – Ст. 828.

12. Правила предоставления земельных участков физическим и юридическим лицам, утвержденные постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 сентября 2005 года №342 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан

“Юстиция”. Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 22.08.2024).

13. Сохибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Кодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Толкование Закона Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве»: первое издание (общественное, научно-практическое толкование) // Под редакцией Саидзода И.Х., директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидата юридические наук, доцент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 246 с.

14. Закон Республики Узбекистан «О подсобном хозяйстве» от 1 апреля 2021 года № ЗРУ-681 // [Электронный ресурс]. - Источник доступа: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=131266 (дата обращения: 26.08.2024).

**List of literature:**

1. Sokhibov M.M. Development of legislation on private farming in the Republic of Tajikistan // State Studies and Human Rights. – 2020. – No. 1. – P. 134-135.

2. Law of the Republic of Tajikistan “On personal subsidiary farming” dated December 8, 2003, No. 47 // Akhbor Majili Oli of the Republic of Tajikistan. – 2003. – No. 12. – St. 675; – 2006. – No. 7. – St. 349; – 2011. – No. 6. – St. 449.

3. Law of the Republic of Tajikistan “On personal subsidiary farming” dated July 19, 2022 No. 1891 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 05/26/2024).

4. Decrees of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon of October 9, 1995 No. 342 «On the allocation of 50 thousand hectares of land» and of December 1, 1997 No. 874 «On the allocation of 25 thousand hectares of land» // Centralized information database of the Republic of Tajikistan «Justice». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 08/13/2024).

5. The concept of land use in the Republic of Tajikistan dated August 31, 2004 No. 349 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Justice». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 08/13/2024).

6. The procedure for organizing and maintaining auxiliary farms of military units, units and structures of security agencies and law enforcement agencies of the Republic of Tajikistan, approved by the Decree of the Government of the country dated February 27, 2020 No. 120 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Justice». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 08/13/2024).

7. The Law of the Republic of Tajikistan «On state support for the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan» dated March 18, 2022 No. 1866 // [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (date of access: 08/14/2024).

8. Sokhibov M.M., Odinaev Sh.Kh. Concept and essence of personal subsidiary farming according to the legislation of the Republic of Tajikistan // Legislation. - No. 1 (37). – 2020. – P. 80-89.

9. Odinazoda Sh.Kh. Legal regulation of land use relations in the activities of personal subsidiary farms // “Problems of land legislation in the modern era”: materials of the republican conference (October 13, 2023). – Dushanbe: “Mekhroj-graf”, 2023. – P. 76-84.

10. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan “On the provision of land to the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for the creation of a subsidiary farm” dated April 4, 1996 No. 132 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Justice”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 08/13/2024).

11. Land Code of the Republic of Tajikistan of 13 December 1996, No. 23 // Akhbor Majili Oli of the Republic of Tajikistan. - 1996. - No. 23. - Art. 351; - 1997. - No. 23-24. - Art. 333, Section IV; - 1999. - No. 5. - Art. 59; - 2001. - No. 4. - Art. 176; - 2004. - No. 2. - Art. 55. - No. 3. - Art. 190; - 2006. -

No. 7. - Art. 347; - 2008. - No. 1, p. 2. - Art. 22. - No. 6. - Art. 463; – 2011. – No. 3. – Art. 171; – 2012. – No. 4. – Art. 269; – No. 8. – Art. 828.

12. Rules for the provision of land plots to individuals and legal entities, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated September 1, 2005 No. 342 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Justice». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 22.08.2024).

13. Sokhibzoda M.M., Sharifzoda F.Sh., Asrorzoda Z., Kodirzoda M.A., Sherzoda B.S., Odinazoda Sh.H. Interpretation of the Law of the Republic of Tajikistan “On Personal Subsistence Farming”: first edition (public, scientific and practical interpretation) // Edited by Saidzoda I.Kh., Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: “ER-graph”, 2022. – 246 p.

14. Law of the Republic of Uzbekistan «On Subsidiary Farming» dated April 1, 2021 No. ZRU-681 // [Electronic resource]. - Access source: URL: https://base.spinform.ru/show_doc .fwx?rgn=131266 (accessed: 08/26/2024).



**ТДУ: 349.6**

**Қодирзода Мирзокодир Аюб,**
*мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: mirzokodir-1@mail.ru*
*Тел.: (+992) 92-111-59-90.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ НАҚШИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ ДАР АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚҲОИ ЭКОЛОГИИ ИНСОН

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, ҳуқуқҳои экологии инсон, амалишавии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, функсияҳои давлат, назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, ғояҳои илмӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, муқарраротҳои меъёрӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, мавқеъ.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назариявии нақши функсияи экологии давлат дар амалишавии ҳуқуқҳои экологии инсон дар асоси ғояҳои илмии муосири соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Имрӯзҳо масъалаҳои амалишавии ҳуқуқҳои экологии инсон яке аз ҷабҳаҳои умдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқи муосирро ташкил менамояд. Дар ҳақиқат ҳам бо шиддат гирифтани сохтмони объектҳои истеҳсолии вазнин, партофтани партовҳои ҳаҷман калон ба табиат, аз меъёри муқаррар гардидан чандин маротиба зиёд ихроҷ шудани газҳои зараровар, зиёд гардидани талаботи инсоният ба объектҳои табиӣ, олами ҳайвонот ва наботот омилҳое мебошанд, ки давлатҳоро бахри эҷоди механизмҳои муосири истодагарӣ намудан ба чунин ҳолатҳои ногувор водор менамоянд. Дар ин радиф нақши меҳвариро амалишавии функсияи экологии давлат ташкил менамояд.

Дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрами сатҳи дохили давлатӣ ва байналмилалиро ҳаллу фасли масоили ба амаломадаи соҳаи ҳифзи муҳити зист ташкил менамояд. Хислати ҷудогонаи матраҳ намудани масоили экологӣ дар дохили давлати алоҳида, минтақа ва ҷаҳон аз он иборат мебошад, ки самти мазкур ҷабҳаи консептуалӣ дошта, бо фишангҳои ҷадидӣ ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёссӣ мавриди ҳаллу фасл қарор дода мешаванд. Дар байни механизмҳои ба таври муътадил нигоҳдории захираҳои табиии мавҷудаи барои наслҳои имрӯза ва оянда таъминшаванда, ҷойгоҳи муҳимро василаҳои амалишавии функсияи давлат ташкил карда истодааст.

Ҳолати болозикр дар замони муосир дар таҷрибаи илми ҳуқукшиносии ватанаи таваҷҷуҳи олимони ҷудогонаро ба худ ҷалб намудааст. Албатта мавриди баррасӣ қарор додани масоили ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист дар сатҳи соҳаи алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ ва ғояҳои мустақили ҳуқуқӣ ба манфиати кор буда, дар пайдо шудани ҷараёни мустақили таҳқиқоти илмӣ оварда мерасонад.

Мутобиқи сарчашмаҳои муътамади назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва махсусан риштаи ҳуқуқи экологӣ то асри XX функсияи муҳофизати табиат асосан тавассути функсияи ҳифзи ҳуқуқи моликият, манфиатҳои иқтисодӣ, андоз ва мудофиаи давлат инкишоф меёфт. Вай хислатҳо ва хусусиятҳои инфиродӣ надошт ва вазифаи дуюмдараҷа ба ҳисоб мерафт. Оғоз аз солхои 70-ум асри гузашта намояндагони илм дар бораи тақсим кардани вазифаи муҳофизатии табиат ҳамчун вазифаи мустақил андешаронӣ менамуданд[6, с.304.]. Дар як қатор мақолахои илмӣ хулосаҳое бароварда шудаанд, ки муҳофизати табиат дар ИҶШС вазифаи доимӣ ва асосии мустақили давлати сотсиалистии мутарақии умумихалқиро ифода мекунад.

Аз солҳои 1980-уми асри XX вақте ки таваҷҷуҳ ба ин соҳаи фаъолияти давлатӣ якбора афзоиш ёфт, дар ҷомеаи илмӣ истилоҳи "функсияи экологии давлат" мавриди истифода қарор гирифт. Имрӯз истиқлолият ва аҳамияти вазифаи экологии давлат мавриди баҳс намебошад. Гузашта аз ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи низоми махсуси ҳуқуқии мероси табиӣ ҳарчи бештар мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки бешубҳа, ташкили механизми муассири танзими давлатии ин соҳаро дар назар дорад.

Бо назардошти он, ки аксари захираҳои табиӣ тамомшавандаанд, беҳбудии давлат аз истифодаи оқилона, ҳифз ва такрор истеҳсоли онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, ба истифодаи онҳо бо усулҳои харобиовар, ғайри оқилона роҳ додан мумкин нест. Мо чунин мешуморем, ки ҷиҳати ҳифзи захираҳои табиӣ функсияи экологӣ барои Тоҷикистон махсусан муҳим аст, зеро мамлакати мо дорои захираҳои табиии таъсирбахш буда, дар айни замон дар истифодаи окилонаи онҳо таҷрибаи зиёд надорад.

Як қатор падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабили шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар боби мазкур муттаҳид карда шуда аст, ки онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун маҳаки муайянкунандаи мақоми инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва давлат нақш мебозанд. Маҳз ҳамин меъёрҳо уҳдадории давлатро ҷиҳати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар менамоянд. Ба сатҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба он баҳо дода мешавад, ки давлат онҳоро дар қонунгузории миллии худ дар кадом сатҳ муқаррар намуда, амалигардонии онҳоро чӣ гуна кафолат додааст. Мазмуни вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд асосан вобаста ба ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, ки тавассути қонунгузории миллӣ танзим гардида бозтоб мегардад [1].

Бо ҳамин манзур дар марҳилаи фавқуззикр ҳамвора бо инкишофи сифатан нави низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати татбиқ намудани онҳо ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳким ёфта, ширкат варзидани онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ вусъат меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёд намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст ва дар ин ҷода фароҳам овардани фазои ҳуқуқии ҷомеа вазифаи авалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд буда, ғояи меҳварии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд усулҳое мебошанд, ки дар хусуси моҳияту мазмуни ин падида шаҳодат медиҳанд.

Амалӣ ва татбиқшаванда будани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бо роҳи муқаррар кардани кафолатҳои иқтисоди, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд. Кафолатҳо дар он вазифаҳои ба уҳдаи худ гирифтаи давлат ифода меёбанд, ки барои таъмини вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд таъин гардидаанд. Ин кафолатҳо вазъи ҳуқуқӣ ва ҳақиқии шахсро дар ҷомеа ба якдигар пайванд месозанд[2, с.119.].

Дар баробари ин яке аз ҳуқуқҳои меҳварии инсон ин ҳуқуқ ба дастрасӣ ба сарватҳои табиӣ ва шароити арзандаи зисти аз лиҳози экологӣ дастрас ба шумор меравад.

Яке аз самтҳои муҳими татбиқи сиёсати ягонаи давлатии экологӣ ин таъмини ҳуқуқҳои экологӣ, пеш аз ҳама ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс ба муҳити зисти солим маҳсуб мегардад. Муқаррар намудани уҳдадории ҳуқуқии шаҳрванд дар назди ҷомеа ва ҷомеа дар назди шаҳрванд барои ҳолати муҳити зист ба манфиати наслҳои ҳозира ва оянда яке аз масъалаҳои асосӣ ва муосири экологӣ мебошад[3, с.184.].

Инсон қисми ҷудонашавандаи табиат аст. Мақсади охирини ҳифзи муҳити зист ин таъмини нигоҳдории инсон ҳамчун як мавҷуди солими экологӣ ва иҷтимоӣ аст[4, с.93.].

Дар назарияи ҳуқуқ вазъи ҳуқуқии инсон гуфта ин вазъи бо ҳуқуқ расмигаштаи фард фаҳмида мешавад, ки бо ҳуқуқу озодиҳо, вазифаҳо ва масъулияти шахс муайян карда мешавад. Вазъи ҳуқуқии шахсро ҳуқуқу озодӣ

ва вазифаву масъулияти шахс дар соҳаи муайян ташкил медиҳанд.

Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби муҳақиқонӣ ватанӣ ва хориҷӣ Р.Ш. Шарофзода[5], Э.С. Насриддинзода[6], А.Д. Ғафурзода[7], А.Ғ. Холиқзода[8], Р.Ҷ. Ҷабборов[4], М.М. Соҳибзода[9], М.А. Қодирзода[10], М.М. Меркулов[11], В.С. Миронов[12], Р.Х. Гиззатулин[13], Б.А. Мухамеджанов[14], В.Е. Сизов[15], А.С. Шестерюк[16] асъалаи дар ҳошияи функсияи экологии давлат амалигардии ҳуқуқҳои экологии инсон ба таври бевосита ва бавосита мавриди таҳқиқи илмӣ ва таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст, ки ҳолати мазкур аз муҳимияти он дар фазои илмӣ ва танзими ҳуқуқӣ дарак медиҳад.

Вазъи ҳуқуқии экологии инсон – ин вазъи бо қонунгузории экологӣ муайянгаштаи инсон мебошад, ки бо ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои он дар соҳаи таъсири мутақобили ҷамъият муайян карда мешавад. Вазъи ҳуқуқии экологии инсон аз ду унсури асосӣ иборат мебошад: а) ҳуқуқу озодиҳои экологии инсон; б) уҳдадории экологии инсон.

Падидаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон яке аз арзишҳои бунёдии соҳаи ҳуқуқи экологӣ маҳсуб мегардад. Инсон ҳуқуқҳои экологиро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳими худ, инчунин барои ҳифзи муҳити зист ба даст меорад. Ҳуқуқ ин имконияти дар қонунгузорӣ муқаррар шуда ва кафолат додаи давлат мебошад, ки ба ҳар як инсон имкони интихоби намуд ва шакли рафторро барои ба манифиати ҳам шахсӣ ва ҳам ҷамъиятӣ истифода бурдани неъматҳои иҷтимоӣ фароҳам меоварад. Уҳдадорӣ ин муқаррароти ба манфиати ҳамаи аъзоёни ҷомеа дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудаи давлат аст, ки рафтори ҳатмии субъектро ба интихоби намуд ва шакли рафтор ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани онҳо муайян менамояд.

Дар илми ҳуқуқи экологӣ равиши ягонаи муайян кардани мафҳуми ҳуқуқҳои экологӣ ҷой надорад. Вобаста ба муайян кардани мафҳуми ҳуқуқҳои экологӣ ду нуқтаи назарро ҷудо кардан мумкин аст: тибқи равиши якум эквиваленти ҳуқуқҳои экологӣ ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид меистад. Вобаста ба ин субъекти ҳуқуқҳои экологӣ танҳо ба шаҳрвандон, гурӯҳи шаҳрвандон ва аҳолии ин ё он ҳудуд маҳдуд мегардад. Нуқтаи назари мазкур аз тарафи М.И. Василева ҷонибдорӣ карда мешавад. Асос барои ҷудо кардани ҳуқуқҳои экологӣ чун гуногунии махсуси ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд хусусияти ин гурӯҳи ҳуқуқҳоро пешниҳод менамояд.

Ба акидаи М.И. Василева «ҳуқуқҳои экологӣ аз ҳуқуқи истифодабарии табиат бо хусусияти ғайрииқтисодӣ доштан фарқ менамоянд. Онҳо дараҷаи маҳдуди алоқамандӣ ба ин ё он ҳуқуқи молумулкӣ ба захираҳои табиӣ доранд ва бо ҳамин сабаб баъзе аз намудҳои умумии истифодабарии табиат, аз ҷумла рекратсиониро фаро мегиранд». «Хусусияти дохилии муайянкунандаи ҳуқуқҳои экологӣ ин мақсади ниҳоӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои қонунӣ равона карда шудааст, мебошад. Ҳуқуқ ва манфиат танҳо дар он ҳолате ба сифати ҳуқуқҳои экологӣ эътироф карда мешаванд, ки нигоҳдории сифати муҳити зист ва объектҳои табиӣ мақсади ягона ва ниҳоӣ мавҷуд бошад» [17, с.50-51.].

Мутобиқи нуқтаи назари дуввум, таҳти мафҳуми ҳуқуқҳои экологӣ маҷмӯи ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар соҳаи истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити зист фаҳмида мешавад. Дар ин маврид субъекти ҳуқуқҳои экологӣ на танҳо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин сектори соҳибкорӣ ва давлат низ мебошанд. Тибқи ин нуқтаи назар ҳуқуқҳои экологӣ ба маънои васеъ фаҳмида мешаванд, ки ҳуқуқи моликият ба сарватҳои табиӣ, ҳуқуқ ба истифодабарии табиат, инчунин иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ-солимгардонӣ, сайёҳӣ, варзишӣ, истифодабарии олами ҳайвонот ва дигар захираҳои табииро бо мақсади соҳибкорӣ фаро мегирад[18, с.131-133.].

Баъди ихтилофоти мазкур дар илми ҳуқуқи экологӣ фаҳмиши васеи ҳуқуқҳои экологӣ ба миён омад, ки тибқи он ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун ҳуқуқҳои таъминкунандаи талаботи инсон дар табиат муайян карда шуд. Табиат талаботҳои гуногуни инсон экологӣ (физиологӣ), иқтисодӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва дигарро қонеъ карда, инчунин ба ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун ҳуқуқи

унверсалӣ ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, ҳуқуқи инсон ба истифодабарии захираҳои табиӣ дохил карда мешаванд.

Ба андешаи М.М. Бринчук таҳти мафҳуми ҳуқуқҳои экологӣ ҳуқуқи этирофшуда ва дар қонунгузорӣ муқарраршудаи шахс фаҳмида мешавад, ки талаботи гуногуни онро ҳангоми таъсири мутақобилаи ҷамъият ва табиат таъмин менамояд[19, с.116.]. Муҳақиқ махсусияти ин ҳуқуқҳоро дар алоқамандӣ бо соҳаи таъсири мутақобилаи ҷамъият ва табиат пешниҳод менамояд. Ҳуқуқҳои экологӣ бо мақсади қонеъ намудани он талаботҳое равона карда шудааст, ки ҳангоми таъсири мутақобилаи ҷамъият ва табиат дар инсон ва шаҳрванд пайдо мегардад. Ҳангоми таъсири мутақобилаи ҷамъият ва табиат талаботҳои гуногуни инсон, ба монанди талаботи физиологӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва талаботҳои иқтисодии одамон, ташкилотҳо ва давлат.

Ҳуқуқҳои экологӣ намуди махсуси ҳуқуқҳои конститутсионии инсон буда, дар натиҷаи зиддияти экологӣ пайдо шудааст. Онҳо қисмати муҳими мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандонро ташкил медиҳанд. Бо мақсади ҷалби шаҳрвандон ба василаи ҳифзи табиат зарурати эътирофи ҳуқуқҳои экологӣ ба миён омад. Ҳатто ҳуқуқҳои экологии наслҳои оянда низ эътироф гаштааст.

Дар сатҳи байналмилалӣ низ дар ин масъала амалҳои назаррас мушоҳида мегардад. Эъломияи ҳуқуқи башар ва дигар санадҳои аввалини СММ бевосита ҳуқуқҳои экологиро пешбинӣ намекунанд (танҳо с. 1972 дар конфронси Стокголм ҳуқуқ ба муҳити зисти солим ташаккул ёфт). Вале Эъломия барои амалигардии ҳуқуқҳои асосии инсон ( аз ҷумла ҳуқуқҳои экологӣ) заминаи бузург гузошт.

Ҳуқуқҳои зерини экологии инсонро ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҳуқуқ ба муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатии инсон мусоид;

2) ҳуқуқ ба дастрасии маълумоти кофӣ оид ба ҳолати муҳити зист;

3) ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки ба саломатӣ ва молу мулк вобаста ба ҳуқуқвайронкунии экологӣ расонида шудааст;

4) ҳуқуқ ба истифодабарии захираҳои табиӣ (объектҳои табиат, захираҳои табиӣ) барои конеъ намудани талаботи худ (талаботи эстетикӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ғайра) ё ҳуқуқ ба истифобарии умумии табиат;

5) ҳуқуқ ба ҷуброн намудани зараре, ки ба муҳити зист расонида шудааст.

Мазмун ва баъзе хусусиятҳои хоси ҳуқуқҳои экологиро ба назар гирифта, онҳоро чун ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ мекунанд. Ҳуқуқҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқҳои сиёсӣ низ зоҳир мегардад. Дар маҷмӯъ ҳуқуқҳои экологиро ҳуқуқи шахсӣ низ номидан мумкин аст, зеро баамалбарории ҳуқуқ ба муҳити зисти солим бевосита бо амалигардии ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи асосии шахсӣ алоқаманд аст. Дар сарчашмаҳо ҳуқуқҳои экологӣ чун ҳуқуқҳои насли сеюм ва баъзан чун ҳуқуқҳои насли чаҳорум низ маънидод мегарданд.

Дар адабиёти илмӣ ҳуқуқҳои экологии инсон бо асосҳои гуногун тасниф карда мешаванд. Ҳуқуқҳои экологӣ мумкин аст, ки бо асосҳои гуногун тасниф карда шаванд: ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ (асосӣ) ва ҳуқуқҳои дигар; ҳуқуқи шаҳрванд ва ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ; ҳуқуқҳои ҳифзи табиат ва ҳуқуқҳои захираҳои табиӣ; ҳуқуқҳои бевосита экологӣ (махсус) ва дигар – умумӣ (яъне бавосита ба ҳуқуқи истифодабарии табиат таъсир мерасонанд) [3, с.200.].

Ба андешаи Р.Ҷ. Ҷабборов аз таҳлили мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: а) ҳуқуқи инсон ба зиндагӣ дар шароити тозаю солим ва муҳити атрофи пурмаҳсул барои зиндагӣ; б) ҳуқуқи инсон барои таъмини ҳифзи саломатии вай аз зараррасонии носолими муҳити табиии атроф, ки натиҷаи таъсири ҳаракати антропогении худи вай аст[4, с.84.].

Ҳуқуқҳои экологии инсон ба гурӯҳи ҳуқуқҳои табиии бунёдии (ҷудонашавандаи) инсон дохил шуда, аз лаҳзаи таваллуд ба миён омада, пас аз вафоти инсон қатъ мегарданд ва инҳо дар баробари ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, озодии ҳаракат ва монанди инҳо амал менамоянд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, имрӯз мазмуни функсияи экологии давлатро танҳо ба

ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Давлат ва ҷамъият (инсонҳо) ба ҳалли комплексии як қатор вазифаҳои муҳими вобаста ба табиат ва сарватҳои он манфиатдор мебошад. Дар шароити муосир худи давлат инкишоф намеёбад, агар вай натавонад тамоми вазифаҳои аввалиндараҷаи экологии дар назди худи давлат истодаро иҷро кунад, дар ҳалли мушкилоте, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ истодаанд, иштирок накунад, сатҳи чунин вазъияти экологиро дар давлате, ки ба стандартҳои байналмиллалӣ мувофиқ бошад, таъмин намояд.

Дар баробари ин, аҳамияти функсияи экологии давлат дар таъмини мувозинати аз ҷиҳати илмӣ асоснок, самаранок ва пурра риоя намудани манфиатҳои экологӣ ва иқтисодии ҷомеа барои таъмини рушди устувори давлат ифода меёбад, ки таъсиси муҳити заруриро дар назар дошта, кафолатҳои амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шахрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, таъмини дараҷаи кофии ҳифзи муҳити зист, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ғайра мебошад.

Тағйирёбии иқлими сайёра, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва парандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологии давлатро барои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои экологии инсоният тақозо мекунанд.

Аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо намудани муаммоҳои экологӣ боиси аз ҳудуди як давлат берун баромадани функсияи экологӣ мегардад. Ҳоло давлатҳо баҳри ҳалли проблемаҳои экологии глобалӣ, наҷот додани сайёра, таъмини ҳастии инсонӣ дар ҷаҳони муосир талош доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаҳои экологӣ хосатан ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд диққати махсус дода мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушоҳида кардан ба маврид аст. Ташаббусҳои экологии давлати Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи муаамоҳои экологии сатҳи ҷаҳонӣ бетараф набуда, дар ин маврид тарафдор ва саҳмгузори таъмини амнияти экологӣ, солимии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба наслҳои ояндаи башарият мебошад.

Ҳамин тариқ зикр кардан ба маврид аст, ки яке аз василаҳои муҳим ва сари вақти таъмин намудани ҳуқуқҳои экологии инсон аз ҳар ҷиҳат ба сатҳи амалигардии механизмҳои густурдаи функсияи экологии давлат пайвандии ногусастанӣ дорад. Бо ин назардошт бояд дар замони муосир ба масоили коркарди усулҳои ҷадиди амалинамоии функсияи экологии давлат дар сатҳҳои илмӣ, қонунгузорӣ ва идоракунӣ баҳри болобарии арзишҳои муҳими инсоният ва наслҳои ояндаи он, таваҷҷуҳи бештарро равона сохтан тақозои замон мебошад.

**Рецензент: к.ю.н., доцент Шокиров Г.А.**

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ РОЛИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА В РЕАЛИЗАЦИИ ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

***Ключевые слова:*** права человека, экологические права человека, реализация прав человека и гражданина, функции государства, теория правоведения, научные идеи, законодательство, конституционное право, нормативные положения, международно-правовые документы, позиция.

***Аннотация:*** В данной статье на основе современных научных представлений в области теории государства и права исследованы некоторые теоретические вопросы роли экологической функции государства в реализации экологических прав человека. Сегодня вопросы реализации

экологических прав человека составляют одно из основных направлений науки теории государства и современного права.

Действительно, с интенсификацией строительства тяжелых производств, выбросом в природу большого количества отходов, выбросом вредных газов в несколько раз превышающим установленные нормы, увеличивается потребность человека в природных объектах, фауне и флоре. факторы, которые заставляют государства создавать современные механизмы противостояния таким неприятным ситуациям. В этой связи решающую роль играет реализация экологической функции государства.

***Кодирзода Мирзокодир Аюб*** – заведующий кафедрой теории и истории государства и права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент E-mail: mirzokodir-1@mail.ru, Тел.: (+992) 92-111-59-90.

## SOME THEORETICAL ISSUES OF THE ROLE OF THE ECOLOGICAL FUNCTION OF THE STATE IN THE REALIZATION OF HUMAN ENVIRONMENTAL RIGHTS

***Keywords:*** human rights, environmental human rights, implementation of human and civil rights, functions of the state, theory of jurisprudence, scientific ideas, legislation, constitutional law, regulations, international legal documents, position.

***Annotation:*** In this article, based on modern scientific concepts in the field of state and law theory, some theoretical issues of the role of the state's environmental function in the implementation of human environmental rights are examined. Today, issues of implementing human environmental rights constitute one of the main areas of science, state theory and modern law.

Indeed, with the intensification of construction of heavy industries, the release of large amounts of waste into nature, the emission of harmful gases several times exceeding the established standards, the need of man for natural objects, fauna and flora increases. factors that force states to create modern mechanisms to counter such unpleasant situations. In this regard, the implementation of the ecological function of the state plays a decisive role.

***Qodirzoda Mirzoqodir Ayub*** – Head of the Department of Theory and History of State and Law of the State University of Law, Business and Politics of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor. E-mail: mirzokodir-1@mail.ru, Tel.: (+992) 92-111-59-90.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Маводи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj/ru. (санаи мурочиат: 13.09.2024).
2. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] А.Имомов. – Душанбе: «Офсет Империя», 2017 – 760 с.
3. Боголюбов С.А. Муаммоҳои айнизамонии ҳуқуқи экологӣ: монография. – М.: Нашриёти Юрайт, 2019. – 498 с.
4. Ҷабборов Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Диловар, 2004. – 198 с.
5. Шарофзода Р.Ш. Асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ ва биологӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020.– № 2. – С. 6-12.
6. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: «Мехрона-2017», 2019. – 204 с.
7. Ғафурзода А.Д., Рашидов Ҷ.К. Ташаккулёбӣ ва инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ: масъалаҳои назариявӣ-таърихӣ // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №2 (51). – С. 129-136.
8. Холиков А.Г. Низоми ҳуқуқии Зардуштӣ: автореф. дис. … доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Душанбе, 2004. – 44 с.

9. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми умумӣ: нашри аввал. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 584 с.

10. Қодирзода М.А. Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Қодирзода Мирзоқодир Аюб. – Душанбе, 2023. – 191 с.

11. Меркулов М.М. Проблеммаҳои функсияи экологии давлати муосирр: ҷабҳаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – М., 2003. – 232 с.

12. Миронов В.С. Функсияи экологии давлат: мафҳум, таркиб, шакл ва методҳои амалинамоӣ (таҳлили муқоисавии таҷрибаи Россия ва Германия): дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Ростов-на-Дону, 2007. – 169 с.

13. Гиззатулин Р.Х. Функсияи экологии давлат:назария ва таҷрибаи амалинамоӣ: дис. … доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ – М., 2014. – 442 с.

14. Мухамеджанов Б.А. Функсияи экологии давлати Шӯравӣ: автореф. дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Алма-Ата, 1990. – 40 с.

15. Сизов В.Е. Функсияи экологии давлат ва механизми амалисозии он: ҷанбаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ: дис. … доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ – М., 2006. – 367 с.

16. Шестерюк А.С. Ҳуқуқи экологӣ: муаммоҳои методологӣ: дис. … доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ – СПб., 2000. – 257 с.

17. Васильева М.И. Проблемаҳои ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ дар ҳуқуқи экологӣ // Давлат ва ҳуқуқ. – 1999. – № 8. – С. 50-51.

18. Ҳуқуқи экологии Россия: китоби дарсӣ / Зери таҳрири В.Д. Ермакова. – М., 1997. – 670 с.

19. Бринчук М.М. Ҳуқуқи экологӣ: китоби дарсӣ. – нашри 2-юм бо тағйиру иловаҳо. – М.: Юрист, 2004. – 304 с.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. Электронный ресурс: Режим доступа: URL: http://www.mmk.tj/ru. (дата обращения: 13.09.2024).

2. Имомов А. Конституционное право Республики Таджикистан А.Имомов. – Душанбе: «Офсет Империя», 2017 – 760 с.

3. Боголюбов С.А. Актуальные проблемы экологического права: монография. – М.: Издательство Юрайт, 2019. – 498 с.

4. Экологическое право Республики Таджикистан. – Душанбе: Диловар, 2004. – 198 с.

5. Шарофзода Р.Ш. Правовые основы обеспечения санитарно-эпидемиологической и биологической безопасности // Правовая жизнь. – 2020. – № 2. – С. 6-12.

6. Насриддинзода Э.С. Теория государства и права: (учебное пособие). – Душанбе: «Мехрона-2017», 2019. – 204 с.

7. Гафурзода А.Д., Рашидов Дж. К. Становление и развитие правового регулирования экологических отношений в зороастрийской правовой системе: теоретико-исторические вопросы // Государственное управление. – 2021. – № 2 (51). – С. 129-136.

8. Холиков А.Г. Правовая система зороастризма: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2004. – 44 с.

9. Сохибзода М.М. Экологическое право Республики Таджикистан: учебник: Общая часть: первое издание . – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 584 с.

10. Кодирзода М.А. Экологическая функция Таджикистана в современных условиях: вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук.: 12.00.01 / Кодирзода Мирзокодир Аюб. – Душанбе, 2023. – 191 с.

11. Меркулов М.М. Проблемы экологической функции современного государства: теоретико-правовой аспект: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – 232 с.

12. Миронов В.С. Экологическа яфункция государства: ионятие, содержание, формы и методы осуществления (сравнительный анализ на нримере России и Германии): дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2007. – 169 с.

13. Гиззатулин Р.Х. Экологическая функция государства: теория и практика реализации: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – 442 с.

14. Мухамеджанов, Б.А. Экологическая функция Советского государства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Алма-Ата, 1990. – 40 с.

15. Сизов В.Е. Экологическая функция государства и механизм ее реализации: теоретико-правовой аспект: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2006. – 367 с.

16. Шестерюк А.С. Экологическое право: проблемы методологии: дис. … д-ра юрид. наук. – СПб., 2000. – 257 с.

17. Васильева М.И. Проблемы защиты общественного интереса в экологическом праве // Государство и право. – 1999. – № 8. – С. 50-51.

18. Экологическое право России: учебник / Под ред. В.Д. Ермакова. – М., 1997. – 670 с.

19. Бринчук М.М. Экологическое право: учебник. – 2-е изд., прераб. и доп. – М.: Юристь, 2004. – 304 с.

**List of references:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994. Electronic resource: Access mode: URL: http://www.mmk.tj/ru. (date ccessed: 09/13/2024).

2. Imomov A. Constitutional law of the Republic of Tajikistan A.Imomov. - Dushanbe: "Offset Empire", 2017 - 760 p.

3. Bogolyubov S.A. Actual problems of environmental law: monograph. - M .: Publishing house Yurait, 2019. - 498 p.

4. Environmental law of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: Dilovar, 2004. - 198 p.

5. Sharofzoda R.Sh. Legal basis for ensuring sanitary-epidemiological and biological safety // Legal life. – 2020. – No. 2. – P. 6-12.

6. Nasriddinzoda E.S. Theory of State and Law: (study guide). – Dushanbe: "Mehrona-2017", 2019. – 204 p.

7. Gafurzoda A.D., Rashidov J.K. Formation and development of legal regulation of environmental relations in the Zoroastrian legal system: theoretical and historical issues // Public administration. – 2021. – No. 2 (51). – P. 129-136.

8. Kholikov A.G. Legal system of Zoroastrianism: author's abstract. dis. … doctor of law. – Dushanbe, 2004. – 44 p.

9. Sohibzoda M.M. Environmental law of the Republic of Tajikistan: textbook: General part: first edition . – Dushanbe: «ER-graf», 2021. – 584 p.

10. Qodirzoda M.A. Ecological function of Tajikistan in modern conditions: issues of theory and practice: dis. ... Candidate of Law Sciences: 12.00.01 / Qodirzoda Mirzoqodir Ayub. – Dushanbe, 2023. – 191 p.

11. Merkulov M.M. Problems of the ecological function of the modern state: theoretical and legal aspect: dis. ... candidate of legal sciences. – Moscow, 2003. – 232 p.

12. Mironov V.S. Ecological function of the state: concept, content, forms and methods of implementation (comparative analysis on the example of Russia and Germany): dis. ... candidate of legal sciences. – Rostov-on-Don, 2007. – 169 p.

13. Gizzatulin R.Kh. Ecological function of the state: theory and practice of implementation: dis. … Doctor of Law. – Moscow, 2014. – 442 p.

14. Mukhamedzhanov, B.A. Ecological function of the Soviet state: author's abstract. dis. … candidate of law. – Alma-Ata, 1990. – 40 p.

15. Sizov V.E. Ecological function of the state and the mechanism of its implementation: theoretical and legal aspect: dis. … Doctor of Law. – Moscow, 2006. – 367 p.

16. Shesteryuk A.S. Environmental law: problems of methodology: dis. … Doctor of Law. – St. Petersburg, 2000. – 257 p.

17. Vasilyeva M.I. Problems of protecting public interest in environmental law // State and Law. - 1999. - No. 8. - P. 50-51.

18. Environmental Law of Russia: textbook / Ed. V.D. Ermakov. - M., 1997. - 670 p.

19. Brinchuk M.M. Environmental Law: textbook. - 2nd ed., revised. and additional - M.: Yurist, 2004. - 304 p.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО
## 12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW



**ТДУ:575.5**

**Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,**
*мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: mrahmonzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 880-78-78-28.*

# ФАРҚИЯТИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ АЗ ТАРКИБИ ҶИНОЯТҲОИ БА ОН МОНАНД

**Калидвожаҳо:** кодекси ҷиноятӣ, фаъолияти бонкӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, объекти ҷиноят, бандубасти ҷиноят, қаллобӣ, тарафи объективии ҷиноят, субъекти ҷиноят.

**Аннотатсия:**Дар мақола масъалаҳои аз ҳам ҷудо намудани ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд баррасӣ шудааст. Муаллиф баён медорад, ки таркиби мазкури ҷиноят бештар бо таркиби ҷиноятҳои қаллобӣ ва соҳибкории ғайриқонунӣ монандӣ дошта, дар амалия мумкин аст зарурати аз ҳам ҷудо намудани ин ҷиноятҳо ба вуҷуд ояд. Ба адешаи муаллиф фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо қаллобӣ пеш аз ҳама вобаста ба объекти таҷовуз фарқ менамояд. Агар объекти бевоситаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амалинамоии фаъолияти қонунии бонкӣ ташкил намоянд, пас ба ҳайси объекти бевоситаи қаллобӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк баромад менамоянд. Ҷинояти дигаре, ки ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ шабоҳат дорад ин соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад. Аз нуқтаи назари объекти ҷиноят фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун таркиби махсуси соҳибкории ғайриқонунӣ баромад менамояд. Танҳо фарқияти асосӣ дар андозаи даромад ё зарар, ки ба ҳайси аломати ҳатмии тарафи объективии ҳарду ҷиноят пешбинӣ гардидааст, дида мешавад.

Мураттабсозии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имконият медиҳанд, ки мо таркиби як ҷиноятро аз таркиби дигар ҷиноят бо дарназардошти махсусиятҳои он фарқ намоем. Вобаста ба ин, ҳар як мураттабсозии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки категорияи кулро аз ҷузъ ҷудо намуда, дар навбати худ ҳар як ҷузъ бояд вобаста ба мазмуни худ зуҳуротҳои якхеларо фаро гирад. Кирдори ба ҷамъият хавфнок дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ чун қоида характери мураккаб дорад ва дар як вақт тахти аломатҳои якчанд таркиби ҷиноят қарор мегирад. Бинобар ин, тафриқа намудани онҳо на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалиро низ доро мебошад.

Бояд зикр намуд, ки сохти таркибии баъзе меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии боби 27 КҶ ҶТ бо дарназардошти муносибатҳое, ки онҳо мавриди ҳифз қарор додаанд, бандубасти иловагиро талаб менамоянд. Бо назардошти ин, ҷиҳати дуруст татбиқ намудани диспозитсияи м. 263 КҶ ҶТ дар амалия зарурати донистани он талаб карда мешавад, ки таркиби ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд бо кадом хусусиятҳояш фарқ менамояд. Чунки фаъолияти ғайриқонунии

бонкӣ одатан дар якҷоягӣ бо дигар кирдорҳои ҷиноятӣ содир карда мешавад ва дар чунин маврид бандубасти иловагиро бо таркибҳои моддаҳои 247 ва 259 КҶ ҶТ талаб менамояд.

Ҳангоми муқоиса намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва қаллобӣ бояд қайд намуд, ки маҳаки асосии фарқияти ин ду таркиби ҷиноят дар объект ва тарафи объективии онҳо мебошад. Қаллобӣ дар диспозитсия м. 247 КҶ ҶТ ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ ифода гардидааст. Қаллобӣ одатан бо расонидани зарари ҷиддӣ тавсиф дода шуда [12, с. 110–116], бо нақшаҳои мураккаб ва мукаммали ҷинояткорӣ, истифодаи тарзу усулҳои гуногуни худ машҳур аст. Дар амалия таҷрибаи ғайриқонунии таъсиси бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ҷалби маблағҳои пулӣ ва минбаъд тасарруф намудани онҳо аз ҷониби шахсони дигар паҳн гардидааст. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳолатҳои зиёдеро медонад, ки ташкилотҳои қарзии қалбакии зиёд дар асоси принсипи аҳром (пирамида) фаъолият намуда ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари хеле ҷиддӣ расониданд. Хусусияти ҷинояти мазкур дар он зоҳир мешавад, ки қаллоб бо сӯистифодаи имконияти хиради инсонӣ оид ба фаъолияти воқеӣ, инкишофи воқеаҳо, робитаи сабабӣ байни ҳодисаҳо дар ҷабрдида тасаввуроти ботил (нодуруст) пайдо намуда, маблағҳои пулии онҳоро тасарруф менамояд.

Қаллобӣ дар даврони муосири рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ яке аз намудҳои густаришёфтаи ҷиноят бар зидди моликият буда, аз ҷиҳати тасниф ба яке аз шаклҳои тасарруф мансуб аст. Тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи қаллобӣ аз содир намудани ҳаракатҳои фиребгарона бо мақсади ғайриқонунӣ соҳиб шудани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк, бо сӯистифодаи боварии ҷабрдида иборат мебошад. Аз диспозитсияи м. 247 КҶ ҶТ бармеояд, ки он дорои ду навъи предмет мебошад. Агар предмети навъи якум молу мулк бошад, пас предмети навъи дуюми ҷинояти қаллобиро ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ ба молу мулкро муайян мекунанд, ташкил медиҳад.

Молу мулк маҷмӯи неъматҳои моддиро ташкил намуда, ҳуқуқ ба молу мулк бошад, ваколатҳои соҳибӣ намудан, истифода бурдан ва ихтиёрдории ин гуна неъматҳоро ифода менамояд. Он метавонад дар санадҳои ҳуқуқӣ ба монанди васиятнома, бовариинома барои гирифтани ин ё он чизи қиматнок ҳамчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки хусусияти молу мулкӣ доранд, сабт ва мустаҳкам гардад.

Тарафи объективии қаллобиро ҳаракати фаъол ташкил медиҳад, ки он дар зиддиқонунӣ, ройгон гирифтани молу мулки ғайр ва ё соҳиб шудан ба ҳуқуқ ба молу мулки бегона бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ, бо мақсади аз худ кардани ин молу мулк ба манфиати худ ё ашхоси дигар ифода меёбад. Қаллобӣ аз дигар шаклҳои тасарруф бо шакли содиршавиаш фарқ дорад. Ҳангоми қаллобӣ гунаҳгор муносибатҳои махсус доштаи худро бо соҳибмулк истифода намуда, вазъияти воқеии ҷойдоштаро рӯйпӯш карда, соҳибмулкро гумроҳ менамояд, ки дар натиҷа соҳибмулк худаш ихтиёран молу мулкро бароварда ба гунаҳгор месупорад.

Тибқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004, № 3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»[4, с. 33–45] таҳти мафҳуми фиреб қасдан вайрон нишон додани ҳолати ҳақиқии ашё, қасдан фиреб додани шахс (ҷабрдида), барқасдона гумроҳ кардани ӯ, дар хусуси воқеаҳои муайян, ҳолатҳо, ҳодисаҳо бо мақсади ӯро барои бо иродаи худ, лекин бо маълумотҳои дурӯғ ё қасдан нагуфтани ҳақиқат, бо роҳи қалбакӣ ба қаллоб додани молу мулк талқин кардан, фаҳмида мешавад. Масалан, дар мавриде, ки қаллоб худро чун шахси мансабдор, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра вонамуд мекунад, ё ин ки қаллоб пулро барои молу мулке мегирад, ки он қалбакӣ аст ё умуман вуҷуд надорад ё ба ӯ тааллуқ надорад ё ин ки «лухтакҳои» пулиро истифода мебарад ва ғ. Ба ин мисол шуда метавонад, парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории «Б», ки аз 41-лаҳзаи қаллобӣ иборат буда, «Б» худро ҳамчун корманди ҳифзи ҳуқуқ муаррифӣ намуда, ба бовариии фурӯшандагони мағозаҳо даромада, аз онҳо ба

тариқи насия маводҳои сохтмонӣ, маводҳои хӯрокворӣ гирифта, ваъда медиҳад, ки онҳоро фурӯхта пулҳояшро оварда медиҳад, аммо маблағи аз фурӯши онҳо ба даст овардаашро дар рӯзғораш сарф менамояд[7,].

Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо қаллобӣ пеш аз ҳама бо объекти бевоситашон фарқ мекунанд. Агар объекти бевоситаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амалинамоии фаъолияти қонунии бонкӣ ташкил намоянд, пас ба ҳайси объекти бевоситаи қаллобӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба молу мулк ва ҳуқуқ ба молу мулк баромад менамоянд.

Фарқияти дигари ин ҷиноятҳо дар тарафи объективии онҳо мебошад. Тарафи объективии қаллобӣ дар ройгон, зиддиқонунӣ гирифтани молу мулки ғайр ва ё соҳиб шудани ҳуқуқ ба молу мулки бегона бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ ба мақсади табдил додани ин молу мулк ба манфиати худ ё ашхоси дигар зоҳир мешавад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз рӯи моҳияти худ ба мисли қаллобӣ мебошад, яъне дар инҷо низ фиреби шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат ҷой дорад. Дар фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ шахсони содирнамудаи ин ҷиноят оиди қонунӣ будани фаъолияти худ ҷабрдидагонро ба гумроҳӣ меоваранд. Таҷрибаи кишварҳои хориҷ нишон медиҳад, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар баъзе давлатҳо (Фаронса, Олмон ва ИМА) ҳамчун яке аз намудҳои қаллобӣ буда, шахс барои қаллобӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ҳамин тавр тарафи объективии қаллобӣ ба тасарруфи молу мулк ва ҳуқуқи моликияти шахси дигар бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ ифода гардад, тарафи объективии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар татбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад ва вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ ифода мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар амалияти тафтишотӣ ва судӣ ҷиноятҳои мазкур дар аксар вақт дар якҷоягӣ содир мегарданд, ки ҳангоми содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ шахс ҷинояти қаллобиро низ содир менамояд. Масалан, Ғ.А.С. бо мақсади гирифтани даромади беназорат моҳи январи соли 2017 бо дигар шарикони ҷиноят маслиҳат намудаанд, ки ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ машғул шуда, маблағи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифта, ба Ҷумҳурии халқии Чин интиқол медиҳанд. Тибқи м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ иҷозатномаи махсусро талаб менамояд. Аммо Ғ.А.С. ин талаботи қонунро сарфи назар карда, бидуни иҷозатномаи махсус ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ машғул шуда, аз моҳи январи соли 2017 то моҳи ноябри соли 2018 аз соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ноҳияҳои Фирдавсӣ, Сино ва И. Сомонии шаҳри Душанбе маблағҳои пулиро ҷамъоварӣ намуда, бо дигар шарикони ҷиноят Н.А. маблағи 23.393.703 доллари ИМА ва Р.А. маблағи 57.162.321 доллари ИМА, ҷамъ маблағи 80.556.024 доллари ИМА бо воситаи Филиали ҶСП «Бонки байналмиллалии Тоҷикистон» дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе воқеъ дар кучаи С. Шерозӣ, ҶДММ Ташкилоти амонатии қарздиҳии хурди «Фазо» воқеъ дар кӯчаи Деҳи-боло, ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Арғун» воқеъ дар кӯчаи Ф.Ниёзӣ ва ҶСК «Ориёнбонк» воқеъ дар хиёбони Рӯдакии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе ба Ҷумҳурии халқии Чин интиқол дода, ба маблағи 161.112.048 доллари ИМА фоида махсусан калон ба даст оварда, ба системаи бонкӣ, мустаҳкам намудани соҳаи молия ва қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонидааст. Ғайр аз ин Ғ.А. бо ҳамон тарзу усули дар боло зикршуда такроран бо мақсади ба манфиати худ табдил додани молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ва сӯистифода аз боварӣ моҳи октябри соли 2018 ба боварии шаҳрванд З. Ҷ. Ш. даромада, ба ӯ ҳақиқати воқеиро нагуфта, барои эҳтиёҷоти худ маблағи 30000 доллари ИМА гирифта, ваъда кардааст, ки дар рӯзҳои наздик бармегардонад. З.Ҷ.Ш. ба суханҳои

фиребгаронаи Ғ.А.С. бовар карда, моҳи октябри соли 2018 маблағи 30000 доллари ИМА дар кӯчаи Ш. Руставелии шаҳри Душанбе додааст. Баъди гирифтани маблағ Ғ. А.С. бо мақсади ба манфиати худ табдил додани ин молу мулки ғайр маблағи 30000 доллари ИМА З.Ҷ.Ш.-ро бар нагардонида, онро ба манфиати шахсияш сарф карда, бо ин кирдори худ ба З.Ҷ.Ш. зарари махсусан калони моддӣ расонидааст. Дар маҷмӯъ Ғ.А.С. ҷиноятҳои банди «б» қисми 4 м. 247 ва банди «б» қисми 2 м. 263 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро содир намуда, ба маблағи 514704 доллари ИМА ба манфиатҳои давлат ва шахсони алоҳида зарар расонидааст[8,].

Субъекти ин таркибҳо ба ҳам монанд буда, аз ҷониби шахси мукаллафи ба синни 16-сола расида содир карда мешаванд.

Вобаста ба тарафи субъективиашон дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногунфаҳмӣ ҷой дорад. Тарафи субъективии қаллобӣ ба ақидаи В.В. Сверчков[3, с. 422] ҳам дар қасди бевосита ва ҳам бавосита ифода мегардад. В.П. Верин ва Р.И. Шарипов[2, с. 521] бар ақидаи он ҳастанд, ки тарафи субъективии қаллобӣ танҳо дар қасди бевосита сурат мегирад. Ақидаи охиронро дастгирӣ намуда, қайд менамоям, ки тарафи субъективии қаллобиро қасди бевосита ташкил медиҳад, яъне гунаҳкор дарк менамояд, ки бо роҳи фиреб ва ё сӯистифодаи боварӣ молу мулки ғайрро ё ҳуқуқи соҳиб шудани онро ба худ гирифта истодааст, пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи чунин кирдори ӯ ба ҷабрдида ва ё дорандаи ҳуқуқии он зарари молу мулкӣ расонида мешавад ва хоҳони он аст, ки чунин зарар расонида шавад.

Мувофиқи мавқеи бартаридошта дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ки ба манфиати шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида шудааст, қасд танҳо метавонад бевосита бошад. Чунин мавқеъ аз ҷониби олимони ватанӣ А.И. Сафарзода, Ш.Н. Саидзода ва Н.А. Қудратов низ дастгирӣ ёфтааст.

Ҷинояти дигаре, ки ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ шабоҳат дорад ин соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад. Диспозитсияи м. 259 КҶ ҶТ ва диспозитсияи м. 263 КҶ ҶТ айнан ба якдигар монанд буда, онҳо танҳо бо ибораи “фаъолияти соҳибкорӣ» ва “фаъолияти бонкӣ» аз якдигар тафовут доранд. Дар баробари ин дар амалия ҳангоми банду басти ҷинояти фаъолияти ғайриқонуни бонкӣ иловатан чун фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ банду баст карда мешавад, ки ба ақидаи мо зиёдатӣ аст. Масалан, Б. А. З. бо ҳукми суди н. Фирдавсии шаҳри Душанбе қ.1 м. 259 ва қ.1 м. 263 КҶ барои он маҳкум гардидааст, ки тайи зиёда аз 10 соли охир дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб ба ҳайси соҳибкор фаъолият дошта, бо аҳли оилааш дар онҷо зиндагонӣ мекардааст. Аз ин фурсати муносиб истифода бурда, бархилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла м. 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ки мутобиқи он интиқол додани маблағҳои пулӣ дар шакли асъори хориҷӣ ба хориҷи кишвар ба салоҳияти муассисаҳои бонкӣ мансуб буда, барои машғул шудан ба ин фаъолият иҷозати махсуси Бонки миллии Тоҷикистон лозим будааст, амал карда, ҳамзамон бидуни бақайдгирӣ ва иҷозати расмии мақомоти андоз, ки иҷозатномаи махсус (литсензия) зарур будааст, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардида, бе доштани иҷозатномаи дахлдор, маблағҳои пулии шаҳрвандонро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Аморати Муттаҳидаи Араб ва дар яквақт аз АМА ба Тоҷикистон интиқол додааст.

Ҳамин тариқ, Б.А.З. тӯли як солу панҷ моҳ ба фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ва бонкӣ машғул шуда, танҳо моҳи декабри соли 2015 то 21.01. 2016 1000000 (як миллион) доллар ва дар муддати як солу панҷ моҳ 1600000 (як миллиону шашсад ҳазор) доллари ИМА-ро интиқол додаанд ва аз ин ҳисоб Б.А.З. ба миқдори калон 10000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА баробар ба 78697 (ҳафтоду ҳашт ҳазору шашсаду наваду ҳафт) сомонӣ фоида ба даст овардааст[6,].

Мавриди зикри хос аст, ки фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти тадқиқоти дақиқ қарор дода

шудаааст[9, с. 267]. Танҳо мо дар ин рисола, баъзе паҳлуҳои ин ҷиноятро дар таносуб бо фаъолияти ғайриқонуии бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, умумият ва фарқияти онҳоро муайян месозем[10, с. 94-99].

Бояд зикр намуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 259 КҶ танҳо дар сурате фаро мерасад, ки агар премети онро фаъолияте ташкил намояд, ки чун соҳибкорӣ ба қайд гирифтани он қонунан имконпазир бошад. Дар сурати машғул шудани шахс ба фаъолиятҳое ки онҳо манъ карда шудаанд, ҷавобгарӣ танҳо барои содир намудани фаъолиятҳои манъшуда фаро мерасад. Масалан, хариду фӯрӯши одамон, ғайриқонунӣ сохтани яроқ, ғайриқонунӣ истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психиотропӣ ва ғайра.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба алоқамандии фаъолияти соҳибкорӣ ва бонкӣ фикрҳои гуногун ҷой дорад. Вале аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки фаъолияти бонкӣ қисми таркибии фаъолияти соҳибкорӣ буда, объекти бевоситаи онҳо якхела шуморида мешаванд. Масалан, Б.В. Волженкин объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ҳамчун таркиби махсуси соҳибкории ғайриқонунӣ маънидод менамояд. Объекти бевоситаи соҳибкории ғайриқонунӣ ин тартиби муқарраршудаи амалигардии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки баҳри риояи манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқи шаҳрванд-истеъмолкунанда, ташкилот, давлат равона карда шудааст. А.И. Сафарзода зикр менамояд, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби соҳибкорон содир карда мешавад, дохил шуда, ҷинояти мазкур ба тартиби амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ таҷовуз меоварад[9, с. 267].

Бо ҷонибдорӣ аз ақидаҳои зикршуда мавриди тазаккур аст, ки ҳам фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ва ҳам фаъолияти ғайриқонуни бонкӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти қонунии соҳибкорӣ таҷовуз намуда, ҷинояти охирин дорои махсусиятҳои хоси худ мебошад. Маҳз ин ҳолатро ба назари эътибор гирифта, қонунгузор фаъолияти ғайриқонунии бонкиро дар алоҳидагӣ мавриди ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор додааст.

Яке аз фарқиятҳои асосии ин ҷиноятҳо дар тарафи объективии соҳибкории ғайриқонунӣ дар намуди машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар ҷинояти фаъолияти ғайриқонуии бонкӣ дида намешавад. Ин шакли соҳибкории ғайриқонунӣ маънои онро дорад, ки: а) шахс чунин фаъолиятеро амалӣ месозад, ки нисбати вай мамнуъияти бевосита бо нишон додани он дар санади қонунгузорӣ вуҷуд дорад; б) амалӣ намудани он танҳо ба доираи муайни субъектон иҷозат дода шудааст. Фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи мазмуни худ фаъолияте мебошад, ки барои мунтазам ба даст овардани фоида дар натиҷаи музднок қонеъ намудани талаботи шахсони сеюм бо роҳи пешакӣ муайян намудани хизмат, ашё ё моли шарту қайд ё пешниҳодшуда, ба амал бароварда мешавад.

Барои бо қисми 1 м. 259 КҶ ҷавобгар намудани шахс зарур аст, то дар кирдори шахс яке аз ҳаракатҳои зикргардида ва гирифтани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба миқдори калон мавҷуд бошад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ» аз 25 июни соли 2004 таҳти татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ҳолатҳое фаҳмида мешавад, ки агар шахс:

а) бе ба даст овардани мақоми соҳибкор дар сурате, ки чунин мақом фақат бо роҳи бақайдгирии давлатӣ ба даст оварда мешавад, ба чунин фаъолият машғул шавад;

б) вақте, ки шахс барои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ҳуҷҷат пешниҳод намуда, қабул карда шудани онро интизор нашуда, ба он машғул шуда бошад;

в) вақте, ки шахс барои бақайдгирии давлатӣ раднома (қонунӣ ё ғайриқонунӣ) гирифтаасту лекин бо вуҷуди ин фаъолияти соҳибкориашро давом дода бошад[5, с. 50-57].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004[1,] барои машғул гаштан ба баъзе

намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз бақайдгирии давлатӣ, гирифтани иҷозатнома зарур аст, ки он ба муҳлати мушаххас дода шуда, шарту шароитҳои муайнро муқаррар мекунад ва иҷрои онҳо зарур аст. Амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ бе иҷозатнома дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки агар: а) шахс ба мақомоти иҷозатдиҳанда барои иҷозатномаи мувофиқ муроҷиат накарда ба фаъолияте машғул гашта бошад, ки иҷозатнома доштанро талаб мекунад; б) фаъолият пас аз додани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома, лекин то қабул гардидани қарор оиди он, баъд аз гирифтани қарори мақомоти иҷозатномадиҳанда дар бораи рад намудани додани иҷозатнома, аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда боз доштани амали иҷозатнома, аз эътибор соқит намудани он аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда ё бо ҳалномаи суд дар асоси аризаи мақомоти иҷозатномадиҳанда ё ин, ки бинобар гузаштани муҳлати амали иҷозатнома, анҷом дода бошад; в) дар як вақт чандин намудҳои фаъолияте ба амал бароварда шаванд, ки аз рӯи хусусият ва мазмун ба ҳам наздик мебошанд, гарчанде ки танҳо ба яке аз онҳо иҷозатнома вуҷуд дошта бошад; г) фаъолият бо иҷозатномаи дигар шахс ё ташкилот тааллуқдошта, амалӣ гардида бошад.

Шакли сеюми тарафи объективии соҳибкории ғайриқонунӣ дар ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ ифода меёбад. Ин шакли соҳибкории ғайриқонунӣ дар амалӣ гардидани фаъолияти дар иҷозатнома нишондодашуда, вале бо вайрон намудани тартиб ва шартҳои амалӣ намудани он, машғул шудан ба соҳибкорӣ на дар маҳал ё ҷойе, ки ба ин иҷозат дода шудааст ё на дар вақте, ки дар иҷозатнома дарҷ ёфтааст, бе таҷҳизот ё техникаи муносиб ифода мегардад. Масалан, машғул гаштан ба фурӯши маҳсулоти алкоголӣ дар муассисисаҳои системаи маориф ё муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ.

Шакли чоруми соҳибкории ғайриқонунӣ дар машғул гаштан ба намудҳои манъгардидаи фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар гаштааст. Ин шакли соҳибкории ғайриқонунӣ маънои онро дорад, ки: а) шахс чунин фаъолиятеро амалӣ месозад, ки нисбати вай мамнуъияти бевосита бо нишон додани он дар санади қонунгузорӣ вуҷуд дорад; б) амалӣ намудани он танҳо танҳо ба доираи муайни субъектон иҷозат дода шудааст.

Таркиби ин ҷинояти соҳибкории ғайриқонунӣ моддӣ буда, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сурати ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат фаро мерасад.

Вобаста ба тарафи субъективӣ ва субъекташон ин ҷиноятҳо аз ҳамдигар ягон тафовут надоранд. Тарафи субъективии соҳибкории ғайриқонунӣ ва фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар қасди бевосита ё бавосита ифода меёбад. Дар соҳибкории ғайриқонунӣ гунаҳгор дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ ба соҳибкорӣ машғул гардида, имконият ё ногузирии расонидани зарар ё гирифтани фоидаро ба миқдори калон пешбинӣ карда, хоҳони фаро расидани он аст ё фаро расидани чунин оқибатҳоро нахоста, вале дидаю дониста ба он роҳ медиҳад. Дар фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ низ гунаҳгор дарк мекунад, ки фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ)-ро бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ ба амал мебарорад, фаро расидани оқибат ё ногузирии онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он мебошад (қасди бевосита) ё фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода ё ба онҳо беэътиноёна муносибат мекунад.

Субъекти ин ҷиноят шахси мукаллафи ба синну соли 16-сола расида шуда метавонад, ки бинобар аз ҷониби ӯ амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба уҳдаи вай бақайдгирӣ, гирифтани иҷозатнома ё риояи шартҳои иҷозатномакунонӣ, ҳамчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шудааст. Ба чунин сифат ҳам шахсе, ки чун соҳибкори инфиродӣ амал мекунад ё шахсе, ки дорои чунин ҳолати

ҳуқуқӣ намебошад, баромад карда метавонанд. Агар ба соҳибкории ғайриқонунӣ шахси ҳуқуқӣ машғул гардад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ муассисон ё роҳбарони онҳо кашида мешаванд. Кормандони кирояи шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликияташон, ки дар ҷараёни ба амал баровардани соҳибкории ғайриқонунӣ иштирок намудаанд, барои ҷинояти мазкур, ба истиснои ҷой доштани ҳолати маслиҳати пешакӣ, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд.

Аломатҳои бандубастшавандаи ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ва бонкӣ дар қ. 2 м. 259 ва қ.2 м. 263 КҶ пешбинӣ гардидааст. Инҳо аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон, аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё соҳибкории ғайриқонунӣ судшуда содир гардида бошад, мебошанд.

Ба сифати аломатҳои бандубастшаванда м. 259 КҶ содир намудани соҳибкории ғайриқонуниро аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби шахси қаблан барои содир намудани соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ судшуда содир шуда бошад, пешбинӣ мекунад.

Соҳибкории ғайриқонунӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил маънои онро дорад, ки он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда аст.

Бояд қайд намуд, ки андозаи даромад ё зарар барои фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ аз фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ фарқ менамояд.

Мутобиқи эзоҳи м. 259[1] КҶ таҳти мафҳуми даромад ё зарар ба миқдори калон барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ, даромад ё зараре фаҳмида мешавад, ки он аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад ва таҳти мафҳуми даромад ба миқдори махсусан калон даромаде фаҳмида мешавад, ки андозаи он аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад.

Даромад ё зарар ба миқдори калон барои фаъолияти ғайриқонунӣ мутобиқи эзоҳи м. 263 КҶ чунин даромад ё зарарест, ки маблағи он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба ва даромади махсусан калон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо се ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Амалӣ сохтани соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби шахси қаблан барои содир намудани соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ судшуда маънои онро дорад, ки шахс то муҳлатҳои бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаи барҳамхӯрии доғи судӣ ё доғи судиаш бардошта нашуда барои соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, боз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили фарқияти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд нишон медиҳад:

1) Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо қаллобӣ пеш аз ҳама бо объекти бевоситашон фарқ мекунанд. Агар объекти бевоситаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амалинамоии фаъолияти қонунии бонкӣ ташкил намоянд, пас ба ҳайси объекти бевоситаи қаллобӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк баромад менамоянд. Фарқияти дигари ин ҷиноятҳо дар тарафи объективии онҳо мебошад. Тарафи объективии қаллобӣ дар ройгон, зиддиқонунӣ гирифтани молу мулки ғайр ва ё соҳиб шудани ҳуқуқ ба молу мулки бегона бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ ба мақсади табдил додани ин молу мулк ба манфиати худ ё ашхоси дигар зоҳир мешавад.

2) Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз рӯи моҳияти худ ба мисли қаллобӣ буда, дар ҳарду ҷиноят низ фиреби шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат ҷой дорад. Дар фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ шахсони содирнамудаи ин ҷиноят оиди қонунӣ будани фаъолияти худ ҷабрдидагонро ба гумроҳӣ меоваранд. Таҷрибаи кишварҳои хориҷ нишон медиҳад, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар баъзе давлатҳо (Фаронса, Олмон ва ИМА) ҳамчун яке аз намудҳои қаллобӣ буда, шахс барои қаллобӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

3) Ҷиноятҳои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ тақирабан фарқ намекунанд. Аз нуқтаи назари объекти ҷиноят фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун таркиби махсуси соҳибкории ғайриқонунӣ баромад менамояд. Танҳо фарқияти асосӣ дар андозаи даромад ё зарар, ки ба ҳайси аломати ҳатмии тарафи объективии ҳарду ҷиноят пешбинӣ гардидааст, дида мешавад. Агар андозаи даромад ё зарар ба миқдори калон барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд ва даромад ба миқдори махсусан калон аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд пешбинӣ шуда бошад, пас андозаи даромад ё зарар ба миқдори калон барои фаъолияти ғайриқонунӣ аз як ҳазор маротиба зиёд нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва даромади махсусан калон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо се ҳазор маротиба зиёдтар муқаррар шудааст.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И.**

## ОГРАНИЧЕНИЕ НЕЗАКОННОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОТ СМЕЖНЫХ СОСТАВОВ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

***Ключевые слова:*** уголовный кодекс, банковская деятельность, незаконное предпринимательство, уголовная ответственность, состав преступления, объект преступления, квалификация преступления, мошенничество, объективная сторона преступления, субъект преступления.

***Аннотация:*** В статье рассматриваются вопросы разграничения преступления незаконной банковской деятельности от смежных составов преступлений. Автор констатирует, что состав данного преступления больше всего имеет сходство с составами мошенничества и незаконного предпринимательства, и на практике может возникнуть необходимость разделения этих преступлений. По мнению автора, незаконная банковская деятельность отличается от мошенничества, прежде всего, объектом посягательства. Если непосредственным объектом преступления незаконной банковской деятельности являются общественные отношения в сфере осуществления законной банковской деятельности, то непосредственным объектом мошенничества являются общественные отношения в сфере защиты собственности или права на собственность. Еще одним преступлением, схожим с незаконнай банковской деятельностьи, является незаконное предпринимательство. С точки зрения объекта преступления незаконная банковская деятельность является особым компонентом незаконного предпринимательства. Лишь основное различие можно увидеть в размере дохода или ущерба, который выступает в качестве обязательного признак объективной стороны обоих преступлений.

***Рахмонзода Мухаммад Джамшед*** - заведующий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального Университета, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: mrahmonzoda@mail.ru, Тел.: (+992) 880-78-78-28.

## RESTRICTION OF ILLEGAL BANKING ACTIVITIES FROM RELATED CRIMES

***Keywords:*** criminal code, banking activities, illegal entrepreneurship, criminal liability, elements of a crime, object of a crime, qualification of a crime, fraud, objective side of a crime, subject of a crime.

***Annotation:*** The article considers the issues of distinguishing the crime of illegal banking activities from related crimes. The author states that the elements of this crime are most similar to the elements of fraud and illegal entrepreneurship, and in practice it may be necessary to separate these crimes. According to the author, illegal banking activities differ from fraud, first of all, in the object of the attack. If the direct object of the crime of illegal banking activities are public relations in the sphere

of legal banking activities, then the direct object of fraud are public relations in the sphere of protection of property or property rights. Another crime similar to illegal banking activities is illegal entrepreneurship. From the point of view of the object of the crime, illegal banking activity is a special component of illegal entrepreneurship. Only the main difference can be seen in the amount of income or damage, which acts as a mandatory feature of the objective side of both crimes.

***Rahmonzoda Muhammad Jamshed*** - Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, National University of Tajikistan, PhD in Law, Associate Professor. E-mail: mrahmonzoda@mail.ru, Tel.: (+992) 880-78-78-28.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004. [Захираи электронӣ ] – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj . (санаи мурочиат: 06.09.2020).
2. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации /под ред. В.И. Радченко, А.С. Михлина – М. Литер, 2007. – С 521;
3. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации /под ред. В.Т. Томина, В.В. Сверчкова – 6–е изд, перераб. и доп. – М.. Юрайт–Издат, 2010 . – С 422
4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004, № 3 // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 33–45.
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ» аз 25 июни соли 2004 // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С.50-57.
6. Парвандаи ҷиноятии №1–190/16 // Бойгонии суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбеи ҶТ.
7. Парвандаи ҷиноятии №124–19–1 // Бойгонии суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбеи ҶТ.
8. Парвандаи ҷиноятии №2019–2414 // Бойгонии суди ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбеи ҶТ.
9. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан.Душанбе, 2018 – С. 267.
10. Сафаров А.И. Некоторые вопросы уголовной политики в сфере охраны предпринимательства в Таджикистане // Правовая жизнь. – 2015. – №3. –С. 94–99;
11. Сафаров А.И. Некоторые вопросы определения общественной опасности незаконного предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан // Правовая жизнь. –2016. –№4(16). –С. 101–109.
12. Сафаров А.И., Шарипов Р.И., Рахматова Н. Отличие мошенничества от других смежных составов преступлений в сфере экономической деятельности // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. –2015. – №3/11(188). – Т.1. – С.110–116.

**Список литературы:**

1. Закон Республики Таджикистан «О лицензировании отдельных видов деятельности» от 17 мая 2004 года. [Электронный ресурс] - Источник доступа: www.mmk.tj. (дата обращения: 06.09.2020).
2. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под ред. В.И. Радченко, А.С. Михлина – М. Литр, 2007. – С. 521;
3. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под ред. В.Т. Томина, В.В. Сверчкова – 6-е изд, работница. и доп. - М.. Юрайт-Издат, 2010. - С. 422

4. Постановление Пленума Верховного суда Республики Таджикистан «О судебной практике по делам, связанным с хищениями, мошенничеством, грабежом и пиратством» от 25 июня 2004 года № 3 // Сборник постановлений Пленума Верховного суда Республики Таджикистан. Верховный суд Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – С. 33–45.

5. Постановление Пленума Верховного суда Республики Таджикистан «О судебной практике по делам, связанным с незаконным предпринимательством» от 25 июня 2004 года // Сборник постановлений Пленума Верховного суда Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – С.50-57.

6. Уголовное дело №1-190/16 // Архив Фирдавсинского районного суда Душанбе РТ.

7. Уголовное дело № 124-19-1 // Архив суда района И. Сомони г. Душанбе РТ.

8. Уголовное дело № 2019-2414 // Архив суда района И. Город Душанбе, Республика Таджикистан.

9. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан, 2018 – С. 267.

10. Сафаров А.И. Некоторые вопросы уголовной политики в сфере защиты бизнеса в Таджикистане // Правовая жизнь. – 2015. – № 3. - С. 94-99;

11. Сафаров А.И. Некоторые вопросы определения общественной опасности незаконного предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан // Правовая жизнь. -2016. - № 4 (16). - С. 101–109.

12. Сафаров А.И., Шарипов Р.И., Рахматова Н. Отличие мошенничества от других соответствующих сопадов проимлений в сфере экономических объявлений // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. -2015. – № 3/11 (188). - Т.1. - С.110-116.

**Bibliography:**

1. Law of the Republic of Tajikistan "On Licensing of Certain Types of Activities" dated May 17, 2004. [Electronic resource] - Access source: www.mmk.tj. (date accessed: 09/06/2020).

2. Commentary on the Criminal Code of the Russian Federation / edited by V.I. Radchenko, A.S. Mikhlin - M. Litr, 2007. - P. 521;

3. Commentary on the Criminal Code of the Russian Federation / edited by V.T. Tomin, V.V. Sverchkov - 6th ed., rabotnitsa. and add. - M.. Jurayt-Izdat, 2010. - P. 422

4. Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan "On judicial practice in cases related to theft, fraud, robbery and piracy" dated June 25, 2004 No. 3 // Collection of resolutions of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. Supreme Court of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2019. - P. 33-45.

5. Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan "On judicial practice in cases related to illegal entrepreneurship" dated June 25, 2004 // Collection of resolutions of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2019. - P. 50-57.

6. Criminal case №. 1-190/16 // Archive of the Firdavsi District Court of Dushanbe, Republic of Tajikistan.

7. Criminal Case №. 124-19-1 // Archive of the I. Somoni District Court, Dushanbe, Republic of Tajikistan.

8. Criminal Case №. 2019-2414 // Archive of the I. District Court, Dushanbe, Republic of Tajikistan.

9. Safarzoda A.I. Criminal and Legal Protection of Entrepreneurial Activity in the Republic of Tajikistan, 2018 – P. 267.

10. Safarov A.I. Some Issues of Criminal Policy in the Sphere of Business Protection in Tajikistan // Legal Life. – 2015. – No. 3. - P. 94-99;

11. Safarov A.I. Some Issues of Determining the Public Danger of Illegal Entrepreneurship under the Legislation of the Republic of Tajikistan // Legal Life. -2016. - No. 4 (16). - P. 101–109.

12. Safarov A.I., Sharipov R.I., Rakhmatova N. Distinction of fraud from other relevant types of applications in the sphere of economic announcements // Bulletin of the Tajik National University. Series of humanitarian sciences. - 2015. - No. 3/11 (188). - V.1. - P.110-116.



**ТДУ: 343.3 (575.3)**

**Шарифзода Шарифбек Мурод,**
*муаллими калони кафедраи Ташкили идоракунӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети якуми Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail: sharifzoda.75@mail.ru*
*Тел.: (+992) 938-87-07-07.*

# МАНБАҲОИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ КОРРУПСИЯ ВА САБАБУ ОМИЛҲОИ ОН

***Калидвожаҳо***: манбаъҳои коррупсия; сабабу шароит; тассаруф; буҷет; манфиат; талаботи иҷтимоӣ; қарз; ришвагирӣ; камбизоатӣ; мансаб; омилҳои коррупсия.

***Аннотатсия:*** Дар мақола омӯзиши манбаҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва сабабу омилҳои ба он мусоидаткунанда мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамзамон мақола фарогири маълумоти оммори буда, муқоисаи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ақидаҳои олимону коршиносон ва таклифу пешниҳодҳои судмандро дар бар гирифтааст.

Тибқи муқаррароти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, роҳҳои инкишофи он, амалӣ гардидани чораҳои тақвиятбахши таъмини буҷети давлатӣ ва ғайра аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад[1].

Меъёрҳои Конститутсия ва санадҳои қонунгузорӣ имкон намедиҳанд, ки дар самти иҷрои мансабҳои давлатӣ ва ё мақомоти давлатӣ омилҳои коррупсионӣ ва сабабу шароитҳои он ба вуҷуд оварда шавад.

Ҷузъи дигари муҳими низоми пешгирии коррупсияро қонунгузории зидди коррупсия дар бар гирифтааст, ки ҳолатҳои он самаранокии фаъолияти мазкурро муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад[2].

Меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” фарогири масъалаҳое мебошад, ки онҳо ба чораҳои ташкилӣ, пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ равона гардидаанд.

Талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бошад, ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли молиявии навбатӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо муқаррар менамояд.

Дар ин замина Қонуни мазкур тартиби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявиро аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ, барномавӣ, иқтисодӣ ва ғайра муқаррар намуда, ба шахсони масабдори давлатӣ ва ба онҳо баробаркардашудаи истифодабарандагони маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ салоҳияти зиёдро вогузор намудааст [3].

Чунин салоҳиятҳо фазои шароити муносибро барои баъзе мансабдорони коррупсионер ба вуҷуд меоварад. Амалан ҳама ҷиноятҳое, ки ба буҷети давлат зарар мерасонанд, коррупсияро дар бар мегиранд.

Аз натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 бармеояд, ки оид ба истифодаи шаффофу самараноки маблағҳои буҷетӣ дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 166 чорабиниҳои аудиторӣ гузаронида шуда, зарари молиявӣ ба маблағи 405,6 млн. сомонӣ муайян ва аз ин

ҳисоб дар маҷмуъ ба маблағи 398,5 млн. сомонӣ, аз ҷумла ба буҷети давлатӣ 310,0 млн. сомонӣ барқарор гардид, ки нисбати соли гузашта 155,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз маблағи умумии қоидавайронкуниҳои молиявии муайянгардида, хароҷотҳои ғайриқонунии пулию молӣ 39,8 млн. сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 8,1 млн. сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 29,6 млн. сомонӣ, талафот аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ 1,0 млн. сомонӣ, талафи воситаҳои пулию молӣ 38,1 млн. сомонӣ, маблағҳои кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо 81,1 млн. сомонӣ, пардохти ҳатмӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ 188,3 млн. сомонӣ ва пардохт накардани суди саҳмияҳои ба давлат тааллуқдошта 19,5 млн. сомониро ташкил медиҳад[4]. Ба иттилои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нимсолаи аввали соли 2024 дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 258 тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронида, ба маблағи умумии 251,1 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст. Тавассути чораҳои андешидашуда аз маблағҳои ошкоршудаи зарар 240,5 млн. сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шудааст, ки 147,2 млн. сомонии он бевосита ба суратҳисобҳои буҷетӣ ва 93,3 млн. сомонӣ бо роҳи ҳисоббаробаркунӣ ва даромад кардани молу мулк мебошад.[5].

Маблағҳои муайяншудаи молиявии буҷети давлатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ду ниҳод, аудити давлатӣ ва назорати молиявӣ тасарруфи маблағҳои давлатӣ сол аз сол афзун гардидааст. Ба андешаи мо ҳолати мазкур аз беаҳмиятӣ ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳои мансабии мансабдорони баландпоя ва дигар шахсони моддӣ ба амал омада, таъмини иҷрои барномаҳо ва қонунҳои иҷтимоиро мушкил ва раванди пешрафти соҳаҳои ҳаёти рӯзмараи ҷомеаро шадид менамоянд.

Аз руйи маълумотҳои оммории натиҷаи корҳои санҷишию назоратии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2013 – 2019 бармеояд, ки дар ташкилоти қарзии молиявӣ 1300 ҷиноят вобаста ба тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда ва ғайриқонунӣ гирифтану додани кредит ошкор гардидааст[6].

Ин нишондиҳандаҳо аз нокифоя будани низоми назорати дохилибонкӣ шаҳодат дода, асос ба вазъи ногувори молиявӣ гирифтор шудани ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва риоя нашудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби додани қарз аз ҷониби масъулини ташкилоти қарзии молиявӣ вобастагӣ дошта, аз тарафи дигар мавҷудияти хавфҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии ин соҳа, ки онҳо ба амалисозии равандҳои фаъолият ва ҳадафҳои ташкилоти қарзии молиявӣ таъсири зиёд мерасонанд, боис шуда метавонанд.

Тазаккур бояд дод, ки аксари ҷиноятҳои коррупсионии дар соҳаи бонкӣ содиршуда аз давраи аввал оид ба таври дахлдор иҷро накардани вазифа ва уҳдадориҳои масъулини шуъбаҳои қарзӣ сарчашма гирифтааст.

Омӯзиш нишон медиҳад, ки содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи мазкур рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Чуночӣ, агар дар соли 2013 ошкори ҷиноят вобаста ба тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (м. 246 КҶ ҶТ) 13 ададро ташкил дода бошад, пас дар соли 2018 ба 138 ҷиноят расидааст.

Соли 2019 ошкор кардани ҷиноятҳо вобаста ба ғайриқонунӣ гирифтан ва додани кредит (моддаҳои 264 ва 265 КҶ ҶТ) низ нисбат ба соли 2013 – 109 адад зиёд гардидааст.

Пойдории коррупсия, устуворӣ ва равандҳои баландшавии он тақозо менамояд, ки коррупсия дар бисёр ҳолатҳо аз истифода намудани мақоми хизматӣ манша мегирад, ки онро таърифи коррупсия тасдиқ намудааст: «бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар»[7].

Дар ин самт ақидаи олимони соҳаи ҳуқуқ якранг набуда, ба таври гуногун маънидод гардидааст. Чуночӣ, профессор М.В. Духовский дар бораи сабабҳои ҷинояткорӣ ба хулосае омадааст, ки "Сабаби асосии

ҷинояткорӣ – ин талаботи иҷтимоӣ мебошад. Сохтори бади сиёсии кишвар, иқтисодиёти ҷомеа, таҳсили бад ва як қатор шароити дигар”[8] низ ба он марбут аст.

Агар ба соҳаи худидоракунии маҳаллӣ назар афканем, дар он як қатор гурӯҳбандии зерини сабабҳо ва шароити содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷой дода шудааст:

1. Сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ бо сабабҳо ва шароити ҷинояти умумӣ робита доранд. Сабабҳои ҷиноят иборатанд аз: падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, идеологӣ. Шартҳо, масалан, падидаҳои таббиӣ, ташкилӣ, техникӣ ва дигарҳоро дар бар мегиранд.

2. Сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, ки бо сабабҳо ва шароити ҷинояти коррупсионӣ робита доранд.

3. Сабабҳо ва шароити мушаххаси ҷиноятҳои марбут ба коррупсия дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ.

Мо пешниҳод менамоем, ки онҳо дар намудҳои зерин табақабандӣ карда шаванд:

1. Сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ ва соҳаи танзими моликияти замин;

2. Сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, соҳаи манзилию коммуналӣ ва сохтмон;

3. Сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, соҳаи фарҳанг, маориф ва илм;

4. Сабабҳо ва шароити ҷинояткории коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, ки бо музди пасти кормандони коммуналӣ алоқаманданд.

Ҳангоми баррасии сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ, зарур аст, ки мушкилоти худмуайянкунии ҷинояти коррупсионӣ дар соҳаи мазкур амалӣ карда шаванд. Зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ дигар ҷиноятҳои навро ба вуҷуд меоранд, яъне ҳангоми фаъолият пас аз содир намудани як ҷиноят, имконияти содир гардидани дигар ҷиноят пайдо мешавад.

Масалан, ҷиноят тибқи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби шахси мансабдор сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлатро поймол менамояд, метавонад боиси содир шудани ҷиноятҳои дигар гардад.

Дигар омилҳои бавуҷудоварандаи сабабҳои коррупсия бо шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони коммуналӣ ва аҳолии маҳал робита доранд. Агар ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ номаълум, эълоннашуда, ҳалношуда ва беҷазо монанд, пас ин ҳолати махсуси психологии худи кормандони коммуналӣ ва аҳолиро ба вуҷуд меоварад.

Вазифаи давлат иборат аз таъмин намудани системаи муассир ҷиҳати андешидани чораҳои зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва моддӣ мебошад. Ҳамзамон, муҳимтарин мушкилоти имрӯза муттаҳидсозии қонунгузории механизми боэтимоди таъмини амнияти шахсро дар бар мегирад, ки ба пешгирӣ ва ифшои ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат менамоянд.

Дар ин ҷо чунин равише ба назар мерасад, ки ин муносибати қонунгузор аз нуқтаи назари ташаккули системаи ҳимояи шахс ва баланд бардоштани нуфӯзи давлат, ки дар навбати худ ба натиҷаи ниҳоӣ таъсири мусбат мерасонад, асосноктар аст ва раванди татбиқи адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати онро дар бар мегирад.

Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки қонунҳои миллии танзимкунандаи ин масъалаҳо бояд, такмил дода шаванд. Ин алалхусус ба мушкилоти танзими ҳуқуқии амният ва бехатарии шахсоне, ки ба мақомоти марбут ба пешгирӣ ва ифшои амалҳои коррупсионӣ дахл доранд, кӯмак мерасонад.

Муасслам аст, ки раванди ташаккул ва рушди «ҷомеаи истеъмолӣ» вусъат ва ривоҷ ёфта истодааст. Ин ҳолат фарогири соҳаҳои

алоҳидаи ҳаёти ҷомеа дар як қатор падидаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки он метавонад сабабҳои зуҳури коррупсия бошад. Дар ин самт робитаи коррупсия ва мушкилоте, ки онро ба вуҷуд меоранд, дуҷониба аст[9].

Ба андешаи мо, аз як тараф чунин мушкилот коррупсияро шадидтар мекунад ва ҳалли он метавонад ба коҳиши коррупсия мусоидат кунад ва аз сӯйи дигар, коррупсия миқёси мушкилоти давраи гузаришро ҳифз ва афзун мекунад, ба ҳалли онҳо халал мерасонад. Аз ин бармеояд, ки аввалан, коррупсияро танҳо бо роҳи ҳалли мушкилот ва шартҳое, ки онро ба вуҷуд меоранд, коҳиш ва маҳдуд кардан мумкин аст ва сониян ҳалли ин мушкилот дар ҳама самтҳо ҳамаҷониба бо тамоми қатъият ва муқовимати коррупсия алоқамандӣ дорад.

Дар илми криминологияи муосир чунин мешуморанд, ки сабабҳо ва шароити ҷинояткорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ сарчашма мегиранд. Дар адабиёти илмӣ таснифоти мухталифи сабабҳо ва шароити ҷинояткорӣ пешниҳод шудаанд, аммо ҳама криминологҳо бо он ақидаанд, ки ҷиноят падидаи иҷтимоӣ аст. Ҳаёт ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки сабабҳои ҷиноятро он шароити воқеии зиндагие, ки одамон дар он амал мекунанд, муайян мекунад. Онҳо ба зиддиятҳои дар ҷомеа мавҷудбуда асос меёбанд.

Дар ин самт, таҳлили таҳқиқоти криминологӣ оид ба сабаб ва шароити рушди коррупсия якчанд нуқтаи назарро дар бар мегирад, ки он дар коҳиш ёфтани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудааст. Дар замони истиқлолият тавассути қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат як қатор тадбирҳои зиддикоррупсиониро андешидааст, ки барои пешгирӣ кардани коррупсия нақши муҳим дида истодаанд. Чунин тадбирҳо асосан дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шуда, самтҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро дар кишвар муайян намуданд.

Чунончӣ, дар натиҷаи амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии мамлакат, ки аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, сарфи назар аз таҳаввулот дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар, сатҳи некуаҳволии мардум 2,1 баробар, музди миёнаи меҳнат 1,5 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфтааст. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шудааст [10].

Тадбирҳои андешидашудаи зиддикорурпсионии сиёсати давлат самараҳои хуб ба бор оварда, ба рушди босуботи мамлакат, пешрафти шароити иҷтимоиву иқтисодии соҳаҳои мухталифи ҷомеа мусоидат намуда истодаанд.

Аммо дар ин ҳолат боз ҳам зарур аст, ки баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, чораҳои иловагиро роҳандозӣ намуда, меъёҳои қонунгузории соҳаи мазкур ва ҳуқуқи ҷиноятиро марбут ба манфиятҳои шахсият, ҷамъият ва давлат таҷдиди назар намоем.

Чунки тадбиқи чорабиниҳои мазкур дар самти мубориза бо коррупсия дар кишварамон басо аҳамиятнок буда, дар шароити гузариш ба идоракунии самарабахши демократӣ, яке аз вазифаҳои муҳими давлат таъмини эътимоди шаҳрвандон ба муассисаҳои мавҷудаи давлатӣ ва шарти муҳими эҳёи давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, «Татбиқи сиёсати муттасил ва ҳамоҳангшудаи мубориза бо коррупсия, яке аз вазифаҳои таъхирнопазири сохтмони давлат аст» [11].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар кишвар сабабҳо ва шароити сиёсӣ ба андозаи баробар муҳиманд. Дар таърихи инсоният далелҳои зиёде мавҷуданд, ки барои талош кардани ҳокимият ва фоида аз соҳибӣ кардани он байни ҳамдигар робитаи объективӣ вуҷуд дорад. Ҳар яке дар навбати худ, кӯшиш мекунад, ки мансаби баланди муайянро ишғол намояд ва барои пешбурди зиндагонии худ талош варзад. Чунин омилҳо шиддати зуҳуроти коррупсияро зиёд мекунанд ва ин аксаран аз қабули баъзе аз санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ бармеояд, ки дар онҳо қисман

номукаммалӣ дида шуда, фазои бавуҷудоварандаи коррупсияро доранд.

Аз рӯйи таҳлилҳо бармеояд, ки дар ду даҳсолаи охир шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабулнамудаи мақомоти давлатӣ меафзояд. Чунин омилҳо бо қонунгузорӣ боиси паст шудани сифати он мегардад. Коршиносон қайд менамоянд, ки «Матни бодиққат таҳияшудаи санад ҳамчун шарти муҳимтарин ва хусусияти сифати баланди он хидмат мекунад ва ба дуруст фаҳмидани мундариҷаи меъёрҳо ва амалҳои ҳуқуқии пешбиникардаи онҳо мусоидат менамояд. Ва баръакс, матнҳои мухолиф, забони мураккаби ҳуқуқӣ, надонистани қоидаҳои таҳия ва розӣ шудан бо лоиҳаҳо, набудани якрангӣ дар истифодаи консепсияҳои ҳуқуқӣ самаранокии низоми ҳуқуқиро якбора коҳиш медиҳанд. Ҷиҳати моддии масъала на камтар аз он муҳим аст, вақте ки қонун ё санади дигар барои ташаккули воқеии низоми устувори ҳуқуқӣ ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ таҳия шудааст»[12]

Тибқи таҳлил дар соли 2019 аз ҷониби мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1247 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар 111 лоиҳаи он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор ва ҷиҳати ислоҳ ва такмил додани онҳо ба 255 лоиҳа таклифҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ пешниҳод карда шудаанд[13].

Дар соли 2022 бошад, ба Агентӣ 1231 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 20 лоиҳаи мукаммал дар таҳрири нав ворид гардида, ба 1224 адади он экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида шудааст. Дар раванди экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар 278 лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуда, вобаста ба 78 лоиҳа, ки ба ислоҳоти ҷузъӣ ниёз доштанд, унвонии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта таклифу пешниҳодҳои мушаххас ирсол гардиданд[14].

Бинобар ин, дар ин самт таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат ва асоснок тақозои замон мебошад.

Аксар вақт ҳама чиз бо таҳия ва қабули қонунҳо маҳдуд мешавад ва ба назорати иҷрои амалии онҳо диққати зарурӣ дода намешавад.

Сабабҳо ва шароити ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистон, ки онро мо омӯхтем, яке аз муайянкунандагони амалҳои асосие мебошанд, ки таҳқиқоти минбаъдаро талаб мекунанд. Танҳо бо омӯзиш ва бартараф кардани ин омилҳо мо метавонем чораҳои муассирро барои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ба даст оварем, вале амалӣ намудани онҳо вазифаи боз ҳам мушкилтар аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ ба чунин хулоса омадан зарур аст, ки дар шароити кунунии кишвар бархе аз омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия аз инҳо иборат аст:

Л.В. Клейман қайд менамояд, ки дахлияти далелҳо ин сохтори ҳатмии ҳуқуқие мебошад, ки имконияти бевосита ва бавоситаи далелҳоро инъикос менамояд, ки он барои муайян намудани ҳолатҳое, ки бояд бо сабаби алоқаи объективии байни онҳо исбот намуда шаванд [12]. Н.А.Громов ва С.А.Зайтсева кайд менамоянд, ки дахлияти далелҳо ин сохтори хоси дохилии далел мебошад, ки алокаи объективии маълумотҳои вокеиро бо ҳодисаҳои мушаххаси таҳқиқшавандаи парвандаи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби барандагони онҳо дар натичаи хамкории мутакобила бо муайян намудани далелҳои парванда ва дорандаи кувваи бо ин восита ба далели чойдошта ишора карданро дорад, ба даст оварда шудаанд, изҳор намуда метавонад [5,с.64]. Масалан, оид ба мансубияти далелҳо таҳқиқбаранда ё муфаттиш муайян карда метавонад, ки далелҳои мавҷуда ба пешбурди парванда алоқамандӣ дорад ё не. Дар ин сурат, мумкин аст, ки далелҳо рад ё эътироф карда шаванд [43,с.218].

Ба акидаи Л.Д. Кокорева ва Н.П. Кузнетсова ин сохтори объективӣ дар чой доштани зарурияти хосимазмуни далелҳо бо исботи баъдинаи ҳолатҳо, бо кувваи оне ки ин маълумотҳоро метавон барои муайян намудани хакикат истифода бурда шаванд [11,с.121-123].

Ба андешаи Раҳматуллоев А.Э., дахлдории далелҳо мазмуни маълумотро бо моҳияти парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд медонад Ва ӯ чунин меҳисобад, ки далелҳо ба парвандаи ҷиноятӣ он гоҳ дахлдор эътироф мешаванд, ки мазмуни маълумот ягон ҳолати ҳодисаи гузашта (ҷиноят) ва ба парвандаи ҷиноятӣ алоқамандӣ ва аҳамияти ҳуқуқидоштаро инъикос намояд, ё ба муқаррар карда шудани сарчашмаи онҳо ёрӣ расонад[24, с.26].Мансубият (дахлият) сифати маълумот аст, ки қобилияти инъикос ва ё тасдиқ кардан ё истисно кардани ин ё он ҳолати содир шудани ҷиноят, ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доштаро ифода мекунад[25, с.72].

**Мансубияти (дахлияти) далелҳо онро мефаҳмонад,** ки муфаттиш ва дигар шахси масъули барандаи тафтишоти пешакӣ бояд он ҳолатҳоеро исбот намоянд, ки ба тафтиши парвандаи ҷиноятӣ муайян дахл дошта бошанд. Масъалаи муайн намудани дахл доштан ё надоштани ҳолатҳои содир кардани ҷиноят ин аз салоҳдиди муфаттиш вобаста аст. Муфаттиш бояд мустақилона доираи масъалаҳоеро, ки ӯ зарур мешуморад исбот созад [43,с.218].Яъне маънои дахлият чунин аст, ки ҳамаи ҳолатҳое, ки ба предмети исботкунӣ дахл доранд. Мисол оид ба ҳолати ҷиноятӣ одамкӯшӣ яъне танҳо мақомоти пешбурди таҳқиқ ва тафтишот вазифадоранд, ки маҳз ба ҷиноятӣ одамкуши дахл доштани далелҳоро ҷамъоварӣ намоянд.Дигарон бошанд, дахлияти далелҳоро хамчун аломате муайян менамоянд, ки он ба ҷой доштани алоқаи байни маълумотҳои далелӣ ва ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, ишора менамояд [3,с.148].

**Бо дарназардошти гуфтаҳои боло аз тарафи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати маълумотҳое, ки ҳамчун далел эътироф шуданашон мумкин аст, бо мақсади муайян намудани аҳамияти дахлият ва қабулияти далел, талаботи зерин пешниҳод карда мешавад:**

- маълумот набояд абстрактии мулоҳизавӣ ва баҳодиҳӣ, балки мушаххас бошад, то тавонад нисбати ҳолатҳои мушаххас

(амали одамон, ҳодисахо ва монанди инҳо) маълумот дода, ба саволҳои чӣ хед, қай, дар куҷо ҷавоб дода тавонад;

- маълумотҳои ба даст овардашуда қобили қабул буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз сарчашмаҳои қонунӣ дастрас гардида бошанд, Ба таври дигар қобилияти далели парванда маънои истифода шуда тавонистани онро аз нуқтаи назари сарчашмаҳои қонунӣ ва тартиби ба даст оварда шудани онро дар назар дорад;

- маълумотҳо бояд ба парвандаи мушаххаси мавҷуда дахл дошта бошанд.

Ин маънои онро дорад, ки байни мазмуни далел ва ҳолатҳое, ки предмети исботнамоиро ташкил медиҳанд, бояд робитаи муайяни мутақобила ҷой дошта бошад. Ба таври дигар, далелҳои ба даст овардашуда бояд ба предмети исботнамоӣ шомил бошанд. Аз ин хотир талаботи мазкур номи дахлияти далелро гирифтааст.

**Қобили қабул (имконпазирӣ)** – талаботи ҳуқуқӣ мебошад, ки ба шакли далелҳо – қонунӣ будани сарчашмаи далел ва тарзи ба даст овардани он, амалҳои тафтишӣ ва судии мувофиқ, равона карда шудааст [44, с.210]. Мувофиқи қисми 1 моддаи 88-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далел қобили қабул эътироф карда мешавад, ки агар он бо тартиби дар Кодекси мазкур пешбинишуда ба даст оварда шуда бошад [9].

**Вобаста ба мафҳуми қабулияти далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин хусусиятҳои онро муқарар кардан мумкин аст:**

- субъекти боэътимоди ба дастовардани далел;

-сарчашмаи боэътимоди далел;

-бо эътимод ба даст овардани далел;

-риоя накардани қоидаҳои муқаррар кардаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ барои ба даст овардани далел;

Доир ба ин масъала низ дар бораи мафҳуми имконпазирии далелҳо дар байни олимон нуқтаҳои назари хеле мухталиф ҷой доранд. Дар илми мурофиаи ҷиноӣ имконпазирии далелҳо яке аз ҷузъиёти шаклҳои мурофавӣ мебошад, ки зери он «маҷмӯи шартҳои тибқи қонун пешбинишудаи барои содиркунии амалҳои мурофиавӣ, пайдарпайии онҳо, тартиби мустаҳкамкунӣ ва сохтани амалҳои мурофиавӣ, мӯҳлатҳои мурофиавӣ» фаҳмида мешавад.

Моҳияти танзими ҳуқуқии институти имконпазирии далелҳо бо он муайян мешавад, ки вай тарзи дарки ҳолатҳо факти (воқеиро) парвандаро муқаррар мекунад ва бо ҳамин ҳамчун мавҷудияти вазифаҳои мурофиаи судӣ (яъне дар низоми мазкури ҳуқуқӣ ҷойдошта) ва афзалияти нисбии онҳоро ба инобат мегирад. Маҳз барои ҳамин инстиути имконпазирии далелҳо ин ё он афзалияти қонунгузорро инъикос мекунад, ки дар назди интихоби миёни барқароркунии ҳақиқат бо тамоми роҳҳо ва омодагӣ барои паст кардани эҳтимолияти ба дастоварии он, барои кам кардани таваккали ҷазодиҳии шахси бегуноҳ ва инчунин кам кардани соҳаи маҳдудияти ҳуқуҳҳои конститутсионии шаҳрвандон, меистад. Чунончӣ, М.С. Строгович бар он ақида аст, ки имконпазирии далел—ин қудрати он ҳамчун сарчашма маълумот доир ба факт ҳамчун воситаи муайянкунии ин факт мебоашд [29, с. 392].

Муаллифони назарияи далелҳо имконпзирии далелҳоро ҳамчун мувофиқатии он ба талаботҳои қонуни мурофиавӣ нисбат ба сарчашма, шартҳо, усулҳои ба даст овардан ва мустаҳкамкунии мурофиавии маълумотҳои факт (воқеъи) доир ба ҳолатҳои ҷузъии парванда, муайян мекунанд [34, с. 269].

А.Э Раҳматуллоев чунин қайд намудааст, ки имконпазирии далелҳо – тибқи қоидаҳои мурофиавӣ, тартиб ва шакли муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз сарчашмаҳои муайянкардаи қонун ҷустуҷӯ ва ошкор кардан, ҷамъ овардан, санҷидан ва қайду мустаҳкам кардани маълумоти воқеиро ифода мекунад [24, с.22].

Ҳамин тариқ, ки имконпазирии далел талаботи ҳуқуқӣ мебошад, ки ба шакли далел, яъне сарчашмаи маълумотҳои воқеӣ ва тарзи ҷамъоварии онҳо дахл дорад [43, с.218]. С.А. Шейфер зери имконпазирии далелҳо сифати ин далелро мефаҳмад, ки бо шакли лозимаи мурофиавии он алоқаманд аст [51, с.34].

Фикри олими номбурдаро А. Соколов дастгирӣ намуда ва қайд мекунад, ки имконпазирӣ ин коршоямии далел бо нуқтаи назари шакли мурофиавии он аст [30, с.14].

Резник чунин қайд намудааст, ки «далелро имконпазир шуморидан, - маънои хулосакунӣ доир ба талаботҳои қонун аст, ки ба шакли мурофиавии он пешниҳод гардидааст ва аз инҳо таркиб ёфтааст: а) сарчашма; б) шарту шароит; в) усулҳои ба дастоварӣ ва мустаҳкамкунии муълумотҳо доир ба ҳолатҳои парванда» [22, с.7].

Мувофиқи назари П.А. Лупинской, имконпазирии далелҳо аз инҳо иборат аст: а) ба дастоварии маълумотҳо яке аз сарчашмаҳои дар қонун номбаркардашуда; б) ба даст овардани далелҳо бо риояи тартиботҳои мурофиавӣ; в) интихоби саҳеҳи сарчашмаи даркории маълумотҳо, махсусан дар ҳолатҳое, ки қонун ба дастоварии ягон намуди муайяни далелро пешбинӣ намояд [36, с.159-160].

Н.В. Сибилева чунин мешуморад, ки имконпазирии далел – аз ҷониби қонунгузор эътирофи имконияти истифодабарии сарчашмаи мазкур ба сифати дорандаи мурофиавии итттилоот доир ба маълумотҳои феълӣ, ки барои муайянкунии ҳақиқат доир ба парвандаи ҷиноӣ, инчунин мустаҳкамкунии мурофиавии ин иттилоот ба он ашхос ва мақомотҳо тибқи тартиботи қонунӣ (тавассути амалҳо) бо риояи меъёрҳои ахлоқии муқарраргардида [31, с.23]. В. Зажицкий имконпазирии далелро ҳамчун қобилияти бо инобатгирии мутобиқат ба қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун воситаи далели ҳолатҳо хизмат мекунад, ки барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноӣ аҳамият дорад, маънидод мекунад [6, с.26].

Ю.А. Ляхов бар он ақида аст, ки имконпазирии далелҳо – имконоти истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноӣ барои ҳалли ҳамаи масъалаҳо, ки ҳангоми мурофиа роҷеъ ба парранда ва ҳангоми ҳалли парванда умуман ба амал омадааст [20, с.3 ].

Селина Е.В. дуруст қайд менамояд, ки ҳамчун қоида байни лаҳзаи аз тарафи суд баррасӣ ва ҳал карда шудани парванда ва лаҳзаи субеъкти муносибатҳо дар мавриди содир намудани амалҳои муайяни аҳамияти ҳуқуки дошта фосилаи муайяни вақт ҷой дорад. Ин маънои онро дорад, ки дар ин муддат суд бояд дар асоси далелҳои мавҷуда дар хусуси ҳолатҳои воқеии қаблан ҷойдошта донишҳои заруриро пайдо намуда, бо кумаки баррандагони иттилоот онҳоро ба талаботи исботнамоии ҳолатҳои воқеии мавҷуда мутобиқ намояд [32,с.45].

Ҳангоми ба ҳолати воқеии мавҷудаи исботнамоӣ мутобиқ намудани далелҳои ба даст овардашуда судя уҳдадор аст тарзи ба даст оварда шудани далелҳоро муайян намояд. Агар дар чунин ҳолат судя ҳолатҳои поймол шудани муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ошкор намояд, пас вай метавонад чунин далелҳоро ҳамчун далели ғайриқобили қабул эътироф намуда, дар раванди исботнамоӣ аз он истифода набарад. Зеро чӣ тавре, ки аз фанни ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ маълум аст, дар зери мафҳуми далел муқаррар карда шудани ҳақиқати мулоҳизаи мавҷуда тавассути мулоҳизаҳои дигар фаҳмида мешавад, ки вобаста ба он дар исботнамоии мантиқӣ сохтори муайян фарқ карда мешавад, ки донистани он барои фарқ карда шудани далелҳои судӣ аз далелҳои мантиқӣ мусоидат менамояд.

Дар исботнамоии мантиқӣ ҳамаи он чизеро, ки зери исботнамоӣ қарор дода мешавад (аз рӯи терминологияи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ предмети исботнамоӣ) ҳамчун тезис эътироф мегардад. Мутобиқ ба ин тезис мулоҳизае мебошад, ки ҳақиқат ва ё ҳаққонияти он бо кумаки мулоҳизаҳои дигар, ки ҳамчун аргумент эътироф мегардад, муайян карда мешавад. Дар ин ҷо нуқтаи назари М.П. Шаламов ҷолиби диққат менамояд, ки аз руи он вай тавонистааст аҳамияти қабулият ва дахлияти далелро ба таври саҳеҳ муайян намояд. Аз нуктаи назари М.П. Шаламов муқаррар карда шудани ҳолати воқеии то оғози парвандаи ҷиноятӣ мавҷуда дар натиҷаи ба амал бароварда шудани фаъолияти дарккнамоӣ дар шакли исботнамоии мантиқӣ ва мурофиавӣ ба даст оварда мешавад. Исботнамоии мантиқӣ бошад дар навбати худ ба қонунҳои фикрронӣ, қонунҳои мурофиавии аз тарафи давлат муқарраршаванда, яъне

қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тобеъ мебошад [52,с.36].

Вобаста ба гуфтаҳои боло қабулияти далел метавонад хислати умумӣ ва ё махсус дошта бошад:Хислати умумии қабулияти далел маънои онро дорад, ки аз рӯи ҳама гуна далелҳо новобаста аз хислат ва категориҳои онхо бояд талабот дар бораи тартиби ба даст овардани далел, тартиби ба даст овардани маълумот мутобиқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда, пешниҳод ва мавриди таҳқиқ қарор додани далел риоя карда шаванд. Халалдор карда шудани тартиби мазкури муқарраргаридаи шакли мурофиавии исботнамоӣ хусусиятнок карда мешавад. **Хислати махсуси қабулияти далел** – ин тартиби истифодаи далелҳои муайян барои муқаррар карда шудани ҳолатҳои алоҳидаи парванда (қабулияти позитивӣ) ва ё манъ карда шудани истифодаи далелҳои муайян (қабулияти негативӣ) ба шумор меравад

**Вобаста ба қабулияти далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин хусусиятҳои онро муқарар кардан мумкин аст:**

- субъекти бо эътимодӣ ба дастовардани далел;

-сарчашмаи бо эътимодӣ далел;

-бо эътимод ба даст овардани далел;

-риоя накардани қоидаҳои муқаррар кардаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ барои ба даст овардани далел;

**Ҳамин тариқ имконпазирӣ (қабулияти) далелҳо гуфта -** он хусусияти далелро меноманд, ки бояд аз сарчашмаҳои бо қонун пешбинишуда ба даст оварда шаванд ва зимни гузаронидани амалиётҳои тафтишотӣ ва дигар амалиётҳои мурофиавӣ ва шаклҳои мурофиавии расмикунонидани онҳо риоя карда шавад. Он далелҳои қобили қабул эътироф карда мешаванд, ки агар аз ҷониби субъектони дахлдор ба даст оварда шуда бошанд, бо риояи шаклҳои мурофиави расмикунонидашуда бошанд ва ҳангоми ҷамъ овардани онҳо талаботҳои қонун вайрон карда нашуда бошанд [43, с.218].

Далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд. Талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ғайриимконпазир будани далелҳое, ки ғайриконунӣ ба даст оварда шудаанд, чунин маъно дорад, ки чунин далелҳо бояд беэътибор дониста шаванд, агар дар рафти ҷамъ овардани онҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, ки Конститутсия кафолат додааст, вайрон шуда бошанд. Ё ин ки тартиби ба даст овардан ва мустаҳкам намудани ин далелҳо бар хилофи қонун, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, вайрон карда шуда бошанд. Имконпазирии далелҳо ин талаботи ҳуқуқӣ мебошад, ки ба шакли далелҳо – қонунӣ будани сарчашмаи далел ва тарзи ба даст овардани он, амалҳои тафтишӣ ва судии мувофиқ, равона карда шудааст [44,с.210].

Маълумотҳое, ки сарчашмаҳояшон муайян нест, онҳо ба талаботи имконпазирӣ ҷавобгӯ набуда, далел ҳисобида намешаванд.Мисол нишондодҳои шоҳид, ҷабрдида, ки тахминианд, аз овозаҳо шунидаанд ва онҳо сарчашмаи маълумотро намедонанд, далелҳои ғайриимконпазиранд. Агар дар парвандаи ҷиноятӣ маълумотҳое вуҷуд дошта бошанд, ки он далели шайъӣ эътироф шудааст, аммо сарчашмаи он муайян нест, он беэътибор дониста мешавад. Хулосаи коршинос, низ беэътибор дониста мешавад, агар муайян гардад, ки экспертизаро мутахассиси манфиатдор гузаронида бошад.

Мавҷуд будани манфиатдории муфаттиш, прокурор, судя бо парвандаи ҷиноятӣ низ асоси ғайриимконпазир донистани ҳама далелҳои ҷамъоварда мегардад. Асосҳои ғайриимконпазир донистани далелҳо инчунин вайрон кардани шарт ва тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва суд, ҳамчун тарзи ҷамъ овардани далелҳо, шуда метавонад. Ин вайронкуниҳои зеринанд: гузаронидани амали тафтишӣ бе иштироки як ё якчанд нафар, ки иштироки онҳо ҳатми мебошад (гузаронидани кофтуков бо 1 нафар холис, пурсиши шоҳиди ба синни 14 нарасида бе иштироки омӯзгор ва ғайра); шабона гузаронидани амали тафтишӣ, вақте

ки маълумотҳо оиди таъхирнопазир будани гузаронидани он мавҷуд нестанд; саривақт нафаҳмонидан, нафаҳмонидан ва нодуруст ба иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ ва судӣ фаҳмонидани ҳуқуқу вазифаҳо, истифодаи воситаҳои техникӣ бе огоҳонидани иштирокчии амали тафтишӣ, вайрон намудани гузаронидани пайдарҳамии амали тафтишӣ (дар пурсиши аввала, ба ҷойи он ки аз айбдоршаванда пурсида шавад, ки худро гунаҳгор мешуморад, ба ӯ пешниҳод карда мешавад, ки вобаста ба айби эълоншуда нишондод диҳад; вайрон кардани тартиби шинос намудани иштирокчиёни амали тафтишӣ бо протокол ва ба он эрод овардан, иловагиҳо ва тағйирот даровардан; вайрон кардани тартиб додани протоколи амали тафтишӣ; дар протокол мавҷуд набудани имзои иштирокчиёни амали тафтишӣ бе қайди зарурият дар ин хусус.

Далелҳое, ки бо вайрон намудани шарт ва тартиби гузаронидани амалӣ тафтишӣ ба даст овардашуда, бояд ғайриимконпазир беэътибор дониста шаванд. Мувофиқи қонун далелҳои беэътибор, қувваи ҳуқуқӣ надоранд ва асоси айбдоркунӣ шуда наметавонанд ва барои исботкунии ҳолатҳои дигаре, ки дар моддаи 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, истифода бурда намешаванд. Аз ин лиҳоз, далелҳои беэътибор дониста, ба қабули қарорҳои мурофиавӣ оид ба парванда, ки он бо далелҳо бояд асоснок карда шавад, истифода намешаванд.

Ба гурӯҳи далелҳои ғайриимконпазир пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, ки дар рафти пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ, бе иштироки ҳимоятгар (агар ҳимоятгар пештар ба парванда шурӯъ кардааст, ё ин ки агар гумонбаршуда, айбдоршаванда, оиди иштироки ҳимоятгар дархост дар рафти пешбурди тафтиши изҳор карда бошад) гузаронида шудаанд, инчунин дар ҳолати рад намудани ҳимоятгар ва дар суд тасдиқи худро наёфтани он, дохил кардан мумкин аст. Ба ҳолати мазкур равшанӣ андохтан зарур аст, чунки он на танҳо ба талаботҳои имконпазирӣ, ки қонун ба далелҳо муносиб донистааст мувофиқ нест (қисми 1 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки ба як қатор принципҳои мурофиаи суди ҷиноятӣ– қонуният, ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда ба ҳимоя, озодона баҳодиҳии далелҳо, мустақилияти судҳо ва танҳо тобеъи қонун будан ва ғайра низ мувофиқат намекунанд [44, с.210-2011].

Пас аз инҷо бар меояд, ки мансубият ва имконпазирӣ дар ҷараёни ҷамъ овардан баҳо дода мешаванд. Ва аз ҷониби муфаттиш ва суд риоя намудани талаботҳои ҳуқуқӣ, ки ба мафҳум (мансубият) ва шакли (имконпазирӣ) далелҳо равона карда шудаанд, ҳамчун кафолати асосии босифатии далел, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Дар адабиётҳо самтҳои гуногуни масъалаи муайян намудани саҳеҳии далел (боътимодӣ) далелҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Чунончи Р.В. Костенко хусусиятҳои далелро ба назар гирифта пешниҳод менамояд, ки барои муайян кардани мафҳуми далел дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳдуд шудан бо ду хусусияти далел: мансубият ва қабулият кофӣ нест. Ҳар як далел бояд хусусияти сеҳеҳиятро низ соҳиб бошад [13, с.27]. Бархе аз муаллифони мурофиавӣ чунин меҳисобанд, ки саҳеҳияти далелҳо яке аз унсурҳои баҳодиҳии исботкунӣ мебошад [22, с.3].

Ф. Гутсенко бошад, чунин меҳисобад, ки далелҳои ҷамъовардашуда бояд ҳақонияту воқеияти факти содир шудани ҷиноятро дар худ таҷассум намоянд, то ки суд тавонад такя бо ин далелҳо адолати судиро таъмин намояд [14,с.142]. Субъектҳои исботкунӣ бояд боварӣ дошта бошанд, ки онҳо имруз гуноҳи шахсро ба он далелҳое исбот карда истодаанд, ки воқеияти содир шудани ҷиноятро собит карда истодаанд. Ба ин мақсад ҷиҳати боварӣ ҳосил кардан ба боэътимодии далелҳо ҳангоми мавҷуд будани ҳар гуна шубҳа онҳо ҳуқуқ доранд, ки онҳоро санҷанд. Яъне онҳо дар ин ҳолат метавонанд амалиётҳои гуногуни тафтишотӣ аз қабили рӯбарӯкунӣ, экспераменти тафтишотӣ, санҷидани баёнот дар ҷояш ва ғайраҳоро санҷанд [43,с.218-219]. Ба ақидаи П.С. Абдуллоев саҳеҳ будани далел ин мувофиқат кардани онҳоро бо воқеъияти

ҷойдошта ифода мекунад. Бо мавҷуд будани иттилооти ҳақиқӣ далелҳои саҳеҳ эътироф карда мешаванд [1, с.62]. Яъне далелҳо бояд ҳақони бошанд, ва таввасути онҳо асли воқеъа муайян карда шавад.

Ба ақидаи дигарон, саҳеҳияти далелҳо тавассути тафтиши (таҳқиқӣ) далелҳо муайян карда мешавад [4, с.183-185]. Ба фикри гурӯҳи сеюми муаллифон, саҳеҳияти далелҳо дар натиҷаи баҳодиҳӣ ва тафтиши далелҳо муайян карда мешавад [15, с.109-143]. Ба фикри мо, ҳамагуна ҳаракатро ҷиҳати муқаррар намудани саҳеҳияти далел зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ ба баҳодиҳии далелҳо баррасӣ намоем ва ҳаракат дар ҷараёни тамоми фаъолияти исботкунӣ роҳандозӣ карда мешавад. Ингуна фаҳмиш тамоми самтҳоро ифода намуда, мутобиқан, аз рӯи моҳияти худ ба тафтиши далелҳо ниҳоят наздик мебошад. Ҳам тафтиш ва ҳам баҳодиҳӣ дар ҷараёни исботкунӣ аз нигоҳи органикӣ печида мебошанд.

Дар иртибот ба ин масъала фикри боадолатонаи Ю.К. Орловаро қайд намудан зарур аст, ки баъзе аз хусусиятҳои далелҳо (саҳеҳӣ ва дар баъзе ҳолатҳо, мансубият ва имконпазирӣ)бояд тафтиш ва баҳо дода шаванд, дигар хусусиятҳо (қувва, кофӣ будан) танҳо баҳо бояд дода шаванд, чунки ягон ҳаракати тафтишотии амалӣ барои онҳо талаб карда намешавад [21, с.80-81]. Ҳамзамон дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ воқеан чунин ҳолате эътирофи умумро касб намудааст, ки далелҳо метавонанд саҳеҳ ва носаҳеҳ бошанд [35]. Ба чунин сифат мутобиқи ақидаи бархе аз муаллифон онҳо аз лаҳзаи қабул намудани қарор дар бораи анҷом ёфтани тафтишоти пешакӣ ва ба ақидаи гурӯҳи дигари олимон на дертар аз лаҳзаи баровардани ҳукм, баромад мекунанд. Масалан, Зайтсева С.А., Громов Н.А., ПономаренкоВ.А., чунин меҳисобанд, ки баҳодиҳии саҳеҳият ҷараёни тӯлонӣ буда, дар лаҳзаи ташаккулёбии хулосаҳои охирини кор дар асоси маҷмӯи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда, ба охир мерасад [6, с.13].

Тавсифи мурофиавии ҷиноятии далелҳо ба ҳайси «носаҳеҳ» ба ҳеҷ ваҷҳ ба моҳият ва таъиноти далелҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мувофиқ намебошад. Истилоҳи далелҳои «носаҳеҳ» ба ҳолати принсипиалии назарияи идоракуни мухолиф мебошад, чунки асоси ҳар як дониши саҳеҳ ва хулоса бояд саҳеҳ бошад. Алалхусус мазмуни далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд танҳо донишҳои ҳақиқӣ бошанд. Ҳамзамон, қайд намудан зарураст, ки эътироф намудани далелҳо ба сифати далелҳои саҳеҳ маънои онро надорад, ки онҳоро ҳамчун омилҳои воқеияти боэътибор, саҳеҳ бинобар табиати объективии онҳо ва новобаста аз фаъолияти маърифатии инсон, шарҳ диҳем.

Саҳеҳияти далелҳои мурофиавии ҷиноятиро зарур аст, ки ҳамчун истилоҳи носеологӣ баррасӣ намоем. Инчунин маъно дорад, ки хулосаи ягонна ва субъектҳоеро, ки ҷараёни муқаррар намудани саҳеҳияти далели муайянро анҷом медиҳад, имконияти ба дигар тарз баҳододани онро дар ҳамин зина аз ҷониби дигар субъект истисно намекунад. Бо ин ҳолат он чизе фаҳмонида мешавад, ки дар корҳои ҷиноятӣ бисёр вақт далелҳои мухолифи якдигар вуҷуд доранд ва ингуна мухолифатҳо бидуни ҳеҷгуна ваҷҳ ва шарт набояд аз номгӯи далелҳо хориҷ карда шаванд ва мухолифати байни онҳо бояд аз ҷониби субъекте, ки ваколати қабул намудани қарорро дорад, бояд бо дастрас намудани ҳолатҳои ишорашуда фаҳмонида шавад. Масалан, чуноне аз моддаи 345 КМҶ ҶТ (қ. 1 м. 343 КМҶ ҶТ) бармеояд, ки дар қисми баёнию асосноккунӣ бояд далелҳое, ки хулосаи суд бо онҳо асоснок карда шудаанд ва ваҷҳҳое, ки мутобиқи он суд дигар далелҳоро рад кардааст, оварда мешаванд [9].

Мавҷудияти хулосаҳои мухолифи якдигар оид ба масъалаи баҳои саҳеҳияти далели мушаххас аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин ё он баҳои мухолифи якдигар нодуруст, зарарнок ва чун қоида, инъикоси саҳеҳӣ ҳодисаҳои воқеан ҷойдошта набуда аст. Дар ин ҷо ақидаи боадолати М.С. Строговичро қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи он агар имконияти муқаррар намудани қоидаи умумии баҳодиҳии далелҳо ҷой надошта бошад, пас барои ҳар як кори ҷиноятии мушаххас суд метавонад асосҳоеро муқаррар намояд, ки мутобиқи онҳо далели ҷойдоштаи

мушаххасметавонад, саҳеҳ ё ин ки носаҳеҳ бошад[28,с.109].

Ин хусусияти объективӣ ва имконияти амалии муқаррар намудани далелҳои саҳеҳро вайрон наменамояд. Маҳз ҳал намудани масъалаи саҳеҳият ва ё ин ки носаҳеҳии маълумотҳои ба даст омада ҷараёни, аз нигоҳи ҳаҷм нисбатан мураккаб ва муҳими исботкунӣ мебошад. Муфаттиш, прокурор, суд он далелҳоеро истифода менамоянд, ки аз лаҳзаи ба даст овардашуданашон чунин сифатро надошта, балки дар натиҷаи анҷом додани тафтиш ва санҷиши зиёд онҳоро ба сифати далели саҳеҳ эътироф менамоянд. Бинобар ин далелҳо дар шакли ба охиррасида наметавонанд ба даст биёянд, балки барои ба даст овардани онҳо маълумотҳо ҷамъ карда мешаванд. Дар баробари ин ҳал намудани масъалаи саҳеҳияти маълумотҳои ба даст омада ва эътироф намудани онҳо ба сифати далелҳо набояд ба давраи охирони ҷараёни исботкунӣ гузаронида шавад.

Агар ба вуҷуд омадани далелҳои саҳеҳро бо давраҳои нисбатан дуртари аз лаҳзаи оғоз намудани исботкунӣ чун ба охир расидани тафтишоти пешакӣ ё ин ки баровардани ҳукм рабт диҳем, пас чунин хулоса намудан мумкин аст, ки ҳамаи фаъолияти исботкунии пешакӣ оид ба муқаррар намудани ҳолатҳои предмети исботкунӣ бо ёрии далелҳое анҷом дода мешавад, ки ба талаботи саҳеҳият ҷавобгӯ намебошанд, аз ин рӯ дар ин ҷо бечуну чаро имконияти хулосаҳои эҳтимолӣ ҷой дошта метавонад. Ҳолати қайдшуда ба исботи омилҳое тааллуқ дорад, ки барои қабул намудани қарорҳои ниҳоят муҳим зарур мебошанд, аз ҷумла, ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, баъзан (вақте ки ба даст овардани далелҳои саҳеҳро ба лаҳзаи баровардани ҳукм рабт медиҳанд) ва қарор дар бораи ба охир расидани тафтишоти пешакӣ дар ҳамаи шаклҳояш.

Воқеан зарурати эътироф намудани маълумотҳои дахлдор ва дастрас ба ҳайси маълумотҳои саҳеҳ ва ба онҳо додани сифати далел ҳанӯз дар зинаи ниҳоят дур то ба охир расидани ҷараёни исботкунӣ ба вуҷуд меояд. Талабот ба далелҳо ҳамчун асоси босифат ва боэътимоди хулосаҳо дар он ҳолати муқаррар намудани омилҳои дорои аҳамияти моддӣ-ҳуқуқӣ, яъне предмети исботкунӣ, ба вуҷуд меояд. Дар ҷараёни фаъолияти исботкунӣ танҳо маълумотҳое истифода мешаванд, ки ба ҳайси саҳеҳ эътироф шуда бошанд.

Ҳамин тариқ, давраи исботкуние, ки дар он ҳолатҳои муқаррар намудаи моддаи 85 КМҶ ҶТ анҷом дода мешавад, аҳамият надорад. Бинобар ин талаботи саҳеҳияти далеле, ки ба содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахси муайян нишон медиҳад ва гуноҳи ӯ дар ин ҷо ҳангоми ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, ва ҳангоми ба охир расидани тафтишоти пешакӣ, вақте ки дар асоси хулоса дар бораи исботкунӣ ҳамаи ҳолатҳои дар моддаи 85 КМҶ ҶТ омада, бояд далелҳои саҳеҳ ва кофӣ бошанд .

Дар байни мурофиачиён инчунин дигар андешаҳо низ дар бораи алоқамандии саҳеҳият бо дигар хусусиятҳои далелҳо вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Е. Карякин ва В. Миронов чунин меҳисобанд, ки аломати саҳеҳияти далелҳои мурофиавии ҷиноятӣ табиати субъективӣ доранд, ки дар бидуни шубҳа ҷой доштани онҳо ифода ёфта, бо тафтиши ҳаматарафа алоқаманд мебошанд ва аз нигоҳи мансубият ва имконпазирӣ имконияти истифодаи маълумотҳоро дар ҷараёни исботкунӣ фароҳам меоранд[17,с.85-86].

Дар ҷараёни исботкунии кори ҷиноятӣ муайян намудани саҳеҳии ҳар як далел аҳамияти хосаро касб менамояд. Маҳз, дар натиҷаи муайян намудани саҳеҳияти далелҳо хулоса намудан мумкин аст, ки ин ё он далел воқеият дорад ё ин ки воқеият надорад. Эътироф намудани далелҳои саҳеҳ шарти асосии муқаррарнамудани гуноҳгорӣ ё ин ки бегуноҳии шахс дар содир намудани ҷиноят ва дигар ҳолтҳои ҷинояти содиркардашуда мебошад. **Саҳеҳ будан (боътимодӣ)** будани далел – мувофиқ будани далелҳо ба ҳақиқат ба мафхуми далелҳо дохил намешаванд. Далелҳоро аввал ҷамъ овардан лозим аст. Пас аз ин, дар маҷмӯӣ далелҳои дигар санҷида, баҳо дода, сипас саҳеҳ будани он муайян карда мешавад. Аммо, бахри ҷамъ овардани далелҳо, аз ҳудуди истеҳсолоти амали тафтишотӣ (судӣ) набаромада, ба саҳеҳ будани далел баҳо додан мумкин нест.

Ба ташкил намудани далелҳо аз нигоҳи мансубият ва имконпазирӣ субъектони бесалоҳияти фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ (айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ) таъсири муайян расонида метавонанд. Ин таъсир бо воситаи гузоштани саволҳо ба пурсишшаванда, изҳори дархост оид ба гузаронидани амали тафтишӣ ва судӣ, ки ба ҷамъ овардан ва тафтиши далелҳо, дархост оиди хориҷ намудани далелҳое, ки ба талаботҳои мансубият ва имконпазирӣ ҷавобгӯ нестанд, амалӣ гардонида мешаванд.

Мафҳуми ҳар як далел аз нигоҳи мансубият дар қисми 1-и моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Бо мақсади баҳо додан ба далел аз нигоҳи мансубият суд, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда моддаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат мегирад, ки барои ҷамъ овардани далел равона шудааст. Аз ҷумла, моддаҳое, ки тартиби пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид, ҷабрдида, гузаронидани ташхис, асосҳо ва мақсади гузаронидани амали тафтишӣ ва судиро пешбинӣ менамояд, ба инобат гирифта мешавад [9].

Талаботи мансубият, ки ба мазмуни далелҳо пешниҳод карда мешавад, бояд аз ҷониби муфаттиш ва суд, ҳангоми баррасии дархостҳо, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ изҳор мекунанд, бо мақсади ҷамъ овардан ва санҷиши далелҳо, ба инобат гирифта шаванд. Ҳангоми тафтиш ва таҳлили далелҳои ба даст овардашуда, муқоисаи онҳо бо дигар далелҳо, далелҳои нави ҷамъовардашуда, мансубияти онҳо барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ, ба инобат гирифта мешавад. Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, ҳангоми қабул намудани қарорҳои мурофиавӣ, ба мансубияти далелҳо ҳатман баҳо медиҳад. Имконпазирии далелҳо, ин мувофиқ будани онҳо ба талаботи қонун, сарчашмаи маълумотҳои воқеӣ ва тартиби ҷамъ овардани далелҳоро, мефаҳмонад. Мафҳуми сарчашмаи ҷамъ овардани далелҳо, аз сарчашмаи ҷамъ овардани маълумотҳои воқеӣ, фарқ мекунанд.

Сарчашмаи ҳама гуна намуди далелҳо, ҳамеша инсон – субъект мебошад, ки ӯ дорои мавқеи ҳуқуқӣ буда, далелҳоро пешниҳод менамояд. Бо дарназардошти ин, шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, коршинос, шахси холис, таҳқиқбаранда, муфаттиш, судя, муаллифи ҳуҷҷатҳои дигар, яъне шахсоне, ки аз онҳо маълумотҳо вобаста ба моҳияти кор гирифта мешаванд, сарчашмаи далелҳо мебошанд. Доираи сарчашмаи маълумотҳои воқеӣ тибқи банди 2-и моддаи 72 Кодекси мазкур маҳдуд мебошад, яъне нишондодҳои шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гушкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ, ҳуҷҷатҳои дигар.

Хусусиятҳои сарчашмаи маълумотҳои воқеӣ, ки ба нишондоди шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда вобастаанд, ин шакли шифоҳии хабар доир ба моҳияти кор, мебошад. Хулосаи коршинос, далелҳои шайъӣ, протоколи амалҳои тафтишӣ ва суди ва дигар ҳуҷҷатҳо, далелҳои хаттӣ мебошанд. Далелҳо бо мазмуни мурофиавии ҷиноятӣ дар намуди тайёр, на дар табиат ва на дар ҷамъият, вуҷуд надоранд. Бинобар ин зарур аст, ки дар рафти исбот намудани тарафҳои объективи ва субъективии ҷиноят таҷрибаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ дохил карда, баҳо дода шавад. Маҳз, фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ маълумотҳоро оид ба воқеа ва ҳолати ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, ҳамчун далел эътироф менамояд [50, с.92-101.

**Далелҳои имконпазирӣ бошад,** аз сарчашмаҳои муайянкардашудаи қонун ва дар қонун пешбинишуда ҷамъ оварда мешаванд. Тарзи ҷамъ овардани далелҳо дар намуди умумӣ дар банди 1 моддаи 86 КМҶ ва дигар моддаҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҷамъ овардани далелҳо бо роҳи гузаронидани амали тафтишӣ ва тафтиши судӣ, пешбинӣ карда шудааст, ифода меёбанд [9].

Шартҳои ҳатмии ташаккули далелҳои имконпазирӣ, ин муайян будани сарчашмаи далелҳо мебошад. Маълумотҳои ба кор вобаста буда, ки сарчашмаи дарёфт кардани онҳо муайян нест ва ба талаботи имконпазирӣ ҷавобгӯ нестанд, далел ҳисобида намешаванд. Ҳангоми муайян будани сарчашмаи далел, яъне шахсе, ки ин маълумотро пешниҳод менамояд, он мавриди тафтиш қарор дода мешавад. Риояи талаботи имконпазирӣ дар рафти ҷамъ овардани далелҳо маънои махсусро пайдо менамоянд [16,с.29].

Ба муфаттиш, прокурор ва суд зарур аст, ки ҳатман талаботҳои қонуни мурофиавии ҷиноятиро, ки асос ва тартиби гузаронидани амали тафтишӣ ва судиро ба танзим медарорад, риоя намоянд. Вайрон кардани ин талабот ба ҷамъ овардани далелҳои нораво оварда мерасонад. Ҳамин тавр, пеш аз оғози пурсиш ба шаҳрванд нафаҳмонидани талаботи банди 5 моддаи 12 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди он, ки ҳеҷ кас уҳдадор нест ба муқобили худ, ҳамсар ва хешовандони наздик, новобаста аз вазъи мурофиавии пурсишшаванда нишондод диҳад, ба норавоии (ғайриимконпазирии) нишондод оварда мерасонад, фаҳмонда дода шавад [47, 73-74].

Судҳо бояд барои огоҳ накардани тарҷумон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои нодуруст тарҷума кардан, коршинос барои хулосаи ғалат додан, бо қарор оиди таъин намудани экспертиза, шинос нанамудани айбдоршаванда ва ба онҳо нафаҳмондани ҳуқуқҳояшон, ба айбдоршаванда нафаҳмондани ҳуқуқҳояш оиди раддия изҳор намудан ба тарҷумон, мавҷуд набудани имзои пурсишшавандагон дар ҳар як саҳифаи протоколи пурсиши онҳоро, ҳамчун далел бояд эътироф нанамоянд. Эътироф намудани риояи талаботи имконпазирӣ барои ҷамъ овардани далелҳои босифат, риояи принципи қонуният, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсият, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи адолати судӣ, истифода намудани далелҳои ғайри қобили қабул, ки бар хилофи қонун ҷамъ оварда шудааст, манъ менамояд, ки он дар моддаи 88 прим 1 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Ин талаботи қонун шаҳодати он мебошад, ки далелҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашуда, нораво мебошанд, яъне эътибори ҳуқуқӣ надоранд ва ҳамчун асоси айб ҳисобида намешаванд.Татбиқи талаботи қонун ба мазмун (мансубият) ва шакл (имконпазирӣ)-и далелҳо, ҳангоми ҷамъ овардан, ханӯз то вақти ҳамчун далел эътироф нагардидани маълумотҳо, оғоз меёбад. Масалан, протоколи кофтуков дар он ҳолат далели нораво (ғайриимконпазир) эътироф карда мешавад, ки агар ҳангоми гузаронидани кофтуков иштироки шахс тибқи муқаррароти қонун таъмин карда нашуда бошад, ба ӯ ҳуқуқҳояш, ки дар протокол бояд дарҷ гарданд, фаҳмонда нашуда бошад [9].

Дар таҷриба ҳангоми ба амал баровардани талабот оиди норавоии (ғайриимконпазирӣ) истифодаи далелҳо, ки бо вайрон кардани қонун ба даст оварда шудаанд, дар як қатор ҳолатҳо ба душвориҳо дучор шудан мумкин аст. Ин душвориҳо дар он ҳолат ба амал меоянд, ки агар ғайриимконпазирии як ё якчанд далел, ки дар як қатор бо далелҳои имконпазир меистанд, дар қарорҳои ибтидоӣ ва хотимавӣ мавҷуд буда, фақат дар рафти муҳокимаи суд муайян карда мешаванд. (Қарорҳои ибтидоӣ: ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан, ҷабрдида эътироф намудан ва ғайра. Қарорҳои ҳосилшуда: - хулосаи айбдоркунӣ). Дар чунин ҳолат, хориҷ намудани як ё якчанд далелҳои ғайриимконпазир, ба аз нав баҳо додани далелҳои имконпазир ва оид ба парвандаи ҷиноятӣ қабул намудани қарори дигар бо натиҷаҳои гуногун ба амал меоянд. Мутобиқи қисми 1 моддаи 88-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далел саҳеҳ эътироф карда мешавад, агар дар натиҷаи тафтиш маълум шавад, ки он ба ҳақиқат мувофиқ аст [9].

Ҳамин тариқ саҳеҳ будани далелҳо– ин талаботи ҳуқуқӣ маънои онро дорад,ки маълумот бояд воқеӣ бошад,маълумотҳо бояд санҷидашаванда бошанд, нисбати далелҳо набояд шубҳаҳо ҷой дошта бошанд. Дар сурати мавҷуд будани шубҳаҳои асоснок ҳолати кор ба воситаи далелҳои дигар санҷида мешавад. **Кофӣ (басандагӣ)** будани далел -

унсури муҳимми баҳодиҳӣ ба далелҳо ба ҳисоб меравад.

**Кофигӣ ё худ басанда будани далелҳо маънои онро дорад**, ки бояд муфаттиш ва судя доираи муайяни далелҳоеро ҷамъ оварда бошанд, ки то тавонанд такья ба онҳо самти минбаъдаи кори ҷиноятиро пайгирӣ кунанд. Яъне ин далелҳо барои муқаррар кардани масъалаҳои эътирофи гунаҳгорӣ, эътирофи бегуноҳӣ ва ё таъин кардани ҷазо ва ё таъин накардани ҷазо басанда бошанд [43, с.219].

Пас кофигии далел маҷмӯи далелҳое, ки барои исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят кифоя мебошанд. **Мисол:** оид ба ҷинояти дуздӣ тамоми далелҳои дахлдор ҷамъоварӣ шуда бошанд зарурияти гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ нест. Боз он далелҳое нокифоя ҳисобида мешаванд, ки мухолифи якдигаранд ё ба онҳо бовар кардан ғайриимкон аст (**мисол** нишондоди шоҳиди манфиатдор, баёноти тарафҳо, ки бо дигар маълумотҳо пурра карда нашудаанд ва ғайра)[49, с.84].

Муффатиш ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ бояд доираи он далелҳоеро ҷамъовари кунад, ки барои тартиб додани ҳуҷҷати ниҳоии давраи тафтишоти пешакӣ кофӣ бошанд. Модоме, ки муффатиш боварӣ ҳосил намуд, ки далелҳои ҷамъкардае барои тартиб додани хулосаи айбдори кофианд ё дар ҳол гузаронидани амалиётҳои тафтишотиро анҷом дода ба тартиб додани хулосаи айбдорӣ шурӯъ мекунад [19, с.67]. Кифоя будани далелҳо талаботи ҳуқуқии мазкур бо маҷмӯи далелҳо барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ муайян карда мешавад, агар далелҳои ба парванда мансубиятдошта ва қобили қабуле ҷамъоварӣ шуда бошанд, ки ҳақиқатро оид ба ҳама ва ҳар як ҳолате, ки бояд ба парвандаи мазкур исбот карда шаванд, бе баҳс муайян намоянд [37, с.445].

Ҳар як далел як ҷабҳаи исботшаванда ё якчанд ҷабҳаи исботшавандаро дар бар мегирад. Бинобар ин ҳар як далели ҷамъовардашуда дар алоҳидагӣ ва якҷоягӣ таҳқиқ шуда, вале дар маҷмӯъ баҳо дода мешавад.

Аз гуфтаҳои дар боло дарҷгардида ниҳоят ба хулоса ва пешниҳоде омадан мумкин аст, ки алоқамандии ҳалли масъала дар бораи ба сифати далел вобаста аз иштироки ҳимоятгар ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ дар қонун асоснок карда нашудааст. Чунки он иштироки ҳатмии ҳимоятгарро ҳангоми ҳама пурсишҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда муайян нанамудааст. Зиёда аз он, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бе иштироки ҳимоятгар гузаронидани пурсишро ва дигар амалҳои тафтишӣ ва судиро иҷозат медиҳад. (банди 1 қисми 1 моддаи 51 ва моддаи 52 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз ин бармеояд, ки гирифтани нишондоди айбдоршаванда (гумонбаршуда) ҳангоми пурсиш, ки бе иштироки ҳимоятгар гузаронида шудааст, на ҳамеша шаҳодати вайрон кардани қоидаҳои мурофиавӣ дар рафти гузаронидани ин амали тафтишотӣ мебошад.

Бар хилофи принсипи озодона баҳодиҳии далел мешуд (моддаи 21 қисми 1 ва моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), агар иштирок надоштани ҳимоятгарро дар ҳолатҳои зикргардида ҳамчун ғайриимконпазир будани нишондодҳои айбдоршаванда (гумонбаршуда), агар ӯ онҳоро (нишондодро) дар суд тасдиқ накунад. Инчунин, бо қоидаи озодона баҳодиҳии далел, мулоҳизаи хотимавии қисми 3 моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ нестанд. Ин қисми моддаи тафсиршаванда тақдири далелҳоро зери вобастагӣ аз нишондоди айбдоршаванда, ки пештар дар суд додааст, мегузорад. (моддахои 21, 76 қисми 1 ва м. 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Хулоса оиди сифатнокии нишондоди айбдоршаванда дар он маврид баровардан мумкин аст, ки агар онҳоро бо дигар далелҳо муқоиса намуда, сабабҳои иштирок надоштани ҳимоятгар ҳангоми гузаронидани пурсиши айбдоршаванда (гумонбаршуда), розигии айбдоршаванда ба ин ва озодона баён кардани хоҳишаш муайян карда шавад.

Бо ин роҳ инчунин муайян кардан мумкин аст, ки бе иштироки ҳимоятгар

гузаронидани амали тафтишӣ ва рад намудани ҳимоятгар, маҷбурӣ буд ё бо хоҳиши айбдоршаванда. Ҳамин тариқ, дар ҳолати баррасишаванда беэътибор донистани нишондоди айбдоршаванда (гумонбаршуда) аз эҳтимол дур нест, аммо на дар ҳама ҳолатҳо. Дар ҳар як ҳолати мушаххас, сабабҳои иштирок накардани ҳимоятгар ҳангоми пурсиши айбдоршаванда бояд мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, ба назар гирифтан лозим аст, ки айбдоршаванда (гумонбаршуда) вазифадор нест, ки нишондод диҳад.

Ин танҳо ҳуқуқи ӯст ва онро ҳамчун воситаи додани ахборот, баррасӣ кардан мумкин нест. Чунки он яке аз воситаҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои айбдоршаванда мебошанд. Ҳамзамон, қонун ба ӯ кафолат медиҳад, ки дар ҳама ҳолат интихоби худро дошта бошад, ин ҳуқуқро шахсан ё бо ёрии ҳимоятгар амалӣ гардонад. Айбдоршаванда ҳуқуқ дорад, бе маслиҳат бо ҳимоятгар, талаби пурсишро кунад. Муфаттиш (таҳқиқбаранда) ба ин хоҳиши айбдоршаванда ҳуқуқи рад намуданро надоранд, аммо фаҳмонда медиҳад, ки ҳангоми пурсиш ҳимоятгар ҳуқуқи иштирок кардан дорад.

Айбдоршаванда (гумонбаршуда) ҳимоятгари худро рад накарда, бе иштироки ҳимоятгар мехоҳад нишондод диҳад, дар ин маврид низ хоҳиши ӯ бояд иҷро карда, дар ин хусус дар протокол ҳатман қайд карда мешавад. Ҳангоми беэътибор донистани ин нишондодҳо, онҳо, ҳама амалҳои тафтишӣ ва қарорҳои қабулнамуда бо истифодаи ин далелҳо қувваи ҳуқуқии худро гум мекунанд. Дар натиҷа ҳама маводҳои пешбурди тафтишӣ ва қарорҳои судя оиди таъини муҳокимаи пешакӣ ва таъини маҷлиси судӣ бояд ғайриимконпазир эътироф карда шаванд ва бо ин ҳеҷ рози шудан мумкин нест. Талаб оиди беэътибор донистани далелҳое, ки ғайриконунӣ ба даст оварда шудааст, маънои ба ҳама намуди далелҳо паҳн намудани талаботи имконпазириро дорад. Ҳангоми ҳалли масъала оиди беэътибор донистани далелҳо, суд дар ҳама ҳолат бояд мушаххас вайронкунии қонунро муайян намояд.

Дар мавриди муайян намудани он, ки далел бо вайрон кардани қонун ба даст оварда шудааст, суд бояд қарори худро оиди аз маҷмӯи далелҳо хориҷ кардани онҳо, асоснок карда, вайронкунии қонунро баён намояд.Ҳар як далел бояд аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ будан ва ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда дар маҷмӯъ аз ҷиҳати кифоя будан барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо дода шаванд [43, с. 48]. Мавҷуд будани сарчашмаи маълумоти воқеъӣ, яке аз шартҳои ҷоиз ва боэътимод эътироф гаштани далелҳо ба шумор меравад. Мавҷуд будани сарчашмаи маълумоти воқеӣ имконияти минбаъд санҷидани онро таъмин менамояд. Масалан, нишондоди шахси пурсидашударо бо воситаи рӯбарӯкунӣ мавриди санҷиш қарор додан мумкин аст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар КМҶ ҶТ доир ба ин масъала меъёри махсус, ки ба сарчашмаи далелҳо ишора мекунад, пешбинӣ гаштааст. Лекин дар матни қисмҳои 1, 2 моддаи 72 КМҶ ҶТ мафҳуми бевоситаи сарчашмаи маълумотҳои воқеӣ дида намешавад. Муайян набудани сарчашмаи маълумотхои воқеӣ, далел эътироф карда шудани онҳоро зери шубҳа мемонанд ва бар хилофи талаботи ҷоиз дониста шудани маълумот мебошад. Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, дар қисми 2-уми моддаи 72-и КМҶ ҶТ муқаррароти “Инҳо ҳамчун далел ҳисобида мешаванд” бо муқаррароти “Маълумотҳои воқеъӣ аз сарчашмаҳои зерин гирифта мешаванд” бояд иваз карда шавад. Чунки, мазмуни ин модда ба шарҳи мафҳуми далелҳо бахшида шудааст. Аз ин лиҳоз аз кадом сарчашмаҳо гирифтани шудани онҳоро бояд пешбинӣ намояд. Мантиқан, сарчашмаҳои дар қисми 2-уми моддаи 72-и КМҶ ҶТ нишондодашуда бевосита ба парвандаи ҷиноятӣ далел эътироф шуда наметавонад, ё ин ки далел эътироф кардани онҳо муқаррароти бармаҳал мебошад [46, с.159-160].

Маълумотҳое, ки аз сарчашмаҳои номбаршуда гирифта мешаванд бояд ҷавобгӯи талаботҳои моддаҳои 86-87 КМҶ ҶТ ( дахлдорӣ, ҷоизӣ, саҳеҳӣ ва кофӣ) бошанд [9]. Дар акси ҳол, алокамандии мурофиавии

далелҳо бо исботнамоӣ мазмуни худро гум мекунад, нодуруст фаҳмидани мазмуни муқаррароти "инҳо" ҳамчун далел ҳисобида мешаванд" ба хатогиҳои рафънопазир оварда мерасонад. Аввалин маротиба дар меъёр мафҳуми "баёнот" бо мафҳуми "нишондод" иваз карда шудааст, ки на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад, балки ба баҳсҳои дар амалияи тафтиши пешакӣ ҷой дошта, низ хотима гузоштааст. **Мисол,** дар қонун нишон дода шудани "баёноти айбдоршаванда[10]" ҳамчун сарчашмаи далелҳо, бахсҳои зиёдеро ба вуҷуд меовард. Чунки, гирифтани баёнот, ки амали тафтишотӣ эътироф намешавад, то оғози парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади санҷиши ариза оид ба содир шудани ҷиноят ва муқаррар кардани ҷой доштан ё надоштани аломатҳои ҷиноят, иҷозат дода шудааст.

Аҳамияти ҳуқуқии баёнот дар он зоҳир мегардад, ки баёнот метавонад барои ошкор ва муқаррар кардани аломатҳои ҷиноят мусоидат намояд, ба сифати манбаи асосҳо барои оғози парвандаи ҷиноятӣ эътироф гардад ё барои анҷом додани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ (азназаргузаронӣ, дастгир кардан, кофтукови шахсӣ) ёрӣ расонад, лекин қобилияти кофии исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро надорад. Ҳарчанд баёнот сарчашмаи маълумот бошад, ҳам, лекин сарчашмаи далел нест. Зеро ки шакли мурофиавии гирифтани баёнот ва шакли расмии қайду мустаҳкам кардани онро, қонун пешбинӣ намекунад, Яъне, баёноти шахс то оғози парвандаи ҷиноятӣ дар шакли муқаррарӣ (оддӣ) тартиб дода мешавад, ки нисбати он қонун ягон шартҳоро номбар накардааст [46, с.160]. Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда аз қисми 4 моддаи 44, қисми 1-уми моддаи 312, қисми 3-уми моддаи 369 ва қисми 5-уми моддаи 410 калимаи "баёнот" мувофиқан бо калимаи "нишондод" иваз карда шавад.

**Муқарриз д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.**

## ДОКАЗАТЕЛЬСТВА КАК ОСНОВНОЙ ИСТОЧНИК ДОКАЗЫВАНИЕ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

***Ключевые слова:*** уголовный процесс; доказательства; источник доказательства; доказывание; предмет доказывания.

***Аннотация:*** В данной статье анализируются теоретические, практические и законодательные вопросы доказывания как основного источника доказательств в уголовном процессе с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых, анализа отечественного процессуального законодательства и сравнительно-правового анализа правовых актов некоторых стран СНГ. Указывалось, что доказательство всегда представляет собой единство содержания объективной (состояния и события) и субъективной (отражение организации определенного субъекта) сторон. Реальность содержания доказательств в связи с положением дел определяется в ходе предварительного следствия. Источником субъективной формы доказательств является лицо (субъект), от которого получены сведения служебного характера.

***Ходжаева Наргис Баладжоновна -*** старший преподователь кафедры судебного право и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: somon_010@mail.ru, Тел.: (+992)918-65-82-88.

## EVIDENCE AS THE MAIN SOURCE OF EVIDENCE IN CRIMINAL PROCEEDINGS

***Key words:*** ckeminal proceec; proof; souces of proof; fvidence proof; subject of proof.

***Annotation:*** In this article, the theoretical, practical and legislative issues of evidence as the main source of evidence in criminal proceedings are analyzed, taking into account the opinions of domestic and foreign scientists, the analysis of domestic procedural legislation and the comparative legal analysis of legal acts of some CIS countries. It has been mentioned that evidence always

represents the unity of the content of the objective (state and event) and subjective (reflection of the organization of a certain subject) sides. The reality of the content of the evidence in connection with the state of affairs is determined during the preliminary investigation. The source of the subjective form of evidence is a person (subject), from whom work-related information is obtained.

***Khojaeva Nargis Balajonovna*** **-** Tajik National University, senior Iecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutors Supervision of the Faculty of Law. E-mail: somon_010@mail.ru, Тел.: (+992)918-65-82-88.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Абдуллоев П.С. Далелҳо ва Исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. - Душанбе «ЭР-граф», 2019. – С. 252.
2. Абдуллозода Н. Сухани ифтитоҳӣ дар Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Конститутсияи ҶТ дар мавзуи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо. 16 майи 2014 сол // Қонуният. (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). -. №5 2014 сол (нашрияи махсус). – С.14-16.
3. Арсенев В.Д. Саволҳои назарияи умумии далелҳои судӣ. М., 1964. С. 104; Бризитский А., Зажитский В. Аҳамиятнокӣ ва эътимоднокии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ // Адлияи шӯравӣ. соли 1982. № 3. С.6; Карнеева Л.М. Далелҳо дар мурофиаи чиноятии советй. Волгоград, 1988. С.46; Громов Н.А. Мурофиаи ҷиноӣ дар Русия: Китоби дарсӣ. М., 1998. С.148.
4. Белкин А.Р. Назарияи исботнамоӣ. М., 1999. С. 183-185.
5. Громов Н.А., Зайтсева С.А. Баҳогузории далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ. М., 2002. С.64.
6. Зажитский В. Дар бораи қобили қабул будани далелҳо / / Российская юстиция. 1999. №3. С. 26.
7. Зайтсева С.А., Громов Н.А., Пономаренко В.А. Эътимоднокӣ ва эҳтимолияти далелҳо. // Следователь. 1999. № 7. С. 13.
8. Искандаров З.Х. «Нақши Конститутсия дар инкишофи ҳуқуқи судӣ // Нақши Коститутсия дар инкишофи соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конфронси илмӣ-назарияаӣ бахшида ба 17-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).Душанбе: Эксклюзив, 2012.-С.15.
9. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 таҳти № 564.
10. Кодекси протсессуалии ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 1961. (бо тағйироту иловаҳо то 1 марти соли 1984). Қисми 2 моддаи 62.
11. Кокорев Л.Д., Кузнетсов Н.П. Мурофиаи ҷиноятӣ: далелҳо ва исбот. Воронеж, 1995. С.121-123.
12. Клейман Л.В. Муқаррар намудани аҳамияти далелҳо дар тафтишоти ҷиноятҳо: автореферати рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Омск, 2001. СП.
13. Костенко Р.В. Далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ: равишҳои консепсуалӣ ва дурнамои танзими ҳуқуқӣ: автореферати рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – СПБ.,2006 – С.27.
14. К.Ф.Гутсенко Китоби дарсӣ «Мурофиаи ҷиноятӣ» Москва 1998. С.142
15. Кореневский Ю.В. Далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ (қонун, назария, амалия) / Далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ: анъанаҳо ва замонавӣ / Зкри таҳрири В.А. Власихина. М, 2000. С.109-143;
16. Карпеева Л. Коркарди консепсияхои асосии назарияи далелҳо дар протсесси ҷиноятии советӣ // Соц. законность. 1978. № 2. С.29.
17. Карякин Е., Миронов В. Оид ба масъалаи робитаи эътимоднокӣ ва дигар хосиятҳои далелҳо // Уголовное право. 2004. № 3. С.85-86.

18. Ларин А.М. Тафтишоти ҷиноятӣ: вазифаҳои мурофиавӣ.-М.,1996.-С..91.

19. Лупинская П.А Китоби дарсӣ «Мурофиаи ҷиноятӣ». Москва 2001. С.67.

20. Ляхов Ю.А. Қобилияти далелҳо дар мурофиаи ҷиноятии Русия. М., 1999. С.3.

21. Орлов Ю.К. Асосҳои назарияи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ. Дастури илмӣ ва амалӣ. М., 2000. С.80-81.

22. Резник Г.М. Эътиқоди ботинӣ ҳангоми арзёбии далелҳо. М., 1977. С.7.

Многие государства, которые формально признали общепризнанные принципы и нормы международного права частью своего национального законодательства, на практике тщательно защищают своё внутреннее право от влияния норм современного международного права. В отношении иных норм, устанавливаемых международными договорами, речь идёт исключительно о ратифицированных международных соглашениях. Это положение прямо закреплено в Законе РТ «О международных договорах Республики Таджикистан» от 23 июля 2016 года и Законом РТ «О нормативных правовых актам» от 30 мая 2017 года.

Если для имплементации международного договора требуется принятие новых норм национального права, изменение или отмена существующих, то именно эти национальные нормы будут действовать на территории государства, а не положения самого международного договора. Упрощённый подход, предполагающий, что международные договоры могут действовать на территории государства без каких-либо условий, приводит к тому, что их нормы начинают толковаться и применяться не на основе принципов и в контексте международного права, а через призму национального законодательства, что может существенно исказить их первоначальный смысл.

Таким образом, имплементация выступает как эффективный механизм, направленный на гармонизацию норм международного права и национального законодательства, что особенно важно в условиях современного процесса глобализации. Также актуальным остается решение вопроса прямого действия и автоматического применения международных норм в правовой системе Таджикистана.

**Рецензент: д.ю.н., профессор Раджабов С.А.**

## ОИД БА МАСЪАЛАИ ИМПЛЕМЕНТАТСИЯИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** ҳуқуқи байналмилалии экологӣ; ҳамкорӣ; имплементатсия (татбиқ); конвенсияҳо; уҳдадориҳои байналмилалӣ; қонунгузории миллӣ; низоми ҳуқуқӣ.

***Аннотатсия:*** Аз охири асри 20 инсоният таъсири зараровари фаъолияти худро ба муҳити зист дарк намуд ва кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳияи стандартҳои экологӣ равона карда шуданд. Имрӯзҳо конвенсияҳо ва санадҳои байналмилалӣ фаъолона қабул карда мешаванд, ки асоси ҳамкории давлатҳоро дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро муайян мекунанд. Ҳуқуқи байналмилалии экологӣ заминаи ҳуқуқии таҳияи сиёсати миллии экологиро фароҳам меорад. Давлат наметавонад қонуни дохилиро барои асоснок кардани риоя накардани ӯҳдадориҳои худ дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ (ҷаҳонӣ ва минтақавӣ) истифода барад. Давлатҳо вазифадоранд, ки баъд аз тасвиби санади ҳуқуқии байналмилалӣ қонунҳоро қабул кунанд ё ба қонунҳо тағйирот ворид намоянд. Дар аксари мавридҳо барои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи қонунгузории дохилӣ давлатҳо қонунҳои миллиро қабул мекунанд ё ба қонунҳои мавҷуда тағйирот ворид мекунанд.

***Раҳмонзода Шерали Қурбонали*** – унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Email: sherali.rk@gmail.com , Тел.:(+992) 989-07-00-07.

## ON THE ISSUE OF IMPLEMENTATION OF THE NORMS OF INTERNATIONAL ENVIRONEMENTAL LAW IN THE NATIONAL LEGISLATION OF TAJIKISTAN

***Key words:*** international environmental law; implementation; convention; international obligations; national legislation; legal system.

***Annotation:*** Since the end of the 20th century, humanity has realized the harmful impact of its activities on the environment, and the efforts of the international community have begun to focus on developing environmental standards. Today, international conventions and recommendatory acts are actively adopted, defining the basis for cooperation between states in the field of protecting natural objects, habitats and limiting anthropogenic activities. International environmental law is the legal basis for developing national environmental policies. A state cannot use domestic law to justify non-compliance with its obligations under international law (global and regional). States are obliged to change and adopt relevant laws and measures after ratifying an international legal instrument. In most cases, to implement international law at the domestic level, states adopt national laws or change existing ones.

***Rahmonzoda Sherali Qurbonali*** – aplicant of the Department of International Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law of the National Academy of Sciences of the Tajikistan. Email: sherali.rk@gmail.com , Тел.:(+992) 989-07-00-07.

**Список литературы:**

1. Алексеев С. С. Общая теория права. Т.1. М.: Юрид. лит., 1981. – 360 с.
2. Ануфриева Л.П. Соотношение международного пу¬бличного и международного частного права: правовые категории. М.: Спарк, 2002. – 416 с.
3. Барциц И.Н. Международное право и правовая система России // Журнал российского права. 2001. № 2. С. 61–70.
4. Бекяшев К. А, Ануфриева Л. П., Устинов В. В. Международное публичное право : учеб. – 4-е изд., перераб. и доп. – М., 2005. – 847 с.
5. Белянская О.В., Пугина О.А. Условия имплементации международно-правовых норм а российское законодательство // Право и политика. 2005. № 8. С. 104-110.
6. Гаврилов В.В. Теория трансформации и имплементации норм международного права в отечественной правовой доктрине // Московский журнал международного права. 2001. № 2. С.39-61.
7. Декларации о государственном суверенитете Таджикистана.
8. Дмитриева Г. К. Мораль и международное право. М.: Международ. отношения, 1991. 166 с.
9. Dictionary of English Language. N.Y., 1968. – 2059 p.
10. Закон Республики Таджикистан «о международных договорах республики таджикистан от 23 июля 2016 года, № 1326 « https://ncz.tj/system/files/Legislation/1326ru.pdf.
11. Зимненко Б.Л. Согласование норм внутригосударственного и международного права в правовой системе Росии // Московский журнал международного права. 2000. № 4. С. 94-103.
12. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994. С изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999, 22 июня 2003 и от 22 мая 2016 гг. [Текст]. – Душанбе: «Нашриёти Ганч», 2016. – 132 с.
13. Kelsen H. Principles of International Law. N.Y., 1967. – 177 p.
14. Конвенция между Правительством Союза Советских Социалистических Республик и Правительством Японии об охране перелётных птиц и птиц, находящихся под угрозой исчезновения, и среды их обитания, 10 октября 1973 года // Ведомости ВС СССР. – 15 февраля 1989 г. – № 7. – Ст. 49.
15. Левин Д Б Актуальные проблемы теории международного права. М , 1974. – 264 с.

16. Международное право: Учебник для студ. вузов, обуч. по спец. и напр. «Юриспруденция» [Электронный ресурс] / Г.В. Игнатенко, О.И. Тиунов, В.Я. Суворова и др.; отв. ред. Г.В. Игнатенко, О.И. Тиунов. – М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА, 1999. – Режим доступа: http://www.bibliotekar.ru/mezhdunarodnoe-pravo-2

17. Мировой океан и международное право: Защита и сохранение морской среды / [авт. коллектив: А. П. Мовчан, С. В. Виноградов, С. П. Головатый и др.]. – М.: Наука, 1990. – 248 с.

18. Марченко М.Н., Теория государства и права: учебник. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Проспект, 2017. – 715 с.

19. Международное право. В 2 т. Т. 1: учебник для академического бакалавриата / под ред. А.Н. Вылегжанина. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2015 – 290 с.

20. Гавердовский А.С. Имплементация норм международного права. Киев. 1980. – 320 с.

21. Webster's Third New International Dictionary/ Cambr. (Mass), 1966. – 2764 Pages.

22. Юридический энциклопедический словарь. – М.: ИНФРА, 1996. – 384 с.

23. Батырь В.А. Актуальные проблемы имплементации норм МГП в законодательстве Российской Федерации // Московский журнал международного права. Специальный выпуск, 1999. – С.159-178.

24. Раджабов С.А. Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан. – Душанбе, «Деваштич», 2007. – 376 с.

25. Словарь международного права / М. М. Аваков и др./ - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Международные отношения, 1986. – 432 с.

26. Суворова В.Я. Реализация норм международного права. Текст лекции / В.Я. Суворова. – Екатеринбург: Изд-во Свердл. юрид. ин-та, 1992. – 44 с.

27. Усенко Е. Т. Соотношение и взаимодействие международного и национального права и Российская Конституция // Московский журнал международного права. 1995. № 2. С. 13-28.

28. Черниченко С.В. Личность и международное право. – М.: Международные отношения, 1974. – 166 с.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Алексеев С.С.Назарияи умумии ҳуқуқ. Т.1. М.: Адабиёти ҳуқуқӣ, 1981. – 360 с.

2. Ануфриева Л.П. Муносибати байни ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ ва хусусии байналмилалӣ: категорияҳои ҳуқуқӣ. М.: Шарора, 2002. – 416 с.

3. Барситс И.Н. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва системаи ҳуқуқии Русия // Маҷаллаи ҳуқуқи Русия. 2001. № 2. С. 61–70.

4. Бекяшев К.А., Ануфриева Л.П., Устинов В.В. Ҳуқуқи ҷамъиятии байналмилалӣ: китоби дарсӣ. – нашри 4, аз нав дида баромада. ва иловагӣ – М., 2005. – 847 с.

5. Белянская О.В., Пугина О.А. Шартҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории Русия // Ҳуқуқ ва сиёсат. 2005. № 8. С. 104-110.

6. Гаврилов В.В. Назарияи тағйирот ва татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар доктринаи ҳуқуқии дохилӣ // Маҷаллаи ҳуқуқи байналмилалии Москва. 2001. № 2. С.39-61.

7. Эъломияи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон.

8. Дмитриева Г.К. Ахлоқ ва ҳуқуқи байналмилалӣ. М.: байналхалқӣ. муносибатҳо, 1991. 166 с.

9. Луғати забони англисӣ. Н.Ю., 1968. – 2059 с.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1326» https://ncz.tj/system/files/Legislation/1326ru.pdf.

11. Зимненко Б.Л. Ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқи дохилӣ ва байналмилалӣ дар системаи ҳуқуқии Русия // Маҷаллаи ҳуқуқи байналмилалии Москва. 2000. № 4. С. 94-103.

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Матн]. – Душанбе: «Нашриёти ганч», 2016. – 132 с.
13. Келсен Н. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ. Н.Ю., 1967. – 177 с.
14. Созишномаи байни Хукумати Иттифоки Республикахои Советии Социалистй ва Хукумати Япония дар бораи мухофизати паррандахои мухочир ва дар зери хавфи нобудшавй ва махалхои зисти онхо, 10 октябри соли 1973 // Газетаи Куввахои Мусаллаҳи СССР. — 15 феврали соли 1989 — № 7. — Мод. 49.
15. Левин Д.Б. Проблемаҳои актуалии назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ. М, 1974. – 264 с.
16. Ҳуқуқи байналмилалӣ: Китоби дарсӣ барои донишҷӯён. донишкадахои олй, маориф мувофики махсус ва масалан. «Ҳуқуқшиносӣ» [Манбаи электронӣ] / Г.В. Игнатенко, О. Тиунов, В.Я. Суворова ва дигарон; респ. ред. Г.В. Игнатенко, О. Тиунов. – М.: Гурӯҳи нашри NORMA-INFRA, 1999. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.bibliotekar.ru/mezhdunarodnoe-pravo-2
17. Укёнуси ҷаҳонӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ: Ҳифз ва ҳифзи муҳити баҳр / [ред. даста: А.П.Мовчан, С.В.Виноградов, С.П.Головаты ва дигарон]. – М.: Наука, 1990. – 248 с.
18. Марченко М.Н., Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – нашри 2, аз нав дида баромада. ва иловагй – Москва: Проспект, 2017. – 715 с.
19. Ҳуқуқи байналмилалӣ. Дар 2 ҷилди Т. 1: китоби дарсӣ барои бакалавриат / ред. А.Н. Вылегжанина. – нашри 3, аз нав дида баромада. ва иловагй – М.: Нашриёти «Юрайт», 2015 – 290 с.
20. Гавердовский А.С. Татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ. Киев. 1980. – 320 с.
21. Луғати сеюми нави байналмилалии Вебстер/ Cambr. (Масма), 1966. – 2764 Саҳифа.
22. Луғати энсиклопедии ҳуқуқӣ. – М.: ИНФРА, 1996. – 384 с.
23. Батир В.А. Проблемаҳои ҷории татбиқи меъёрҳои IHL дар қонунгузории Федератсияи Русия // Маҷаллаи ҳуқуқи байналмилалии Москва. Шумораи махсус, 1999. – с.159-178.
24. Раҷабов С.А. Ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, «Деваштич», 2007. – 376 с.
25. Луғати ҳуқуқи байналмилалӣ / М. М. Аваков ва дигарон / - нашри 2, таҳрир. ва иловагй – М.: Муносибатҳои байналмилалӣ, 1986. – 432 с.
26. Суворова В.Я. Татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ. Матни лекция / В.Я. Суворов. – Екатеринбург: Нашриёти Свердл. қонунӣ Донишкада, 1992. – 44 с.
27. Усенко Е. Т. Муносибат ва ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ ва Конститутсияи Русия // Маҷаллаи ҳуқуқи байналмилалии Москва. 1995. No 2. Сах. 13-28.
28. Черниченко С.В. Шахсият ва ҳуқуқи байналмилалӣ. – М.: Муносибатҳои байналмилалӣ, 1974. – 166 с.

**List of literature:**

1. Alekseev S. S. General Theory of Law. Vol. 1. Moscow: Yurid. lit., 1981. - 360 c.
2. Anufrieva L.P. Correlation of international public and private international law: legal categories. Moscow: Spark, 2002. - 416 c.
3. Bartsits I.N. International law and legal system of Russia // Journal of Russian Law. 2001. № 2. C. 61-70.
4. Bekyashev K. A., Anufrieva L. P., Ustinov V.V. Public International Law : textbook - 4th ed., revision and addendum - M., 2005. - 847 c.
5. Belyanskaya O.V., Pugina O.A.. Conditions of implementation of international legal norms into the Russian legislation // Law and Politics. 2005. № 8. C. 104-110.
6. Gavrilov V.V. Theory of transformation and implementation of international law norms in the domestic legal doctrine // Moscow Journal of International Law. 2001. № 2. C.39-61.
7. Declaration on State Sovereignty of Tajikistan.

8. Dmitrieva G. K. Morality and International Law. Moscow: International Relations, 1991. 166 c.
9. Dictionary of English Language. N.Y., 1968. - 2059 p.
10. Law of the Republic of Tajikistan 'On International Treaties of the Republic of Tajikistan of 23 July 2016, No. 1326 ' https://ncz.tj/system/files/Legislation/1326ru.pdf.
11. Zimnenko B.L. Harmonisation of norms of domestic and international law in the legal system of Russia // Moscow Journal of International Law. 2000. № 4. C. 94-103.
12. Constitution of the Republic of Tajikistan dated 6 November 1994. With amendments and additions of 26 September 1999, 22 June 2003 and 22 May 2016. [Text]. - Dushanbe: 'Nashriyoti Ganch', 2016. - 132 c.
13. Kelsen N. Principles of International Law. N.Y., 1967. - 177 p.
14. Convention between the Government of the Union of Soviet Socialist Republics and the Government of Japan for the Protection of Migratory and Endangered Birds and their Habitat, 10 October 1973 // Vedomosti VS USSR. - 15 February 1989 - № 7. - Art. 49.
15. Levin D B Actual problems of the theory of international law. M , 1974. - 264 c.
16. International Law: Textbook for students of universities, studying on specialities and specialities. 'Jurisprudence' [Electronic resource] / G.V. Ignatenko, O.I. Tiunov, V.Y. Suvorova et al; ed. by G.V. Ignatenko, O.I. Tiunov. - Moscow: NORMA-INFRA Publishing Group, 1999. - Access mode: http://www.bibliotekar.ru/mezhdunarodnoe-pravo-2
17. World Ocean and International Law: Protection and Preservation of the Marine Environment / [author's collective: A. P. Movchan, S. V. Vinogradov, S. P. Golovaty, et al]. - Moscow: Nauka, 1990. - 248 c.
18. Marchenko M.N., Theory of state and law: textbook. - 2nd ed., revision and addendum - Moscow: Prospect, 2017. - 715 c.
19. International law. In 2 vol. T. 1: textbook for academic bachelor / ed. by A.N. Vylegzhanin. - 3rd ed., revision and addendum - M.: Yurait Publishing House, 2015 - 290 p.
20. Haverdovskiy A.S. Implementation of the norms of international law. Kiev. 1980. - 320 c.
21. Webster's Third New International Dictionary/ Cambr. (Mass), 1966. - 2764 Pages.
22. Legal Encyclopaedic Dictionary. - M.: INFRA, 1996. - 384 c.
23. Batyr V.A. Actual problems of implementation of IHL norms in the legislation of the Russian Federation // Moscow Journal of International Law. Special Issue, 1999. - C.159-178.
24. Rajabov S.A. International humanitarian law in the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 'Devashtich', 2007. - 376 c.
25. Dictionary of International Law / M. M. Avakov et al. - 2nd edition, revision and addendum - M.: International Relations, 1986. - 432 c.
26. Suvorova V.Ya. Realisation of the norms of international law. Text of lectures / V.Y. Suvorova. - Yekaterinburg: Izd-vo Sverdl. juridical institute, 1992. - 44 c.
27. Usenko E.T. Correlation and interaction of international and national law and the Russian Constitution // Moscow Journal of International Law. 1995. № 2. C. 13-28.
28. Chernichenko S.V. Personality and International Law. - Moscow: International Relations, 1974. - 166 c.

## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ
## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ
## 12.00.12 – CRIMINALISTICS; FORENSIC ACTIVITIES; OPERATIONAL SEARCH ACTIVITIES



**ТДУ: 421.9**

**Аҳтамшозода Саидмуҳаммад Аҳтамшо,**
*муовини сардори шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, унвонҷӯи кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: Saidjon75.75@mail.ru*
*Тел.:(+992) 939-22-51-61.*

# НАҚШИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

***Калидвожаҳо***: санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; низоми қонунгузорӣ; салоҳияти он; санадҳои якҷояи мақомоти оперативӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ..

***Аннотатсия:*** Мақола ба нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар инкишофи қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Қонунгузории ин самти фаъолият дар шароити ҷомеаи муосир бо муҳит ва шароитҳое, ки ӯ бояд дар он фаъолият намояд, инчунин вазифаҳое, ки бояд дар ояндаи наздик ҳал кунад, муайян карда мешавад. Ба андешаи муаллиф, ташаккули нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷумла аз худ намудани арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳимтарини субъектони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҳсуб меёбад.

Муҳити созгори нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар мавриде ташаккул меёбад, ки агар миёни тамоми сохторҳои мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ байналмилалӣ, аз ҷумла ташаббускорон ва субъектҳои он робитаву муносибатҳои муайян роҳандозӣ шавад ва раванди татбиқи ҳадафу вазифаҳои рушди он муайян гардад. Муаллиф нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба таври васеъ, ҳамчун маҷмуи шароитҳои гуногун, ки ба тамоми субъектҳои оперативӣ таъсир расонида, боиси тағйироти сифатию шуморавӣ ва рушди бардавому устувори фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мегардад, арзёбӣ намудааст.

Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории Тоҷикистон саҳифаи навро боз намуд. Маҳз бо шарофати ин Иҷлосия рукнҳои давлатдорӣ барқарор карда шуда, фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуд. Бо қабул гандидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994), барои эътироф намудани як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ заминаи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон имконият пайдо шуд.

Истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овард, ки ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ худро муаррифӣ намояд ва узви Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва беш аз 50 созмонҳои байналмилалию минтақавӣ пазируфта шавад [1].

Марҳилаҳои муосири инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ алоқамандии зич ва таъсирбахшии мутақобилаи ҳамкориҳоро дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо менамояд.

Зеро, маҳз дар ҳамбастагӣ ва ҳамкории муштарак инсоният дар ҳалли масъалаҳои мураккабу мубрам қодир буда метавонад. Аз чунин мавқеъ сиёсати хориҷӣ ин роҳу самтҳои муайянкардаи давлат дар фаъолияти байналмилалӣ мебошад, ки ин муносибатҳоро бо дигар давлатҳо вобаста ба принсип ва манфиатҳои худ ба воситаи шакл ва усулҳои гуногун ба амал мебарорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлолияти давлатии худ давраҳои гуногунро аз сар гузаронида, имрӯз ба як кишвари бо маънои том узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътироф намудани як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба танзим даровардани низоми ҳуқуқии кишвар низ мавриди назар қарор дода шуд. Яке аз ин самтҳо, ки танзимдарории ҳуқуқӣ ва мутобиқат бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро тақоза менамояд, ин қонунгузории самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шумор меравад.

Низоми қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки онҳо меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳоро дар раванди амалисозии вазифаҳои сиёсати давлат масъалаи ба таври ошкоро ё ғайриошкоро ва ҳаматарафа ба танзим даровардани ҷамбаҳои гуногуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади такмили асосҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба танзим медароранд.

Яке аз дастовардҳои бузурги Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ин ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати «Дарҳои кушода» ташкил медиҳад, ба шумор меравад, ки бо шарофати чунин сиёсати хориҷӣ, Тоҷикистон марҳила ба марҳила дар арсаи байналмилалӣ мавқеи шоистаи худро пайдо намуда, муносибат ва ҳамкориҳои гуногунро бо кишварҳои дунё, созмон, ниҳ -одҳои байналмилаливу минтақавӣ ба роҳ мондааст.

Раҳимзода Рамазон Ҳамро Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ, генерал полковники милитсия андеша меронад, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро, ҳамчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон меноманд, ташкил медиҳанд [2].

Ин низом гурӯҳҳои зерини санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро мегирад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва қонунҳои дигари ин соҳа.

Санадҳои зерқонуние, ки меъёрҳои қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар бар мегиранд ва онҳо дар навбати худ ба чор зергурӯҳ ҷудо мешаванд:

- Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Санадҳои якҷояи мақомоти оперативӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ;
- Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар мақолаи мазкур муаллиф таваҷҷуҳ бар он менамояд, ки дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равияи ягона ба таснифоти меъёрҳо ва шартномаҳои марбут ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ин фаъолият, ки дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» матраҳ шудаанд, андешаи худро баён намояд.

Истилоҳи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 мавриди корбурд қарор гарифт. Ин истилоҳ баъдан дар шаклҳои мухталиф дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор

бурда мешавад. Аввалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораҳои «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» (сархати 3, 4 м. 10, сархати 1, м. 14), «Шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон» ва «Шартномаҳои байнидавлатии Тоҷикистон» (м. 15), «Уҳдадориҳои байналмилалӣ» (м. 55), «Шартномаи байналмилалӣ» (мм. 57, 64, 69), мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23-июли соли 2016, № 1326 истилоҳи «Санади меъёри ҳуқуқӣ» ва «Шартномаи байналмилалӣ» ҳамчун мафҳумҳои муродиф истифода гардидаанд. Ин ҳолат ба он оварда расонидааст, ки фаҳмиши ягонаи истилоҳи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дар илм то кунун вуҷуд надорад.

Миёни муҳаққиқон низ мавқеъ ва фаҳму дарки ягона нисбат ба мафҳуми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба мушоҳида намерасад. Таҳлили афкору ақидаҳои гуногун ҳаминро тақозо менамоянд, ки зери категорияи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» шартномаҳои байналмилалии дуҷониба, бисёрҷониба, минтақавӣ ва универсалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, яъне имзо шуда ва расман интишор шудаанд, фаҳмидан лозим аст.

Шартномаҳои байналмилалиро ҳаргиз берун аз доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баррасӣ намудан мумкин нест, зеро шартномаи байналмилалӣ санади ҳуқуқии байналмилалист, аммо на ҳама санади ҳуқуқии байналмилалӣ шартномаи байналмилалӣ шуда метавонанд. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, аз нигоҳи қувваи ҳуқуқӣ баъд аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меистанд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъд аз Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, мавқеъ доранд. Онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба таркиби санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти мушаххас оид ба он ки кадом шартномаи байналмилалӣ, ки онро Тоҷикистон эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқиро ташкил мекунад ва дар кадом нашрия чоп мешавад, вуҷуд надорад. Шартномаҳои байналмилалии байнидавлатӣ, байниҳукумати ва байниидоравӣ мафҳуми шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода мекунанд [4, с. 6 ].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мухолифат кардани қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, ба амалӣ меъёрҳои санади ҳуқуқии байналмилалӣ бартарӣ додааст.

Дар ҳолати мазкур таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро на дар чорчӯбаи консепсияҳои монистӣ (афзалияти як низоми ҳуқуқӣ аз болои дигараш) ва дуалистӣ (мустақилияти ҳарду низомҳои ҳуқуқӣ, ки равобити байниҳамдигарӣ доранд), балки бо назардошти назарияи диалектикаи дуализм - ду низоми ҳуқуқӣ, ки робитаҳои байниҳамдигарӣ доранд, баррасӣ бояд кард [5].

Дар ҳолатҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқсозии (имплементатсияи) меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст ва дар сатҳи дохилидавлатӣ ба қувваи қонунӣ даромадааст, аз ҷониби мақомоти меъёрэҷодкунанда (ашхоси мансабдор) санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешавад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба иҷроиши уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон равона шуда, онҳоро санадҳои ҳуқуқии байналмиллии Тоҷикистон эътарофнамуда пешбинӣ намудаанд, дар ҳолатҳое қабул карда мешаванд, ки агар:

- мавзуи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, масъалаҳое мебошанд, ки ба соҳаи

танзими қонунгузорӣ (меъёрӣ) мансубият дошта, аммо аз ҷониби санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон ба танзим надароварда шуда бошанд, ё ин ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, мухолифат кунанд;

- иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалие, ки тибқи санади ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, бидуни қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор имконнопазир бошад;

- агар миёни иштирокдорони шартномаи байналмилалӣ оид ба қабули санадҳои дахлдори миллии меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқат ҳосил шуда бошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 10) ва қонунҳои ҷумҳурӣ мафҳуми «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» тавре зикр шудааст, ки ба ҳайати онҳо танҳо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар як тараф мемонанд.

Дар системаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шартномаҳои байналмилалӣ, одатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, қарорҳои конфронсҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва сарчашмаҳои кумакрасон - қонунгузории миллӣ, қарорҳои судҳои байналмилалӣ ва миллӣ, назарияҳои ҳуқуқшиносони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ фаро гирифта шудаанд.

Табиист, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ наметавонанд ин ҳама сарчашмаҳоро фаро гирифта бошанд. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро бе назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баррасӣ кардан имкон надорад, зеро онҳо асос барои сарфи назар шудани қувваи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба шумор мераванд. Асоси ҳуқуқии санади эътирофи давлат инчунин одати ҳуқуқии байналмилалӣ - яке аз навъҳои санади ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Ба шумори санадҳои якҷонибаи ҳуқуқии байналмилалӣ кодификатсия, санади эътироф, санади эътироз ва санади инкор дохил мешаванд.

Се шарти эътирофи бекор гардидани амали ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби як тараф вуҷуд дорад:

1) санад иродаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро ифода кунад;

2) санад аз ҷониби мақоми ваколатдори субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ қабул шуда бошад;

3) санад аз нуқтаи назари мундариҷа ва табиати ҳуқуқӣ набояд ба меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ихтилоф дошта бошад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки иштирокчии он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба се гурӯҳ: шартномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ҷудо карда мешаванд. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шартномаҳои зерини байнидавлатӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври фаъол иштирок мекунад.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байнидавлатӣ конвенсияҳо, шартнома, созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни давлатҳо дохил мешаванд. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии ба имзо расонидаи Созмони Милали Муттаҳид, ба мисли:

- Конвенсияи СММ дар бораи мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 20 декабри с. 1988;

- Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри с.2000;

- Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо ғасби гаравгон аз 18 декабри с. 1979;

- Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия аз 31 октябри с.2003;

- Конвенсияи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятии давлатҳо-аъзоёни ИДМ аз 07 октябри 2002. (ш.Кишинёв);

- Шартнома дар бораи ҳамкории давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

дар бораи мубориза бар зидди терроризм аз 4 июни с. 1999 (ш.Минск);

- Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон аз 10 декабри с.2010».

Дар ин санадҳо масъалаҳои гуногун дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баррасӣ гардидаанд [6, с. 147].

Ҷолиби диққат аст, ки асосҳои ҳуқуқии байнидавлатии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ доимо инкишоф ёфта истодааст. Масалан, 22 феврали соли 2017 таҳти № 15-ФЗ, "Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои муштараки тафтишӣ-оперативӣ дар ҳудуди давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил" қабул гардид.

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниҳукуматӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дохил мешаванд, ба мисли:

- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсуси ноҳияҳои наздисарҳадӣ аз 6 майи с. 1998 (ш. Бишкек);

- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизми сиёсӣ, динӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 26 майи с. 1999 (ш.Хуҷанд);

- Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи иктисодиёт аз 12 апрели с. 1996 (ш.Москва), ки аз ҷониби роҳбарони ҳукуматҳои давлатҳо-аъзоёни ИДМ ба имзо расидааст;

- Низомномаи тартиби ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои якҷояи зиддитеррористӣ дар ҳудуди давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (бо қарори Шурои Сарони ҳукуматҳои давлатҳо-аъзоёни ИДМ тасдиқ шудааст, с.2002) ва ғайра.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни вазоратҳои дахлдори давлатҳо дохил мешаванд, ба мисли:

- Созишномаи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ дар соҳаи ҳамроҳӣ намудани (гуселонидани) фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз 18 декабри с. 1998 (ш.Москва);

- Созишномаи байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумхурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 04 феврали с. 1998 (ш.Душанбе);

- Дастурамал оид ба тартиби ягонаи амалӣ намудани ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон, ки аз ҷониби Шурои вазирони корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ тасдиқ шудааст (с.2002);

- Қарори Шурои вазирони корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ «Дар бораи тартиби ягонаи амалӣ намудани ҷустуҷӯи байнидавлатии шахс» (с.2002);

- Ёддошти тафоҳуми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия дар мубориза бар зидди терроризм, дигар «зуҳуроти экстремизм ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз 15 ноябри с.2002 (ш. Душанбе) ва м.и.

Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки номбар гардидаанд, системаи ягонаи муносибатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро таъмин намуда, дар робита бо масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қарор доранд [7].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар татбиқи як силсила шартномаҳои байниидоравӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фаъолона иштирок менамояд. Шартномаҳи байниидоравӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ номҳои гуногун доранд:

- Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва кумаки тарафайн дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- Созишномаи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ дар соҳаи ҳамроҳӣ намудани (гуселонидани) фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- Созишномаи воҳидоти оперативӣ-кофтуковӣ (разведкаи оперативӣ);

- Созишнома дар бораи ҳамкориҳо дар самти роҳбаладии махсуси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва м.и.

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаҳои сершумори бастани созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо аз рӯи масъалаҳои гуногуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вуҷуд доранд, ба мисли:

- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсуси ноҳияҳои наздисарҳадӣ аз 6 майи с. 1998 (ш. Бишкек);

- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизми сиёсӣ, динӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 26 майи соли 1999 (ш. Хуҷанд);

- Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт аз 12 апрели соли 1996 (ш. Москва), ки аз ҷониби роҳбарони ҳукуматҳои давлатҳо-аъзоёни ИДМ ба имзо расидааст;

- Низомномаи тартиби ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои якҷояи зиддитеррористӣ дар ҳудуди давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (бо қарори Шурои Сарони ҳукуматҳои давлатҳо-аъзоёни ИДМ тасдиқ шудааст, соли 2002) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки номбар гардидаанд, низоми ягонаи муносибатҳои оперативиро таъмин намуда, дар робита бо масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қарор доранд, дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устувор гузошта, бо пешниҳоди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳоди созандааш нуфуз ва мавқеи худро мустаҳкам нигоҳ медорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳалу фасли дигаргуниҳои ҷаҳонӣ эътимод дорад. Барои таҳкими сиёсати байналмилалии ҳуқуқии кишвар дар марҳилаи имрӯза бо дар назар доштани манфиатҳо, хусусиятҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва маънавӣ-ахлоқии миллӣ зарур аст.

**Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р.**

## РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ АКТОВ В РАЗВИТИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Ключевые слова***: международно-правовые акты; оперативно-розыскная деятельность; система законодательства; его компетенция; совместные акты оперативных органов и других органов управления.

***Аннотация:*** Статья посвящена роли международных правовых актов в развитии законодательства об оперативно-розыскной деятельности в Республике Таджикистан. Законодательство этой сферы деятельности в условиях современного общества определяется средой и условиями, в которых оно должно функционировать, а также задачами, которые должны решиться в ближайшем будущем. По мнению автора, формирование роли международно-правовых актов, включая усвоение национальных ценностей и мировой культуры, в современных условиях является одной из важнейших задач субъектов оперативно-розыскной деятельности.

Гармоничная среда роли международных правовых актов формируется тогда, когда между всеми структурами органов, осуществляющих международную оперативно-розыскную деятельность, включая ее инициаторов и субъектов, устанавливаются определенные связи, отношения и определяется процесс реализации целей и задач ее развития. Автор широко оценил роль международных правовых актов как совокупности различных условий, затрагивающих все оперативные субъекты, приводящих к качественным и количественным изменениям и устойчивому развитию оперативно-поисковой деятельности.

***Ахтамшозода Саидмухаммад Ахтамшо*** - заместитель начальника учебного отдела Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции (соискатель кафедры организации тактики оперативно-розыскной деятельности факультета №6 Академии МВД Республики Таджикистан). E-mail: Saidjon75.75@mail.ru, Тел.: (+992) 93-922-51-61.

## THE ROLE OF INTERNATIONAL LEGAL ACTS IN THE DEVELOPMENT OF LEGISLATION ON OPERATIONAL INVESTIGATIVE ACTIVITIES

***Keywords*:** international legal acts; operational investigative activities; the system of legislation; its competence, joint acts of operational bodies and other management bodies.

***Annotation:*** The article is devoted to the role of international legal acts in the development of legislation on operational investigative activities in the Republic of Tajikistan. The legislation of this field of activity in the conditions of modern society is determined by the environment and conditions in which it should function, as well as the tasks that must be solved in the near future. According to the author, the formation of the role of international legal acts, including the assimilation of national values and world culture, in modern conditions is one of the most important tasks of the subjects of operational investigative activities.

A harmonious environment of the role of international legal acts is formed when certain connections, relationships are established between all structures of bodies engaged in international operational investigative activities, including its initiators and subjects, and the process of implementing the goals and objectives of its development is determined. The author broadly assessed the role of international legal acts as a set of various conditions affecting all operational entities, leading to qualitative and quantitative changes and sustainable development of operational search activities.

***Ahtamshozoda Saidmuhammad Ahtamsho -*** deputy head of the training department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police colonel (title seeker of the department of organizing tactics of operative-search activity of faculty #6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan). E-mail: Saidjon75.75@mail.ru, Tel: (+992) 93-922-51-61.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сс. 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли 7.0.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016 // Душанбе: "Нашриёти ганҷ", 2016. Моддаи 10. – С. 7.
3. Раҳимзода Р.Ҳ. «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 776 с.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. *(бо тағйиру иловаҳои то августи соли 2018 воридгардида)* -Душанбе: «Доро-2015», 2018. -208 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қисми 1 моддаи 3. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, №7, мод.606).
7. Раҳимзода Р.Ҳ. «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 776 с.

**Список литературы:**

1. Концепция правовой политики Республики Таджикистан сс. 2018-2028 годы, утвержден приказом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года № 1005 // Централизованная информационно-правовая база данных «Юстиция» Министерства юстиции Республики Таджикистан. Форма 7.0.
2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями от 22 мая 2016 года // Душанбе: «Нашрият Гандж», 2016. Статья 10. – С. 7.
3. Рахимзода Р.Х. «Оперативно-розыскная деятельность». Общая часть. Учебник. 5-е издание. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 776 с.
4. Уголовный кодекс Республики Таджикистан. (с изменениями до августа 2018 г.) – Душанбе: «Доро-2015», 2018. – 208 с.
5. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года № 1414.
6. Закон Республики Таджикистан «О международных договорах Республики Таджикистан», часть 1, статья 3. (Вести Верховного Собрания Республики Таджикистан, 2016 год, №7, статья 606)
7. Рахимзода Р.Х. «Оперативно-розыскная деятельность». Общая часть. Учебник. 5-е издание. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 776 с.

**List of literature:**

1. Concept of the legal policy of the Republic of Tajikistan ss. 2018-2028, approved by the order of the President of the Republic of Tajikistan dated February 6, 2018, No. 1005 // Centralized information-legal database "Justice" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Form 7.0.
2. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 with amendments dated May 22, 2016 // Dushanbe: "Nashriyat Ganj", 2016. Article 10. - S. 7.
3. Rahimzoda R.H. "Operational search activity". General part. Textbook. 5th edition. - Dushanbe: Er-graf, 2019. - 776 p.
4. Criminal Code of the Republic of Tajikistan. (with amendments until August 2018) - Dushanbe: "Doro-2015", 2018. - 208 p.
5. Law of the Republic of Tajikistan "On Regulatory Legal Acts" dated May 30, 2017, No. 1414.
6. Law of the Republic of Tajikistan "On international agreements of the Republic of Tajikistan", part 1, article 3. (News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, year 2016, No. 7, article 606)
7. Rahimzoda R.H. "Operational search activity". General part. Textbook. 5th edition. - Dushanbe: Er-graf, 2019. - 776 p.

## 12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ
## 12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС
## 12.00.14 – ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCESS



**ТДУ: 421.7**

**Раҳимов Сафархуча Орзуевич,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: rahimovsatarhuca@gmail.com*
*Тел.:(+992) 903-88-88-20.*

# МЕХАНИЗМҲОИ СУДИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: ТАҲЛИЛИ УМУМИНАЗАРИЯВӢ

***Калидвожаҳо***: механизм; суд; ҳифз; ҳуқуқ; инсон; меъёрҳо; тартиботи ҳуқуқӣ; низом; мақомот; давлатӣ; ғайридавлатӣ; иҷтимоӣ; ҳуқуқи байналмилалӣ; гуманитарӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи “Механизми судии ҳифзи ҳуқуқи инсон” муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои баҳсноки адабиёти ҳуқуқиро марбут ба масъалаи мазкур мавриди таҳқиқу таҳлили илмӣ қарор диҳад. Истилоҳи “механизм” аслан ифодаи воситаҳою таҷҳизоти техникӣ ва дар замони муосир хусусияти умумиилмӣ низ касб намудааст. Ҳамзамон, тавсифи равандҳои мураккаб ва ҳамгироии унсурҳои гуногуни ин ё он низоми иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ тавассути истилоҳи мазкур хело муфид арзёбӣ карда мешавад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ баъзан синоними истилоҳи механизм, яъне истилоҳи системаи ҳимояи ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор дода мешавад. Истилоҳи механизм дар дигар соҳаҳои илми муосир аз ҷумла, илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ низоми фанҳои моддию ғайримоддӣ, воситаю усулҳоеро ифода мекунад, ки бо ёрии онҳо амалӣ фаъолияти муайян таъмин ва ба ҳадафҳои иҷтимоӣ-муҳим ноил ва вазифаҳои дахлдор ҳалли худро пайдо менамоянд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми мазкур ҳамчун маҷмӯи меъёрҳо, тартиботи ҳуқуқӣ ва низоми мақомоти давлатию ғайридавлатӣ ва амсоли инҳо фаҳмида мешавад.

Механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубоҳисавӣ дар илму амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Аз ин рӯ, дар адабиёти илмӣ “механизм” истилоҳи техникӣ ва умумиилмӣ низ мебошад. Истифодаи он барои тавсифи равандҳои мураккаб ва ҳамкории унсурҳои гуногуни ин ё он системаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ хеле мувофиқ аст. Баъзан ҳамчун синоними истилоҳи механизм дар адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ, алахусус дар забони ҳуқуқи байналмилалӣ, истилоҳи система (системаи ҳимояи ҳуқуқи инсон) истифода мешавад. Дар таҳқиқоти олимони ҳуқуқшиноси шинохтаи тоҷик Диноршоев А.М., Искандаров З.Х., Сафаров Б., Ойев Х. ва дигарон “механизм” номбарӣ шуда, ба мақсад наздик аст.

Механизм дар илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ системаи фанҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, воситаҳо, усулҳоро ифода мекунад, ки бо ёрии он фаъолияти муайян ба амал бароварда мешавад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ муҳим ва ҳалли вазифаҳои дахлдор равона шудааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми “механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон” ба таври гуногун тафсир ёфтааст. Андешаҳо оид ба ин мафҳум зиёд ва гуногун аст. Масалан, як гурӯҳ олимон зери мафҳуми “механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон маҷмӯи меъёрҳо, гурӯҳи дигар тартиби ҳуқуқӣ ва сеюмин бошад системаи мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро мефаҳманд.

Самаранокии механизми ҳимояи судӣ тавассути мурофиаи суди конститутсионӣ ба қувваи ҳуқуқии қарорҳои қабулкардаи он

вобаста аст, ки дар натиҷа санадҳои меъёрии ғайриконститутсионӣ қувваи ҳуқуқиро аз даст медиҳанд. Ғайр аз мавҷудияти механизмҳои ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон, дастрасии воқеии онҳо ба шаҳрванд аҳаммияти калон дорад.

Роҷеъ ба механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон чи олимони ватанӣ ва чи хориҷӣ фикру андешаҳои гуногун баён намудаанд. Вале бояд иқрор шуд, ки дар масъала боз ҳам паҳлуҳои ҳалношуда ё таҳқиқношуда вуҷуд дорад.Мақолаи мо мазмуни умуминазариявӣ дошта, кӯшиш намудем, ки андешаҳои баъзе олимонро баррасӣ намуда, дар радиф фикру ақидаи хешро низ иброз дорем.

Бояд тазаккур дод, ки мавриди татбиқи механизми ҳимояи судии ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ба масъалаи намояндагӣ дахл кардан мумкин нест. Дар сатҳи минтақавӣ талабот ба намояндагон сабуктар аст, одатан мавҷудияти маълумоти олии ҳуқуқӣ кофӣ аст. Дар ин робита, ба ақидаи олими рус Брежнев О.В. "мавқеи чунин талабот доираи шахсонеро, ки метавонанд кумаки ҳуқуқӣ расонанд, дар муқоиса бо дигар намудҳои мурофиаи судӣ маҳдуд мекунад" [3, с. 57-64].

Стремоухов А.В. механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро ҳамчун "низоми динамикии меъёрҳо, воситаҳо ва чораҳои ҳуқуқӣ, инчунин маҷмӯи онҳо муайян мекунад, ки амал ва ҳамкории онҳо ба пешгирии вайронкунии ҳуқуқи инсон ё барқарор кардани онҳо дар сурати вайронкунӣ равона шудааст"[13, с.61].

А.А. Безуглов ва С.А. Солдатов "механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро ҳамчун системаи воситаҳо ва омилҳое, ки шароити зарурии эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро фароҳам меоранд, фаҳмида, сохтори онро ошкор мекунанд: меъёрҳои ҷамъиятӣ; фаъолияти ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд; ошкорбаёнӣ; афкори ҷамъиятӣ; кафолатҳо; тартибот; масъулият; назорат ва ғ." [4, с.364].

Профессор Искандаров З.Х. масъалаи мазкурро мариди таҳқиқ қарор дода, қайд мекунад, ки "механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон усулҳои ҳуқуқие мебошанд, ки тавассути онҳо ҳуқуқи инсон аз ҳама гуна таҷовузҳо ҳимоя карда мешавад [7, с. 78].

Муҳаққиқи барҷастаи соҳа Диноршоев А.М. сабаби бисёр будани таърифҳоро дар он мебинад, ки "муаллифон ба тафсирҳои гуногуни парадигмаҳои истифодашаванда, андешаҳои худ дар бораи мундариҷаи мафҳумҳо, ба монанди таъмин, ҳимоя, ҳифз, кафолат, амал ва ғайра пешниҳод менамоянд [6, с.18-22].

Сохтори механизми ҳуқуқии ҳимояи судӣ ду ҷузъи асосиро дар бар мегирад:

1) Мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти бевоситаи судро оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсбарангез амалӣ менамояд.

2) Ташкилию ҳуқуқӣ, ки барои кафолати кори дурусти мақомоти судӣ оид ба адолати судӣ пешбинӣ шудааст.

Институти ҳимояи судӣ метавонад чун падидаи статикӣ ва ҳам падидаи динамикӣ баррасӣ карда шавад. Маҳз дар динамика, асосан дар фаъолияти мурофиавии ӯ оид ба барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсбарангез, моҳияти ӯ бештар зоҳир шавад. Мақсади ниҳоии ҳимояи судӣ таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду механизми асосии ҳимояи ҳуқуқи инсонро ҷудо кардан маъмул аст: миллӣ (дохилидавлатӣ) ва байналмилалӣ. Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба муассисаҳо, усулҳо ва расмиёти бо Конститутсия ва қонунгузории ҷорӣ кафолатдодашуда, ки дар системаи ягонаи ҳифзи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва татбиқи онҳоро таъмин мекунанд, фаҳмида мешаванд.

Дар бораи таснифи механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон бо асосҳои гуногун ақидаҳои зиёд мавҷуданд. Аз ҷумла, тақсимоти маъмултарини механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон тақсимоти механизмҳои судӣ ва ғайрисудӣ эътироф карда мешавад. Муҳаққиқони соҳа механизмҳои миллиро аз рӯйи ду асос тақсим мекунанд:

- вобаста ба унсури ташкилӣ: давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

- аз рӯйи сатҳи зуҳуроти ташкилию ҳокимиятӣ: федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ [12, с. 278].

Олими дигари рус Лукашева Е.А. механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба назорати конститутсионӣ, ҳимояи судӣ ва шаклҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ҳимоя тасниф менамояд [9].

Бо дарназардошти андешаҳои болозикр метавон гуфт, ки аксарияти Конститутсияи давлатҳо дар маҷмӯъ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пурра дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, дар ҳолати зарурӣ дар давлат механизми миллии ҳифзи давлатӣ барои таъмини барқарорсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис дода мешавад. Бинобар сабаб, дар навиштаҳои олимони соҳа дар шакли универсалӣ ва мутлақ, аз ҷумла фаъолияти Суди конститутсионӣ ҳамчун мақоми олии судӣ, ки мурофиаи суди конститутсиониро бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва мақомоти шабеҳи субъектҳо амалӣ менамояд, таҳлил мегардад.

Мувофиқи таҳқиқоти олимони соҳа таҳлили назариявии танзими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба маҷмӯи меъёрҳои конститутсионӣ такя мекунад, ки тартиби татбиқи ин ҳуқуқ ва озодиҳоро танзим ва кафолати татбиқи онҳоро муқаррар мекунад. Меъёрҳои конститутсионӣ асоси механизми миллии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳоро ташкил медиҳанд. Ба механизми давлатӣ ба ғайр аз меъёрҳои конститутсионӣ институтҳои давлатии ҳифз ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, ки ҳам дар сатҳи федералӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ таъсис дода мешаванд, дохил мешаванд. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ тавассути таҳлили мавқеи ҳуқуқии Суди конститутсионӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар он пайдарпаии мантиқӣ нисбати худи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя аз ин ё он санадҳо, амалҳои мақомоти ҳокимияти ҷамъиятӣ, инчунин баробарӣ дар татбиқи ин ҳуқуқ нисбат ба шахсони муайян сохта мешавад. Таҳлили интиқодӣ оид ба маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, аз ҷумла ҳуқуқи шикоят ба мақомоти адлияи конститутсионӣ дода шуда, пешниҳод оид ба мустаҳкам кардани имкониятҳои васеи шаҳрвандон барои муроҷиат ба судҳои конститутсионӣ (оинномавӣ)-ро дар бар мегирад.

Ҳамчунин, вобаста ба масъалаи мазкур, профессорон Ойев Х.О. ва Сафаров Б.А. ин механизмҳоро ба механизмҳои судӣ, давлатии ғайрисудӣ (механизмҳои маъмурӣ ва ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон) ва ҷамъиятӣ тасниф намудаанд [11].

Ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути мақомоти судӣ қисми ҷудонашавандаи механизми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад.

Суд воситаи муҳимтарин дар системаи барқарорсозии ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи инсон ба ҳисоб меравад. Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс ва ҳуқуқи шикоят аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кафолат дода мешавад.

Институтҳои миллии ҳуқуқи инсон дар механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши махсус доранд. Масалан, ба ҳайати муассисаҳои миллӣ Ваколатдори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсман), Ваколатдор оид ба ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон (бизнес-омбудсман) дар назди Президенти Ӯзбекистон, инчунин Маркази миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон дохил мешаванд.

Профессор Диноршоев А.М. механизмҳои миллиро чунин гурӯҳбандӣ мекунад:

- механизмҳои маъмурӣ-ҳуқуқии (ғайрисудӣ) ҳимояи ҳуқуқи инсон;
- механизмҳои квазисудӣ барои ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон [6, с.50].

Муҳаққиқ собит менамояд, ки системаи судии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар системаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи марказӣ дорад. Бо эътирофи принсипи тақсим ва баробарии ҳокимият, нақши афзалиятноки ҳокимияти судӣ дар расидан ба сатҳи баланди демократия бояд қайд карда

шавад. Суди конститутсионӣ дар таъмини ҳокимияти халқ, демократикунонии меъёрҳои конститутсионӣ ва волоияти онҳо аҳамияти махсус дорад [ 6 ].

Эбзеев Б.С. изҳор медорад зеро дар сурати қабули қарори мусбат аз ҷониби Суди конститутсионӣ оид ба дархост дар бораи вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, он ба қонунгузорӣ ва татбиқи минбаъдаи меъёри қонун таъсир мерасонад[14]. Салоҳияти ӯ шаҳодат медиҳад, ки Суди конститутсионӣ дар системаи механизмҳои судии ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷойгоҳи намоён дошта бошад. Бо амалӣ намудани ин ваколатҳо, Суди конститутсионӣ ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро ҳимоя мекунад, маҳдудиятҳо ва монеаҳои дар роҳи татбиқи онҳо мавҷудбударо бартараф мекунад [6].

Олими рус М.В. Немитина дуруст қайд мекунад, ҳолати муқаррарӣ ва табиии инсон он аст, ки ӯ ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад. Айни замон, барои бартараф кардани ягон монеа аз шахс кӯшиши зиёд талаб карда намешавад. Вақте ки аз ҷониби шахсони дигар, аз ҷониби сохторҳои ҳокимиятӣ, ки бо сабаби онҳо амалӣ кардани ҳуқуқҳо ғайриимкон мегардад, монеаҳо ба миён меоянд, шахс аз ҳолати амалӣ намудани ҳуқуқҳо ба мавқеи ҳимояи онҳо мегузарад [10, с.122].

Ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути мақомоти судӣ қисми ҷудонашавандаи механизми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Суд воситаи муҳимтарин дар системаи барқарорсозии ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи инсон мебошад. Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс ва ҳуқуқи шикоят аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кафолат дода мешавад.

Ҳимояи судӣ механизми ташкилию ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо оид ба муроҷиатҳои шахсони шикояткунанда оид ба вайрон кардан ё эҷоди монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ё ба зиммаи онҳо гузоштани уҳдадории пешбининамудаи қонун дар расмиёти мурофиаи конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ мебошад, ки ба барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда, татбиқи озодӣ ва ҷуброни зарари расонидашуда равона шудааст.

Барои самаранок амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо дар ҳаёти воқеӣ механизми муассири кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарур аст, ки ба ҳама гуна қонуншиканиҳо ва таъсири манфии дохилидавлатӣ тобовар бошад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Шарифзода С.Ш.**

## СУДЕБНЫЕ МЕХАНИЗМЫ ЗАЩИТЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА: ОБЩЕНАЦИОНАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ

***Ключевые слова***: механизм; суд; защита; право; человек; нормы; правопорядок; система; органы власти; государственное; негосударственное; социальное; международное право; гуманитарное

***Аннотация:*** В статье «Судебный механизм защиты прав человека» автор предпринял попытку исследовать и проанализировать спорные вопросы юридической литературы, связанные с данным вопросом. Термин «механизм» первоначально обозначал технические средства и оборудование, а в современных условиях приобрел также и общенаучный характер. Следует заметить, что данное понятие позволяет весьма полезно оцениват описание сложных процессов и интегрировать различных элементов той или иной социально-правовой системы. В международном праве термин «механизм» иногда используется как синоним термина «система защиты прав человека». Термин «механизм» в других областях современной науки, в том числе в социальных и гуманитарных науках, означает систему материальных и нематериальных предметов, средств и методов, с помощью которых обеспечиваются определенные виды деятельности, достигаются общественно значимые цели и соответствующие задачи. В

юридической науки под этим понятием понимается совокупность норм, правовой порядк и системы государственных и негосударственных органов и тому подобное.

***Рахмон Сафархуджа Орзуевич*** - соискатель кафедра прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикиского национального университета. E-mail: rahimovsatarhuca@gmail.com, Тел.:(+992)903-88-88-20.

## JUDICIAL MECHANISMS FOR THE PROTECTION OF HUMAN RIGHTS: NATIONWIDE ANALYSIS

***Key words*: mechanism; court; protection; law; human; norms; legal order; system; authorities; state; non-state; social; international law; humanitarian.

***Annotation:*** In the article "Judicial mechanism for the protection of human rights," the author attempted to explore and analyze controversial issues in the legal literature related to this issue. The term "mechanism" originally meant technical means and equipment, and in modern times it acquired a general scientific character. At the same time, this term is used to very usefully evaluate the description of complex processes and the integration of various elements of a particular socio-legal system. In international law, the term «mechanism» is sometimes used interchangeably with the term «human rights system». The term "mechanism" in other areas of modern science, including the social and human sciences, means a system of material and intangible objects, means and methods with the help of which certain types of activities are ensured, socially significant goals and corresponding tasks are achieved. resolved. In jurisprudence, this concept is understood as a set of norms, legal order and system of state and non-state bodies, and the like.

***Rahimov Safarhuja Orzuevich*** - candidate of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of the Tajik National University. E-mail: rahimovsatarhuca@gmail.com, Tel.:(+992)903-88-88-20.

**Рӯйхати адабиёт:**

8. З.Ализода. Суди Конститутсионӣ ва мушкилоти ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
9. Бадалянц Ю.С., Д. А. Ягофаров. Ҳуқуқи инсон :дастури таълимӣ / Ю. С.Бадалянц, Д. А. Ягофаров. Москва Рязан: Нашриети Ваколатдор. 2006, Саҳ. 8
10. Брежнев О. В. Принцип доступности конституционного правосудия : содержание и гарантии // Актуальные проблемы российского права. 2018. № 5. С. 57–64.
11. Безуглов А. А., Солдатов С. А. Конституционное право России. М., 2001. Т. 1. С. 364.
12. Головкова А. Ю. Доступность и эффективность механизмов судебной защиты. Изв. Сарат. ун-та. Нов. сер. Сер. Экономика. Управление. Право. 2019. Т. 19, вып. 3/ С.335.
13. Диноршоев А. М. О понятии механизма защиты прав человека. Вестник МГПУ. Серия «Юридические науки». Права человека: теория и практика реализации. 18-22 стр.
14. Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи онҳо". Душанбе, 2007, Саҳ. 78
15. Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қисми 2 моддаи 1 аз 3 ноябри Соли 1995.
16. Лукашева Е. А. Ҳуқуқи инсон. М., 2009.
17. Немытина М.В. Право России как интеграционное пространство. Изд. 2-е, перераб. – Саратов: Научная книга, 2008. – 260, с. 122.
18. Ойев Х. О., Сафаров Б. А. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба забони тоҷикӣ). забон.). Душанбе, соли 2013
19. Рудинский Ф.М., Гаврилова Ю. В., Сошникова Т., Крикунова А. А. Экономические и социальные права человека и гражданина: современные проблемы теории и практики / Под общ. ред. Ф.М. Рудинского. – М.: Права человека, 2009. – 495 с. Саҳ. 278.

20. Стремоухов А. В.Правовая защита человека: Теоретические проблемы: Монография. М., соли 2007. Саҳ. 61

21. Эбзеев Б. С. Конститутсия. Давлати ҳуқуқӣ. Суди конститутсионӣ. М.: Қонун ва ҳуқуқ, ЮНИТИ, 1997 с. 92

**Список литерватуры:**

8. З. Ализода. Конституционный суд и проблемы защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан // Уполномоченный доклад о ситуации с правами человека в Республике Таджикистан. (на таджикском языке).

9. Бадалянц Ю.С., Д. А. Ягофаров. Права человека: учебное пособие / Ю. С. Бадалянц, Д. А. Ягофаров. Москва Рязань: Издательство Комиссара. 2006.-С. 8

10. Брежнев О. В. Принцип доступности конституционного правосудия : содержание и гарантии // Актуальные проблемы российского права. 2018. № 5. С. 57–64.

11. Безуглов А. А., Солдатов С. А. Конституционное право России. М., 2001. Т. 1. С. 364.

12. Головкова А. Ю. Доступность и эффективность механизмов судебной защиты. Изв. Сарат. ун-та. Нов. сер. Сер. Экономика. Управление. Право. 2019. Т. 19, вып. 3/ С.335.

13. Диноршоев А.М. О понятии механизма защиты прав человека. Вестник МГПУ. Серия «Юридические науки». Права человека: теория и практика реализации. 18-22 стр. (на таджикском языке).

14. Искандаров З.Х. Права человека и национальные механизмы их защиты». Душанбе, 2007.-С. 78 (на таджикском языке).

15. Конституционный закон Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан», часть 2 статьи 1 от 3 ноября 1995 года. (на таджикском языке).

16. Лукашева Е. А. Права человека. М., 2009.

17. Немытина М.В. Право России как интеграционное пространство. Изд. 2-е, перераб. – Саратов: Научная книга, 2008. – 260, с. 122.

18. Ойев Х.О., Сафаров Б.А. Механизмы защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2013. (на таджикском языке)

19. Рудинский Ф.М., Гаврилова Ю. В., Сошникова Т., Крикунова А. А. Экономические и социальные права человека и гражданина: современные проблемы теории и практики / Под общ. ред. Ф.М. Рудинского. – М.: Права человека, 2009. – 495 с. Саҳ. 278.

20. Стремоухов А. В.Правовая защита человека: Теоретические проблемы: Монография. М., соли 2007. Саҳ. 61

21. Эбзеев Б. С. Конституция. Верховенство закона. Конституционный суд. М.: Закон и право, ЕДИНСТВО, 1997.-С. 92.

**List of literature:**

8. Alizoda, Z. Constitutional Court and problems of protection of human and citizen rights in the Republic of Tajikistan // Authorized report on human rights in the Republic of Tajikistan

9. Badalyantz, Yu.S., Yagofarov, D. A. Human rights: educational manual / Yu.S. Badalyantz, D.A.Yagofarov Moscow-Ryazan: Publishing House of Commissioner. 2006.-p. 8.

10. Brezhnev, O.V. The principle of accessibility of constitutional justice: content and guarantees // Actual problems of Russian law. 2018. No. 5. - P. 57-64.

11. Bezuglov, A. A., Soldatov, S. A. Constitutional law of Russia. Moscow, 2001. Vol. 1. - P. 364.

12. Golovkova, A.Yu. Accessibility and effectiveness of judicial protection mechanisms //News of Saratov University. Nov. series. Series: Economics. Management. Law. 2019. Vol. 19, issue 3.-P. 335.

13. Dinorshoev, A. M. On the concept of a mechanism for protecting human rights.// Bulletin of Moscow State Pedagogical Univ. Series «Legal Sciences». Human Rights: Theory and Practice of Implementation.-pp.18-22.

14. Iskandarov, Z.Kh. Human rights and national mechanisms of their protection.- Dushanbe, 2007.- p. 78

15. The Constitutional Law of the Republic of Tajikistan «On the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan», Part 2, Article 1 of November 3, 1995. / E. A. Lukasheva.- Human rights.- M., 2009.

16. Nemytina, M.V. Russian Law as an Integration Space. 2nd ed., revised. – Saratov: Nauchnaya kniga, 2008. – 260 p.

17. Oyev, Kh. O., Safarov, B. A. Mechanisms for the protection of human and citizen rights in the Republic of Tajikistan (in Tajik language).-Dushanbe, 2013.

18. Rudinsky, F.M., Gavrilova, Yu.V., Soshnikova, T., Krikunova A.A., Economic and social rights of man and citizen: modern problems of theory and practice / Under the general editorship of F.M. Rudinsky. - M.: Human rights, 2009. - 495 p.

19. Stremoukhov, A.V. Legal protection of man: Theoretical problems: Monograph. M., salts 2007. - P. 61

20. Ebzeev, B. S. Constitution. Rule of law. Constitutional court.-M.: Law and law, UNITI, 1997.- p. 92.



**ТДУ:327.2**

**Аминов Муҳаммадҷон Маҳмадризоевич,**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадани ва иқтисоди, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон.*
*E-mail: aminov.mm@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-35-87-35.*

# ОМИЛҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

***Калидвожаҳо***: идоракунии давлатӣ; самаранокии идоракунӣ; хизмати давлатӣ; омилҳои таъмини самаранокӣ; падидаи хизмати давлатӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; такмили низоми сохторӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур, заминаҳои ҳуқуқии таъмини самаранокии идоракунӣ дар хизмати давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар мақола, омилҳои ҳуқуқии таъмини самаранокии идоракунӣ дар хизмати давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақола самаранокии идоракунии давлатӣ бо назардошти андешаҳои муаллифон ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар мақола падидаи хизмати давлатӣ, ҳамчун институти иҷтимоӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз нигоҳи дигар, низоми муносибатҳои ҳуқуқии миёни ҷомеа, давлат ва уҳдадориҳои мансабии мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Хизмати давлатӣ дар идоракунии давлатӣ институти махсуси марказӣ ва калидӣ ба шумор меравад. Чунки пас аз ташкил гардидани давлат ва оғози раванди идоракунии давлатӣ, мақсади асосии давлат ва ҳукумат амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ва бо ин восита таъмин намудани ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ин замина институти хизмати давлатӣ ягона сохторе, ба шумор меравад, ки дар таъмини самаранокии идоракунӣ ва доираи ваколати мақомоти давлатӣ, инчунин такмили сохтории низоми соҳа таъсири муфид мерасонад. Ҳамзамон ёдовар карда мешавад, ки хизмати давлатӣ, самти серпаҳлу буда, тамоми сохторҳои давлатиро фаро гирифта, дар ин радиф пешрафти сохторҳои идоракунии давлатиро фарогир мебошад. Дар мақола рукнҳои ба таъмини самаранокии идоракунӣ таъсиррасон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар умум мақола, фарогири доираи самаранокии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ мебошад.

Дар раванди ҷаҳонишавии ҷомеаи ҷаҳони яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва ҳалталаб ин самаранокии идоракунии давлатӣ ва масъулиятшиносӣ дар раванди механизми амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Самаранок будани идораи давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сатҳи зиндагии хубро барои мардум кафолат додан, яке масъалаҳои асосии таъмини самараноки дар идораи давлат маҳсуб меёбад. Давлатҳои гуногуни ҷаҳон бештар кӯшиш менамоянд, ки ба идоракунии давлати самаранок ноил гарданд ва дар ин ҷодда низ ислоҳотҳо дар соҳаҳои мухталиф мегузаронанд.

Самаранокӣ ва масъулиятшиносӣ дар идораи давлатӣ - ин маънидод намудани таносуби ифодаи муқоисавии натиҷаҳо оид ба ноил шудан ба мақсадҳои ҷамъият бо истифодабарии захираҳои давлатӣ мебошад.

Таъмини самаранокӣ дар идоракунии давлатиро метавон ҳамчун фаъолияти беҳтарини натиҷаҳои бадастомада, доир ба қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ва манфиатҳои он дар шароитҳои танзими захираҳои давлатӣ мебошад. Яъне самаранокӣ ин нишондоди то чӣ андоза субъектони идоракун ва ҷамъият барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда саҳми худро оид ба татбиқшавии масъалаи иҷтимоӣ, роҷеъ ба ноил шудан ба

натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ сарфа кардаанд, мебошад.

Идоракунии самараноки давлатӣ,таносуби натиҷаҳо ва дастовардҳои мақсадҳои иҷтимоӣ бо истифодаи захираҳои давлатӣ арзёбӣ мегардад [9, с.61]. Идоракунии самаранок - ин фаъолияти бо натиҷаҳои имконпазири беҳтарин қонеъ намудани талаботҳо ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар шароити танзими захираҳо аз ҷониби давлат мебошад [9, с.63].

Дигар омили самаранокии асосии идоракунии давлатӣ ин таъсиси усулҳои идоракунии ҳокимият ва фаъолияти он ҳамчун як узви ягона ба шумор рафта, ки ин омил нақши муйянкунандаро дар тамоми давраҳои муосири тараққиёти давлат мебозад. Новобаста аз сохтори идоракунии давлатӣ ва режими (тартиботи) сиёсӣ, самаранокии идоракунии давлатӣ пеш аз ҳама таъминкунандаи томияти системаи идоракунии давлатӣ ва низоми ягона ба ҳама субъектони идоракунанда мебошад. Дар навбати дуюм устувории ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди фарҳангӣ - ҳуқуқӣ доштан ва инчунин қобилияти баланди ҳокимияти давлатӣ дар ҳама сатҳо мавҷуд будан мебошад [9, с.144].

Тамомияти давлат ва ягонагии ҷамъият ин натиҷаи идоракунии смаранокии давлатӣ ба шумор рафта, ки асоси таъминкунандаи бехатарии онҳо ва расидан ба некӯаҳволии халқ ифода меёбад.

Дар идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун унсури асосӣ барои таъмини самаранокӣ баромад менамояд.

Падидаи хизмати давлатӣ, бо давлат ва ҳокимияти давлатӣ алоқамандии зич дорад. Чун мақсади асосии давлат амалигардонии ҳокимияти давлатӣ аст ва ҳокимияти давлатӣ тавассути институти хизмати давлатӣ дар амал татбиқ карда мешавад.

Дар забон ва таҳлили фарҳангҳои зери падидаи «хизмат» маъноҳои “манфиат», «фаъолият», «кори фоидаовари ҳаётӣ барои дигарон” маънидод карда мешавад[8, с. 376]. Хизмат кардан- танҳо ҳолати хизматӣ набуда, балки ишғоли мансаб ва гирифтани уҳдадории муайян, мақсаднок будан, барои амалигардонии идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар хизмати давлатӣ - фаъолиятест, ки барои манфиати давлат, аҳолӣ ва манфиати шахсони дигар, уҳдадориҳои муайяне, ки инсон бар зиммаи худ гирифта, ба манфити ҷамъият ва омма хизмат мерасонад [1, с.91], дониста мешавад. Дар адабиётҳои ҳуқуқию илмӣ маъноҳои гуногуни хизмати давлатиро метавон вохӯрд:

“Хизмати давлатӣ - амали ҳуқуқие мебошад, ки дар ҷараёни ишғоли мансаби муайяни давлатӣ ба миён омада, ба амалигардонии ҳокимияти давлатӣ алоқамандӣ дорад. Мансаби давлатӣ, мақомоти муайяни идоракунии давлатӣ, бо мақсадӣ мавқеъ доштан дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мебошад [4, с. 24].

Хизмати давлатӣ, институти иҷтимоӣ буда, иҷрои фаъолияти касбии шаҳрвандон, ки бо ишғоли мансаби муайяни давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Хизмати давлатӣ, аз нигоҳи дигар, низоми муносибатҳои ҳуқуқии миёни ҷомеа, давлат ва уҳдадориҳои мансабии муқаррар намудани давлатӣ мебошад. Хизмати давлатӣ дар идоракунии давлатӣ институти махсуси марказӣ ва калидӣ ба шумор меравад. Чунки пас аз ташкил гардидани давлат ва оғози раванди идоракунии давлатӣ, мақсади асосии давлат ва ҳукумат амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ва бо ин восита таъмин намудани ҳокимияти давлатӣ мебошад [2, с. 35]. Ҳокимияти давлатӣ тавассути институти хизамти давлатӣ ба амал бароварда мешавад [1, с. 99]. Бо ин назардошт хизмати давлатӣ, асоси таъминкунандаи самаранокӣ дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ ҳар як давлат барои рушди босуботи институти хизмати давлатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хизмати давлатӣ ҳамчун институти марказӣ, ки амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ба он вобастагии амиқ дорад, дониста мешавад. бо ин назардошт, баҳри таъмини самаранокии идоракунии хизмати давлатӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, баҳогузории фаъолияти сохторҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, дар мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё муовини соҳавии мақомти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи мақсад, барои самаранокии идоракунии давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Агар ба таърихи ташаккули хизмати давлтии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар кунем, маълум мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин чанд соли даврони ташаккули хизмати давлатӣ ба натиҷаҳои назарррас ноил гардида, мақсади асосии он таъмини некуаҳволии мардум ва таъмини шароити арзандаи зиндагии инсон мебошад. Олимони ватанӣ низ хизмати давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои баланди ҳуқуқӣ дода, давраҳои ташаккули онро самаранок арзёбӣ менамоянд. Аз он ҷумла Ойев Х.[6, с. 31], Каримов К.[5, с. 26], Ҷамшедов Ҷ.[4, с.78], дар асарҳои худ хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, паҳлуҳои мухталифи онро аз нигоҳи илмӣ таҳқиқ намудаанд. Муаллифон моҳияти хизмати давлатиро дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мебинанд.

Г.В. Атаманчука ҳамчун таҳлилгари самти идоракунии давлатӣ таъкид мекунад: «чун сухан дар бораи хизмати давлатӣ меравад, муносибатҳои оммавӣ- ҳуқуқӣ дар назар дошта мешаванд, ки тибқи онҳо дар дастгоҳи мақомоти давлатӣ коркунанда на танҳо дар хизмати мақомоти давлатии дахлдор, балки дар як вақт пурра дар хизмати давлатӣ мебошад»[1, с. 87].

Дар ин замина хизмати давлатӣ институти серпаҳлу буда, фарогири сохторҳои давлатӣ мебошад. Омилҳои зикргардида, барои таъмини самаранокии идоракунӣ дар мақомотҳои давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамоянд. Самаранокии хизмати давлатӣ, шароит фароҳам овардан барои таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.ҳ. Собирзода И.С.**

## ПРАВОВЫЕ ФАКТОРЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ В ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЕ И ОРГАНАХ МЕСТНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

***Ключевые слова:*** государственное управление; эффективность управления; государственное служба; аспекта государственное служба; местное управление; местное самоуправление; полномочия государственных органов; совершенствование структурной системы.

***Аннотация:*** В данной статье научному анализу подлежат правовые основы обеспечения эффективности управления в государственное слубжбы и местных исполнительных органах государственной власти. Вместе с тем, в статье изучаются государственное служба как общественное и государственное институт и функции местных исполнительных органов государственной власти и местного самоуправления в государственном управлении, механизм эффективного управления им. В статье отдельно анализируются местные представительные органы и местные исполнительные органы государственной власти, а также местное самоуправление.

В статье представлена роль государственное служба в эффективности направления и объема полномочий государственных органов, атакже структурном совершенствовании отраслевой системы. При этом указывается, что местный государственный органу полномоченинесет ответственность за реализацию экономических и социальных направлений исполнительного органа местного государственного органа. При этом проанализирован опыт органов управления в зарубежных странах.

***Аминов Мухамаджон Махмадризоевич*** - к.ю.н. доцент кафедры гражданского и экономического права Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: aminov.mm@mail.ru, Тел.:(+992) 918-35-87-35.

# LEGAL FACTORS OF ENSURING EFFICIENT MANAGEMENT IN THE PUBLIC SERVICE AND LOCAL PUBLIC AUTHORITIES

***Keywords***: public administration; management efficiency; public service; factors ensuring efficiency; the phenomenon of public service; local government bodies; improvement of the structural system.

***Annotation:*** In this article, the legal basis for ensuring the effectiveness of management in local executive bodies of state power is subject to scientific analysis. At the same time, in the article, the functions of local executive bodies of state power and local self-government in public administration, the mechanism of effective management of it are studied. In the article, local representative bodies and local executive bodies of state power, as well as local self-government, are analyzed separately.

The article presents the role of civil society in the effectiveness of the direction and scope of authority of state bodies, as well as the structural improvement of the sector system. At the same time, it is mentioned that the local state authority is authorized and responsible for the implementation of the economic and social directions of the executive of the local state authority. At the same time, the experience of managing bodies in foreign countries has been analyzed.

***Aminov Muhammadjon Mahmadrizoevich*** - Associate Professor of the Department of Cultural and Economic Law, Academy of State Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: aminov.mm@mail.ru, Tel.:(+992) 918-35-87-35.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Атаманчука. М., Государственная служба Российской Федерации: Первые шаги и перспективы / Под ред. Г.В. 1999/286с.
2. Аминов М. Идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д.: 2023. -С.35
3. Атаманчука Государственная служба Российской Федерации: Первые шаги и перспективы / Под ред. Г.В.. М.,1999.-324с
4. Джамшедов Д. Н. Государстенная служба Республики Таджикистан (конституционно - правовой аспект). Дис. .канд. юрид. наук. М.: 2011. -234с.
5. Каримов К. Современная государственная служба Таджикистана, проблемы и тенденция развития. Душанбе 2005.-240с
6. Ойев Х. Хидмати давлатӣ. Душанбе - 2011.356с.
7. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2004, 534с
8. Эффективность государственного управления. под.ред. Батчиков С.А. и Глазьев С.Ю., М.: 1998,. (пер. с англ.).184с

**Список литературы:**

1. Атаманчука. М., Государственная служба Российской Федерации: Первые шаги и перспективы / Под ред. Г.В. 1999/286 с.
2. Аминов М. Государственное управление в Республике Таджикистан. Д.: 2023. -С.35
3. Атаманчука Государственная служба Российской Федерации: Первые шаги и перспективы / Под ред. Г.В.. М., 1999.-324с.
4. Джамшедов Д. Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект). Дис. .сахар шел наука М.: 2011. -234с.
5. Каримов К. Современная государственная служба Таджикистана, проблемы и тенденции развития. Душанбе 2005.-240 с.
6. Оев Х. Государственная служба. Душанбе – 2011.356 с.
7. Культура перевода таджикского языка. - Душанбе, 2004, 534 с.
8. Эффективность государственного управления. под ред. Батчиков С.А. и Глазьев С. Ю., М.: 1998. (пер. с англ.).

**List of literature:**

1. Atamanchuka. M., State service of the Russian Federation: Pervye shagi i perspektivky / Pod ed. G.V. 1999/286 p.
2. Aminov M. Public administration in the Republic of Tajikistan. D.: 2023. -S.35
3. Atamanchuka Gosudarstvennaya sluzhba of the Russian Federation: Pervye shagi i perspektivky / Ed. G.V.. M., 1999.-324p
4. Jamshedov D. N. State service of the Republic of Tajikistan (constitutional-legal aspect). Dis. .sugar walked science M.: 2011. -234p.
5. Karimov K. Modern state service of Tajikistan, problems and development trends. Dushanbe 2005.-240 p
6. Oyev Kh. Public service. Dushanbe - 2011.356 p.
7. Tajik language interpretation culture. same place
8. Tajik language interpretation culture. - Dushanbe, 2004, 534 p
9. Effectiveness of state administration. pod. ed. Batchikov S.A. and Glazyev S. Yu., M.: 1998. (per. with English). 184 p

## 12.00.15 – МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ; МУРОФИАИ ИҚТИСОДӢ
## 12.00.15 – ГРАЖДАНСКИЙ ПРОЦЕСС; ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС
## 12.00.15 – CIVIL PROCEDURE; ECONOMIC PROCESS



**ТДУ: 347.97**

**Табаров Неъмон Амонович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-97-65-12.*

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МУРОФИАВИИ МАДАНӢ

***Калидвожаҳо:*** назарияи умумии ҳуқуқ; муносибатҳои ҳуқуқӣ; муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ; муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ; мурофиаи маданӣ; мурофиаи судӣ; суд; иштирокчиёни мурофиа; ҳуқуқҳои субъективӣ; уҳдадориҳои ҳуқуқӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақола муаллиф баъзе масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданиро баррасӣ менамояд. Дар асоси фаҳмиши дар мақола овардашудаи муносибатҳои ҳуқуқии мураккаби мурофиавии маданӣ, муаллиф хулоса мекунад, ки ҳуқуқи маҷмӯии муроҷиат ба суд барои ҳифзи судӣ (унсури мазмуни он) дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххаси мурофиавии маданӣ дар намуди ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии мушаххас зоҳир мегардад.

Проблемаҳои мафҳум, хусусиятҳо, сохтор, заминаҳо, объекти муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ ба ҷумлаи проблемаҳои асосии илми ҳуқуқи мурофиавии маданӣ мансубанд. Бе аниқ кардани ҳамаи ин масъалаҳо ташаккул додани манзараи мукаммал дар бораи механизми танзими ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, механизми ҳифзи судии ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунӣ дар мурофиаи маданӣ имконнопазир аст.

Дар илми шӯравии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ назарияи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ дар солҳои 50–70-уми асри XX ба коркарди пуршиддати илмӣ дучор гардид [21; 25; 36; 38; 50; 52]. Дар баробари ин мурофиашиносони шӯравӣ ба мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқие, ки назарияи умумии ҳуқуқ кор карда баромадааст, такя мекарданд.

Дар вақти ҳозира амалан ягон шубҳа нест, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ - ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шудаанд [5, с. 98; 9, с. 14-15; 40, с. 490; 49, с. 51, 99]. Фаҳмиши дар илм ҷойдоштаи муносибати ҳуқуқӣ ҳамчун танзимаи иловагии муносибатҳои ҳуқуқӣ, дар қатори меъёрҳои ҳуқуқ, занҷираи пайвасткунандаи байни меъёрҳои ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ, андешаҳо оиди он, ки ҳуқуқ муносибатҳои ҳуқуқиро ва ба воситаи он бошад амалан муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад, бартараф карда шуд [48, с. 20]. Муносибати ҳуқуқӣ – на объект, балки натиҷаи танзими ҳуқуқӣ мебошад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар натиҷаи танзими ҳуқуқӣ шакли ҳуқуқиро гирифта, муносибатҳои ҳуқуқӣ мегарданд.

Мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқӣ бо проблемаи мазмуни он алоқаи зич дорад. Оид ба мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ се нуқтаи назари асосӣ ташаккул ёфтааст. Баъзе муаллифон чунин мазмунро муносибатҳои воқеии ҷамъиятие ҳисоб мекунанд, ки аз амалҳои (беамалиҳои) иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ, яъне рафтори субъектҳои

муносибатҳои ҷамъиятӣ иборатанд. Ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ба сифати шакли дохилии муносибатҳои ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешаванд, ки дар доираи онҳо рафтори воқеӣ сурат мегирад [5, с. 102; 53, с. 16].

Гурӯҳи дуюми олимон мазмуни муносибатҳои ҳуқуқиро ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии субъектҳои онҳо ҳисоб мекунад. Рафтори воқеӣ шакли татбиқи ин ҳуқуқу уҳдадориҳо баромад мекунад [22, с. 37; 28, с. 219; 50, с. 38].

Ниҳоят, сеюминҳо ба мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳам ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳам рафтори воқеиро дохил мекунанд [30, с. 19; 37, с. 53; 52, с. 27].

Нуқтаи назари дуюм боварибахштар ба назар мерасад. Ҳуқуқ фаъолияти амалии иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ, рафтори онҳо, аниқтараш, муносибати байниҳамдигарии онҳоро танзим мекунад. Ин рафтор зуҳуроти робитаҳои дар ҷамъият ташаккулёфтаи муносибати байни одамон мебошад. Дар ҷараёни муносибатҳои ҷамъиятӣ рафтор нақшҳои гуногунро мебозад. Аз як тараф, вай ҳамчун заминаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, зуҳуроте, ки онҳоро ба вуҷуд меоварад, баромад мекунад. Аз тарафи дигар, рафтор зуҳуроти беруна, амалишавии муносибатҳои ҷамъиятии дар байни одамон мавҷудбуда аст. Ба назар гирифтан лозим аст, ки рафтори мушаххаси субъектҳо – ин кирдори баамалбарории манфиати онҳост, ки баҳри қонеъ гардондани онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд [29, с. 120–121].

Давлат манфиати шахсиро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок донista, ба барандаи он барои қонеъ гардонидани ин манфиат ҳуқуқи субъективӣ (ченаки рафтори имконпазир) медиҳад, ба тарафи дигари муносибати ҷамъиятӣ бошад уҳдадории ҳуқуқӣ (ченаки рафтори зарурӣ) мегузорад. «Ҳамин тавр, манфиат дар паси ҳар як ҳуқуқи субъективӣ «меистад», мақсади татбиқи он мебошад. Дар акси ҳол, ба субъект додани ҳуқуқҳои субъективӣ беҳуда мебуд» [51, с. 34–35]. Аҳамияти ҳуқуқии робитаи воқеии байни иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ бавуҷудомадаро ба назар гирифта, давлат бо роҳи танзими ҳуқуқии он (ба иштирокчиёни он додани ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқие, ки бо диспозитсияи меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд) байни онҳо алоқаи ҳуқуқӣ — муносибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, бо таърифи муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки С.С. Алексеев додааст, розӣ шудан лозим аст. Муносибати ҳуқуқӣ – ин «алоқаи ҷамъиятии фардикунонидашудаи дар асоси меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омадаи байни шахсонест, ки бо мавҷудияти ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии ҳуқуқӣ тавсиф карда мешавад ва бо қувваи маҷбурии (кафолатдиҳандаи) давлат дастгирӣ мешавад» [7, с. 82].

Муносибати ҷамъиятӣ ва аз ин рӯ муносибати ҳуқуқӣ низ, дар ҳолати танзими аввалӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ дар он ҳолате низ объективона вуҷуд дорад, ки рафтори воқеии субъектҳо дар доираи ин муносибат амалӣ карда нашавад. Муносибатҳои хешутаборӣ ҳатто вақте ки хешу табор бо ҳамдигар муошират намекунанд, дар тарбияи фарзандон иштирок намекунанд, ба ҳамдигар аз ҷиҳати молиявӣ кумак намекунанд ва ғайра воқеиятро қатъ намекунад. Уҳдадории маҳсулотсупорӣ, иҷора воқеияти ҳуқуқӣ буданашро қатъ намекунад, ҳатто дар он ҳолате, ки агар ин уҳдадориҳо иҷро нашаванд ҳам. Никоҳ муносибати ҳуқуқӣ буданашро ҳатто дар он ҳолате низ, ки агар он амалан барҳам хӯрда бошад ҳам қатъ намекунад (манъи бастани ақди никоҳи дигар, эҳтимолияти падарии шахси дар никоҳ буда ва ғайра амал мекунад). Дар ҳолати боздоштани истеҳсолот аз рӯи парвандаи маданӣ, чун қоида, ягон амали мурофиавӣ анҷом дода намешавад. Аммо шахсони иштирокчии парванда субъектони муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ боқӣ мемонанд, дар онҳо мавқеи мурофиавии тараф, шахси сеюм ва ғайраро ишғол менамоянд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун уҳдадории дучор шудан ба оқибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ номусоиди ҳуқуқвайронкунӣ ва муносибати ҳуқуқии муҳофизатӣ, ки дар доираи он вай вуҷуд дорад, дар лаҳзаи содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ба вуҷуд меоянд, аммо метавонанд амалинашуда боқӣ монанд (ҳуқуқвайронкунанда ёфт нашуд,

ҷабрдида аз ба ҷавобгарӣ кашидани он даст кашида бошад ва ғайра).

Вазъиятро тасдиқоти он, ки дар чунин ҳолатҳо мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ беамалии субъектони он ҳамчун як навъи рафтор баромад мекунад, наҷот дода наметавонад [32, с. 114; 53, с. 32]. Чунин тасдиқотро метавон қабул кард, агар мавқеъи тарафдорони назарияи «мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ — рафтор»-ро гирем, агар беамалиро ҳамчун баамалбарории ухдадории пассивӣ баррасӣ кунем (масалан, ухдадории ҳама ва ҳар як шахс дар бобати монеъ нагардидан ба молик ба татбиқи ҳуқуқи худ дар муносибатҳои ҳуқуқии мутлақи моликият). Аммо дар холатҳои дар боло овардашуда, беамалӣ берун аз ҳудуди алоқаи ҳуқуқӣ ҷойгир аст. Зиёда аз он, вай метавонад боиси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии нави муҳофизатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои нав гардад. Иҷро накардани уҳдадориҳои маҳсулотсупорӣ, напардохтани иҷорапулӣ боиси уҳдадории ҷуброни зиён, дучор шудан ба муҷозоти бо қонун ё шартнома муқарраршуда мегардад. Беамалиро дар ин ҳолатҳо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии муназзимӣ, амали татбиққунии онҳо ҳисоб кард, зеро он бевосита ба мақсади ташкили муносибатҳои ҳуқуқии муназзимӣ мухолиф аст.

Назарияи сеюм, ки дар мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳам ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳам рафтори субъектони онҳоро дарбар мегирад, зиддиятҳои байни тарафдорони назарияҳои якум ва дуюми мазмуни муносибатҳои ҳуқуқиро бартараф намекунад, зеро дар ин ҳолат дар чорчӯбаи як мафҳум падидаҳои гуногун муттаҳид карда мешаванд, ки бо категорияҳои «имконият» ва «воқеият» муайян карда мешаванд.

Эҳтимол роҳи ҳал дар он аст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷараёни инкишофи онҳо - дар статика (беҳаракатӣ) ва динамика (серҳаракатӣ) баррасӣ карда шаванд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар статика (беҳаракатӣ) -алоқаи ҳуқуқии ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни онҳо мебошад. Ҳуқуқу уҳдадориҳо низ рафторанд, аммо беэътибор, балки рафтори дар оянда имконпазир. Объекти дохилии чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ он чизе баромад мекунад, ки ба он мазмуни онҳо (ҳуқуқу уҳдадориҳо) нигаронида шудааст - рафтори шахсони уҳдадори муносибатҳои ҳуқуқӣ [23, с. 7; 45, с. 343]. Муносибати ҳуқуқӣ дар динамика (серҳаракатӣ) - алоқаи ҳуқуқӣ дар марҳалаи амалишавии он, вақте ки ҳуқуқу уҳдадориҳо дар рафтори воқеии иштирокчиёни ин алоқа зоҳир мегарданд, мебошад. Рафтори иштирокчиён дар марҳалаи мазкур мазмуни муносибати ҳуқуқии татбиқшаванда мегардад [7, с. 97–98; 47, с. 94; 55, с. 24–26].

Дар ҳамагуна ҳолат баррасӣ намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун алоқаи ҳуқуқии ҳуқуқу уҳдадориҳо барои илми ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Он имкон медиҳад, ки лаҳзаи ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ, субъектони он, ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи онҳо, оқибатҳои ҳуқуқии амалӣ накардан ва иҷро накардани онҳо аниқ муайян карда шавад.

Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ – ин бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ танзимшудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, алоқаҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар ҷараёни амалӣ намудани адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ба вуҷуд меоянд. Дар асоси фаҳмиши умуминазариявии муносибатҳои ҳуқуқӣ илми ҳуқуқи мурофиавии маданӣ хусусиятҳои хоси онҳоро таҳқиқ менамоянд.

Аксарияти олимони мурофиашинос ҳисоб мекунанд, ки субъекти ҳатмии ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ суд мебошад [13, с. 18; 34, с. 209; 50, с. 67; 53, с. 56]. Бо ин тасдиқот ҳамчун қоидаи умумӣ як қатор олимон розӣ шуда, бо вуҷуди ин чунин мешуморанд, ки дар баъзе ҳолатҳо муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ метавонанд бе иштироки суд, бевосита байни иштирокчиёни дигари мурофиаи маданӣ ба вуҷуд оянд [24, с. 60–62; 27, с. 4–5]. Ба сифати мисол ҳуқуқи тарафҳо барои ба ҳамдигар савол додан, бастани созиши оштӣ, тағйир додани тобеияти судии ҳудудии парвандаҳо, додани парванда бо розигии тарафҳо ба суди

ҳакамӣ ва ғ. оварда мешаванд. Бояд бо олимоне розӣ шуд, ки ҳисоб мекунанд, ки дар ин ҳолатҳо низ суд иштирокчии ҳатмии муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ мебошад [26, с. 30–34]. Байни иштирокчиёни дигари мурофиа метавонанд танҳо муносибатҳои воқеӣ (бо ҳуқуқ танзимнашуда) ё муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ вуҷуд дошта бошанд. Иштирокчиёни мурофиа ҳамаи саволҳоро ба якдигар ба воситаи суд медиҳанд. Суд метавонад саволеро, ки ба парванда дахл надорад, бардошта, бо ин иштирокчии мурофиаро аз посух додан ба он озод намояд. Ин ҳуқуқи суд мустақиман дар Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] муқаррар карда нашудааст, аммо аз нақши роҳбарикунандаи раисикунанда дар маҷлиси судӣ бармеояд, ки ҳамаи он чизеро, ки ба парвандаи баррасишаванда муносибат надорад, аз муҳокимаи судӣ бартараф намояд (қисми 2 моддаи 159 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Созиши оштӣ - ин аҳди маданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки бояд ба ҳамаи қоидаҳои ҳуқуқи маданӣ мувофиқат намояд [39, с. 149]. Дар адабиёт созиши оштии судӣ ҳамчун навъи созиши оштӣ (дар баробари ғайрисудӣ) баррасӣ мешавад, ки дорои хусусиятҳои муайян мебошад (таҳти назорати суд ба ҷо оварда мешавад, аз ҷониби тарафҳо бе бекор кардани санади судӣ тағйир дода шуда наметавонад ва ғ.) [35, с. 10; 42, с. 9], ки бо вуҷуди ин, хусусияти моддӣ-ҳуқуқии онро тағйир намедиҳад.

Созиши тарафҳо дар бораи супоридани парванда ба баррасии суди ҳакамӣ хусусияти моддӣ-ҳуқуқӣ дорад. Вай метавонад дар намуди шартномаи алоҳида баста шавад ё ба шартномаи маданӣ-ҳуқуқии байни тарафҳо дар намуди банди алоҳидаи он ворид карда шавад, яъне ҳанӯз то мурофиат ба суд, то ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ. Тарафҳо метавонанд дар бораи ба баррасии суди ҳакамӣ супоридани парванда ҳатто пас аз оғоз намудани парванда, то қабули ҳалномаи суди марҳилаи якум, ки бо он моҳиятан баррасии парвандаи маданӣ хотима меёбад, ба созиш бирасанд (моддаи 25 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин боиси бе баррасӣ монондани аризаи даъво мегардад (моддаи 227 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ин ҳолат низ хусусияти моддӣ-ҳуқуқии созиш тағйир намеёбад. Дархост дар бораи тасдиқи созиши оштӣ дар нақши факти ҳуқуқие баромад мекунад, ки муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии тарафҳоро бо суд қатъ менамояд.

Табиати созишномаи тарафҳо дар бораи тағйир додани тобеияти судии ҳудудии парванда (тобеияти шартномавӣ) низ ҳамин гуна аст, ки танҳо то пешниҳоди даъво ба суд имконпазир аст (моддаи 34 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва боиси баргардонидани аризаи даъвогӣ ба даъвогар бо сабаби тобеияти судии ҳамин суд набуданн парванда мегардад (сархати дуюми қисми 1 моддаи 138 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Муносибати байни намоянда ва намояндагикунанда хусусияти моддӣ-ҳуқуқӣ (на мурофиавӣ) дорад. Онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ ва оилавӣ танзим карда мешаванд. Масалан, шартномаҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ навъи шартномаи хизматрасонии музднок мебошанд (моддаи 859 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [3]). Боби 5 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Намояндагӣ дар суд» на муносибатҳои мурофиавии байни намоянда ва намояндагикунанда, балки муносибатҳои намоянда бо судро танзим менамояд (асосҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии намоянда бо суд, оқибатҳои мурофиавии аз ҷониби намоянда анҷом додани ягон хел амалҳо, уҳдадории суд оид ба аҳамияти ҳуқуқӣ надодан ба амалҳои намоянда, ки зиёдтар аз салоҳияти он анҷом дода шудааст ва ғ.).

Дар рафти баррасии парвандаи граждонӣ байни суд ва иштирокчиёни дигари мурофиаи маданӣ муносибатҳои сершумори ҳуқуқии мурофиавӣ ба вуҷуд меоянд. Ин алоқаҳо ягонагии муайянеро ташкил медиҳанд, ки мурофиаро аз рӯи парвандаи мазкур аз мурофиа аз рӯи баррасии дигар парвандаҳои маданӣ фарқ мекунонад. Дар назария,

равишҳои гуногун барои ишорати ин ягонагӣ вуҷуд доранд.

М.А. Гурвич пайваста он ақидаро ҳимоя мекард, ки ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ аз рӯи парвандаи мушаххас дар як муносибати ҳуқуқии ягонаи мураккаби комплексии мурофиавии маданӣ муттаҳид мешаванд [15, с. 51; 16, с. 31; 17, с. 6; 37, с. 55; 54, с. 57]. Муаллифони дигар чунин равишро содда ҳисобида, дар бораи низоми муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар рафти баррасии парвандаи маданӣ таркиб меёбанд, сухан мегӯянд [25, с. 11; 34, с. 183–186; 50, с. 56–63].

Муносибати ҳуқуқӣ падидаи бисёрнақшагӣ, бисёрҷанба мебошад. Дар рафти танзими ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқии дараҷаҳои гуногуни умумият ва мураккаб таркиб меёбанд. Аз ин рӯ, бояд бо муаллифоне розӣ шуд, ки ҳисоб менамоянд, ки дар байни таърифи мурофиа ҳамчун муносибати ҳуқуқии мураккаб ва муайян кардани он ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ фарқияти куллӣ вуҷуд надорад [22, с. 36]. Бо истилоҳи «муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ» на камтар аз се мафҳум ишора карда мешаванд. Якум, ин муносибатҳои ҳуқуқии содда мебошанд, ки дар доираи онҳо як ҳуқуқи мурофиавӣ ва як уҳдадории мурофиавӣ амалӣ карда мешавад. Пешниҳоди даъво уҳдадории судро оид ба ҷавоб додан ба аризаи даъвогӣ ба вуҷуд меорад (онро ба истеҳсолоти худ қабул кунад, қабули аризаро рад кунад, аризаро баргардонад ва ғ.). Дархости арзнамудаи тараф судро вазифадор мекунад, ки онро баррасӣ карда қонеъ гардонад ё рад кунад ва ғ. Дуюм, бо истилоҳи «муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ» низоми (гурӯҳҳои) муносибатҳои ҳуқуқии содда фаро гирифта мешаванд: «суд – даъвогар»; «суд – ҷавобгар»; «суд – прокурор» ва ғайра. Ин занҷирҳои муносибатҳои ҳуқуқии содда мебошанд, ки судро бо ҳамаи иштирокчиёни дигари мурофиа мепайванданд [34, с. 184–185]. Низоми муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии содда ба муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии мадании ягонаи мураккаб муттаҳид мешаванд [21, с. 10]. «Ҳуқуқи мурофиавӣ, – навишта буд мурофиашиноси немис профессор О. Бюлов, – ҳуқуқу уҳдадориҳои суд ва тарафҳоро дар муносибатҳои ҳамдигарии онҳо муайян мекунад. Аммо бо ин гуфта мешавад, ки мурофиа таносуби ҳуқуқу уҳдадориҳо, яъне муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад [12, с. 250]. Хулосаи мазкур аз ҷониби бисёр мурофиашиносони шӯравӣ ва ҳозира дастгирӣ меёбад [16, с. 31; 18, с. 15; 43, с. 137; 44, с. 6].

Ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ аз рӯи парвандаи мушаххас дар як маҷмӯи ягона (муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии мадании мураккаб) муттаҳид мешаванд, ки субъекти ҳатмии ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ суд мебошад. Дар доираи ин муносибати ҳуқуқӣ ҳуқуқи мурофиавии мадании мураккаби муроҷиат ба суд барои ҳифз амалӣ карда мешавад (моддаи 4 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки аз бисёр ҳуқуқҳои мурофиавии соддаи бисёр иборат буда, дар рафти мурофиаи судӣ татбиқ карда мешаванд ва вазифаи мураккаби мурофиавии суд оид ба амалӣ намудани адолати судиро муросилот менамояд [21, с. 8–9]. Ҳуқуқи муроҷиат ба судро бо ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, ки дар моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] сабт гардидааст омехта кардан мумкин нест, зеро аксар вақт на танҳо дар назария, балки дар амалия низ омехтакунии ин категорияҳои ҳуқуқӣ ҷой дорад. Ҳуқуқи муроҷиат ба суд ба шахсе тааллуқ дорад, ки ба баррасии парвандаи мушаххаси маданӣ манфиатдор бошад, дорои заминаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаи 137 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), вазифаҳои суд оид ба амалӣ намудани адолати судӣ буда, дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ амалӣ мегардад. Ҳуқуқи конститутсионии ҳифзи судӣ ба ҳар як шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуди он новобаста аз он, ки дар шаҳрванд ягон вақт эҳтиёҷот ба адолати судӣ пайдо мешавад ё не, тааллуқ дорад. Ин як ҷузъи мақоми ҳуқуқии он аст. Ҳуқуқи мазкур дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионии шаҳрванд бо давлат амалӣ мегардад. Мутобиқи он вазифаи давлат

аст, ки речаи ҳуқуқиеро таъсис диҳад, ки дар ҳолати зарурӣ ҳимояи судии самараноки ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандро таъмин намояд (дар қонунгузории моддӣ тарзҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо, дар қонунгузории мурофиавӣ бошад – тартиби самарабахши ҳифзи судӣ пешбинӣ шуда, низоми судҳо ташкил карда шавад, се қисмати номбаршуда дар ҳолати дахлдор нигоҳ дошта шуда, такмил дода шаванд [33, с. 36]).

Сабт гардидани ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳифзи судӣ дар м. 57 Конститутсияи ИҶШС [1] ва моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар васеъ намудани дастрасӣ ба ҳифзи судӣ тавассути такмили қонунгузории соҳавӣ (моддӣ ва мурофиавӣ) ва таҷрибаи судӣ нақши бузург бозид. Аммо ин асос намедиҳад, ки онро бевосита дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ амалишуда ҳисоб кард.

Муносибатҳои ҳуқуқии мураккаби мурофиавии маданӣ дорои объекти дохилии худ – фаъолияти суд оид ба амалӣ намудани адолати судӣ ва объекти беруна ё предмети фаъолияти судӣ – парвандаи маданӣ мебошад, ки маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқии моддиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби суд таҳқиқ, маҷбуран амалӣ ва ҳифз карда мешаванд [10, с. 82; 19, с. 83; 23, с. 11].

Муносибатҳои моддӣ метавонанд дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси талаботи иҷтимоии одамон инкишоф ёбанд ва на бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ (одатҳо, анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва ғайра) танзим карда шаванд. Минбаъд давлат ба мақсад мувофиқ будани онҳоро эътироф намуда, онҳоро ба соҳаи танзими ҳуқуқӣ дохил намуда, ба онҳо хусусияти муносибатҳои ҳуқуқиро медиҳад. Масалан чунин ҳолат бо баъзе муносибатҳои оилавӣ рӯй дод (масалан, бо додани аҳамияти ҳуқуқӣ ба муносибатҳои никоҳӣ дар ИҶШС солҳои 1926—1944, бо қонунигардонии никоҳи ҳамҷинсон дар баъзе кишварҳои Ғарб, бо сабти меъёрҳои динӣ дар қонунгузории кишварҳои мусулмонӣ). Дар мурофиаи маданӣ чунин вазъият имконнопазир аст. Муҳокиаи судӣ дар шакли қатъии муайяни мурофиавӣ сурат мегирад. Дар мурофиаи судӣ танҳо рафтори бо меъёрҳои мурофиавӣ пешбинишуда имконпазир аст, ки ин зуҳуроти принсипи асосии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ — принсипи қонуният мебошад. Қонунгузор пешакӣ мурофиаи судиро барномарезӣ мекунад. Бинобар ин муносибатҳои мурофиавӣ фавран дар шакли ҳуқуқӣ, дар шакли муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ ба вуҷуд меоянд [22, с. 24–26].

То ҳоло ҳам дар илм масъалаи хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ, ки бевосита бо тавсифи методи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ алоқаманд аст, баҳснок боқӣ мемонад. Мо бо муаллифоне, ки методи танзими хуқуқиро ба сифати маҷмуи тарзҳо, усулҳо, воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятии танзимнамудаи он баррасӣ менамоянд, ҳамфикр ҳастем [6, с. 296; 46, с. 92, 99, 106]. Қисмати муҳим ва асосии методи соҳавии танзими ҳуқуқӣ хусусияти вазъи ҳуқуқии субъектони соҳаи мазкури ҳуқуқ мебошад (муносибатҳои байни онҳо дар асоси баробарии ҳуқуқӣ ё ҳокимият ва тобеият ба вуҷуд меоянд) [6, с. 295].

Аксарияти мурофиашиносон ба он ақидаанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ - ин муносибатҳои ҳокимият ва тобеият, муносибатҳои ҳокимиятие мебошанд, ки дар онҳо суд ҳамчун мақомоте, ки ҳокимияти судиро амалӣ менамояд, мавкеи ҳукмронро ишғол менамояд [34, с. 187]. Аммо ақидаи дигар низ вуҷуд дорад. Ба инкишофи мурофиа таъсири калонро принсипи мурофиавии диспозитивӣ мерасонад, ки мувофиқи он пешравии мурофиа аз бисёр ҷиҳат аз изҳори иродаи тарафҳо вобаста аст ва суд ба андозаи бештар бо ин изҳори ирода алоқаманд аст. Ҳам суд ва ҳам тарафҳо ба муқаррар намудани ҳақиқат аз рӯи парванда, ба қабул намудани ҳалномаи қонунӣ манфиатдор мебошанд. Бинобар ин, муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ аз ҷониби баъзе олимон ба сифати муносибатҳои ҳамкории суд бо дигар иштирокчиёни мурофиа баррасӣ карда мешаванд [8, с. 17–29; 16, с. 30; 31, с. 70–77].

Хусусияти методи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ бо моҳияти дугонаи мурофиаи судии маданӣ муайян карда мешавад, ки он аз як

тараф ҳамчун шакли адолати судӣ ва аз тарафи дигар бошад ҳамчун шакли ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ баромад мекунад [11, с. 65–66; 22, с. 5]. Бинобар ин, дар методи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ унсурҳои императивӣ ва диспозитивӣ ба таври органикӣ пайваст мешаванд. Аммо ин хулосаро дар бораи нақши роҳбарикунандаи суд дар мурофиаи маданӣ рад намекунад. Танҳо суд ҳокимияти судиро ба амал мебарорад, танҳо ба зиммаи вай вазифаи муқаррар намудани ҳақиқат аз рӯи парванда, вазифаи амалӣ намудани адолати судӣ гузошта шудааст [12, с. 150]. Маҳз бо ҳамин талаботи зиёде, ки нисбати судяҳо пешниҳод карда мешаванд ва кафолатҳои махсуси фаъолияти онҳо муайян карда менаванд. Бинобар ин муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ аз рӯи хусути худ бешубҳа муносибатҳои ҳокимият ва тобеият, муносибатҳои ҳокимият мебошанд.

Ба мурофиа роҳбарикунии судиро набояд бо маҷбуркунии давлатӣ мушобеҳ карда, охирин аз ҳад зиёд васеъ шарҳ дода шавад. Масалан, Д.Г. Нохрин маҷбуркунии мурофиавии маданиро ҳамчун «аз ҷониби суд нисбат ба иштирокчиёни мурофиа истифода бурдани методи идоракуние, ки ба методи императивии танзими ҳуқуқӣ (ҳамчун қисми методи комплексии ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ) асос шуда, мазмуни онро таъсири омиронаи ҷисмонӣ, молумулкӣ ё дигар таъсире ташкил менамояд, ки дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонуни мурофиавӣ амалӣ карда мешавад», муайян мекунад [41, с. 18]. Тафриқаи мафҳумҳои танзими ҳуқуқӣ ва маҷбуркунии давлатӣ зарур аст. Танзими ҳуқуқӣ - ин ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ додани ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ба зиммаи шахс гузоштани уҳдадории ҳуқуқӣ амалан ҳамеша бо ногувории муайян барои ӯ алоқаманд аст, зеро ин рафтори ӯро «побанд» ва ӯро ба як маҷрои муайян равона мекунад. Аммо ин, оқибати мӯътадили танзими ҳуқуқӣ мебошад. Маҳдудкунии озодии рафтори шахс ба манфиати ҷамъият ва аксар вакт ба манфиати худи шахси уҳдадор (масалан, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ) сурат мегирад. Одатан, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии муназзимӣ (регулятивӣ) ихтиёран амалӣ карда мешаванд, ки барои рафтори мӯътадил ва мусбати иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Маҷбуркунии давлати воситаи эҳтиётӣ, унсури механизми ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъективӣ мебошад. Он дар ҳолатҳое истифода карда мешавад, ки агар дар қисмати муназзимии (регулятивии) механизми танзими ҳуқуқӣ «номураттабиҳо» рух диҳанд, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ихтиёран иҷро карда нашаванд.

Мурофиаи гражданӣ нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии моддие, ки аз ҷониби вай ҳифз карда мешаванд, функсияи муҳофизатиро иҷро мекунад. Аммо ҳуқуқи мурофиавии маданиро ба сифати объекти мустақили таҳқиқоти илмӣ ҷудо аз ҳуқуқи моддӣ баррасӣ карда истода, бояд ба хулоса омад, ки меъёрҳои мурофивӣ гуногуннавъ мебошанд. Баъзеи онҳо (муназзимӣ) рушди мӯътадили мурофиаро танзим мекунанд. Дигаронаш (меъёрҳои мурофиавии муҳофизатӣ) ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои мурофиавии муназзимӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳои мурофиавӣ мавриди амал қарор мегиранд. Ин ду гурӯҳи меъёрҳо дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии мадании муназзимӣ ва муҳофизатӣ амалӣ мегарданд [20, с. 40–41]. Дар бораи маҷбуркунии мурофиавӣ метавон танҳо ҳамчун унсури қисмати муҳофизатии механизми танзими мурофиавии маданӣ гуфт.

Амалан дар бораи ҳамон чиз, бо истифода аз истилоҳоти дигар, А.В. Юдин менависад: «Ба маънои васеъ (ё позитивӣ) тамоми мурофиаи маданӣ низоми маҷбуркунии мурофиавиро ифода менамояд, ки суд мавқеи роҳбарикунандаро ишғол карда истода, фаъолияти мурофиавиро ба маҷрои зарурии ноил шудани вазифаҳо ва мақсадҳои мурофиаи судии маданӣ равона мекунад... Ба маънои маҳдуд (ё негативӣ) маҷбуркунии мурофиавии гражданӣ маънои маҷбуркунии ҳуқуқиро дорад, ки барои вайрон кардани уҳдадориҳои мурофиавии маданӣ меояд» [56, с. 136–137].

Мо чунин мешуморем, ки ба чораҳои маҷбуркунӣ набояд барои дар парванда

иштирок намудан ҷалб кардани ҷавобгар, шахсони сеюм, шоҳидон, талаб намудани ҳуҷҷатҳо ва ғайрро, ки чӣ тавре инро Д.Г. Нохрин мекунад [41, с. 22–23, 180–183], мансуб донист, гарчанде дар ҳамаи ин ҳолатҳо, ба монанди дар ҳуқуқи суд дар додани саволҳо ба иштирокчиёни мурофиа, муайян намудани тартиби таҳқиқи ҳуҷҷатҳо, қонеъ кардани дархостҳои арзшуда ё рад кардани қонеъкунии онҳо, иҷозат додан ё манъ кардани аксбардорӣ, сабти видео, пахши телевизионӣ ва радиоии маҷлиси судӣ, бешубҳа, хусусияти омиронаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ зоҳир мегардад.

Бо хусусияти муносибатҳои хуқуқии мурофиавии маданӣ проблемаи таносуби ҳуқуқу уҳдадориҳои суд бо иштирокчиёни дигари мурофиа алоқаманд аст.

Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии мадании дар асоси онҳо бавуҷудомада намуди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, дорои ҳамаи аломатҳои онҳо мебошанд. Аз хусусияти пешниҳодӣ-водоркунии меъёрҳои мурофиавии маданӣ бармеояд, ки муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ - коррелятсияи (алоқаи тарафайн, таносуби) ҳуқуқу ухдадориҳои мурофиавӣ мебошад. Ба муқарраротӣ маъмул (умумиэътирофшуда) назарияи аслии М.А. Гурвич мувофиқат намекунад. Вай ҳисоб мекунад, ки шахсони иштироккунандаи парванда, аз рӯи қоидаи умумӣ, уҳдадорихои мурофиавии ҳуқуқиро ба дӯш надоранд. Меъёрҳои ҳуқуқ онҳо ба анҷом додани амалҳои муайян маҷбур намекунанд, балки танҳо ташвиқ мекунанд. Аз тарафи дигар, суд низ дар мурофиаи маданӣ дар назди шахсони иштироккунандаи парванда уҳдадорӣ ба дӯш надорад, зеро охиринҳо ҳуқуқ надоранд барои иҷрои вазифаҳои адолати судӣ аз ҷониби суд иҷозат диҳанд. Уҳдадориҳои худро суд танҳо дар назди давлат ба дӯш дорад [14, с. 73–75]. Минбаъд М.А. Гурвич консепсияи худро то ба ниҳояти мантиқӣ овард. Бо андешаи он, ки судяҳо мустақиланд ва танҳо ба қонун итоат мекунанд, ӯ изҳор дошт, ки суд дар назди касе (аз ҷумла дар назди давлат низ) уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ба дӯш надорад [17, с. 7–8].

Танқидгарони назарияи М.А. Гурвич дуруст қайд кардаанд, ки он худи мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданиро вайрон мекунад. Ба андешаи Ю.К. Толстой, суд дар тафсири М.А. Гурвич дар муносибат бо худ мемонад [48, с. 34]. М.А. Гурвич тафсири хеле маҳдуди санксияи меъёри ҳуқуқиро ҳамчун дастур ба чораи маҷбуркунии давлатӣ ба асос мегирад. Агар фаҳмиши васеи хеле дурусттари санксияро ҳамчун дастур ба ҳама гуна оқибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ номусоиди вайронкунии диспозитсияи меъёр ба асос гирифта шавад, он гоҳ ҳама падидаҳои «алоқамандиҳо», «ташвиққуниҳо» ва ғайра, ки дар паси онҳо зарурати рафтори муайяни бо ҳуқуқ муқарраршуда пинҳон аст, ба ғайр аз уҳдадориҳои ҳуқуқии мурофиавӣ дигар чизе намебошад [20, с. 42–52].

Дар асоси фаҳмиши дар боло зикршудаи муносибатҳои ҳуқуқии мураккаби мурофиавии маданӣ, метавон хулоса кард, ки ҳуқуқи маҷмӯии мурофиат ба суд барои ҳифзи судӣ (унсури мазмуни он) дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххаси мурофиавии маданӣ дар намуди ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии мушаххас зоҳир мегардад.

Суд дар мурофиаи гражданӣ дорои салоҳиятҳо - маҷмӯи ваколатҳои ҳокимиятӣ мебошад, ки дар доираи он ҳуқуқу уҳдадориҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан душвор аст. Анҷом додани адолати судӣ - ҳуқуқ ва уҳдадории суд мебошад, ки дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии мураккаби мурофиавии маданӣ амалӣ карда мешавад. Дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии мушаххас бо иштирокчиёни мурофиа вай дар ҳуқуқ ё уҳдадориҳои мурофиавии мушаххас зоҳир мегардад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Каримов А.Қ.**

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ГРАЖДАНСКИХ ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРАВООТНОШЕНИЙ

***Ключевые слова:*** общая теория права; правоотношения; процессуальные правоотношения; гражданские процессуальные правоотношения; гражданский процесс; судебный процесс; суд; участники процесса; субъективные права; юридические обязанности.

***Аннотация:*** В статье автор рассматривает некоторые вопросы гражданских процессуальных правоотношений. На основе представленного в статье понимания сложного гражданского процессуального правоотношения автор приходит к выводу, что комплексное право на обращение в суд за судебной защитой (элемент его содержания) в конкретных гражданских процессуальных правоотношениях проявляется в виде конкретных процессуальных прав и обязанностей.

***Табаров Неъмон Амонович*** – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru, Тел: (+992) 907-97-65-12.

## ABOUT SOME ISSUES OF CIVIL PROCEDURE RELATIONS

***Key words:*** general theory of law; legal relations; procedural legal relations; civil procedural legal relations; civil process; trial; court; participants in the process; subjective rights; legal responsibilities.

***Annotation:*** In the article the author examines some issues of civil procedural legal relations. Based on the understanding of complex civil procedural legal relations presented in the article, the author comes to the conclusion that the complex right to go to court for judicial protection (an element of its content) in specific civil procedural legal relations manifests itself in the form of specific procedural rights and obligations.

***Tabarov Nemon Amonovich*** – candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru, Tel.: (+992) 907-97-65-12.

**Рӯйхати адабиёт:**

9. Конститутсияи (Қонуни Асосии) ИҶШС аз 7 октябри соли 1977 // Ведомости Совети Олии ИҶШС. 1977. № 41. М. 617.

10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе. Ганҷ. 2016.

11. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022.

12. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.6, мод.7.

13. Александров Н.Г. Қонуният ва муносибати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шӯравӣ. М., 1955. - 176 с.

14. Алексеев С.С. Назарияи умумии ҳуқуқ. М., 1981. Ҷ. 1. - 360 с.

15. Алексеев С.С. Назарияи умумии ҳуқуқ. М., 1982. Ҷ. 2. - 360 с.

16. Боннер А.Т. Таносуби омирӣ ва диспозитивӣ дар рушди муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ // Проблемаҳои актуалии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон ва ташкилотҳо. М., 1985. - С. 17–29.

17. Братус С.Н. Предмет ва системаи ҳуқуки граждании шӯравӣ. М., 1963. - 197 с.

11. Бутнев В.В. Баамалбарории ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар мурофиаи гражданӣ. Ярославл, 1985. – 129 с.

12. Бутнев В.В. Методи ҳуқуқи мурофиавии граждани ва ҷавобгарии мурофиавии гражданӣ // Навиштаҷоти ҳуқуқии Донишгоҳи давлатии Ярослав ба номи П.Г. Демидов. Ярославл, 1997. Барориши 1. - С. 55-73.

13. Васковский Е.В. Китоби дарсии мурофиаи гражданӣ. М., 1914. - 571 с.

14. Голмстен А.Х. Китоби дарсии мурофиаи судии граждании рус. Краснодар, 2004. - 483 с.

15. Гурвич М.А. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ ва амалҳои мурофиавӣ // ВЮЗИ. М., 1965. Ҷ. 3. - С. 62-117.

16. Гурвич М.А. Оид ба масъалаи предмети илми мурофиаи граждании шӯравӣ // Навиштаҷоти илмии ВИЮН. М., 1955. Барориши 4. - С. 28-59.

17. Гурвич М.А. Хусусиятҳои асосии муносибати ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ // Давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ. 1972. № 2. - С. 29-36.

18. Гурвич М.А. Ҳалномаи судӣ: Проблемаҳои назариявӣ. М., 1976. - 176 с.

19. Евстифеева Т.И. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ: автореф. дис. ... номзад. илм. ҳуқуқ. Саратов, 2001. - 30 с.

20. Елисейкин П.Ф. Мафҳум ва мазмуни парвандаи гражданӣ // Масъалаҳои назария ва амалияи мурофиаи гражданӣ. Саратов, 1976. Барориши 1. - С. 79–87.

21. Елисейкин П.Ф. Меъёри мурофиавӣ ва диспозитсияи он // Проблемҳои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва мурофиаи судии граждании шуравӣ. Ярославл, 1979. - С. 29-52.

22. Елисейкин П.Ф. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ. Ярославл, 1975. - 94 с.

23. Елисейкин П.Ф. Предмет ва принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии граждании шӯравӣ. Ярославл, 1974. - 110 с.

24. Елисейкин П.Ф. Предмети фаъолияти судӣ дар мурофиаи граждании шӯравӣ (мафҳум, ҷой ва аҳамияти он): автореф. дис. ... д-ри илм. ҳуқуқ. Л., 1974. - 31 с.

25. Жеруолис И.А. Моҳияти мурофиаи граждании шӯравӣ. Вилнюс, 1969. - 204 с.

26. Зейдер Н.Б. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ. М., 1966. - 73 с.

27. Ивакин В.Н. Дар бораи баъзе хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ // Проблемаҳои актуалии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон ва ташкилотҳо. М., 1985. - С. 30–36.

28. Илъинская И.М. Иштироки шахсони сеюм дар мурофиаи граждании шӯравӣ: автореф. дис. ... номзад. илм. ҳуқуқ. Л., 1952. - 14 с.

29. Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Масъалаҳои назарияи ҳуқуқ. М., 1961. . - 381 с.

30. Керимов Д.А. Проблемаҳои фалсафии ҳуқуқ. М., 1972. - 472 с.

31. Клейнман Н.Ф. Мурофиаи граждании шӯравӣ. М., 1954. - 408 с.

32. Комаров В.В. Вазъи ҳуқуқии субъектон дар муносибати ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ // Проблемаҳои ҳуқуқшиносӣ. Киев, 1979. Барориши 40. - С. 70–77.

33. Крашенинников Е.А. Дар бораи мазмун ва шакли муносибати ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ // Проблемҳои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва мурофиаи судии граждании шуравӣ. Ярославл, 1976. Барориши 1. - С. 110–114.

34. Крашенинников Е.А. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи судӣ // Проблемҳои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва мурофиаи судии граждании шуравӣ. Ярославл, 1981. - С. 25–43.

35. Курси ҳуқуқи мурофиавии граждании шӯравӣ. М., 1981. Ҷ. 1. - 464 с.

36. Лазарев С.В. Созиши оштӣ дар мурофиаи судии гражданӣ: автореф. дис. ... номзад. илм. ҳуқуқ. Екатеринбург, 2006. - 22 с.

37. Мелников А.А. Вазъи ҳуқуқии шахсият дар мурофиаи граждании шӯравӣ. М., 1969. - 247 с.

38. Мозолин В.П. Дар бораи муносибати ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ // Давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ. 1955. № 6. - С. 50–57.

39. Мозолин В.П. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ аз рӯи ҳуқуқи шӯравӣ: автореф. дис. ... номзад. илм. ҳуқуқ. М., 1954. - 23 с.
40. Мурофиаи граждании шӯравӣ / таҳти таҳр. М.А. Гурвич. М., 1967. - 436 с.
41. Назарияи умумии марксистӣ-ленинии давлат ва ҳуқуқ: Ҳуқуқи сотсиалистӣ. М., 1973. - 647 с.
42. Нохрин Д.Г. Маҷбуркунии давлатӣ дар мурофиаи судии гражданӣ: дис. ... номзад. илм. ҳуқуқ. М., 2006. – 200 с.
43. Пилехина Е.В. Созиши оштӣ дар амалияи суди арбитражӣ ва суди юрисдиксияи умумӣ: автореф. дис. ... номзад. илм. ҳуқ. СПб., 2001. – 46 с.
44. Протасов В.Н. Муносибати ҳуқуқӣ ҳамчун система. М., 1991. - 143 с.
45. Протасов В.Н. Мурофиаи гражданӣ аз мавқеи равиши системавӣ (ҷанбаи методологӣ): автореф. дис. ... номзад. илм. ҳуқ. Саратов, 1979. - 18 с.
46. Сабо И. Ҳуқуқи сотсиалистӣ. М., 1964. - 396 с.
47. Системаи ҳуқуқи шӯравӣ ва ояндаи инкишофи он: «Мизи мудаввар»-и маҷаллаи «Давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ» // Давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ. 1982. № 6. С. 92, 99, 106.
48. Ткаченко Ю.Г. Масъалаҳои методологии назарияи муносибатҳои ҳуқуқӣ. М., 1980. - 176 с.
49. Толстой Ю.К. Оид ба назарияи муносибати ҳуқуқӣ. Л., 1959. - 88 с.
50. Халфина Р.О. Таълимоти умумӣ дар бораи муносибатҳои ҳуқуқӣ. М., 1974. - 351 с.
51. Чечина Н.А. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ. Л., 1962. - 68 с.
52. Чечот Д.М. Ҳуқуқи субъективӣ ва шаклҳои ҳимояи он. Л., 1968. - 72 с.
53. Ҷалилов Д.Р. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ ва субъектони он. – Душанбе, 1962. - 39 с.
54. Шеглов В.Н. Даъво дар бораи ҳифзи судии ҳуқуқи гражданӣ. Томск, 1987. - 168 с.
55. Шеглов В.Н. Ҳуқуқи мурофиавии граждании шӯравӣ: лексияҳо барои донишҷӯён. Томск, 1976. - 81 с.
56. Элкинд П.С. Моҳияти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии шӯравӣ. Л. 1963. - 172 с.
57. Юдин А.В. Суиистифода аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ дар мурофиаи судии гражданӣ. СПб., 2005. - 360 с.

**Список литературы:**

1. Конституция (Основной Закон) СССР от 7 октября 1977 года // Ведомости Верховного Совета СССР. 1977. № 41. Ст. 617.
2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (с изменениями и дополнениями на таджикском и русском языках). – Душанбе. Гандж. 2016.
3. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года.
4. Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 5 января 2008 года (с изменениями и дополнениями) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., №1, ч.1, ст.6, ст.7.
5. Александров Н.Г. Законность и правоотношения в советском обществе. М., 1955. - 176 с.
6. Алексеев С.С. Общая теория права. М., 1981. Ҷ. 1. - 360 с.
7. Алексеев С.С. Общая теория права. М., 1982. Ҷ. 2. - 360 с.
8. Боннер А.Т. Соотношение властности и диспозитивности в развитии гражданских процессуальных правоотношений // Актуальные проблемы защиты субъективных прав граждан и организаций. М., 1985. - С. 17–29.
9. Братусь С.Н. Предмет и система советского гражданского права. М., 1963. - 197 с.
10. Бутнев В.В. Реализация юридической ответственности в гражданском процессе. Ярославль, 1985. – 129 с.

11. Бутнев В.В. Метод гражданского процессуального права и гражданская процессуальная ответственность// Юридические записки Ярославского гос. ун-та им. П. Г. Демидова. Ярославль, 1997. Вып. 1. С. 55-73.

12. Васьковский Е.В. Учебник гражданского процесса. М., 1914. - 571 с.

13. Гольмстен А.Х. Учебник русского гражданского судопроизводства. Краснодар, 2004. - 483 с.

14. Гурвич М.А. Гражданские процессуальные правоотношения и процессуальные действия // ВЮЗИ. М., 1965. Т. 3. - С. 62-117.

15. Гурвич М.А. К вопросу о предмете науки советского гражданского процесса // Учен. зап. ВИЮН. М., 1955. Вып. 4. - С. 28-59.

16. Гурвич М.А. Основные черты гражданского процессуального правоотношения// Сов. государство и право. 1972. № 2. - С. 29-36.

17. Гурвич М.А. Судебное решение: Теоретические проблемы. М., 1976. - 176 с.

18. Евстифеева Т.И. Гражданские процессуальные правоотношения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Саратов, 2001. - 30 с.

19. Елисейкин П.Ф. Понятие и содержание гражданского дела// Вопросы теории и практики гражданского процесса. Саратов, 1976. Вып. 1. - С. 79–87.

20. Елисейкин П.Ф. Процессуальная норма и ее диспозиция // Проблемы защиты субъективных прав и советское гражданское судопроизводство. Ярославль, 1979. - С. 29-52.

21. Елисейкин П.Ф. Гражданские процессуальные правоотношения. Ярославль, 1975. - 94 с.

22. Елисейкин П.Ф. Предмет и принципы советского гражданского процессуального права. Ярославль, 1974. - 110 с.

23. Елисейкин П.Ф. Предмет судебной деятельности в советском гражданском процессе (его понятие, место и значение): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. Л., 1974. - 31 с.

24. Жеруолис И.А. Сущность советского гражданского процесса. Вильнюс, 1969. - 204 с.

25. Зейдер Н.Б. Гражданские процессуальные правоотношения. М., 1966. - 73 с.

26. Ивакин В.Н. О некоторых особенностях гражданских процессуальных правоотношений // Актуальные проблемы защиты субъективных прав граждан и организаций. М., 1985. - С. 30–36.

27. Ильинская И.М. Участие третьих лиц в советском гражданском процессе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Л., 1952. - 14 с.

28. Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории права. М., 1961. - 381 с.

29. Керимов Д.А. Философские проблемы права. М., 1972. - 472 с.

30. Клейнман Н.Ф. Советский гражданский процесс. М., 1954. - 408 с.

31. Комаров В.В. Правовое положение субъектов в гражданском процессуальном правоотношении // Проблемы правоведения. Киев, 1979. Вып. 40. - С. 70–77.

32. Крашенинников Е.А. О содержании и форме гражданского процессуального правоотношения // Проблема защиты субъективных прав и советское гражданское судопроизводство. Ярославль, 1976. Вып. 1. - С. 110–114.

33. Крашенинников Е.А. Конституционное право граждан на судебную защиту // Проблемы защиты субъективных прав и советское гражданское судопроизводство. Ярославль, 1981. - С. 25–43.

34. Курс советского гражданского процессуального права. М., 1981. Т. 1. - 464 с.

35. Лазарев С.В. Мировое соглашение в гражданском судопроизводстве: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2006. - 22 с.

36. Мельников А.А. Правовое положение личности в советском гражданском процессе. М., 1969. - 247 с.

37. Мозолин В.П. О гражданско-процессуальном правоотношении // Сов. государство и право. 1955. № 6. - С. 50–57.

38. Мозолин В.П. Гражданско-процессуальные правоотношения по советскому праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. М., 1954. - 23 с.

39. Советский гражданский процесс / под ред. М. А. Гурвича. М., 1967. - 436 с.

40. Марксистско-ленинская общая теория государства и права: Социалистическое право. М., 1973. - 647 с.

41. Нохрин Д.Г. Государственное принуждение в гражданском судопроизводстве: дис. ... канд. юрид. наук. М., 2006. – 200 с.

42. Пилехина Е.В. Мировое соглашение в практике арбитражного суда и суде общей юрисдикции: автореф. дис. ... канд. юрид.наук. СПб., 2001. –. 46 с.

43. Протасов В.Н. Правоотношение как система. М., 1991. - 143 с.

44. Протасов В.Н. Гражданский процесс с позиции системного подхода (методологический аспект): автореф. дис. канд.юрид. наук. Саратов, 1979. - 18 с.

45. Сабо И. Социалистическое право. М., 1964. - 396 с.

46. Система советского права и перспективы ее развития: «Круглый стол» журнала «Советское государство и право» // Сов.государство и право. 1982. № 6. С. 92, 99, 106.

47. Ткаченко Ю.Г. Методологические вопросы теории правоотношений. М., 1980. - 176 с.

48. Толстой Ю.К. К теории правоотношения. Л., 1959. - 88 с.

49. Халфина Р.О. Общие учения о правоотношении. М., 1974. - 351 с.

50. Чечина Н.А. Гражданские процессуальные отношения. Л., 1962. - 68 с.

51. Чечот Д.М. Субъективное право и формы его защиты. Л., 1968. - 72 с.

52. Джалилов Д.Р. Гражданское процессуальное правоотношение и его субъекты. – Душанбе, 1962. - 39 с.

53. Щеглов В.Н. Иск о судебной защите гражданского права. Томск, 1987. - 168 с.

54. Щеглов В.Н. Советское гражданское процессуальное право: лекции для студентов. Томск, 1976. - 81 с.

55. Элькинд П.С. Сущность советского уголовного процессуального права. Л., 1963. - 172 с.

56. Юдин А.В. Злоупотребление процессуальными правами в гражданском судопроизводстве. СПб., 2005. - 360 с.

**List of literature:**

1. Constitution (Basic Law) of the USSR of October 7, 1977 // Gazette of the Supreme Soviet of the USSR. 1977. No. 41. Art. 617

2. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (with amendments and additions in Tajik and Russian languages). - Dushanbe. Ganj. 2016.

3. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022.

4. Civil procedural code of the Republic of Tajikistan dated January 5, 2008 (with amendments and additions) // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2008, No. 1, part 1, article 6, article 7.

5. Aleksandrov N.G. Legality and legal relations in Soviet society. M., 1955. - 176 p.

6. Alekseev S.S. General theory of law. M., 1981. T. 1. - 360 p.

7. Alekseev S.S. General theory of law. M., 1982. T. 2. - 360 p.

8. Bonner A.T. The relationship between authority and discretion in the development of civil procedural legal relations // Current problems of protecting the subjective rights of citizens and organizations. M., 1985. - pp. 17–29.

9. Bratus S.N. Subject and system of Soviet civil law. M., 1963. - 197 p.

10. Butnev V.V. Implementation of legal liability in civil proceedings. Yaroslavl, 1985. – 129 p.

11. Butnev V.V. Method of civil procedural law and civil procedural liability // Legal notes of the Yaroslavl State. University named after P. G. Demidova. Yaroslavl, 1997. Vol. 1. pp. 55-73.
12. Vaskovsky E.V. Textbook of civil procedure. M., 1914. - 571 p.
13. Golmsten A.Kh. Textbook of Russian civil proceedings. Krasnodar, 2004. - 483 p.
14. Gurvich M.A. Civil procedural legal relations and procedural actions // VYUZI. M., 1965. T. 3. - P. 62-117.
15. Gurvich M.A. On the question of the subject of science of Soviet civil procedure // Uchen. zap. VIUN. M., 1955. Issue. 4. - pp. 28-59.
16. Gurvich M.A. Main features of civil procedural legal relations // Sov. state and law. 1972. No. 2. - pp. 29-36.
17. Gurvich M.A. Judgment: Theoretical problems. M., 1976. - 176 p.
18. Evstifeeva T.I. Civil procedural legal relations: abstract. dis. ...cand. legal Sci. Saratov, 2001. - 30 p.
19. Eliseikin P.F. The concept and content of a civil case // Issues in the theory and practice of civil procedure. Saratov, 1976. Issue. 1. - pp. 79–87.
20. Eliseikin P.F. Procedural norm and its disposition // Problems of protection of subjective rights and Soviet civil proceedings. Yaroslavl, 1979. - pp. 29-52.
21. Eliseikin P.F. Civil procedural legal relations. Yaroslavl, 1975. - 94 p.
22. Eliseikin P.F. Subject and principles of Soviet civil procedural law. Yaroslavl, 1974. - 110 p.
23. Eliseikin P.F. The subject of judicial activity in Soviet civil proceedings (its concept, place and significance): abstract. dis. ... Doctor of Law. Sci. L., 1974. - 31 p.
24. Zheruolis I.A. The essence of Soviet civil procedure. Vilnius, 1969. - 204 p.
25. Zeider N.B. Civil procedural legal relations. M., 1966. - 73 p.
26. Ivakin V.N. On some features of civil procedural legal relations // Current problems of protecting the subjective rights of citizens and organizations. M., 1985. - pp. 30–36.
27. Ilyinskaya I.M. Participation of third parties in Soviet civil proceedings: abstract. dis. ...cand. legal Sci. L., 1952. - 14 p.
28. Ioffe O.S., Shargorodsky M.D. Questions of legal theory. M., 1961. - 381 p.
29. Kerimov D.A. Philosophical problems of law. M., 1972. - 472 p.
30. Kleinman N.F. Soviet civil process. M., 1954. - 408 p.
31. Komarov V.V. Legal status of subjects in civil procedural legal relations // Problems of jurisprudence. Kyiv, 1979. Issue. 40. - pp. 70–77.
32. Krasheninnikov E.A. On the content and form of civil procedural legal relations // The problem of protecting subjective rights and Soviet civil proceedings. Yaroslavl, 1976. Issue. 1. - pp. 110–114.
33. Krasheninnikov E.A. The constitutional right of citizens to judicial protection // Problems of protection of subjective rights and Soviet civil proceedings. Yaroslavl, 1981. - pp. 25–43.
34. Course of Soviet civil procedural law. M., 1981. T. 1. - 464 p.
35. Lazarev S.V. Settlement agreement in civil proceedings: abstract. dis. ...cand. legal Sci. Ekaterinburg, 2006. - 22 p.
36. Melnikov A.A. Legal status of the individual in Soviet civil proceedings. M., 1969. - 247 p.
37. Mozolin V.P. On civil procedural legal relations // Sov. state and law. 1955. No. 6. - P. 50–57.
38. Mozolin V.P. Civil procedural legal relations under Soviet law: abstract. dis. ...cand. legal Sci. M., 1954. - 23 p.
39. Soviet civil process / ed. M. A. Gurvich. M., 1967. - 436 p.
40. Marxist-Leninist general theory of state and law: Socialist law. M., 1973. - 647 p.
41. Nokhrin D.G. State coercion in civil proceedings: dis. ...cand. legal Sci. M., 2006. – 200 p.

42. Pilekhina E.V. Settlement agreement in the practice of arbitration courts and courts of general jurisdiction: abstract. dis. ...cand. legal sciences St. Petersburg, 2001. –. 46 p.
43. Protasov V.N. Legal relations as a system. M., 1991. - 143 p.
44. Protasov V.N. Civil process from the perspective of a systems approach (methodological aspect): abstract. dis. ... PhD in Law Sci. Saratov, 1979. - 18 p.
45. Sabo I. Socialist law. M., 1964. - 396 p.
46. The system of Soviet law and prospects for its development: “Round table” of the magazine “Soviet State and Law” // Soviet State and Law. 1982. No. 6. P. 92, 99, 106.
47. Tkachenko Yu.G. Methodological issues of the theory of legal relations. M., 1980. - 176 p.
48. Tolstoy Yu.K. On the theory of legal relations. L., 1959. - 88 p.
49. Halfina R.O. General doctrines about legal relations. M., 1974. - 351 p.
50. Chechina N.A. Civil procedural relations. L., 1962. - 68 p.
51. Chechot D.M. Subjective law and forms of its protection. L., 1968. - 72 p.
52. Jalilov D.R. Civil procedural legal relations and its subjects. – Dushanbe, 1962. - 39 p.
53. Shcheglov V.N. Claim for judicial protection of civil law. Tomsk, 1987. - 168 p.
54. Shcheglov V.N. Soviet civil procedural law: lectures for students. Tomsk, 1976. - 81 p.
55. Elkind P.S. The essence of Soviet criminal procedural law. L., 1963. - 172 p.
57. Yudin A.V. Abuse of procedural rights in civil proceedings. St. Petersburg, 2005. - 360 p.

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

- насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);
- акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо ҳарфҳои калон дар маркази сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

На камтар аз 7 вожа бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Дар ҳаҷми аз 7 то 10 сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗУӢ

Нишон додани индекси КУД (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа*:** 1,25 см. аз чап, 2 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт*:** Times New Roman 12 кгл.

***Фосила:*** 1.

***Сархат*:** 1 см.

***Ориентатсия*:** книжная, бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: [1]. Агар саҳифа дошта бошад: [1, с. 12]. Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Матн*:** баробаркунӣ – по ширине.

***Ҳаҷми мақола*:** на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

### 7. РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Рӯйхати адабиёт бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии Иқтибоси библиографӣ мураттаб гардад. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 5 номгӯи адабиёти илмӣ бошад. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод мегардад.

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень (на таджикском, русском и английском языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится заглавными буквами по центру на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся не менее 7 слов на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится в объеме от 7 до 10 срок на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается индекс УДК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля*:** 1,25 см. слева, 2 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт*:** Times New Roman 12 кгл.

***Интервал*:** 1.

***Абзацный отступ*:** 1 см.

***Ориентация*:** книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: [1]. Если имеется страница: [1, с. 12]. Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Текст*:** выравнивание - по ширине.

***Объем статьи*:** не менее 7 страниц (для научной статьи).

### 7. СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

Список литературы должен быть составлен в соответствии с государственными стандартами Библиографическое цитирование. В списке литературы должно быть не менее 5 наименований научной литературы. Библиография оформляется в алфавитном порядке. Список использованной литературы приводится на таджикском, русском и английском языках.

**ЭЗОҲ:** Ҳамаи мақолаҳое, ки бо забони русӣ ва англисӣ пешниҳод мегарданд, аз системаи Антиплагиат гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 60% кам бошад.

**ПРИМЕЧАНИЕ:** Все статьи, представленные на русском и английском языках, проверяются через систему Антиплагиат. Доля оригинального текста не должна быть менее 60%.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш баровaрда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи Қонунгузорӣ тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj; qonunguzori@mail.ru.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал Законодательство издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал Законодательство осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj; qonunguzori@mail.ru.

**МУРАТТИБ**
***Бобоев Фируз Абдунасимович***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ Меҳроҷ Граф бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60x84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Арабжонов Шодимурод Арабжонович***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО Меҳроҷ Граф.
Бумага офсетная №1. Формат 60x84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*